Нашриёти “Адиб”

*Абдулқодири*

# БЕДИЛ

## ОСОР
дар ҳашт ҷилд

ҷилди ҳаштум



Душанбе
«Адиб»
2016

*Абдулқодири*

# БЕДИЛ

## ОСОР

дар ҳашт ҷилд

ҷилди ҳаштум



Душанбе
«Адиб»
2016

ББК 84 Тоҷик 7-4
Б-47

Таҳияи матн бо шарҳи луғот ва тавзеҳот аз
*Бобобек Раҳимӣ*

Муҳаррир *Мубашшир Акбарзод*

Б-47 **Абдулқодири Бедил. Осор.** Ҷилди 8.
– Душанбе, «Адиб», 2016, 480 саҳ.

ISBN 978-99947-2-431-4

© Нашриёти «Адиб» 2016

# МУҚАДДИМА

Ҷилди охирини осори манзуми ҳаштҷилдаи Мирзо Абдулқодири Бедил (1644 – 1720) қасидаву қитъа, таркиббанду тарҷеъбанд, мухаммасот, мараббаъ, муаммоҳо ва маснавиҳои кӯчаки «Танбеҳулмуҳаввисин», «Сифати асп», «Сифати фил», «Сифати шамшер» ва «Сифати забону гуфтори маъшуқ»-ро дар бар кардааст. Ба ғайр аз маснавии «Сифати асп», ки дар китобе бо номи «Шаҳпари инсон» (муаллифон Ҳасани Муродиён ва Хоналӣ Қурбонзода, Душанбе, 2003) ба табъ расидааст, асарҳои дигари ин ҷилд ба расмулхатти имрӯзаи тоҷикӣ ба шакли комил бори аввал чоп мешаванд.

Яке аз бахшҳои бузурги ин ҷилд бахши қасида аст. Дар куллиёти осори Бедил ҷамъан 21 қасида мавҷуд аст, ки қариб ними онҳо қасидаҳои ҷавобия мебошанд. Яъне дар ҷавоб ё худ татаббуъи қасидаҳои шоирони маъруф Анварии Абевардӣ (1105-1187), Хоқонии Шарвонӣ (1122-1199), Заҳири Форёбӣ (1156-1201), Хусрави Деҳлавӣ (1253-1325) ва Урфии Шерозӣ (1556-1591) суруда шудаанд.

Аз ҷумлаи қасидаҳои ҷавобия се қасида дар наъти ҳазрати паямбар (с) ва се қасидаи дигар дар манқабати ҳазрати Алӣ ибни Абитолиб эҷод шудаанд. Яке аз қасидаҳои наътия, ки бо матлаъи:

*Дӣ ки зи боди саҳар турраи шаб хурд тоб,*
*Шаъшаъа пардоз дод оинаи офтоб.*

оғоз меёбад, дар ҷавоби қасидаи машҳури Хоқонӣ, ки низ дар наъти паямбар аст, гуфта шудааст. Матлаъи қасидаи

Хоқонӣ ин аст:

*Зад нафаси сарбамуҳр субҳи муламмаъниқоб,*
*Хаймаи рӯҳониён гашт муанбартаноб.*

Ҳарду қасида дорои дутоӣ матлаъ мебошанд, вале аз ҷиҳати ҳаҷм аз ҳам тафовут доранд: Қасидаи Хоқонӣ аз 67 байт иборат асту қасидаи Бедил аз 168 байт.

Қасидаи дигари наътияи Бедил, ки бо матлаъи:

*Бад-он расид тароват зи файзи боди баҳор,*
*Ки аз шарар ба дили санг бишкуфад гули нор,*

шурӯъ мешавад, дорои се матлаъу 228 байт аст ва дар пайравии қасидае аз Заҳири Форёбӣ эҷод шудааст. Матлаъи қасидаи Заҳир ин аст:

*Сапедадам чу занад абр хайма дар гулзор,*
*Гул аз сарочаи хилват равад ба сафҳаи бор.*

Матлаъи охирин қасидаи наътияи Бедил ин аст:

*Эй баҳори ҷилваатро шаш ҷиҳат дар бор гул,*
*Бе рухат дар дидаи ман мехалад чун хор гул.*

Ин қасида, ки як матлаъу 74 байт дорад, ҷавобест ба қасидаи Урфии Шерозӣ бо ин матлаъ:

*Навбаҳор омад, ки афшонад ба ҳусни ёр гул,*
*Чун висоли ёр резад ҳар хасу ҳар хор гул.*

Аз қасидаҳое, ки дар манқабати ҳазрати Алӣ гуфта шудаанд, яке бо ин матлаъ шурӯъ мешавад:

*Ба ин шӯре ки дар сар дорам аз савдои пинҳонаш,*
*Сари мӯе агар болам, ҷаҳон даррад гиребонаш.*

Ин қасида дорои панҷ матлаъу 149 байт аст ва ба истиқболи қасидаи машҳури шинияи Хоқонӣ, ки бо номи «Миръотуссафо» низ шуҳрат дорад, гуфта шудааст. Қасидаи Хоқонӣ бо матлаъи зайл оғоз меёбад:

*Дили ман пири таълим асту ман*
*тифли забондонаш,*
*Дами таслим саръушру сари зону дабистонаш.*

Бедил дар пайравии қасидаи мазкури Хоқонӣ қасидаи дигаре низ иншо намудааст, ки мазмунаш аз ситоиши Хонидаврон ном дӯсти шоир иборат мебошад. Қасида бо матлаъи:

*Фалак умрест менозад ба даври шавкату шонаш,*
*Биё, то вонамоем иқтидори Хонидавронаш.*

шурӯъ мешавад ва 50 байтро дар бар дорад.

Қасидаи ҷавобияи дигаре, ки дар манқабати ҳазрати Алӣ эҷод шудааст, қасидаест бо матлаъи:

*Муъзилалҳут ҳамон мунтасаби насби ҳамал*
*Ёфт табъи самакеро ба самандар мубдал,*

ки аз ду матлаъу 129 байт иборат мебошад. Ин қасида, зоҳиран, истиқболест аз қасидаи Урфӣ бо ин матлаъ:

*Чеҳрапардози ҷаҳон рахт кашад чун ба ҳамал,*
*Шаб шавад нимруху рӯз шавад мустақбал.*

Аз қасоиди ҷавобияи Бедил қасидаи «Муҳити бекарон» низ истиқбол аст аз қасидаи Хоқонӣ, ки бо ин матлаъ оғоз меёбад:

*Ал-амон, эй дил, ки ваҳшат заҳмат овард, ал-амон,*
*З-ин муғелонгоҳи ғӯлон баркарон шав, баркарон.*

Қасидаи Бедил бо байти зайл шурӯъ мешавад:

*Ҷуз тиҳидастӣ надорад най сару барги фиғон,*
*Дард пайдо мекунад, чун гашт бемағз устухон.*

Қасидаи ҷавобияе, ки дар нашри кобулии куллиёти Бедил бо номи «Талаби ҳақ» мундариҷ асту бо матлаъи:

*Вақти он аст, ки аз гардиши гардуни фалак*
*Нақши меҳр аз вароқи рӯи замин гардад ҳак,*

сар мешавад,истиқбол аст аз қасидаи Анварист, ки матлаъаш ин аст:

*Эй сипоҳатро зафар лашкаркашу давлат язак,*
*На яқин бар тӯлу арзи лашкарат воқиф, на шак.*

Қасидаи «Рамзи ҳайрат», ки бо матлаъи:

*Аз раҳи ишқ он ки муште хок бар сар ёфта,*
*Дар муҳити обрӯ худро шиновар ёфта,*

ибтидо мегирад,низ ҷавобест бар қасидаи дигари Анварӣ, бо ин матлаъ:

*Эй ниҳоли макрумат аз адли ту бар ёфта,*
*В-эй ҳумои салтанат аз фазли ту пар ёфта.*

Қасидаи маъруфи Бедил «Саводи аъзам», ки дар соли 1082 (1672), дар синни 28-солагии шоир эҷод шудааст, ҷавоб ба қасидаи машҳури Амир Хусрави Деҳлавӣ «Дарёи аброр» аст.

Матлаъҳои ҳарду қасида инҳоянд:

**Хусрав:**
*Кӯси шаҳ холию бонги ғулғулаш дарди сар аст,*
*Ҳар кӣ қонеъ шуд ба хушку тар,*
*шаҳи баҳру бар аст.*

**Бедил:**
*Дар ҳарими хок моро мӯи пирӣ раҳбар аст,*
*Ҷомаи эҳроми марги шуълаҳо хокистар аст.*

Аз қасидаҳои ба истилоҳ мустақили Бедил, яъне қасидаҳои ғайриҷавобия, пеш аз ҳама, ду қасидаро зикр намудан лозим аст. Яке қасидае, ки матлаъаш байти зерин аст:

*Кист гардун? Он ки яксар сифларо мепарварад,*
*Сахт душвор аст, кас аз сифлапарвар*
*бар х(в)арад.*

Ин қасида 95 байт дорад ва аз ду бахш иборат мебошад. Бахши аввал ташбибест, ки мавзӯъи шикоят аз даври гардун ва фитнаву найрангҳои онро фаро гирифтааст. Бахши сонӣ, ки бахши асосист, мадҳу ситоиши ҳазрати Алӣ ва васфи Рахшу шамшери ӯро дар бар кардааст.

Қасидаи дувум «Маддоҳи фитрат» ном дорад ва муш-

тамил бар баёни бузургии инсон ва мақому мартабаи он аст. Матлаъи қасида ин аст:

*Эй шамъи базми қудс, надонам чӣ мазҳарӣ?*
*К-аз ваҳм гоҳ равшану гоҳе мукаддарӣ.*

Аз ҷумлаи қасидаҳои Бедил ду қасида дар мадҳи подшоҳи вақт Аврангзеби Оламгир (1658-1707), як қасида дар мадҳи Муҳаммад Аъзамшоҳ, як қасидаи кӯчак (23 байт) дар таърихи ҷулуси подшоҳ Муизуддин Ҷаҳондоршоҳ (1712-1713), ду қасида дар хайрамақдами дӯстони шоир Шукруллоҳхону Шокирхон, як қасида дар сифати хаймаи худи Бедил, як қасидаи баҳория бо номи «Шуълаи оташбор», як қасидаи тавсифӣ бо номи «Дар сифати чашм» низ ба шумули қасидаҳои ғайриҷавобия дохил мешаванд.

Аз ду қасидаи ба Аврангзеб бахшидашуда яке он аст, ки дар нашри кобулии куллиёти Бедил ва ҳамчунин дар ин ҷилди осор бо номи «Чароғони Деҳлӣ» мундариҷ аст ва бо ин матлаъ оғоз меёбад:

*Ин чароғон аст, ё Раб, дар бисоти рӯзгор?*
*Ё дили парвонае доғи ҷунун кард ошкор?*

Қасида дорои 42 байт буда, аз се бахш – ташбиб, мадҳи подшоҳ ва арзи аҳволи муаллиф иборат мебошад.

Қасидаи дувуми ба Аврангзеб дахлдор қасидаест бо номи «Дар мадҳи подшоҳ ва таърихи таваллуди шоҳзода». Ин қасида аз 17 байт иборат аст ва чунон ки аз унвонаш маълум аст, дар баробари мадҳи подшоҳ таърихи таваллуди шоҳзодаеро инъикос намудааст.

Пас аз мурури кӯтоҳе бар қасоиди Бедил сухане чанд

дар бораи таркиббанд ва тарҷеъбанди ӯ низ гуфтан лозим аст.

Таркиббанди шоир аз 30 банд иборат буда, ҳар банд 21 байт дорад ва ҳаҷми умумияш 630 байт аст. Қофияҳои бандҳои таркиббанд мутобиқ ба тартиби алифбои арабианд. Яъне қофияи банди якум бо ҳарфи «алиф», қофияи банди дувум бо ҳарфи «бе», қофияи банди севум бо ҳарфи «те» ва ғайра ба охир мерасанд. Аз ҳарфи алиф то ҳарфи ҳ-и ҳавваз, яъне дар 27 ҳарфи алифбо, дар радифи ҳар як ҳарф як банд омадааст. Се банди охири асар ҳама дар як ҳарф-ҳарфи «йо» эҷод шудаанд.

Шаш банди аввал ҳамди ҳазрати Парвардгор ва бандҳои 7, 8, 9 наъти расули акрам Муҳаммади Мустафоро дар бар кардаанд. Муҳтавиёти бандҳои 10, 11, 12, 13 аз ситоиши чорёри паямбар ва накӯҳиши бадхоҳони эшон иборат аст. Васфи саҳобаҳои киром Талҳа, Зубайр, Саъд ибни Ваққос ва дигарон мундариҷаи бандҳои 14-15-ро ташкил додааст. Бандҳои 16, 17, 18 аз бевафоии дунё, бебақоии умри инсон, накӯҳиши ҳавою ҳавас ва ҳирсу тамаъ ҳикоят мекунанд. Дар бандҳои 19-20 тавсифи баҳору хуррамиҳои он, ғанимат донистани зиндагӣ ва васфи бодаи ваҳдоният ҷой гирифтаанд. Банди 21 аз ситоиши инсону нерӯи он ва қадру манзилати вай иборат аст. Бандҳои 22-23 тарғиби худшиносӣ ва ба воситаи худшиносӣ рӯй овардан ба худошиносиро дар бар кардаанд. Бандҳои 24, 25, 26, 27 шикоят аз каҷрафтории даҳр, бекадрии илму ҳунар, хору залил будани аҳли фазлу камол, сифлапарварии замон ва ғайра иборат мебошанд.

Се банди охири таркиббанд аз мавзӯъҳои гуногуни панду ахлоқ иборат буда, дар онҳо парҳез аз суҳбати ҷоҳилон, кӯшиши қаробат бо аҳли фазлу камол тарғиб шуда, хислатҳои ношоистаи инсон-тақлид,кибр, ҳирсу ҳаво,

баднафсӣ, танпарварӣ ва ғайра мазаммат карда шудаанд.

Бар хилофи таркиббанди шоир, ки мавзӯъҳои гуногунро инъикос намудааст, тарҷеъбанди ӯ асосан, як масъаламасалаи ирфон ва паҳлӯҳои мухталифи онро фаро гирифтааст.

Тарҷеъбанд аз 34 банд иборат буда, ҳар бандаш шомили 21 байт ва ҳаҷми умумияш 714 байт аст.

Бино бар навиштаи шогирди Бедил, муаллифи тазкираи «Сафинаи Хушгӯ» (таълиф байни солҳои 1724-1734) Биндробандоси Хушгӯ, тарҷеъбанди шоир ҷавоб аст ба тарҷеъбанди шоъири маъруф Фахруддини Ироқӣ (1213-1289).

Бандҳои такрори ин ду тарҷеъбанд инҳоянд:

**Ироқӣ:**

*Ки ба чашмони дил мабин ҷуз дӯст,*
*Ҳар чӣ бинӣ, бидон, ки мазҳари ӯст.*

**Бедил:**

*Ки ҷаҳон нест ҷуз таҷаллии дӯст,*
*Ин ману мо ҳама изофати ӯст.*

Хушгӯ дар хусуси ин тарҷеъбандҳо сухан карда, роҷеъ ба мавзӯъот ва тафовути мазмуни онҳо низ изҳори назар намудааст. Ӯ навиштааст, ки «Ироқӣ гуфтугӯи соликона карда ва ҳама ашёро мазоҳир қарор дода ва ақидаи ориф ин аст, ки ашёро айни зот донад. Эшон (яъне Бедил-Б.Р.) орифона гуфтаанд».

Дар осори Бедил навъи адабии мухаммас низ мақоми муайянеро дорост. Муҳаққиқони Бедил дар хусуси мухаммасҳои шоир сухан карда, дар мавриди теъдоди онҳо

рақамҳои гуногунро нишон додаанд.

Бино бар қавли Малик Абдулғанӣ – муаллифи рисолаи «Аҳвол ва осори Мирзо Абдулқодири Бедил» (Кобул, 1351, саҳ.183), яке аз аввалин бедилшиносон Ҳошим Шоиқи Афандӣ ба 45 мухаммаси шоир дучор гардида будааст. Худи Абдулғанӣ навиштааст, ки ӯ ба мушоҳадаи 33 мухаммаси Бедил муваффақ шудааст.

Дар нашри кобулии куллиёти Бедил, ки комилтарин нусхаи чопии осори ӯст, 31 мухаммас мавҷуд аст – 19 мухаммас дар девони ашъор ва 12 мухаммас дар асари насрии «Никот». Вале, тавре ки гуфтем, теъдоди мухаммасҳои Бедил, воқеан, аз ин миқдор, яъне аз 31 адад, зиёдтар аст. Дар нусхаҳои хаттии осори ӯ мухаммасҳое ба назар мерасанд, ки аз нашрҳои маълуми куллиёти ӯ, аз ҷумла, аз нашри Кобул, берун мондаанд.

Масалан, дар ду нусхаи хаттии девони шоир, ки яке дар китобхонаи Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ Тоҷикистон (нусхаи № 4) маҳфуз асту дигаре дар Архиви миллии Афғонистон (нусхаи № 66/12) мухаммасеро дидан мумкин аст, ки то кунун ба табъ нарасидааст.

Ин мухаммас мухаммаси шаҳрошӯб аст ва дар нусхаи № 4 Институти ба номи Рӯдакӣ зери ин унвон омадааст: «Дар таҳнияти қудуми шаҳзодае, ки ба воситаи бевафоии умаро ҷалоӣ шуда, ба суҳбати Мирзо расидаанд».

Банди аввали мухаммас аз мисраъҳои зайл иборат аст:

*Ассало, эй сархушони ҷоми иқболу тараб,*
*Ассурур, эй ишратоҳангони қонуни адаб,*
*Аннавид, эй сарварони дину давлатро сабаб,*
*Алҳузур, эй муқбилони маҳфили асрори Раб,*

*Ассалом, эй равшанони маҷмаъи фазли Илоҳ.*

Ногуфта намонад, ки муҳаққиқи маъруфи Эрон Аҳмад Гулчини Маъонӣ дар китоби хеш «Шаҳрошӯб дар шеъри форсӣ» (Теҳрон, 1346) аз ин мухаммас ёд намуда, афзудааст, ки Бедил онро «дар интиқоду тақбеҳи авзоъу аҳволи сиёсӣ ва иҷтимоии замони худ гуфтааст».

Ҳамчунин дар нусхае аз девони Бедил, ки замоне дар китобхонаи шоҳии Берлин маҳфуз буду дар феҳристи Вилҳелм Перч «Нусхаҳои хаттии китобхонаи шоҳии Берлин» (Берлин 1888, саҳ.939) тавсиф шудааст, мухаммаси дигареро дидан мумкин аст, ки бо мисраъи «Чун саҳар, то чанд чоки ғам ба пероҳан занам?» оғоз меёбад ва чун мухаммаси шаҳрошӯби мазкур то кунун рӯи чопро надидааст.

Ва ниҳоят, дар нусхаи хаттии куллиёти Бедил, ки дар Архиви миллии Афғонистон зери № 52/22 маҳфуз аст, низ як мухаммаси «нав» ба чашм мерасад, ки се мисраъи зерин аз банди аввали он гирифта шудаанд.

*Дар ишқ ҷуз таҳайюрам афзун намешавад,*
*Хорам зи по чу обила берун намешавад,*
*Оҳе намекашам, ки нафас хун намешавад...*

Хулоса, дар ин нашри мухаммасҳои Бедил бар 31 мухаммаси нашри Кобул се мухаммаси дигар илова гардидааст. Се мухаммаси мазкур аз нусхаҳои хаттии девони шоир гирифта шудаанд.

Вақте ки мухаммасҳои Бедилро мутолаа менамоем, суханони донишманди маъруфи Афғонистон Салоҳуддини Салҷуқӣ ба хотир мерасад, ки гуфтааст: «Мухаммасоти Бедил ғолибан бар рӯҳи ғазалиёти ӯ иншо шудаанд».

Ба таъбири дигар гӯем, баъзе масъалаҳои дар ғазалиёт матраҳгардидаро дар мухаммасҳо низ мушоҳада менамо-

ем. Вале тарзи ифода ва баёни мақсад дар ғазалиёт дигар асту дар мухаммасот дигар. Дар ғазал ин ё он масъала, асосан, дар доираи як байт ифода шавад, дар мухаммас доираи ифодаи он васеътар аст. Яъне дар мухаммас дар доираи панҷ мисраъ баён мегардад. Ҳамчунин дар мухаммас ироаи матлаб нисбат дар ғазал бошиддату тезутундтар аст.

Навъи адабии дигаре, ки дар ҷилди 8-и осори Бедил мавқеъи назаррас дорад, қитъа мебошад. Миқдори қитъаҳои Бедил ба яксаду бисту ҳашт адад мерасад, ки ҷамъан 636 байтро ташкил медиҳанд. Хурдтарин қитъа аз ду байт ва бузургтарини онҳо аз 42 байт иборат мебошанд. Қитъаҳои Бедил аз нигоҳи мавзӯъ ва муҳтавиёт ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: қитъаҳои маъмулӣ ва қитъаҳои таърих. Дар қитъаҳои маъмулӣ масъалаҳои гуногуни фалсафию иҷтимоӣ, мавзӯъҳои панду ахлоқӣ, мазмун ва ғояҳои инсондӯстӣ, ҳодисаҳои рӯзмарраи зиндагӣ ва ғайра инъикос ёфтаанд.

Қитъаҳои таърих дар баробари фаро гирифтани мавзӯъҳои мадҳу ситоиш ва панду ахлоқ таърихи ин ё он ҳодиса ва воқеаро дар бар намудаанд.

Дар онҳо воқеаҳои гуногуни сиёсию таърихӣ, санаҳои валодати баъзе шоҳзодагон ва фарзандони дӯстону наздикони шоир, таърихҳои вафоти одамони маъруф – амирон, шоъирон, олимон, пирони тариқат ва ғайра инъикос ёфтаанд. Аз ин миён қитъаҳое, ки ба ҳодисаҳои забти Дакан аз тарафи Аврангзеб ва ба ҳуруҷҳои халқӣ дар иёлати имрӯзаи Роҷистон бахшида шудаанд, аҳаммияти зиёди илмию таърихӣ доранд.

Дар бахши қитъаҳои ин ҷилди осори шоир низ ҳафт қитъа илова гардидааст, ки онҳоро низ аз нусхаҳои хаттии девони ӯ гирифтаам. Қитъаҳои иловагӣ инҳоянд: «Бедил, аз гиряе ки кардам дӯш», «Имрӯз орзуи дил ба наво ра-

сид», «Бедилнавознома ба сози ғазал расид», «З-ин навгули боғи комронӣ», «Ин ки сер дар зери по афкандаам», «Дурӣ куҷост, ҳарчанд з-он остон ҷудоем», «Чунон аз дари ёр маъюс то кай?».

Бедил, илова бар ашъори лирикии зикргардида, як мураббаъи мустазод иборат аз 17 банд (34 байт) ва 21 адад муъаммо дар шаклҳои ғазал (як ғазали даҳбайтӣ), рубоӣ (8 байт), қитъаҳои дубайтӣ (6 байт) ва байтҳои алоҳида (13 байт) низ иншо намудааст, ки дар ин ҷилди осор ба онҳо низ ҷой дода шудааст.

Акнун чанд сухан дар бораи маснавиҳои «Танбеҳулмуҳаввисин» (210 байт), «Сифати асп» (391 байт), «Сифати фил» (100 байт), «Сифати шамшер» (45 байт) ва «Сифати забону гуфтори маъшуқ» (7 байт).

Маснавии «Танбеҳулмуҳаввисин» дар нашри сафдарии куллиёти Бедил (Бамбай, 1299) зери унвони «Фӣ ҳасби аҳволиҳи муҳозиян бинафсиҳи, минатташбеҳоти ваттамсилоти», дарҷ гардидааст.

Вале ин унвон ба маснавии мазкур ҳеч гуна иртибот надорад. Яъне ба ин маснавӣ саҳван чунин ном дода шудааст.

Ин маснавӣ дар нашрҳои кобулӣ ва теҳронии куллиёти шоир бо номи «Кимиё» ба табъ расидааст. Вале дар нусхаҳои хаттии осори Бедил, аз ҷумла, дар қадимтарин нусхаи хаттии куллиёти ӯ (замони китобат – 1722-1724), ки дар китобхонаи Худобахши шаҳри Патна маҳфуз аст, маснавӣ бо номи «Танбеҳулмуҳаввисин» дарҷ гардидааст.

Ҳамчунин дар манбаъҳои адабии наздик ба замони шоир, масалан, дар тазкираи шогирди Бедил Биндробандоси Хушгӯ «Сафинаи Хушгӯ» (замони таълиф 1724-1734) аз маснавии мазкур бо номи «Танбеҳулмуҳаввисин» ёд шудааст. Аз ин рӯ, мо низ онро бо ҳамин ном ба дасти чоп су-

пурдем.

Пеш аз он ки дар бораи маснавии «Сифати асп» чизе бигӯем, хотирнишон менамоем, ки ин маснавӣ бо номи «Фарасномa» низ ёд мешавад. Вале, чун дар нусхаҳои хаттии осори шоир бо номи «Сифати асп» омадааст, бо ҳамин ном чоп кардани он беҳтар ба назар мерасад.

Дар хусуси ин маснавӣ чанде аз муҳаққиқони осори шоир изҳори назар намудаанд. Чунончи, Салоҳуддини Салчуқӣ дар рисолаи «Нақди Бедил» (Кобул 1343) дар ин бора навиштааст: «Бедил дар ин маснавӣ «асп»-ро бо сару гардан, ёлу мӯй, думу суму фарбеҳӣ ва пешонию даҳону дандон, чашму гӯш ва такупӯйи он ситудааст. Шавқи асп ҳиссест муштарак байни завқи зебописандӣ ва рӯҳи шаҳсаворӣ, зеро асп ба зоти худ маҷмӯъаест аз зебоӣ ва нерӯ. Ва Бедил низ баҳрае вофӣ аз шоирӣ ва сарбозӣ дорад».

Донишманди лоҳурӣ дуктур Абдулғанӣ дар рисолаи маълуми хеш «Аҳвол ва осори Мирзо Абдулқодири Бедил» (Кобул, 1351, саҳ.372) ин асар ва ду асари зикршудаи шоир «Сифати фил» ва «Сифати шамшер»-ро зери як унвон – «Маснавии тавсифӣ» аз назар гузаронида, дар хусуси мазмун ва муҳтавиёти онҳо чунин навиштааст: «Мақсади шоир васф намудан ва тарзи кори ин се чиз (асп, фил ва шамшер – Б.Р.) буда, гарчи фаъолияти онҳо дар маърака низ зикр гардида, вале, он чи шоир роҷеъ ба онҳо навиштааст, ғолибан, тасаввурӣ ва мунҳасир ба хаёл аст».

Абдулғанӣ дар асоси шабоҳати мавзӯъ ва умумияти вазн се асари мазкурро «аҷзои мухталифи як шеър» донистааст, ки ба ин фикр наметавон ҳамроҳ шуд, зеро ҳар кадоми ин асарҳо дорои предмети хоси тасвир ва оғозу анҷоми алоҳида буда, ғоя ва мавзӯъҳои ҷудогонаро ифода намудаанд ва дар нусхаҳои хаттӣ ва нашрҳои гуногуни

куллиёт низ чун асарҳои мустақил дар алоҳидагӣ дарҷ гардидаанд. Гузашта аз ин, «Сифати фил» ва «Сифати шамшер» воқеан дар таърифи фил ва шамшер эҷод шудаанд ва мақсади шоир нишон додани кор ва фаъолияти ҳамин предметҳо будааст. Лекин «Сифати асп» аз ин нигоҳ ба ду маснавии мазкур умумият надорад. Таъриф ва тавсифи асп мазмуни зоҳирии асар буда, мавзӯъи аслии он масъалаи тамоман дигар аст. «Сифати асп» асари рамзист. Асп рамзи фурсат асту ҳаракати босуръати он рамзи гузашти фурсат.

Дар бораи маснавии «Сифати асп» дар рисолае бо номи «Шаҳпари инсон» (Душанбе, 2003) низ сухан рафтааст. Муаллифони рисола Ҳасани Муродиён ва Хоналӣ Қурбонзода беш аз сӣ саҳифаи китобашонро ба таҳлили маснавӣ бахшида бошанд ҳам, асосан ба баёни мазмуни он дода шуда, мақсади аслии шоирро пай набурдаанд. Ба таъбири дигар гӯем, муаллифон ба тавсифи зоҳири асар саргарм шуда, ба ботини он сарфаҳм нарафтаанд.

Муаллифон дар бахши замимаҳои китоб матни комили маснавиро низ чоп кардаанд. Аммо матни таҳиякардаи онҳо пур аз ғалатҳои маъноию шаклӣ баромадааст. Қисме аз калимаву ибораҳо ва мисраъу байтҳо нодуруст кӯчонида шудаанд.

Чунончи, дар саҳ.216 ба ҷои калимаи «гард» «гирд» ва ба ҷои калимаи «таҳт» «тахт» навишта шудааст:

*Зи <u>гирди</u> саманди сабуктози шавқ*
*Сиёҳӣ шуд оинаи <u>тахту</u> фавқ.*

Дар саҳифаи 218 дар ду байти маснавӣ ба ҷои калимаи «барад» калимаи «бувад» омадааст ва ин иштибоҳ ба маънӣ ва оҳанги байтҳо сакта ворид намудааст:

*Гар оташ шарар дар варақ <u>мебувад,</u>*
*Ба нози хиромаш арақ <u>мебувад.</u>*

*Давидан зи ёди савораш <u>бувад,</u>*
*Ки дар пушти зин интизораш <u>бувад.</u>*

Дар ҷои дигари ҳамон саҳифа калимаи «бурад» низ дар шакли «бувад» хонда шудааст:

*Баён роҳи васфаш чӣ сон <u>мебувад?</u>*
*Ки номаш зи тезӣ забон <u>мебувад.</u>*

Дар саҳ. 224 бо сабаби «бод» хондани калимаи «бор» ва «рассӣ» хондани калимаи «расоӣ», ҳам маънӣ норавшан мондаасту ҳам вазн хароб шудааст:

*Дар ин нусха ҳарфи руъунат кам аст,*
*Сари маҳ зи боди рассӣ хам аст.*

Дар саҳ. 227 ба ҷои калимаи «ниҳон» калимаи «пинҳон» омада, вазни байтро халалдор кардааст:

*Сабуктозияш гар баён кардаанд,*
*Забонро ба мижгон <u>пинҳон</u> кардаанд.*

Дар саҳ. 241 ба ҷои ибораи «умри ваҳшатхиром» таъбири бемаънии «умру ҷасти хиром» дарҷ гардидааст, ки дар натиҷа маънии байт мубҳам мондааст:

*Ки ин парфишон фурсати рахшном*
*Мисолест аз <u>умру ҷасти хиром</u>.*

Ва ниҳоят, бо сабаби ошно набудан бо забону услуби Бедил ҷузъҳои баъзе калимаҳои мураккаб, аз ҷумла, калимаҳои «чаманнашъа» (саҳ.216), «ваҳшатбачанг» (саҳ.219), «фусурданқафас» (саҳ.221), «болидагипоя» (саҳ.227), «мастимаол» (саҳ.231), «хомӯширавған» (саҳ.232) аз ҳам ҷудо оварда шудаанд, ки ин ҳам боиси пӯшида мондани маънии шеър гардидааст.

Умуман, сатҳи илмии таҳлил ва таҳияи маснавӣ хеле паст аст ва андешаву мулоҳизаҳои муаллифон басо омиёна ва содалавҳона мебошанд.

Инак, бо нашри ҷилди ҳаштуми осори манзуми Бедил маснавиҳои «Тилисми ҳайрат», «Муҳити аъзам», «Тури маърифат» (ҷилди 5), маснавии «Ирфон» (ҷилди 6), девони рубоиёт (ҷилди 7), маҷмӯаи қасоиду қитъа, таркиббанду тарҷеъбанд, мухаммасу мураббаъ ва муаммову чанд маснавии кӯчаки шоир (ҷилди 8) бо расмулхатти имрӯзаи тоҷикӣ ба шакли комил дастраси хонандагон гардиданд. Вале ғазалиёти ӯ, ки дар чор ҷилди аввал ҷой дода шудаанд, дар вақташ ба таври интихоб ба табъ расида буданд. Яъне бахше аз ғазалҳои шоир (тахминан ҳазор ғазал) аз нашри ҳаштҷилдаи осор берун мондаанд. Аз ин рӯ, лозим аст, ки ғазалҳои боқимонда низ ҳарчӣ зудтар ба дасти чоп супурда шаванд. Умуман, беҳтар аст, агар матни комили девони ғазалиёти Бедил бо муқаддимаву тавзеҳоти муфассал аз нав чоп карда шавад.

Маводи ҷилди ҳаштуми осори Бедил асосан аз рӯи нашри кобулии девони ӯ таҳия шудааст. Дар тасҳеҳи мухаммасҳои шоир акси нусхаи хаттии девони Бедил, ки дар китобхонаи Ризо-Ромпури Ҳиндустон маҳфуз аст, низ истифода шудааст. Акси нусхаи мазкур дар соли 2010 дар Теҳрон ба табъ расидааст.

## ТАРКИББАНД

Ба номи он самади бечигунаи якто,
Ки кард кавну маконро ба ҳарфи «кун»[1] пайдо.
Дар он замон, ки набуд аз замона осоре,
Буруни илму аён буд зоти ӯ танҳо.
На дар ҳақиқати бахтияташ хаёли шуун,
На бар саҳифаи зотияташ хати асмо.
Ба хештан назаре карду худ ба худ бинмуд
Ҳақиқати ҳама ашё ба зоти худ якҷо.
Ҳама фиреби назар ҷумла доми раъноӣ,
Тамоми ҳайрати дил сарбасар фусунпаймо.
Вале бурун зи хаёлоти зулфу оразу хат
Таҳайюр оинаи нози содагиимо.
Ба сад ҳазор назар шуд ба ҳусни худ нозир,
Ба сад ҳазор талаб гашт хешро ҷӯё.
Талаб чӣ буд? Тамизи шумори беададӣ,
Назар чӣ дошт? Ҳузури сифоти лотуҳсо[2].
Ба завқи арзи камолоти маънии асрор
Зи катми ғайб хиромид ҷониби саҳро.
Чӣ катми ғайб? Фазои ҷаҳони берангӣ,
Кадом ҷониби саҳро? Басоити ману мо.
Чу хост фасл диҳад ҷамъро машияти шавқ,
Зи зоти бесифати исм ёфт нашвунумо.
Аён намуд зи асмо сифоти гуногун,
Ба қадри васф бурун рехт сурати ашё.
Зи ҳар шайе асару феъли он намоён кард,
Чунон ки гардиши афлоку ҷунбиши дарё.
Ба килки сунъ рақам зад ҷаридаи осор,
Кашид доираи чарху марказеи ғабро.

Ҷаҳон гирифт хурӯши муқайяду мутлақ,
Ҷиҳот танг шуд аз гуфтугӯи айну сиво.
Ҳамон муҳит, ки худро ба хеш мепӯшид,
Зи пардаи дили ҳар қатра шуд ниқобкушо.
Тамаввуҷест аз он баҳр воҷибу мумкин,
Тарашшуҳест аз он мавҷ Одаму Ҳавво.
Даме ки баҳр биҷунбид, мавҷ гашт баланд,
Ҳубоб шуд, ба сари қатра то фитод ҳаво.
Ба кунҳи қатраву мавҷу ҳубоб агар бирасӣ,
Вуҷуди ҳеч як аз айни баҳр нест ҷудо.
Ба васфи хеш ҳам ӯ буд муттасиф аз «ло»,
Ҳам ӯст боқию қоим би зотиҳи абадо[3].
Ба авҷи маърифаташ мурғи фаҳм рехта пар,
Фалак зи маҳфили қадраш нишони халқаи дар.

* * *

Зиҳӣ камоли атоёи ҳазрати ваҳҳоб,
Ки рехт ганҷи зуҳуру бутун ба ҷайби туроб.
Дамонд аз дили як дона сад баҳор чаман,
Нигошт аз хати як нуқта сад ҳазор китоб.
Аз ӯ асоси заминро ба бод истеҳком,
Аз ӯ бинои фалакро мадор бар сари об.
Ба мавҷи баҳр аз ӯ нашъаи ҳудусу қидам,
Аз ӯ ба сангу шарар ҷавҳари дирангу шитоб.
Нишонд шӯри саҳар дар саводи сурмаи шаб,
Ниҳуфт оинаи ганҷ дар замири хароб.
Даме ки чеҳракушо шуд ба маҳфили аъён,
Ба ҷилва дӯхт зи ашкол сад ҳазор ниқоб.
Ба завқи он ки шавад ақл доғи ҳайронӣ,
Ба чашми халқ фиканд аз ғубори дида ҳиҷоб.

Ҳазор ҷилва зи худ тарҳ кард шӯхии ноз,
Ки нақш баст дурангӣ ба гулшани асбоб.
Хитоб кард пас он гаҳ зи пардаи беранг
Ба шайху шоб зи оҳанги лутфу сози итоб,
Ки бар ҳақиқати ин ҷилва ҳар кӣ пай набарад,
Ба доғи ҷаҳл занад ғӯта то ба рӯзи ҳисоб.
Салои фазл суи хеш кард даъвати халқ
Ба ваъдаи тараби хулду ранҷи дори азоб.
Камол дошт ишорат, ки саркашӣ то чанд?
Ба ҷайби баҳр руҷӯъ оваранд мавҷу ҳубоб.
Зи эътибор ба домони муътабар гарданд[4],
Ки ҳар чӣ ғайри муҳит аст, нест ғайри сароб.
Замони фурсати дидор онқадарҳо нест,
Ба бастани мижа наззора мешавад раги хоб.
Баҳори анҷумани ишқ рангҳо дорад,
Чароғи дида ба даст ору ҷилвае дарёб.
Чӣ ҳушҳо, ки на з-ин шуълаи фиреб гудохт?
Чӣ синаҳо, ки на з-ин доғи ваҳм[5] гашт кабоб?
Ба хоки яъс ҷаҳоне нишаст даст ба дил,
Ба фикри хавфу раҷо оламе дар оташу об.
Яке зи саъйи яқин ҷаст аз каманди гумон,
Яке зи сустии авҳом монд по ба таноб.
Басо нигоҳ, ки чун мавҷ сохт бо занҷир,
Басо диле, ки чу хас шуд асири ин гирдоб.
Сипеҳр рӯзу шаб афтода сарнигун з-ин дард,
Мудом аз оташи ин доғ меҳр дар табу тоб.
Зи ҷуръати талабаш об гашта заҳраи баҳр,
Зи ҳайбати адабаш кӯҳро шикаста камар.

* * *

Яке зи ҳайрати таҳқиқи ӯ ба шак пайваст,
Яке чароғи ҳидоят аз ӯ гирифт ба даст.
Ба арзи ҷавҳари ташбеҳу маънии танзеҳ
Яке муоянабин шуд, яке хаёлпараст.
Нигаҳ зи ҷилвааш афрӯхт шамъи биноӣ,
Хирад ба огаҳияш аз ғубори ғафлат раст.
Шарорае ки бувад барқи хирмани авҳом,
Ҳамон намест, ки аз абри раҳматаш барҷаст.
Ба роҳи маҳмидаташ рахши нутқ монд ҳарун,
Зи бори макруматаш гардани тамаъ бишикаст.
Ба авҷи меҳри ҷалолаш кирост тоқати ҷаҳд?
Ки чун саҳар ду ҷаҳон риштаи нафас бигусаст.
Румузи пардаи бечунияш наёфтааст,
Магар касе ки бувад маҳрами навои аласт.
Кабоби маърифати ӯ, чи огаҳию чи ҷаҳл,
Хароби майкадаи ӯ, чи ҳушёру чи маст.
Бақо зи ҷилвааш оинадори базми зуҳур,
Фано зи ҳастии ӯ обрӯи маҳфили ҳаст.
Бибаст нақши тилисми башар зи қатраи об,
Хаёли воҷибу мумкин дар ӯ ба ҳам пайваст.
Ҳарими қалб бипардохт дар сарои вуҷуд,
Дар ӯ ба кисвати рӯҳ андаромаду бинишаст.
Ба базми ғайрати таҳқиқ ваҳми ғайр кирост?
Ҳамон шароб зи ранги худ аст шиша ба даст.
Сифот ҳар чӣ бувад, зотро тааддуд нест,
Ба фикри лолаву гул хун махур, баҳор як аст.
Ба ҳар чӣ вонигарӣ, олами дигар дорад,
Туро зи ваҳми ману ӯ ҷигар набояд хаст.

Зи печутоб дигар сайди изтироб мабош,
Бас аст аз нафасат моҳии тапиш дар шаст.
Даме ба мавҷи тамошои ӯ кушуд назар,
Ҳанӯз чашми муҳит аз ҳуҷуми ашк тар аст.
Зи лутф хоки нигунсорро барад ба фалак,
Ба қаҳр хоки сифатчархро намояд паст.
Ҳабибро набарад бо ҳазор ҷилва зи ҳуш,
Калимро[6] ба нигоҳе дарафканад сармаст.
Ҳузуру ғайбати маъшуқро шуморе нест,
Зи ҷилва пурс, ки бар дил чӣ вокушуду чӣ баст?
Гаҳе ба ноз кашад рӯи гул зи ғоза ба хун,
Гаҳе ба турраи сунбул диҳад кулоҳи шикаст.
Гаҳе зи ранг кунад навбаҳорро урён,
Ба нахли хушк диҳад гоҳ ҳуллаи ахзар.

* * *

Ба эътибори бутун нест ин ҷаҳон ҳодис,
Зи пардаи қидам аст ин қадар аён ҳодис.
Шууни зот маяндеш қобили таътил,
Дар ин гузар зи қадим аст корвон ҳодис.
Ҳадиси воҷибу мумкин муҳиту мавҷ ангор,
Вуҷуди баҳр қадим асту мавҷи он ҳодис.
Чунон ки лозими ҳусн аст шӯхии хату хол,
Лавозими қидами ӯст ҳамчунон ҳодис.
Аҷаб мадор, ки дар илми бенишонашё
Қадим буд нахустин, шуд ин замон ҳодис.
Бидон, ки нест ҷаҳон холӣ аз худусу қидам,
Бутун қадим шумар, зоҳираш ҳамон ҳодис.
Каломро ба зуҳур аст эҳтиёҷи забон,
Агарчи ҳарф қадим омаду забон ҳодис.

Вале ба пардаи дил ҳоҷати забонаш нест,
Ки раҳ надорад дар олами ниҳон ҳодис.
Чӣ мумкин аст, ки Ҳақ халқу халқ Ҳақ гардад?
На ин қадим тавонад шудан, на он ҳодис.
Ба фаҳмат он чи наёяд, ҳақиқати қидам аст,
Вуҷуди ҳар чӣ муайян бувад, бидон ҳодис.
Ба гуфтугӯи ману дигарон машав қонеъ,
Ки он чӣ гуна қадим асту ин чӣ сон ҳодис?
Тааммуле, ки чӣ дорад ба рӯи кор қадим?
Тафаккуре, ки чӣ оварда дар миён ҳодис?
Фано зи айни бақо гул кунад? Муҳол аст ин,
Магар хаёл, ки гӯянд орифон ҳодис.
Ба ҳар чӣ менигарӣ, ғайри он намоён нест,
Қадим мешавад ин ҷо ба имтиҳон ҳодис.
Дар ин ҷунункада гар фаҳм кор фармоӣ,
Зи бенишон диҳадат оқибат нишон ҳодис.
Бувад яқину гумон маънии ҳудусу қидам,
Яқин яқин қидаму бегумон гумон ҳодис.
Чӣ гуна толиби Ҳак дил ниҳад ба кавну макон?
Ки кавн гарди сароб асту ин макон ҳодис.
Ба доми улфати ин ҷилвагоҳи ваҳм мапеч,
Зи рангу бӯст саропои гулситон ҳодис.
Зи симу гавҳару зар дидаи ҳавас барбанд,
Чу нақши туст асарҳои баҳру кон ҳодис.
Фиребу холу хату зулфи тобдор махур,
Ки ҳаст зинати ҳусни парирухон ҳодис.
Қадам ба роҳи талаб неҳ ба бӯи васли қадим,
Ҳақиқати қидам аз пардаи ҳудус нигар.

* * *

Ба эътибори нигоҳе дар ин сарои сипанҷ,
Ки оламе ба нишот асту оламе дар ранҷ,
Якест шоҳ-ғано, дигаре пиёда-фақир,
Чӣ муҳраҳо ки надорад бисоти ин шатранҷ?
Бибин ба шашдари офоқ қудрати устод,
Ки бохт нарди хаёлат ба як чаҳору ду панҷ[7].
Назар мабанд ду рӯзе аз ин хаёлбисот,
Ғанимат аст тамошо ба олами норанҷ.
Зи шукри неъмати Ҳақ об деҳ ба теғи забон,
Ҷавоҳири садафи дил ба бод ҳарза масанҷ.
Ба ғайри зикри Ҳақ аз ҳар чӣ дам занӣ, нанг аст,
Махоҳ бар рухи фитрат зи инфиъол шиканҷ.
Баҳори ҷон талабӣ, аз ғубори ҷисм баро,
Ки донаро ба дили хок нест ғайр аз ранҷ.
Аз ин ҷиҳат, ки ба чашмат ғубори худбинист,
Муқайядӣ ба кафе хоку ғофилӣ аз ганҷ.
Махур фиреби хаёл аз ҷаҳони аҷзу ғурур,
Ба қасри ҷоҳ манозу зи кунҷи фақр маранҷ.
Зи дастгоҳи маҳу офтоб ибрат гир,
Ки боғи сабзи фалак дорад ин дуто норанҷ.
Зи фақр чора муҳол аст аҳли ирфонро,
Ниҳода сар ба харобӣ, касе ки ёфта ганҷ.
Ба ҳар диёр ки бошӣ, ба ҷустуҷӯ мебош,
Чи Руму Ҳинду Хуросон, чи Зобулу Урганҷ.
Зи хидмати уқало чун адаб машав ғофил,
Чу ақл бош гурезон зи мардуми худсанҷ.
Мадон рафоқати нодон кам аз шиканҷаи назъ,
Ба сакта созу макун ихтиёр ин қуланҷ.

Муоличҷи яраҷони ҳавас турушрӯист,
Шикастарангии дунё ҳавола кун ба туранҷ.
Мудом бар асари ростӣ чу рух метоз,
Ба пои фарзин каҷ-каҷ марав дар ин шатранҷ.
Ҷавону пир ҳама нағмасанҷи мову мананд,
Дар ин бисот на мизмор хомуш асту на санҷ[8].
Бурун мадон зи хумистони қудрати бекайф
Агар димоғи шароб асту гар тахайюли банҷ.
Зиҳӣ ҳаким, ки ороcт зулфи хубонро
Ба шишаи дили ушшоқу тоқҳои шиканҷ.
Ба фазл кард ато табъи ҳақпарастонро
Забони шукргузору дили муҳаббатсанҷ.
Садаф, ки оинаи роҳаташ дили дарёст,
Зи шукри неъмати ӯ гашта махзани гавҳар.

* * *

Гарат ҳавост, ки ҳосил кунӣ зи даҳр фалоҳ,
Қадам бурун манеҳ аз ҷодаи садоду салоҳ.
Агарчи тирабисот аст водии имкон,
Чу по шумурда ниҳӣ,[9] нест ҳоҷати мисбоҳ.
Ғубори мову ман аз сафҳаи хаёл бишӯй,
Чӣ суд шустани таҳрири машқӣ аз алвоҳ?
Ба тарки лавҳ бигӯ, гар сафои дил хоҳӣ,
Ки занги оинаи фитрат аст саъйи мазоҳ.
Ба чор табъи мухолиф[10] нахуст гӯ се талоқ,
Арӯси офият он гаҳ талаб ба ақди никоҳ.
Бипеч пои тараддуд ба домани таслим,
Ба саъйи фикр дар иқлими роз шав сайёҳ.
Харобаи ҷасадӣ маркази гумону шак аст,
Кушой боли яқине ба олами арвоҳ.

Ба бурҷи қудс даровар ҳамомаи малакут,
Хурӯши нағмаи «ё ҳу»[11] шунав масову сабоҳ.
Ба ғайри маънии дил нест ҳеч ҷо мафҳум,
Ту хоҳ дарс зи «Қомус» гиру хоҳ «Сироҳ»[12].
Ҳавас макун зи гулистони даҳр ранги нишот,
Тамаъ мадор зи даврони чарх соғари роҳ.
Дамидааст зи захми ту субҳи ин гулшан,
Ба гардиш аст зи ранги ту сози ин ақдоҳ.
Зи зиндагӣ натавон ёфт ҷуз тараддуди марг,
Фаност соҳили ин баҳри мовумансаббоҳ[13].
Зи ишқ шиква макун, гар дилат зи дард тиҳист,
Чу захм набвад, марҳам куҷо ниҳад ҷарроҳ?
Саросари чамани даҳр ишқ меҷӯшад,
Зиҳӣ хирад, ки нафаҳмӣ ба ин ҳама эзоҳ.
Зи гуфтугӯ ба зиёни нафас машав моил,
Захира аст ба андозаи сукут рибоҳ[14].
Сухан чӣ бошад? Дарёи ақлро ғаввос,
Нафас чӣ бошад? Киштии умрро маллоҳ.
Хазаф ситонию гавҳар фурӯшӣ, эй ғофил,
Яке тамиз намо аз ҳалила то туффоҳ.
Хуш он, ки завраќи худро кашӣ ба соҳили амн,
Мухолиф аст дар ин баҳри бекарона риёҳ.
Ба ҳеч дар натавон обрӯи маънӣ рехт,
Ки бастаанд бар уммед роҳи истифтоҳ[15].
Агар забон ба сухан ошно кунӣ, зинҳор,
Бар остони набӣ бош бе сухан маддоҳ.
Муҳаммади арабӣ, сарвари замону замин,
Ки ҳаст талъати ӯ меҳри зотро мазҳар.

* * *

Ба арзи воҷибу мумкин вуҷуди ӯ барзах,
Русухи ҳиммати аҳли яқин ба ӯ мурсах[16].
Ба ҳар куҷо набувад меҳри наъти ӯ манзур,
Ба чашмасори забон оби нутқ бандад ях.
Агар на ҳодисаро шаръи ӯ кунад помол,
Дамад зи кишти ҷаҳон ҷои дона мӯру малах.
Чу анкабут ба ҳаблулматини[17] гесӯяш
Турунҷи нуҳ фалак овехтаст аз як нах.
Зи лутфи ӯ асаре ҳаст равзаи ҷаннат,
Зи қаҳри ӯ шараре ҳафт гулхани дӯзах.
Дурест аз садафи нутқи он муҳити камол,
К-аз ӯ саҳоифи офоқрост зеби нусах.
Зи боғи лутфаш агар бехабар шавад шабнам,
Ба рӯи барги гул афтад қабеҳтар аз зах[18].
Фалак қурозаи сайёраро ба бӯтаи шаб
Диҳад гудозу дамад аз дами саҳар минфах.
Кашад зи ҷайби фалақ дирҳаме, ки дар раҳи ӯ
Саодаташ ба ҳавои нисор гӯяд ах[19].
Ба ҳар куҷо ки кунад гард нури мавкиби ӯ,
Сипоҳи куфр чу зулмат рамад ба сад фарсах.
Ба пойи ҳукми ҷабингустарони даргоҳаш
Сари фиканда дамонад замонаи саршах.
Ба авҷи ҳиммати шоҳини аршпарвозаш
Зи аҷз насри фалак паршикастатар зи малах.
Ба завқи марҳами хоки ҷаноби ӯ умрест,
Ки пок карда фалак захми кавкабаш зи васах[20].
Ба оламе асари ташнаи шафоати ӯст,
Чи «Кимиёи саодат», чи даъвати «Башмах»[21].

Ба ҷуз ҳимояти ӯ мушкил аст, агар ёбанд
Зи хуни кушта ҳам осудагӣ дар ин маслах.
Ҳидояташ кашад аз вартаи бало, в-арна
Ҷаҳониён ҳама сайданду ҳирсҳо ҳама фах[22].
Касе ки нест ҷабинсои остонаи ӯ,
Замонарост ба ҳоли залолаташ овах.
Зи ҳаққи наъти камолаш ба аҷз муътарифанд,
Агарчи халқ азал то абад зананд занах.
Гудохт нотиқа аз ҷуръати ситоиши ӯ,
Ба офтоб чӣ лофад вуҷуди вахмии ях?
Бас аст зоиқаи фитрати завилафҳом[23]
Ба қадри фаҳм барад қисмате аз ин матбах.
В-агарна кист барояд зи уҳдаи наъташ
Ба ғайри илми Худованди холиқи акбар?

* * *

Баҳори унс чу ӯ гулбуне надорад ёд,
Муҳити қудс чу ӯ гавҳаре шариф назод.
Вуҷуди акмали ӯ олами зуҳури камол,
Ба лутф маънии раҳмон, ба ҷуд айни ҷавод.
Ба юмни мақдами ҷонбахши рӯҳпарвари ӯ
Нумӯ ба табъи наботу сукун ба ҷисми ҷамод.
Муҳити маркази офоқ гашт арши басит,
Ки ҳамчу нақши қадам бӯсае ба пояш дод.
Зи нисбати ҷасади ӯст ҷисми гул номӣ[24],
Зи хидмати хиради ӯст ақли кул устод.
Ниҳолкардаи нашвунумои ӯ мабдаъ,
Зи нахли ӯ самари боғ ихтитоммаъод.
Зи вазъи ӯ сифате накди обрӯи салоҳ,
Зи қоматаш алифе машқи дастгоҳи садод.

Зи тоби гесуи мушкину нури талъати ӯ
Дамид аз шабу рӯз интизоми басту кушод.
Ҷаҳон ба ламъаи осори наййири динаш
Зи қайди зулмати куфру фасод гашт озод.
Насим агар шуда хасрӯби остонаи ӯ,
Ба хулд сунбули гесӯи ҳур дода ба бод.
Забони афсаҳи ӯ кошифи румузи азал,
Зуҳури ҷомеъи ӯ асли нусхаи эҷод.
Даме ки сози ҳудусаш гирифт захма ба чанг,
Ба арзи замзама ташти қидам зи бом афтод.
Аҳад ҳамон алифе буд бе таъайюни сифат,
Нишони маънии ҳамдаш зуҳури Аҳмад дод.
Салои файзи зуҳураш агар нагаштӣ ҷом,
Зи катми ғайб намекард шахси «кун»[25] фарёд.
Танаш агар нашудӣ ҷони қолиби имкон,
Тамизи рӯҳ намекард дониш аз аҷсод.
Ба радди мункири меъроҷи қоба қавсайнаш[26]
Ишораи хами абрӯи анбарин ишҳод.
Саҳар ҳамеша ба тафсири мусҳафи рӯяш
Сухан зи сураи «В-аш-шамс» мекунад бунёд.
Шафақ, ки бар вараќи шом мекашад ҷадвал,
Зи сатри гесуи ӯ мекунад дуруст савод.
Ҷабини саҷдаи муштоқи ӯ, чи хоку чи об,
Димоғи ваҳшати Маҷнуни ӯ, чи нору чи бод.
Зиҳӣ шариф забоне, ки нест бе мадҳаш,
Хушо диле, ки ба ҷуз ёди ӯ надорад ёд.
Гадои даргаҳи ӯ сар ба арш месояд,
Ҳасуди гумраҳи ӯ хок мекунад бар сар.

* * *

Ба васфи ӯ бишикан хомаву бимон коғаз,
Ки хома аҷзсиришт асту нотавон коғаз.
Чӣ сон баён кунад аз ҳарфи бебаён хома?
Куҷо нишон диҳад аз рамзи бенишон коғаз?
Сифоти ӯ зи рақам сода гир, агар созӣ
Мидод қулзуму атбоқи осмон коғаз.
Баёзи субҳ нашуд маҳрами саводи хаташ,
Ту ҳам зи лавҳи замин то фалак расон коғаз.
Ба сафҳае, ки бувад лафзи маъниорояш,
Зи сатр силки гуҳар мекунад аён коғаз.
Зи нуқта баҳри тамошои ҷилваи наъташ
Бибин дар оинаи мардумак ниҳон коғаз.
Хати ғубори раҳаш гар рақампазир шавад,
Занад зи файзи тараб мавҷи гулситон коғаз.
Ба маҳфиле, ки хаёли хаташ тамошо дошт,
Чӣ шоҳидон ки наёвард мӯкашон коғаз?
Сипеҳр дудаи шаб аз чароғи моҳ кашад,
Кунад ба собиту сайёра зарфишон коғаз.
Қалам бароварад аз Каҳкашон, ки котиби сунъ
Магар занад рақами муҳри ӯ бар он коғаз.
Аҷаб мадон зи уруҷи таровати мадҳаш,
Ки ҳамчу абр кашад сар ба осмон коғаз.
Зи баски ташнаи шавқи зулоли мидҳати ӯст,
Ба қадри шӯхии хат мекашад забон коғаз.
Ба ин умед ки ҳусни хаташ ба ҷилва расад,
Ҳазор оина оварда дар миён коғаз.
Ба мактабе, ки бувад дарсгоҳи ҳасрати ӯ,
Зи зери пӯст чу даф баркашад фиғон коғаз.

Нуқуши сафҳаи дил соз меҳри ӯ, ки мабод,
Сияҳ кунӣ ба хати марг ногаҳон коғаз.
Даруни сина дили холӣ аз муҳаббати ӯ
Бар он шиканҷа, ки дар ҷайби ҷоҳилон коғаз.
Насуд асобеъи покаш қалам ба ҳукми адаб,
Надид ҷавҳари ҳусни хаташ аён коғаз.
Аз ин ҷиҳат қалами хаста ҷайби дил зада чок,
Фитода дар қафаси печутоб аз он коғаз.
Сиёҳ гашта аз ин шуъла хонумони қалам,
Сафед карда дар ин роҳ дидагон коғаз.
Зи лофи наът ба сомони оҷизӣ пардоз,
Мабод, тар шавад аз хиҷлати баён коғаз.
Бикун ҷавоҳири ҷон фарши роҳи оли киром,
Бикӯш дар сифати дӯстони он сарвар.

* * *

Алалхусус, Абубакр сарвари аҳрор,
Ки ӯст «сонии иснайн из ҳумо филғор»[27].
Ба зоти поки набӣ буд нисбати хосаш,
Чу об бо гуҳару ҳамчу ранг бо гулзор.
Бизоъаташ ҳама таслими роҳи Аҳмад буд,
Чу субҳ накди нафас низ дошт вақфи нисор.
Бинои хонаи дин, решаи ниҳоли яқин,
Тулӯъи меҳри азал, субҳи гулшани асрор.
Расули Ҳақ дигаре ҳамчу ӯ надим надошт,
Ба ҳини биъсату ҳангоми ғазваву буни ғор[28].
Зи баски буд саропои ӯ фидои расул,
Ниҳод аз сари ихлос пой дар дами мор[29].
Зуҳури мавҷи нахустин вуҷуди комили ӯст,
Аз он муҳит, ки гардид дин камолизҳор.

Расид кори убудияташ ба меъроҷе,
Ки шуд атиқ[30] мухотаб зи ҳазрати ғаффор.
Надошт гавҳараш аз мову ман ғубори наме,
Агарчи мавҷсифат буд зоҳираш сайёр.
Ба каҷниҳодии айём ханда дорад субҳ,
Магар ба гулшани сидқу сафот ёфта бор?
Ба гуфтугӯи касон чашм аз он ҷаноб мабанд,
Ки ин ҷунункада дорад фасонаҳо бисёр.
Чу муртадон раҳи инкори ӯ мадеҳ дар дил,
Ба хори буғз макун рӯи дини хеш фигор.
Таровати чамани дину дил агар хоҳӣ,
Ниҳоли улфати ӯ дар риёзи ҷон мекор.
Яқин шинос, ки ӯ буд баъди пайғамбар
Имоми аввали ҷамъи муҳоҷиру ансор.
Асири хулқи дилафзои ӯ шамими биҳишт,
Гадои накҳати домони ӯ насими баҳор.
Нигаҳ ба ёди тамошои ӯ чамантасхир,
Дил аз тасаввури сидқаш чу субҳ файзшикор.
Гарат ба манзили мақсуд рӯи уммедест,
Чу нақши по зи раҳаш сар бурун макаш, зинҳор.
Имоми аҳли яқинӣ, агар тавонӣ шуд
Фидои он, ки фидо шуд бар Аҳмади мухтор.
Ба боғи сидқу яқин ӯст гулбуни тавҳид,
Ба субҳи дини мубин ӯст матлаъи анвор.
Зи лавси ваҳм агар шуд таҳоратат ҳосил,
Зи лофи мидҳаташ он беҳ, ки гӯӣ истиғфор.
Ба ҷуз расул кӣ донад ниҳояти қадраш?
Бинеҳ ҷабини иродат бар остони Умар.

* * *

Ҷудо махоҳ аз он остон ҷабин ҳаргиз,
Манеҳ зи сар ҳаваси давлате чунин ҳаргиз.
Ба нақши маънии таҳқиқ агар кушоӣ чашм,
Набуд хотами динро чу ӯ нигин ҳаргиз.
Ба нури нисбати тақдиси ҷавҳари зоташ
Аён нашуд гуҳаре аз муҳити дин ҳаргиз.
Чароғи адлаш агар базми дин намеафрӯхт,
Намегирифт тафовут шак аз яқин ҳаргиз.
Чунон наронд ситамро адолаташ з-офоқ,
Ки то абад кунад андешаи камин ҳаргиз.
Чунон зи ҷабҳаи олам кушуд уқдаи зулм,
Ки зулф ҳам нашавад ошнои чин ҳаргиз.
Агар на дирраи ӯ дӯши чарх хам кардӣ.
Зи саркашӣ нашудӣ моили замин ҳаргиз.
В-агар на шахси ҳаводис ниҳеби ӯ медид,
Зи халқ бознамедошт дасти кин ҳаргиз.
Зи теғи адли ҷаҳонгири ӯ чӣ имкон аст,
Ки дасти фитна бичунбад дар остин ҳаргиз?
Ба ҳар замир, ки нури муҳаббаташ тобид,
Нагашт зулмати ваҳму шакаш қарин ҳаргиз.
Зи ҳар диле, ки наёбӣ сафои ихлосаш,
Ҳама гар оина бошад, рухаш мабин ҳаргиз.
Чу кофирон нашавад мункири хилофати ӯ
Ба ғайри нафрин манзури офарин ҳаргиз.
Расул гуфт: Забони Умар забони Ҳақ аст,
Ҳадиси лағв наёяд аз он амин ҳаргиз.
Даме ки Ҳақ ба забонаш сухансаро бошад,
Фазилате натавон ёфт беш аз ин ҳаргиз.

Ба кини ӯ мадеҳ аз каф ҳаловати имон,
Хирад нарезад ҳанзал дар ангубин ҳаргиз.
Мабанд туҳмати хиффат ба сози тамкинаш,
Ки барги коҳ нашуд кӯҳи оҳанин ҳаргиз.
Ҳасад ба тинати ӯ раҳ чӣ сон барад? К-Иблис
Ба сояаш натавонад шудан қарин ҳаргиз?!
Зи дил барор ғубори хаёли кинаи ӯ,
Мабош ҳамқадами рофизи лаъин ҳаргиз.
Зи ҷаҳл рахнаи дини муҳаммадӣ мапсанд,
Магир роҳи чунон буд ё чунин ҳаргиз.
Фасонаҳои равофиз фусуни гумроҳист,
Масоз маркази хатти яқин ҷуз ин ҳаргиз,
Ки ӯ имоми дувум буду сарвари асҳоб,
Мутеъи Эзаду ҳомии дини пайғамбар.

* * *

Кунун зи дидаи дил рафъ кун ғубори ҳавас,
Биҷӯ зи лутфи имоми севум ҳидояту бас.
Сипеҳри донишу хуршеди ҳилм Зуннурайн,
Ки чарх бар дари ӯ хуфта зери сояи хас.
Ба оламе, ки занад чатр субҳи иқболаш,
Ғубор бигзарад аз авҷи хаймаи атлас.
Адабсиришта ниҳоле зи гулшани танзеҳ,
Ҳаёбаҳор гуле аз ҳадиқаи ақдас.
Ба ёди рашҳаи он абри навбаҳори ҳаё
Ниҳоли гулшани ахлоқ то абад наврас.
Зи шарми хулқи карими нишотпирояш
Зи коми ғунча наёрад бурун баҳор нафас.
Агар на Фурқон аз килки ӯ нумӯ меёфт,
Ба фақри куфр зи ислом раҳ набурдӣ кас.

Далели кавну макон шуд сарири хомаи ӯ,
Ба он навид, ки гумгаштаро садои ҷарас.
Ба ғайри хомаи ҷонбахши файзтаҳрираш
Зи мавҷи хат кӣ кашад мурғи қудсро ба қафас?
Ба авҷи ҷилвагаҳи шоҳбози фитрати ӯ
Зи аҷз даст ба сар саъйи фикрҳо чу магас.
Ба он матонати ҳилме, ки мавҷи дарёро
Барад тасаввури тамкини ӯ тапиш зи маҷас[31].
Зи фикри кинаи ӯ ҳосиди наҷистинат
Ба шавқи лаън гирифтор ҳамчу саг ба марас.
Ҷаҳон ба қулзуми таъзими ӯ кам аз шабнам,
Фалак ба хирмани қадраш ҳақиртар зи адас.
Забон зи уҳдаи васфаш чӣ сон бурун ояд?
Ба баҳр ғӯта задан нест вусъи тоқати хас.
Хирад чӣ гуна ба кунҳаш расад, ки маъзур аст
Зи фаҳми рутбаи анқо табиати каргас?!
Кашидаам хазафе чанд дар қатори гуҳар,
Магар ба бори қабуле расад аз ин нокас.
Забони ман ба даҳон мезанад, ки эй густох,
Зи ҷуръати ҳавас авлост, гар намоӣ бас.
Дар ин мақом магар хомушӣ расад, в-арна
Савори нотиқа пай кард аз қусур фарас.
Хаёли чарх баланд аст, аз ҳавас боз о,
Замини аҷз қариб аст, то ба саҷда бирас.
Кунун далели бисоти расоии адаб аст
Ба дасти аҷз супурдан инони забти нафас.
Ту аз куҷову дами лофи мидҳати шоҳон?
Худойро, ба раги хомушӣ мазан ништар.

* * *

Чу андалеб дар ин боғ беадаб махурӯш,
Ҳама забон шаву монанди ғунча бош хамӯш.
Ба турраҳот чу соғар лаби ҳавас макушо,
Чу шиша пойбадоман нишину пунбабагӯш.
Касе ки рамзи аҷоибсуроғ иззати ӯст,
Ба хидмати саги кӯяш ба ҷону дил мекӯш.
Шаҳи вилояти дин, офтоби авҷи яқин,
Алӣ, ки даргаҳи ӯрост ақли кул човуш.
Ба баҳри ҷудаш дарё зи мавҷ дар занҷир,
Ба боми қадраш чарх аз ҳилол ҳалқабагӯш.
Туфайлии чамани ҷилвааш парию малак,
Ҳавопарасти ғубори раҳаш туюру вуҳуш.
Агар на ҷоми ҳидоят ба дасти ӯ мебуд,
Ҷаҳон зи мастии ғафлат надошт баҳраи ҳуш.
В-агар на оташи зулм оби теғи ӯ мекушт,
Зи деги даҳр барафтодӣ ин сияҳсарпӯш.
Мижа чу захм наёяд ба ҳам зи дидани он,
Ба сафҳае ки бувад номи теғи ӯ манқуш.
Дар он мақом, ки меҳраш занад дами тасхир,
Расад зи ҳалқаи худ нуҳ сипеҳр дом ба дӯш.
Чӣ бок, гар ҳама офоқ аз самум пур аст?
Дами муҳаббати ӯ нест кам зи чашмаи нӯш.
Нуқуши лавҳи яқин бе ҳузури ӯ ботил,
Зулоли чашмаи дин бе валои ӯ мағшуш.
Ба ҷилвагоҳи сахояш муҳитро чу ҳубоб
Зи қатра-қатра занад дидаи таҳайюр ҷӯш.
Сипеҳр то шунавад ғулғули кароматӣ ӯ,
Ба хок мефиканад пунбаи саҳар аз гӯш.

Ба хулди нашъаи тавфиқу базми васли яқин
Нигоҳи ӯст ҳидоят, забони ӯст суруш.
Забони ҳоли ҳавохоҳи ӯ ба Ҳақ ҳамроз,
Адуи бебасари ӯ ба бахти бад ҳамдӯш.
Агар хаворичи нопок гашт мункири ӯ,
Ба шери Ҳақ чӣ зиён мерасад зи гурбаву муш?
Сагони ҳарзамарас ҷуз гулӯи худ надаранд,
Гар аз мушоҳадаи шер мекунанд хурӯш.
Ба кунҳи ӯ нарасад саъйи огаҳӣ, ҳарчанд
Ба ақли кул бувадаш дасти фикр дар оғӯш.
Ба ҳар тараф, ки ниҳӣ гӯш, ин нидо пайдост
Зи габру муъмину тарсову шайху бодафурӯш,
Ки ҳар киро зи залолат наҷот мебахшанд,
Кунанд ҷуббаи ӯ фарши даргаҳи Ҳайдар.

* * *

Сипоси Ҳақ, ки ба ҷон судаам сари ихлос
Ба даргаҳи хулафои кироми аршмуҳос.
Забони ҳар сари мӯям ба шукри ин неъмат
Раҳини ояи ҳамд асту сураи ихлос.
Бапост рукни ҳақиқат зи зоти арфаъашон,
Зи барқи ҷаҳл маҷӯ ҷуз ба ин завот манос[32].
Яке сипеҳри садоқат, дувум ҳақиқати адл,
Севум муҳити ҳаё, чорум ояи ихлос.
Зи гулфишонии аҳволашон ба равзаи дин
Якест роиҳа, гар мухталиф бувад абвос.
Аҷаб мадор, ки сайди каманди ғафлатро
Шавад муҳаббати эшон далели истихлос.
Касе, ки буғзи яке з-ин чаҳор дар дили ӯст,
Надорад аз кафи лаънат ба рӯзи ҳашр халос.

Худост душмани ӯ, Мустафо аз ӯ безор,
Ҳазор нафрин бар ҷонаш аз авому хавос.
Саҳоба аз асари давлати ҳузури расул
Ҳама ситудасифотанду ҷумла саъдхавос.
Ба ҳар кӣ бингарӣ, оинаи камоли набист,
Чи Талҳаву чи Зубайру чи Саъд бин Ваққос.
Касе чӣ васф кунад ин завоти ақдасро?
Ки фаҳми ома баъид аст аз ахассулхос.
Забон зи ҷуръати васфи шаҳон ба ком кашам,
Ки тоби шуъла надорад ба ҳеч гуна расос.
Дило, ба нақши маҳу меҳр дил манеҳ, зинҳор,
Ки ҳеч кас набарад серӣ аз намуди қирос.
Ба дида сурмаи огоҳият раҳе накушуд,
К-аз ӯ ба зот барӣ пай зи ҷилваи ашхос.
Даруни хилвати тавҳиди дил зи ғафлати ту
Ғубори ғайр бувад чанд чун нафас раққос?
Тилои хеш макун пеш аз имтиҳон софаш
Ки рӯсиёҳии қалб аст оқибат наҳлос.
Муҳити файзи ҳақиқист мавҷзан зи дилат,
Ба завқи гавҳари ирфон чаро наӣ ғаввос?
Ба номи кӯшиши ҳар бенавое омодааст
Ба қадри хотами ҳиммат нигине аз фиссос.
Бихон ба табъи ҳарун ояи рами фурсат,
Зи тавсаниш барорӣ магар ба ин ирқос.
Ба ғафлат ар сари мӯе зи ту шаҳид шавад,
Ҳазор ҷони гиромӣ наярзадат ба қисос.
Вале ту бехабарӣ аз маротиби башарӣ,
Ки карда нафси баҳимит ҳамтавилаи хар.

* * *

Чаро назар накунӣ дар санойеъи файёз?
Ки хоки тира аз ӯ гашта дастгоҳи риёз.
Саҳар зи қудрати ӯ кошифи замири савод,
Шафақ зи санъати ӯ барзахи саводу баёз.
Зи фазли ӯст, ки шабро ба ҷунбиши дами субҳ
Ба баст гашта мубаддал зиломи занги қибоз.
Хирад зи мавҷи муҳиташ ҳамин таҳаррук дид,
Дигар ба мақсади шарён чӣ пай барад наббоз?
Тафаккуре, ки ду олам ғариқи қатраи ӯст,
Ба баҳри кунҳаш беқадртар зи рашҳи ҳиёз.
Гадои неъмати ӯ, гар фақиру гар мунъим,
Ғариқи рашҳаи ӯ, гар муҳиту гар аҳвоз.
Барӣ[33] ҳақиқати сунъаш зи дониши ману ту,
Ки сайри аҷз дар ӯ раҳ намебарад эъроз[34].
Ниҳода арраи ихлос бар нахили ҷасад,
Ба риштаҳои нафас баста аз аҷал миқроз.
Намуда манқали чарх аз ҳуҷуми ахтар гарм,
Ки баҳри зодани меҳр аст шаб асири махоз.
Таҳайюроинаи ҷилвааш дилу дида,
Тафаккуранҷумани матлаъаш китобу баёз.
Ба роҳи ӯ ҳама саргаштаи хаёли худанд,
Гар аз Ҷунайд бипурсӣ в-ар аз Фузайли Аёз[35].
Зи исми зоҳири ӯ ҷавҳари араз номӣ,
Бутунаш он суи ваҳми ҷавоҳиру аъроз.
Ба арзи ҷоҳи зуҳураш араз намегунҷад,
Ки ҳаст салтанаташ бе таҷаммули аъроз.
Турост дар назар аздоди зулмату анвор,
Дар он ҷаноб мусовӣ шумар нақизу ниқоз.

Ҳузури ӯ чаманорои маънии биниш,
Хаёли ӯ сари барги ҳақиқати иғмоз.
Ба ҳеч ҷо набувад ҳеч кас ҷуз ӯ дайёр,
Ҳам ӯст бонию сокин ба ҳар билоду риёз.
Ба барқи ҷилвааш андеша музмаҳил гардид,
Гудохт хору хаси беша савлати урёз.
Чу меҳру моҳ ду олам ба маъбади талабаш,
Яке дар оташи савдову дигаре муртоз.
Кафи тиҳикаф аз ӯ бар сари муҳит савор,
Садаф надид зи сози гуҳар ҷуз истеҳзоз.
Зи дасти гулбуни ахзар дамонда соғари лаъл,
Фалак ба домани ӯ чида дастгоҳи қуроз.
Зи ганҷи ӯст саҳарро ривоҷи дирҳами меҳр,
Зи нофи лолаи аҳмар кашида нофаи тар.

* * *

Мабанд дил ба имороти ин шикастаработ,
Махур фиреб зи алвони ин фикандабисот.
Дар ин муҳит ба хун хуфт фикри Афлотун,
Чу гавҳараш накушуд аз қибоз роҳи бисот.
Дар ин чаман ба таманнои нашъаи таҳқиқ
Зи яъс соғари ҳастӣ ба хок зад Буқрот.
Фурӯғи орият аз обрӯи айш мадон,
Бувад муҳол, барояд маҳ аз ғубори хубот.
Ҳубобвор макун сози хандаи беҷо,
Нафас бидузд, ки ин баҳр нест ҷои нишот.
Ба аҷзпеша хамупечи ваҳшат ором аст,
Чу монд пой зи рафтор, манзил аст сирот.
Насими субҳ шаву роҳи эътидол гузин,
Зи сар магир чу сарсар тариқаи ифрот.

Забони таън зи неку бади ҷаҳон дарбанд,
Ки ҳаст сарзаниши хат ҳақорати хаттот.
Бидон зи айни бутун сиҳҳати вуҷуди зуҳур,
Макун ба ваҳми дурангӣ парастиши ағлот.
Ҳуруфу нуқта зи лавҳи яқини дил бардор,
Изофати ҳама ғайр аз алиф хуш аст исқот.
Зи қайди лафз ба маънӣ гирой, ғафлат чанд?
Махоҳ сафҳаи дил тира з-ин хуруфу ниқот.
Даме ки оинаи хешро задӣ сайқал,
Муҳит гар ҳама арш аст, мар турост муҳот.
Чаро дар ин чаман аз бӯи ишқ бехабарӣ,
Агар на ҳоилу садди димоғи туст ахлот?
В-агар на сози яқинат фусурданоҳанг аст,
Чаро талаб нанамоӣ вусули базми нишот?
Талоши суҳбати обои улвӣ осон нест,
Гирифта доманат андешаи бануну сибот.
Ҳазор кӯҳи амал бастаӣ ба дӯши нафас,
Хаёли савъи ту қинтору мояат қирот.
Ба накди ваҳм фишон доманеву фориғ шав,
Зи дайни амри ту то кай нафас диҳад ақсот?
Туро ки нест яқин, бешакӣ ба шак маҳбус,
Бас аст улфати ваҳмат далели буъду сихот.
Агар ситамзадаӣ, ғафлате ғанимат гир,
Саломатӣ зи надомат намудан истинбот.
Ба сӯзани мижаву риштаҳои мавҷи сиришк
Либоси офиятеро тавон шудан хайёт,
Ки дар зиёнгаҳи ҷуръат намешавад урён,
Қабои аҷз касеро ки кардаанд ба бар.

* * *

Зи умри якдама бе ёди кирдгор чӣ ҳаз?
Даме ки нест ҳузури гул, аз баҳор чӣ ҳаз?
Таровати лаби маъшуқ агар на дар назар аст,
Зи дидани гуҳару лаъли обдор чӣ ҳаз?
Ба ғайри доғи дилу оҳи синаву нами чашм
Зи орзуи гулу сарви ҷӯйбор чӣ ҳаз?
Агар димоғ надорад ҷунуни гесӯе,
Зи сунбули чаману нофаи Татор чӣ ҳаз?
Даме ки ҷилва набошад далели биноӣ,
Зи ҷавҳар оинаро ғайри хор-хор чӣ ҳаз?
Агар на бӯсаи кунҷи лабе бувад манзур,
Ба ҷоми бода зи хамёзаи хумор чӣ ҳаз?
Зи шавқ чашми тамошо кушудаӣ, лекин
Ба фаҳми ҷилва нагардидаӣ дучор, чӣ ҳаз?
Ба сайдгоҳи талаб рав, ки айши дунёро
Кунӣ шикор, чӣ суд, ар шавӣ шикор, чӣ ҳаз?
Гули мурод дар оғӯши хеш меёбӣ,
Чу ғунча донӣ агар дорад интизор чӣ ҳаз.
Адам зи ҳастии бемоҳасал бувад хуштар,
Ҷаҳон шавию наёйӣ ба ҳеч кор, чӣ ҳаз?
Агар муроди диле барнаёяд аз дастат,
Зи дастгоҳ чӣ ҳосил? Зи гирудор чӣ ҳаз?
Фусурдатабъию аз ваҳми хуррамӣ шодӣ,
Ба ҷайби санг чароғон кунад шарор, чӣ ҳаз?
Ба ҷамъи мол набояд гудохт ҷавҳари амн,
Ба ғайри коҳиши табъ аз гуҳар ба тор чӣ ҳаз?
Ҳариси офият аз оташи тамаъ сӯзад,
Зи каф кушудани доим кунад чанор чӣ ҳаз?

Ба ин дурӯза иқомат, ки дар ҷаҳон дорӣ,
Агар ба коми ту гардид рӯзгор, чӣ ҳаз?
Мизоҷи ғофил агар қадрдони узлат нест,
Зи забти мавҷ гуҳарро ба ҷуз фишор чӣ ҳаз?
Ба ҷайби хеш садафвор гавҳаре дорӣ,
Ба ранги мавҷ давидан ба ҳар канор чӣ ҳаз?
Намудан аст ба ваҳдат ҳисоби хеш дуруст,
Ҳавасшумории асбоби бешумор чӣ ҳаз?
Чу субҳ як-ду нафас беш нест фурсати умр,
Зи дарди ҷабр чӣ кулфат? Ба ихтиёр чӣ ҳаз?
Тағофул аст тамошои роҳати дунё,
Ба чашм ҷуз мижа пӯшидан аз ғубор чӣ ҳаз?
Ба дасти хори ҷафо додан аст домани ҷайб
Чу ғунча пеши саҳар каф кушодан аз пайи зар.

* * *

Мабош мурдаи таҳсили ҷоҳу молу матоъ,
Ҳавосро мутафарриқ макун ба ин иҷмоъ.
Навои маҳфили найранги мовуман дорад
Фасонае, ки наярзад ба илтифоти самоъ.
Зи қайди ҳирс бурун ою сайри иззат кун,
Касе зи чоҳ наҷӯяд мадориҷи ирфоъ.
Ҳазар зи соғари ғафлат, ки дар саҳаргаҳи ҳашр
Сарат ба санги надомат диҳад хумору судоъ.
Зи васли офият онҳо, ки баҳра ёфтаанд,
Нахуст улфати асбоб кардаанд видоъ.
Ба роҳи ишқ марав дар пайи ҳавоталабӣ,
Ки ин тариқ надорад ба ҷуз ҳавас қуттоъ.
Миёни ҳиммат барбанд ғазви акбарро,
Ба куштани сипаҳи ҳирсу оз бош шуҷоъ!

Чӣ ғафлат аст, ки дилро хароб бигзорӣ?
Ҷафо кашӣ пайи таъмири ҳар риботу биқоъ.
Агар ба санъати худсозӣ ошно бошӣ,
Ғубори нанг наяндӯзӣ аз дигар асноъ.
Зи дарду доғи муҳаббат мабош шиквафурӯш,
Ҳузури роҳати дил нест ҷуз дар ин авҷоъ.
Ба Ҳақ бибанд дилу аз таъаллуқот бибур,
Ба халқ сулҳ гузину ба хеш гир низоъ.
Дар изтирор макаш по зи домани таслим,
Ба сабр кӯш, ки сабр аст беҳтарин авзоъ.
Зи одамӣ надиҳад зеб ҷуз ҳақиқати инс,
Дарандагӣ нашавад ҷилвагар магар зи сибоъ.
Ба кисвати башарӣ феъли дев? Шармат бод,
Ба ҳусни хулқ баро, эй ту аҳсануланвоъ.
Чӣ мӯҷиб аст надонам, ки дар вилояти кавн
Гирифтаанд туро дар миёни ҳафт қилоъ[36]?
Рабуда ҷаҳл зи дастат инони ақли маъод,
Зи роҳи Ҳақ шуда Иблис мар туро имноъ.
Ту аҷзтинату олам салосили авҳом,
Ту содалавҳу ҷаҳон ҷумла домгоҳи хидоъ.
Хаданги оҳ зи шасти ҷигар кушо саҳаре,
Бувад ки коргар афтад ба чархи сабъдироъ.
Пайи фиреби нигоҳат либос бисёр аст,
Мадон тафовути маънӣ ба хатти насху риқоъ.
Қабои ҷаҳл зи бар баркашу кулоҳи худӣ
Зи сар фурӯ неҳу аз корхонаи ибдоъ
Бипӯш хилъати таҳқиқ, то ҳақоиқи кавн
Буруни парда муъайян намоядат ба назар.

* * *

Дамида аз буни ҳар хору хас ҳазорон боғ,
Зи ҳар хароба намудор сад ҳазор чароғ.
Куҷост Хизри хати лаъли ёр, то диҳадат
Дар остини худ аз чашмаи ҳаёт суроғ?
Начидааст бар ин паҳнхони фақру ғино
Ба ғайри дастгаҳи имтилову истифроғ.
Чу бӯи гул зада ҳар хас майи сабукрӯҳӣ,
Чу андалеб сияҳмасти ранги хеш калоғ.
Чу барқ лола шитобад зи кӯҳ сӯи чаман,
Чу сел сабза зи саҳро давад ба ҷониби боғ.
Зи баски мавҷи гулу лола бар ҳаво зада саф,
Саҳоб буқаламун аст чун кафи саббоғ.
Насим бехуду ошуфта мерасад ба чаман
Зи рангу бӯи хаёли баҳор нашъасуроғ.
Дар ин баҳори таҳайюр кадом лола, чӣ гул?
Ҷаҳон зи соғари шавқе ба ҳам расонда димоғ.
Ба базми ҳол ҳама сархуши хаёли худанд,
Агар ба қайд тааммул кунӣ в-агар ба фароғ.
Умам зи ҷоми шаҳодат ба мастии тавҳид,
Расул сархуши ирфон зи бодаи иблоғ.
Бутон ба гардиши чашми ғурурнашъаи хеш
Ба тоқи манзари хуршед мезананд аёғ.
Балокашони шабистони маҳфили савдо
Кашидаанд майи шуъла дар пиёлаи доғ.
Ба завқи сархушии яъс бедилон доранд
Зи даври шишаву ҷоми сипеҳру меҳр фароғ.
Димоғи шавқ ба ҳар ранг тоза сохтаанд
Магас зи шаккару парвонаҳо ба шамъу чароғ.

Ба нури гавҳари таҳқиқи Аҳмади мурсал,
Ки дошт дидаи бинош сурмаи «мозоғ»[37],
Ҳаваспараст ҳам имрӯз ишқҳо дорад,
Қадаҳ ба ишрати аттор мезанад даббоғ.
Агар зи соғари тавҳид нашъае дорӣ,
Хумори нағмаи булбул шикан ба навҳаи зоғ.
Зи ҷуръа маҳрами хум шав, ки майкашони шуъур
Ба гарди қатра зи дарё гирифтаанд суроғ.
Зи барфурӯхтани чеҳраи гулу лола
Ба арзи майкашии хок шоҳиданд сибоғ.
Ба ҷоми лолаву минои сабзаи маввоҷ
Бисоти айши дигар чидааст соқии роғ.
Ба чашмасори тамошо зи файзи олами об
Дамида ҷоми мурассаъ ба дасти нилуфар.

* * *

Зи хумми ваҳдати Ҳақ сархуши ҳусули шараф
Гадову шоҳу баду неку ходиму осаф.
Ба арзи нашъаи ранг аз бисоти дашту ҷабал
Кашида то ба чаман шоҳидони гулбун саф.
Муҳиту бодаи асрор мавҷзан зи ҷабин,
Ҳубобу соғари таҳқиқ ҷилвагар бар каф.
Майи тароватӣ шавқ обрӯи шишаи мавҷ,
Шароби оби гуҳар дастгоҳи ҷоми садаф.
Ту ҳам зи вартаи кулфат барову соғар гир,
Мабош сарбагиребони ғусса ҳамчу кашаф.
Ҳусули ҷавҳари озодагӣ ғанимат дон,
Мазан зи бесамарӣ чун чанор дасти асаф.

Ба ҳиммати малакӣ пок шав зи заҳмати нафс,
Мабош ҳамчу баҳоим асири обу алаф.
Ватан ба қайди камонхонаи фиреб магир,
Сиҳоми арсаи найрангро мабош ҳадаф.
Дар ин ҳавас, ки ба гӯшат кашанд ҳалқаи сим,
Абас тапонча махур аз кафи хасон чун даф.
Сафои оризии даҳр рангҳо дорад,
Фурӯғи моҳ наярзад ба доғҳои калаф.
Ба тори соз чӣ ҳосил зи улфати мизроб?
Тараб куҷост, агар раг шавад ба неш тараф?
Зи илмҳо ба амал кӯш дархури мақдур,
Фасона чанд тарошӣ зи гуфтӯгӯи салаф?
Чу шабнам аз пайи ҳар гул марез ашки талаб,
Басирате агарат ҳаст, дармадеҳ ба хазаф.
Зулоли ҳарф ба афсуни баҳс тира макун,
Маҷӯш он ҳама, к-аз лаб бурун таровад каф.
Дар ин зиёнкада ҷамъе, ки суд ёфтаанд,
Ба ҳарза нақди нафасро накардаанд талаф.
Ба нотавонӣ сар барфароз чун наргис,
Зи хоксорӣ бар сар гузор тоҷи шараф.
Хати таваҳҳуми ҳастӣ чи ҷилвагар, чи хафӣ,
Иборати хамупечи нафас чи нашру чи лаф.
Ба табъи оинае гар асар кунӣ, муфт аст,
Ки беш аз ин кафи хокистарат надорад таф.
Ба ҳарфи аҳли тариқат зи ҷаҳл хурда магир,
Ба куфр мекашад инкори ояти мусҳаф.
Марав зи манзари улвӣ ба кӯчаи суфлӣ,
Ки ҳафт батни фалакро[38] туӣ ягона халаф.
Нишаста мунтазират шоҳидони хилвати қудс,
Ту аз бурун шуда ҳайрони нақши ин чодар.

* * *

Туӣ хулосаи аъёну зубдаи офоқ,
Туӣ ба олами сурат зи рӯи маънӣ тоқ.
Ба ранги нақши ту омуда[39] маҳфили тақйид,
Ба бӯи маънrealият омода хилвати итлоқ.
Ба ҳусни хеш нигоҳе, ки дар ҷаҳони зуҳур
Хитоби аҳсани тақвим[40] дорӣ аз халлоқ.
Ба фикри ботин агар ғунчасон наӣ машғул,
Чу гул чӣ парда кушояд зи дониши авроқ?
Агар на оинаат меҳри безаволи дил аст,
Чу моҳ нест камоли ту бе камини муҳоқ.
Нафас фурӯ кашу парҳез кун зи баҳсу ҷидол,
Ки эмин аст навоҳои хомушон зи хуноқ.
Зи рӯи қадр туӣ садри ин кашидабисот,
Туӣ ба нури шараф шамъи ин баландравоқ.
Ту хоҳ васл гузин, хоҳ дар фироқ нишин,
Ки додаанд ба дастат инони васлу фироқ.
Фироқ чист? Қуюди тилисми ваҳму гумон,
Кадом васл? Ҳузури ҷаҳони унсу вифоқ.
Сабукравон ба миён домани талаб бастанд,
Фусурданат ба чӣ матлаб кушудааст нитоқ?
Чӣ мазҳарӣ, ки фалак бо ҳазор чашми нуҷум
Дар интизори ту шом аст то саҳар муштоқ?
Бисоти оинаат ҷилвагоҳи якрангист,
Надонам, ин ҳама баҳри чӣ гаштаӣ зарроқ?
Ҷаҳони қудс ба яктоии ту хурда қасам,
Ту бехабар зи чӣ афтодаӣ ба кӯи нифоқ?
Нашояд аз сифатат ҷуз маҳомиди авсоф,
Назебад аз чаманат ҷуз тароватi ахлоқ.

Аз он зи чошнии завқи ишқ бехабарӣ,
Ки лаззати ҳавасат бастааст роҳи мазоқ.
Зи саркашист таби ҷаҳл дар табиати ту,
Чу шуълае ки набошад гурезаш аз эҳроқ.
Тавозуъи ту зи табъи дурушт кинаварист,
Бувад камингаҳи оташ хамидани чақмоқ.
Зи дард то назанӣ чанги дил ба пардаи ишқ,
Чӣ сон асар кунадат сӯзи нолаи ушшоқ?
Зи чоҳи чор табиат агар бурун ойӣ,
Кунанд пайсипарат дастгоҳи ҳафт равоқ.
Ба ҷайби хеш чу гирдоб ғӯта зан в-он гоҳ
Чу мавҷ вонигар ин баҳрро фурӯтари соқ.
Зи ҷаҳли туст, ки огаҳ наӣ зи маънии хеш,
В-агарна, аз ҳама офоқ бартарӣ, бартар.

* * *

Барои маслиҳати туст халқи мулку малак,
Кашидаанд зи баҳри ту боргоҳи фалак.
Туро ба мулки яқин мезананд кӯси шараф,
Ту уфтода зи дунфитратӣ ба вартаи шак.
Суроғи ҷилваи Ҳақ аз ғубори худ дарёб,
Мабош бехабар аз ҷустуҷӯ, ки ӯст маъак[42].
Агар ба фаҳми ҳавосу қибо бипардозӣ,
Туро зи сурати асмо нишон диҳад ҳар як.
В-агар зи нури ҳақиқат надорӣ огоҳӣ,
Бирав, ба дидаи ғафлатназар фикан оҳак.
Иёри хайру шар аз дигарон чӣ меҷӯӣ?
Тааммулат сараву қалби даҳррост маҳак.
Ғубори ваҳм зи табъи дурушти худ бардор,
Чу санг соф шуд, оина аст ё айнак.

Ба нардбони таваҷҷуҳ баро ба авҷи Симок,
Марав зи ҳиммати афсурда дар ҳазизи Самак[43].
Сари ҳавозадаи ҳирс поймол хуш аст,
Мабод ақлсифат ҷо диҳиш бар торак.
Чароғи илм маяфрӯз ҷуз ба қадри шуҳуд,
Хатост дониши бисёру биниши андак.
Зи ихтилоти баду нек муҳтариз мебош,
Ба пойи обилапарвар марав ба кони намак.
Муроди доғи ту таскину пунбаҳо ништар,
Умеди захми ту беҳбуду марҳам аст газак.
Зи ҷахл такя макун бар сафи ғурури нафас,
Ба ранги мавҷ талаб аз шикасти хеш кумак.
Дар ин сарочаи нисён зи сафҳаи ботин
Макун нуқуши муҳаббат ба машқи ғафлат ҳак.
Зи хоб сар бадар овар, ки таблкӯби раҳил
Ба табли умр зи анфос мезанад чӯбак.
На ғафлат аст саботошён, на огоҳӣ,
На аблаҳ аст дар ин ҷо муқиму на зирак.
Ба худ мачин, ки саранҷом боядат вочид,
Хамуш, ки оқибати кор бастан аст ҳанак.
Саҳар ба рӯи ҷаҳон теғ мекашад ҳар рӯз,
Шаҳоб аз нами хун об медиҳад новак.
Зи Каҳкашон ҳама гарди фасод меболад,
Нуҷум нест ҳамон, фитна мезанад чашмак.
Хуш он, ки домани саҳрои нестӣ гирӣ,
Ки ғайри хок мақоме надорад ин маслак.
Дар ин гузар пайи ҷамъияти таваккул гир,
Зи чоҳи муҳлики пасту баланди оз ҳазар.

* * *

Хамирмояи эҷоди мо ба субҳи азал
Зи оби чашмаи андӯҳ дида санги амал.
Майе зи ҷоми ҳаловат агар ба даст орем,
Зи бахти шӯр мубаддал шавад ба нафрати хал.
Ба қадри захм чу гул зеби ҳастӣ аст ин ҷо
Ҳамон чу лола ба андози дарду доғ ҳулал.
Кунун зи талхии даврон чӣ ғам, ки неши алам
Ба коми рағбати мо нест бе суроғи асал.
Даме ки зоиқа навмеди лаззатандешист,
Муҳол нест, агар қанд резад аз ҳанзал.
Кулоҳи фақр ба ҳар сар мувофиқат накунад,
Ки судаанд ба алмосреза ин сандал.
Мабош ғарра, ки дорад дар ин надоматгоҳ
Бинои умр зи селоби марг рӯ ба халал.
Ба истионати ғафлат махур фиреби сабот,
Ки меравад ба рикоби шарар зи хеш ҷабал.
Ту гулшамоилию осмон самумнафас,
Ту шишатабъию дар дасти даҳр санги аҷал.
Ҳазар зи мастии ғафлат, в-агарна охири кор
Хумор гард барорад зи нашъаи аввал.
Ба гӯшмоли мисосат диҳанд бедорӣ,
Агар ба хоб шавӣ ҳамбисот чун махмал.
Дар ин қаламрави ғафлат, ки шоми зулмонист,
Зи нури ишқ барафрӯз дар раҳат машъал.
Шуҳуд агар набувад, сомеъи ҳақиқат бош,
Карӣ мабанд ба гӯш, ар ба чашм рехт сабал.
Чунон зи нашъаи ваҳдат замона саршор аст,
Ки хешро ду муҳол аст дидан аз аҳвал.

Ба ҷайби хеш нигоҳе, ки хатми огоҳист,
Зи дурбинӣ ин риштаро макун атвал.
Ниҳоли ҳуш ба занҷири шоху барг маҳоҳ,
Зи дил таъаллуқи ашё хуш аст мустаъсал.
Чу анкабут туӣ, ин ки метанӣ бар ваҳм,
Куҷост риштаи омолро дигар миғзал?
Ба ишқ кӯшу сари зулфи ёр гир ба даст,
Агар гузир надорӣ зи фикри тӯли амал.
Таҳи чароғи нигаҳ дудае зи мардумак аст,
Ба мавҷи ашк дар обанди дидааш кун ҳал.
Созад, ки нусхаи нозе аз ин мидоди хаёл
Ба хомаи мижаи нотавон кашӣ ҷадвал.
Шаҳиди ғамзаи маъшуқ шав ба арсаи ишқ,
Ки умри Хизр наярзад ба захми ин ханҷар.

* * *

Фиғон зи каҷравишиҳои даҳри нофарҷом,
В-аз ин дурангии вазъи лаёливу айём,
Ки кас зи ҷодаи оғози ӯ надод нишон,
Набурд ҳеч касаш раҳ ба манзили анҷом.
Накард ҳосил аз ин коргоҳи дидафиреб
Ба ҷуз фусусу надам фитрати завилафҳом.
Хирад ба олами имкон ғариб беқадр аст,
Бар одамист ситам дар чарогаҳи анъом.
Ниёзи дунсифатон авҷи маснади таъзим,
Акобир аз ғами ҳирмон ба хок карда мақом.
Нишаста зоғу заған фориғ аз таваҳҳуми қайд,
Кашида тӯтии ширинмақол заҳмати дом.
Ба устухон шуда қонеъ ҳумои фаррухбол,
Зи туъма сохта бо санг кабки нозхиром.

Гуҳар ба хок фурӯ рафта аз ҳуҷуми хазаф,
Хавос хуфта ба кунҷи адам зи ҷӯши авом.
Карим, баски тиҳӣ дида дасти қудрати хеш,
Сиришк карда ба домони ҷуд ҳамчу ғамом.
Зи сифлапарварии даҳр ноқисони фузул
Бар аҳли фазл зи душном медиҳанд илзом.
Сукут дарси камол аст аҳли маъниро,
Чу гавҳаре ки зи мавҷаш забон шикаста ба ком.
Асири ҳалқаи ҳайрониянд номварон,
Ба он сифат ки зи хотам бувад нигин дар дом.
Дар ин замона тараҳҳум куҷо? Мурувват ку?
Дар ин ситамкада инсоф чист? Адл кадом?
Накард чархи ҷафопеша як саҳар ҳаргиз
Ба ғайри хуни шафақ офтобро дар ҷом.
Ба доғи ибрати аҳволи ҳам сафеду сиёҳ,
Дар инқилоби ғами якдигар раму ором.
Зи гарди ваҳшати шаб субҳро гиребон чок,
Ба марги меҳр намоён либоси мотами шом.
Замона кори туро пухта мекунад ба фиреб,
Ту мубталои хаёли каҷу тасаввури хом.
Чу субҳ нашвунумои ту дар ниқоб авлост,
Ки то нафас задаӣ, кори зиндагист тамом.
Талаб мадон, тапиши яъс мекунад ҷавлон,
Қадам магӯ, нафаси сард мешуморад гом.
Инон бигир, ки нафси баҳимият тунд аст,
Ҳазар, ки бухтии ҳирсат гусехтаст зимом.
Ту ҷамъ карда ба зоҳир ҳазор ҷилд китоб
Ғурур сохта аҷзои ботинат абтар.

* * *

Далели шавқ талаб, гар ҷаҳон бувад раҳзан,
Ба кӯи ишқ гурез, ар фалак шавад душман.
Битоб риштаи оҳе ба печутоби ҷунун,
Дигар каманди таваҷҷуҳ ба боми ноз афкан.
Ба сели ҷуръае аз илтифоти соқии ишқ
Бинои тақвии солусро ба ҳам барзан.
Зи ишқ оина гул мекунад дуруштии табъ,
Зи шуъла чашмаи дидор мешавад оҳан.
Муроди мазраъи ҳастӣ ҳусули тухми дилест,
Ту як ҷаҳон хасу хошок кардаӣ хирман.
Махоҳ тинати озод пойбанди амал,
Ҳуҷуми шуълаи шавқӣ, ба дуди ваҳм матан.
Баҳори фурсати ҳастӣ ғанимат аст ин ҷо,
Бар оташи талабат нест ҷуз нафас доман.
Чу ҷамъ гашт дилат, ҳасрати тапиш то кай?
Гуҳар ба дасти ту омад, дигар ба санг мазан.
Чу маҳви ҷилва шудӣ, сози гиря пур беҷост,
Чароғи ҳайрату он гаҳ таҳияи равған?
В-агар ба дил чу садаф ёфтӣ суроғи гуҳар,
Бипеч пой ба доман, бибанд лаб зи сухан.
Ба шиква кулфати дилҳои дӯстон мапсанд,
Ба бонги зоғ макун тира рӯзгори чаман.
Зи хатти ҷодаи таслим сар макаш зинҳор,
Ба гумраҳӣ марав аз гоми ихтиёр задан.
Ба фикри пунба матан, доғи ишқ агар дорӣ,
Мабанд бар рухи хуршед дидаи равзан.
Ватан ба хоки фано кун чу шамъ, к-оташи ишқ
Дар ин либос диҳад нури зиндагӣ ба кафан.

Забони шуълаи хомӯш ин наво дорад,
Ки нест ҷуз кафи хокистари худат маъман.
Агар ба мулки яқин завқи салтанат бошад,
Бизан асокири ваҳму хаёлро гардан.
Навои маҳфили касрат зи сози ваҳдат дон,
Ба хоби ҷаҳл марав аз фасонаи туву ман.
Ба вазъи мастию ошуфтагӣ намоён шав,
Вале чу силсилаи зулф фориғ аз шеван.
Бувад, ки бар ту кушоянд рӯзӣ аз раҳи фазл,
Зи саъй даст мадору дари талаб мезан.
Агар мушоҳадаи нури ишқ меҳоҳӣ,
Бинеҳ калимсифат сар ба водии Айман.
Бинои Каъбаи дил дар шикасти ҳирсу ҳавост,
Халилсон бишикан корхонаи Озар.

* * *

Хуш он, ки кӯчаи ишқест ошёнаи ӯ,
Чу най таронаи дарде бувад фасонаи ӯ.
Хунук диле, ки дар ин коргоҳи минoӣ
Ба тоқи абруи нозест нақши хонаи ӯ.
Хушо саре, ки кашидаш ба васли побӯсӣ,
Чу ашк кӯшиши бедаступоравонаи ӯ.
Куҷост мутриби дамсози пардаи ушшоқ?
Ки гӯш рақс кунад чун даф аз таронаи ӯ.
Куҷост аҷзи навобулбуле, ки чун пари ранг
Шикастагист дар ин боғ ошёнаи ӯ.
Тавонгар аст ба мулки вафо, касе ки чу чашм
Зи нақди ашк муҳайё бувад хизонаи ӯ.
Нишот кун, агарат завқи нестӣ соқист,
Ки бурдаанд хумор аз майи шабонаи ӯ.

Зи ҷаҳл мункири файзи табиби ишқ мабош,
Ки рафъи сурраи ваҳм аст розиёнаи ӯ.
Диле ки сайди ҳавои муҳаббатест, бас аст
Зи ашку обила чун гавҳар обу донаи ӯ.
Дигар зи мавҷи муҳити вафо чӣ мепурсӣ?
Ки нест ҷуз дами теғи фано каронаи ӯ.
Чӣ ҷои ғайр, ки аз нисбати қаробати ишқ
Зи хеш рафта ба бегонагӣ ягонаи ӯ.
Ҷаҳон асири хами зулфи анбаринмӯест,
Ки раҳ набурда ҷудоӣ ба чоки шонаи ӯ.
Ба рахши ноз савор аст чашми ҷодуяш,
Мижа инону сари зулф тозиёнаи ӯ.
Агар зи шавқ диҳад шасти ғамзае ба кушод,
Ғубори олами дил хезад аз нишонаи ӯ.
Зиҳӣ ҷамоли ҳақиқат, ки дар ниқоби маҷоз
Ба ҷилва аст ҳамон ҳусни ҷовидонаи ӯ.
Ба даври наргиси ӯ оламест сархуши шавқ,
Ту низ ҷоми тараб гир дар замонаи ӯ.
Ғубори сояи мавҳум агар диҳӣ бар бод,
Чу офтоб ниҳон нест роҳи хонаи ӯ.
Шикастагинасаб оинаи диле дорӣ,
Сазад, ки ранги амал бишканад баҳонаи ӯ.
Чу пайкари ту зи бори нафас дуто шуданист,
Махоҳ кӯҳи ҳавас ранҷи пушту шонаи ӯ.
Калиди нола кушояд дари таҷаллии файз,
Ки барқи хирмани исён бувад забонаи ӯ.
Ба шамъи тавба барафрӯз кулбаи уммед,
Баҳори дил шукуфонад насими оҳи саҳар.

* * *

Муфиди хеш шумар панди Бедили волеҳ,
Ки нест дархури гӯши ту гавҳаре з-ин беҳ.
Бикӯш дар раҳи эҳсону касби некӣ кун,
Ки офарин расадат аз Ҳаќу зи мардум зеҳ.
Ба нақши буқаламуни ҷаҳон машав мафтун,
Зи қубҳи зоҳири ашё ба худ мабанд гиреҳ.
Ба ранги неку бади рӯзгор яксон бош,
Чу рӯи оина бо вазъи халқ шав мушбеҳ.
Ба хубсу ғайбати кас зинҳор лаб макушо,
Чу кирми мазбала табъи ҷаҳон макун мукреҳ.
Пайи қуроза чу гул ғунча буданат ҳайф аст,
Чу меҳру моҳ зару сими худ ба халқ бидеҳ.
Зи кӯи фақр кафе хок тоҷи фахр ангор,
Ҳавои афсари шоҳӣ зи сар барору бинеҳ.
Мабош зоиқапардози имтиёзи ҳавас,
Чу боғ нест дар амлоки ту, чӣ нору чӣ беҳ?
Ба эътимоди нафас он қадар ба хеш мабол,
Ҳубоби бесарупо то куҷо шавад фарбеҳ?
Ба фурсати ду нафас зиндагӣ чӣ карру чӣ фар?!
Хуш он, ки даст барафшонӣ аз «бигир»-у «бидеҳ».
Чу тӯтӣ оина чандат диҳад фиреби хаёл?
Паре фишону зи доми таъаллуқот биҷеҳ.
Ҷароҳатест нигаҳро зи рағбати дунё,
Ки то абад нашавад ҷуз ба чашм бастан беҳ.
Зи саъду наҳс маяндеш, агар туро хирадест,
Чу тифл чанд кунӣ фикри ҷумъаву шанбеҳ?
Наметавон ба хирад кори нафс фармудан,
Ба шаҳриён надиҳӣ заҳмати тараддуди деҳ.

Махоҳ ҷавҳари ҳиммат зи табъи хоксиришт,
Ки нест ғайри диноат қабули тинати кеҳ.
Ҳубоби пуч, хуш аст, ар ба боди мавҷ равад,
Саре, ки мағз надорад, ба зери теғ бинеҳ.
Зи тири оҳи заифон ҳазар, ки чархи барин
Зи саҳми он сипар афкандаву кашида зиреҳ.
Ҷаҳон ба новаки кинат агар нишона кунад,
Зи интиқом нахоҳӣ камони ҷаҳд ба зеҳ.
Чу соя шеваи таслим муфти роҳатҳо,
Хушо саре, ки бувад вақфи саҷдаи кеҳу меҳ.
Фалак ба риштаи корат фиканд агар сад тоб,
Ту бар ҷабини тафаккур раво мадор гиреҳ.
Туруш магард зи ташнеъу таъни аҳли ҳавас,
Ки сирка гул накунад аз магас мизоҷи шакар.

* * *

Чу бод даст барафшон зи суҳбати ҷуҳало,
Чу хок носиясо бош бар дари уқало.
Даме ки даст диҳад пойбӯси аҳли диле,
Чу нақши по зи ғубораш ба дида рез ҷило.
Мисоли олами асрору нақши пардаи ғайб
Буруни оинаи ҳоли худ мадон асло.
Гувоҳи рағбату инкори ту яқину гумон,
Ҳузуру ғайбати андешаи ту буъду вало.
Ба дарсгоҳи таҳаққуқ далели бехабарист
Субути маънии «илло» зи баъди мабҳаси «ло».
Чаро на маҳв кунӣ ёди нафй дар исбот,
Ки «ло» бурун набувад аз иҳотаи «илло».
Нахонда маънии таҳқиқе аз саҳифаи дил,
Ба гуфтугӯи касон хешро мадон мулло.

Зи дарси илми ишорот ним нуқта бас аст,
Абас макун ба иборот дафтаре имло.
Туро ба анҷумани қудс медиҳанд овоз,
Туро ба моидаи унс мезананд сало.
Махур фиреб зи асбоби айши ин маҳфил,
Ки ҷоми офият ин ҷост чашми хунполо.
Ба рафъи дарди сари ин баҳор шабнамро
Дили гудохта бар ҷабҳа кардаанд тило.
Касе набурд зи олам ба ҷуз кафи афсӯс,
Надомат аст дар ин кулбаи зиёнколо.
Зи маҳрамӣ ба ҷуз андӯҳ нест ҳосили мард,
Ҳамон «бале»-ст сару барги сад ҳазор бало.
Ба рӯи оинаи дил ғубори ҷисм мапош,
Ба хок чанд тавон дошт луълуъи лоло?
Мабанд бори хабосат аз ин ҷаҳони хабис,
Ҳадас ба дӯш куҷо меравӣ зи ҷои хало?
Ба саъйи ғафлати ту ҳукми ҷисм дорад ҷон,
Хашинфурӯш шуд аз чашмпӯшият воло.
Чу най зи нола макаш тухмати ғурури нафас,
Нигоҳ то мижа кам нест, гар кашад боло.
Хитоби ҳуш ба туст, он қадар ки ҳушёрӣ,
Касе ба мардуми бехуд нагуфтааст «илло».
Агар шароб хурӣ, чун қадаҳ хамӯш нишин,
Чу шиша чанд зи қулқул занӣ садо ба мало?
Ки рӯзгор ғаюру сипеҳр кинавар аст,
Аз ин ду фитна набошанд бехабар кумало.
Замона санги аҷал мезанад ба шишаи умр,
Сипеҳр мешиканад даври айшро соғар.

* * *

Ба фикри ҳирсу ҳаво сахт нотавон шудаӣ,
Зи гарди зиллати ғафлат аҷаб гарон шудаӣ.
Шиканҷи ғунча дар ин боғ нанги бӯи гул аст,
Бурун хиром зи худ, гар сабукъинон шудаӣ.
Чаро зи кашмакаши ҳирс барнамеоӣ?
Магар ту зиштии аъмолро замон[44] шудаӣ?
Зи баски нафси ту бар ақл ғолиб афтодаст,
Ба ёди ҷӯъу аташ ҷумла обу нон шудаӣ.
Ғизои рӯҳ нафаҳмидаӣ, чӣ мебошад,
Чу машк ҷумла шикам аз пайи даҳон шудаӣ.
Яке ба хеш назар кун, ки аз чӣ бебасарӣ
Тамом чашмию аз чашми худ ниҳон шудаӣ.
Чу моҳ суд зи нури ту мебарад офоқ,
Зи ҷаҳли туст, агар тобеъи зиён шудаӣ.
Зи софии дили бемуддаъо бикун шарме,
Чӣ баҳри машқи ҳавас лавҳи имтиҳон шудаӣ?
Ҷамоли Ҳақ ба яқин зоҳир аст дар ашё,
Ту маҳви ҳайрати ғайр аз раҳи гумон шудаӣ.
Муҳиту гавҳару обу ҳубобу мавҷ як аст,
Ту аз амо пайи ташхиси ину он шудаӣ.
Ту мавҷи оби ҳаётӣ, вале ба ҳукми ғурур
Зи нафси саркаши худ дар дами синон шудаӣ.
Ту шоҳи мулки дилӣ, к-аз табиати ноқис
Ба дашти ғам рамаи ваҳмро шубон шудаӣ.
Ба доми хок ту он шоҳбози авҷпарӣ,
Ки то паре бифишонӣ, бар осмон шудаӣ.
Ба дашти зоғу заған ҳарза мекунӣ парвоз,
Тааммуле, ки ҷудо аз чӣ ошён шудаӣ?

Фалак ба гӯши ту зеҳ карда мекашад ҳар сӯ,
Ба ҷурми он, ки каҷу сахт чун камон шудаӣ.
Гаҳе хаёли ҳасад, гоҳ ҳирс мебарадат,
Матоъи дастфурӯшони ин дукон шудаӣ.
Замона дар пайи нокомии ту дорад ҷаҳд,
Ту ғарраӣ, ки аз ин сифла комрон шудаӣ.
Ба худ маноз, ки то чашм мениҳӣ бар ҳам,
Ба ранги акс дар ин ойина ниҳон шудаӣ.
Дар ин ҳаваскада ҷамъияти нишот киростַ?
Баҳор то ба тааммул расад, хазон шудаӣ.
Зи хони сабзи фалак заҳри мор мечӯшад,
Чаро зи ҷаҳл дар ин хона меҳмон шудаӣ?
Фиреби бодаи дигар махур зи соғари меҳр,
Тамом шарбати дард асту ҷумла хуни ҷигар.

* * *

Басо касон, ки дар ин коргоҳи зангорӣ
Алам шуданд ба фарзонагию ҳушёрӣ,
Басо мударриси илму камолу маънии фазл,
Ки ақли кул бувад аз кунҳи фаҳмашон орӣ.
Басо муҳандиси равшанқиёси олификр,
Ки ҳукми фитраташон гашта бар фалак ҷорӣ.
Басо хидев, ки чун офтоби оламтоб
Зи ҷабҳа рехта ойинаи ҷаҳондорӣ.
Басо амир, ки аз бас ҷалолу шавкати чоҳ
Ғурури чарх ба девонашон кашад хорӣ.
Басо дабири фалакдонише, ки дидаи хоб
Кашад ба чашми Уторид зи шамъи бедорӣ.
Басо муҳосиб, к-андар шумори ҳасри ақал
Ба сифри чашми тааммул фузуда бисёрӣ.

Басо сипоҳ, ки чун сел гашта аз дами теғ
Баланду пасти ҷаҳонро далели ҳамворӣ.
Басо Таҳамтани қудраткамон, ки золи сипеҳр
Кашад кабодаи пасхезияш ба душворӣ.
Басо савори тақаддусрикоби арсаи ҷаҳд,
Ки дода нафси ҳарунро инони раҳворӣ.
Басо нигор, ки ёди табассумаш резад
Ба синаҳо чамане аз ҷароҳати корӣ.
Басо муғаннии ҳайратнавои сеҳроҳанг,
Ки Зуҳраро написандад ба нағмаашъорӣ.
Басо насим фусуне, ки ҳар нафас заданаш
Бурида ғунчасифат кисаҳо зи таррорӣ,
Басо фиребкалиме, ки чун шаб аз сари чарх
Рабояд афсари хуршедро ба айёрӣ.
Басо суханвари рангинадои ширинкор,
Ки сомиъа кунад аз ҳанзалаш шакархорӣ.
Басо мусаввири беҳзоднақши мониранг,
Ки килкаш аз раги гул карда гулшанизҳорӣ.
Басо карим, ки домони ҷудашон чу саҳоб
Кушуда даст бар офоқ дар гуҳарборӣ.
Басо ҳаким, ки дар сатҳи нуқтаи мавҳум
Дақиқааш зада сад чарх даври паргорӣ.
Басо табиб, ки ҳамчун Масеҳ дар аҳдаш
Ба гирди кӯш нагардида номи беморӣ.
Ба вақти марг ҳама бедиланду бечора,
Ки нест фурсаташон як нафас ба сархорӣ.
Ту дил бибанд ба шоҳе, ки аз камоли карам
Нахоҳадат ба чунин рӯз оҷизу музтар.

## ТАРҶЕЪБАНД

Мо ҳарифони базми асрорем,
Масти ҷоми шуҳуди дидорем.
Ҷӯши баҳри муҳити лоҳутем,
Файзи субҳи ҷаҳони анворем.
Асару феъли Ҳақ зи мо пайдост,
Бегумон, арзи сирри изҳорем.
Ҷилвафармост Ҳақ ба кисвати мо,
Лоҷарам, турфа рангҳо дорем.
Гоҳ ҷомему гоҳ бодаи ноб,
Гоҳ соқию гоҳ хамморем.
Гоҳ Маҷнуну гоҳ ҷавҳари ҳуш,
Гоҳ мастему гоҳ ҳушёрем.
Гоҳ мамнуни корҳои худем,
Гоҳ аз феъли хеш безорем.
Гоҳ аз хеш рафта чун селоб,
Гоҳ тамкинбино чу куҳсорем.
Гоҳ маъмураи вуҷудеро
Ба ғизову шароб меъморем.
Гоҳ дар олами тағофули шавқ
Бениёз аз хаёли теморем[1].
Гоҳ дар дил зи холи лоларухон
Тухми савдои ишқ мекорем.
Гоҳ аз зулфи анбаринмӯён
Ба шиканҷи ҳавас гирифторем.
Ҳосили кору бори ишқу ҳавас
Ҳама аз мост, то чӣ бардорем?
Дар чаманзори олами имкон
Аз раҳи ҷисму ҷон гулу хорем.

Гоҳи лутфем мавҷи оби ҳаёт,
Дами саргармии ғазаб норем.
Барқи ишқем, шуъла механдем,
Абри шавқем, нола меборем.
Гарчи биззот[2] воҳидем ба Ҳақ,
Лек бо исму феъл бисёрем.
Шавқи мо, бо вуҷуди беранги̅,
То ба ранг ошност, гулзорем.
Куфру дин аст гуфтугӯ, в-арна
Айни тасбеҳу айни зуннорем.
Ба фузулон зи дарсгоҳи яқин
Ин ду мисраъ гувоҳ меорем,
Ки ҷаҳон нест ҷуз таҷаллии дӯст,
Ин ману мо ҳамон изофати ӯст.

**1**

Рӯзгорест, аз муҳити бақо
Ҳамчу мавҷ уфтодаем ҷудо.
Яъне аз дарси маънии итлоқ
Ҳарфи тақйид кардаем иншо.
Дар тамошогаҳи қидам будем
Фориғ аз арзи чанду чуну чаро.
Ҷӯш зад ногаҳон муҳити вуҷуд,
Мавҷи тамйизи илм шуд пайдо.
Мавҷ чун бар канори баҳр расид,
Кард зоҳир муқотири[3] асмо.
Исм суратпазири шай гардид,
Гашт ҳодис ҳақиқати ашё.
Осмонҳо падид шуд з-он мавҷ
Чун ҳубоб аз талотуми дарё.

Даври афлок шуд касофатрез[4],
То аносир падид шуд з-инҳо.
Нуру зулмат муқобили ҳам шуд,
Дод ороиши сабоҳу масо[5].
Гашт аз дод зоҳир аз аъдод,
Зидди нор обу зидди хок ҳаво.
Аз аносир ҷамод сурат баст,
Шавқ наншаст соъате аз по.
Пас табиат дар эҳтизоз[6] омад,
Аз ҷамодӣ набот ёфт намо[7].
Боз ҳайвон шуду аз ӯ инсон
Шуд мусаммо ба Одаму Ҳавво.
Кард пайдо зи навъи инсонӣ
Кофиру габру муъмину тарсо.
Ваҳдати сирф ҷӯши касрат зад,
Хомушӣ шуд бадал ба ранги садо.
Ҷилва бар ҷилва рангу бӯ ҷӯшид,
Ҳусн бепарда шуд зи ҷайби хафо.
Мумкин омад бурун зи сози вуҷуб,
Аз чӣ? Аз нағмаи тааммули мо.
Ҷуз зи ҳодис қадим рух нанамуд,
Кард аз бас хирад муояnaҳо.
Ақл ҳаргиз надошт огоҳӣ,
К-аз чӣ маҳбуси лафз шуд маъно?
Чун ба дарёи ҳайрат афтодем,
Ботини мо зи ишқ ёфт нидо,
Ки ҷаҳон нест ҷуз таҷаллии дӯст,
Ин ману мо ҳамон изофати ӯст.

**2**

Ишқ то моили баён гардид,
Ду ҷаҳон шӯхии забон гардид.
Орзу бар дари шунидан зад,
Хомушӣ рафту достон гардид.
Офтоби азал ниқоб кушуд,
Зарра ночор парфишон гардид.
Зоҳиру ботине ба ҳарф омад,
Эътибороти ҷисму ҷон гардид.
Мижаи шавқ боз кард оғӯш,
Вусъат ойинаи ҷаҳон гардид.
Сари савдоие ба гардиш рафт,
Арзи даврони осмон гардид.
Ҳирс дар табъи обу хок афсурд,
Гавҳару лаъли баҳру кон гардид.
Эътибороти пуч тӯфон кард,
Маҳмилу мавҷу каф равон гардид.
Тухм бишкасту реша сурат баст,
Реша болиду гулситон гардид.
Дашти имкон надошт дайёре[8],
Гарди авҳом корвон гардид.
Реша баръакс медавад ин ҷо,
Нафас аз оҷизӣ фиғон гардид.
То навои фано аён гардад,
Зиндагӣ сози имтиҳон гардид.
Умр гул карду доғи фурсат бурд,
Шараре пар заду ниҳон гардид.
Беқаророни шавқро чун субҳ
Боли парвоз ошён гардид.

Хуни шавқе бар остони ниёз
Хок гашту чаман аён гардид.
Шавқи дидор шуд далели талаб,
Ашк пеш аз нигаҳ равон гардид.
Нола болид дар ҳавои қаде
Сарви гулзори бенишон гардид.
Ашк ҳам дар қафои бетобӣ
Рафт ҷое, ки дил тавон гардид.
На хазон ҷилвагар шуду на баҳор
Ин қадар ранги булбулон гардид.
Ғайри ин маънӣ ошкор нашуд,
То яқин фориғ аз гумон гардид,
Ки ҷаҳон нест ҷуз таҷаллии дӯст,
Ин ману мо ҳамон изофати ӯст.

**3**

Мавҷ пӯшид рӯи дарёро,
Парда аз исм шуд мусамморо[9].
Нест ҷуз исм боли парвозаш,
Фаҳм кун ошёни анқоро.
Ҷилваҳои ҷамоли берангӣ
Такупӯ дод ҷони ашёро.
Исмати ҳусни Юсуфе зада чок
Ҷайби номуси сад Зулайхоро.
Зоти фориғ зи эътибори зуҳур
Муътабарҷилва сохт асморо.
Зарра ин ҷо ба ҳар замингирӣ
Чашмакӣ мезанад Сурайёро.
Мекунад дуде аз нафас зоҳир,
То диҳад арза доғи дилҳоро.

Мекашад тарфе аз ниқоби саҳар,
То кунад синачок дунёро.
Аз насими баҳор кард аён
Нафаси муъҷизи Масеҳоро.
Менамояд зи шохи ҳар гулбун
Шамъи асрори дасти Мӯсоро.
Шавқ ҳайрон, ки бо чунин изҳор
Чӣ ниҳонест ошкороро.
Дар дили лолаи чаман охир
Кӣ ниҳодаст доғи савдоро?
Сирри ҳайрат ба гӯши кӯҳ кӣ гуфт,
К-аз ҷигар хун чакид хороро?
Ҷода ҳар сӯ кушудааст оғӯш,
Кӣ даридаст ҷайби саҳроро?
З-ин ҳама ҷилваи ҷунунпаймо
Сӯхт ҳайрат нигоҳи биноро.
Шуълаи дил зи чашми тар наншаст,
Абр наншонд ҷӯши дарёро.
Қулқули бодаи қиёматҷӯш
Ҳама тан нола кард миноро.
Огаҳӣ мезанад чу ойина
Муҳр бар лаб забони гӯёро.
Қуфли ганҷи дил аст хомӯшӣ,
Аз садаф пурс ин муамморо.
Бедил, ар воқифӣ зи рамзи яқин,
Тарк кун қиссаи ману моро,
Ки ҷаҳон нест ҷуз таҷаллии дӯст,
Ин ману мо ҳамон изофати ӯст.

## 4

Магзар аз сайри олами асрор,
То шавӣ маҳрами ҳақиқати кор.
Чанд андешаи зану фарзанд?
Моя ҳеч асту роҳзан бисёр.
Гар надорӣ зи даҳр пои гурез,
Дасте аз домани ҷаҳон бардор.
Эй ҳубоб, ин қадар чӣ менолӣ?
Шарме аз гирудори хеш бидор,
Ки ба як дам задан ҳарифи аҷал
Аз сарат баркашидааст димор.
Гар ҳама бар фалак равӣ чу саҳоб
Қатраашке шаву ба хок бибор.
Манъи ҷавлони аҷз натвон кард,
Соя бар кӯҳ меравад ҳамвор.
То нагардӣ хиҷил зи рӯи адам,
Зиндагиро ба ҷуз фано машмор.
Меравад субҳу медиҳад овоз,
Ки ба роҳи ту зиндагист ғубор.
То ба кай мустаор[10] бояд зист?
Ҳар чӣ дорӣ, бирав, ба Ҳақ биспор.
Ҷаҳд кун, то ба худ занӣ оташ,
Нест шамъе дигар дар ин шаби тор.
Муддао з-ин фусуни яъс он аст,
Ки ту аз хеш бигзарӣ ночор.
Чист аз хештан гузаштани ту?
Яъне аз ваҳми ҳастию пиндор.
Рафъи зулмат ҳузури хуршед аст,
Нур боқист, чун намонад нор.

Нафйи ботил субуту ҳақ дорад,
Ҳама айш аст, чун равад озор.
То наӣ восили баҳори яқин,
Айш ранҷ асту гулшанат ҳама хор.
Чун расидӣ ба нашъаи тавҳид,
Хоҳ мастӣ гузину хоҳ хумор.
Аҷз шав, то расӣ ба илми ғурур,
Бош маҷбур, то шавӣ мухтор.
Эй хуш он дам, ки бениёз шавад
Дарси огоҳии ту аз такрор,
То ба чашми шуҳуд дарёбӣ
Бе ғубори такаллуфи изҳор,
Ки ҷаҳон нест ҷуз таҷаллии дӯст,
Ин ману мо ҳамон изофати ӯст.

**5**

Ҳуш агар нашъае ба сар дорад,
Бо фалак даст дар камар дорад.
Он ки чоке ба дил расонд аз ишқ,
Чамани файзи сад саҳар дорад.
Ҳар киро доғи ҳайрате дарёфт,
Баҳри дафъи бало сипар дорад.
Нест ҷуз дарди сар натиҷаи ақл,
Бехудӣ роҳати дигар дорад.
Эй хуш он кас, ки сурмаи биниш
Аз хати ёр дар назар дорад.
Ҳамчу гирдоб метанад бар хеш,
Ҳар кӣ аз қаъри дил гуҳар дорад.
Гар амал нест, илм бори дил аст,
Кай парад моҳӣ, арчи пар дорад?

Нафси инсон дар ин чаман нахлест,
К-аз нафас арраҳо ба сар дорад.
Хирмани эътибори ҳастии мо
Дона гар дорад, аз шарар дорад.
Чӣ тамошо кунад касе, ки ҳубоб
Ҳосили умр як назар дорад?
Ҳарфи хуниндилон магӯю мапурс,
Лола сад доғу як ҷигар дорад.
Маҳви таслим бошу роҳат кун,
Соя ҷамъияти дигар дорад.
Ба тараддуд муҳит натвон шуд,
Мавҷ беҳуда дарди сар дорад.
Обрӯи муҳити офият аст,
Ҳар кӣ ойинаи гуҳар дорад.
Аҳли маънӣ тавозуъи маҳзанд,
Саркашӣ шохи бесамар дорад.
Қайди ҳастӣ далели хомиҳост,
Чӯби тар сикл[11] бештар дорад.
Чарх бар нақши айб бино нест,
Ҳалқа чашме буруни дар дорад.
Роздорон хамӯшиоҳанганд,
Хок мушкил, ки нола бардорад.
Мояи роҳат аст лаб бастан,
Ки най аз хомушӣ шакар дорад.
Сухану хомушист яксонаш,
Ҳар кӣ з-ин гуфтугӯ хабар дорад,
Ки ҷаҳон нест ҷуз таҷаллии дӯст,
Ин ману мо ҳамон изофати ӯст.

**6**

Дида умрест доғи ҳайронист,
Дил ҳамон нусхаи ҷунунхонист,
Ки ба ҳар сӯ назар кунӣ, чаман аст,
Ҳар тараф пар занӣ, гулафшонист.
Бениёзӣ баҳорҳо дорад,
Гуфтугӯ маҳви боқию фонист.
Хилваторои анҷумансозӣ
Эътибори вуҷубу имконист.
Он яке олами тағофулшавқ,
Ин дигар боғи ранггардонист.
Аз баду нек он чи дид назар,
Ҷилвагар шуд, ки ғайрбуҳтонист.
Ҳамаро сарнавишти фикри худ аст,
Зону оинадори пешонист.
Хок осуда по ба домани ноз,
Ки ҳамин ҷо баҳори раҳмонист.
Об хандон, ки баҳри роз ин ҷо
Арақолуди гармҷавлонист.
Бояд мутлақъинон, ки анқоро
Дар ҳамин ошён парафшонист.
Шуъла бепарда, к-эй назарбозон,
Кисвате нест, ҷилва урёнист.
Чарх гардон, ки чора натвон ёфт,
Завраҳи коинот тӯфонист.
Субҳ аҷзои хеш дода ба бод,
Ки нафас мояи парешонист.
Абр доманкашон, ки ҳосили даҳр
Хирманорои ашксомонист.

Гулситон ҷомадар зи шӯхии ранг,
Ки ду олам шикастпаймонист.
Шаҳру ғавғо, ки ҷилва ободист,
Дашту таскин, ки ҷумла вайронист.
Баҳр сархуш, ки муддао гуҳар аст,
Кӯҳ нозон, ки лаъли руммонист.
Ҳар як аз нусхаи ҳақиқати хеш
Сархатизҳори рози пинҳонист.
Ин қадар во шикофтан абас аст,
Гар на фикри яқин гиребонист.
Бо ҳама ҳуш маънии ин роз
То нафаҳмидаанд, нодонист,
Ки ҷаҳон нест ҷуз таҷаллии дӯст,
Ин ману мо ҳамон изофати ӯст.

**7**

Ҳеч кас рамзи ин гираҳ накшуд,
Ки чӣ ранг аст гулшани мақсуд?
Гул накард аз баҳори огоҳӣ
Ҷуз ҳамин сурху зарду сабзу кабуд.
Лек то чашм бар ҳам омадааст,
Чун хаёланд аз назар мафқуд.
Гармӣ аз миҷмари сипеҳр махоҳ,
Шуълаҳо рафтаанд пеш аз дуд.
Эътиборот маҳви якдигаранд,
Он чи кам шуд зи шаб, ба рӯз афзуд.
Дар зуҳур аст мухтафӣ[12] мазҳар,
Бо вуҷуд аст бенишон мавҷуд,
Ҳама бепарда, лек дар парда,
Ҷумла пайдо, вале бурун зи намуд.

Ин қадар олами тиҳӣ аз хеш,
Мутлақоро намуд пур зи қуюд.
Як тараф шӯри муслиму муъмин,
Тарафе гуфтугӯи габру яҳуд.
Ин яке дайрӣ, он дигар ҳарамӣ,
Ҳар якеро тасаллии маъбуд.
Охири кор аз ин ҳама савдо
На ниёз ошкор гашт, на суд.
Лозими мояест суду зиён,
Халқи бемояро чи ҳасту чи буд.
Ҳама чиданд рахту монд ҳамон
Чорсӯи зуҳури номасдуд.
Гардише буду рафтане аз хеш,
Ҳама офоқ ранг мепаймуд.
Ишқ боқию мобақӣ фонӣ,
Ин замон ку Аёзу ку Маҳмуд?
Офтоби қидам ҳамон қидам аст,
На ҳубутест дар миён, на суъуд[13].
Ҳамчу мавҷу ҳубоб аз ин дарё
Оламе ҷилва карду ҳеч набуд.
Сози девонагист ҳуш ин ҷо,
Хомушию карист гуфтушунид.
Чист дидан? Ғубори дидафиреб,
Чӣ шунидан? Хаёли ваҳмолуд.
З-ин ҳама парфишонии авҳом
Ба ҳамин ҳила метавон осуд,
Ки ҷаҳон нест ҷуз таҷаллии дӯст,
Ин ману мо ҳамон изофати ӯст.

**8**

Бехудӣ боз гармҷавлон шуд,
Оҳи афсурда шуъласомон шуд,
К-ин ҷаҳон худ надошт айби ҳудус,
Қобили туҳмат аз чӣ унвон шуд?
Гуфтам: Аз сози бениқобии мо
Он чи пӯшида буд, урён шуд.
Гашт маҳдуд бекаронии дил,
Дастгоҳи ҷиҳоту аркон шуд.
Гарди моро нафас парешон кард,
Гирудори бисоти имкон шуд.
Хок аз аҷзи мо ба ҷилва расид,
Оташ аз оҳи мо намоён шуд.
Сахт беоб буд дашти зуҳур,
Ашки мо рехтанд, уммон шуд.
Ранги мо дид, хок гулшан гашт,
Бӯи мо ёфт нестӣ, ҷон шуд.
Қатрае рехт чашми ҳайроне,
Ҳафт сайёра субҳагардон шуд.
Ёде аз печутоби мо карданд,
Зулф пайдо шуду парешон шуд.
Нақши ранги бинои мо бастанд,
Нақзи[14] аҳду шикасти паймон шуд.
Даҳр касби камоли мо мекард,
То ба ҷое расид, инсон шуд.
Аз ҷаноби суҷуди иззати мо
Он ки мардуд гашт, шайтон шуд.
Аз яқину гумони фитрати мост,
Гар касе габр ё мусулмон шуд.

Эй басо даъвие, ки охири кор
Об гашту ба хок пинҳон шуд.
Ин дам аз гуфтугӯ пушаймонист,
Ки нигаҳ маҳрами гиребон шуд.
Лофи мо шӯри ноумедии мост,
Баски ҳечем, ҳеч натвон шуд.
Шарм обе ба рӯи ҷуръат рехт,
Мушкиле аз хиҷолат осон шуд.
Сеҳр меҷӯшад аз фасонаи мо,
Гӯш бишниду чашм ҳайрон шуд.
Охири кор муждааш доданд,
То дил аз феъли худ пушаймон шуд,
Ки ҷаҳон нест ҷуз таҷаллии дӯст,
Ин ману мо ҳамон изофати ӯст.

**9**

Гарчи кавнайн масти ҷонон аст,
Майи ирфон ба ҷоми инсон аст.
Набувад ҳамтарозуи ёқут,
Сангу оҳан агарчи аз кон аст.
Мавҷу каф ҷилва мекунад, аммо
Аз гуҳар обрӯи уммон[15] аст.
Хору хас маслаҳатфурӯшиҳост,
В-арна гул равнақи гулистон аст.
Аз ақиқ аст эътибори Яман,
Лаъл сармояи Бадахшон аст.
Баҳри ин шамъ чарх фонус аст,
Баҳри ин ганҷ даҳр вайрон аст.
Дар шабистони ғафлати офоқ
Одамӣ офтоби тобон аст.

Шони занбури чархрост асал,
Ҷисми маъзури даҳрро ҷон аст.
Махзани адлу маъдани инсоф,
Манбаъи файзу баҳри эҳсон аст.
Ба ҷалол аст маънии қаҳҳор,
Дар сифоти ҷамол раҳмон аст.
Аз лабе ханда субҳи олами файз,
В-аз наме ашк абри найсон аст.
Дили софаш чӣ нақшҳо ки набаст,
Баски ойина аст, ҳайрон аст.
Дар либоси таҷаддуди амсол
Ҳамчу Ҳақ ҷилвагар ба ҳар шон аст.
Сад чаман ҷилва мекунад ба хаёл,
Ҷӯши берангияш гулафшон аст.
Гоҳ аз қаҳр чашмаи алам аст,
Гоҳ аз лутф айни дармон аст.
Гоҳ каҳл[16] аст, гоҳ пири замон,
Гаҳ ҷавон, гоҳ тифли нодон аст.
Гарчи маъмураи хирадкорист,
То ҷунун мекунад, биёбон аст.
Зери чарх аз ҷаҳон нишаста бурун,
Соҳиби хона асту меҳмон аст.
Гар ба сурат равад, гадосифат аст,
В-ар ба маънӣ расид, султон аст.
То аз ин рамз гаштаем огоҳ,
Назди мо хубу зишт яксон аст.
Ки ҷаҳон нест ҷуз таҷаллии дӯст,
Ин ману мо ҳамон изофати ӯст.

**10**

Эътибори ҳақиқати азалем,
Обу ранги баҳори ламязалем.
Ишқ ҳар ҷо ба хун тапад, болем,
Ҳусн ҳар ҷо чаман шавад, ҳулалем[17].
Шавқи мо дошт ҷилваҳо дар кор,
Илм будем, ин замон амалем.
Баҳри тартиби назми имконӣ
Чун радифу қавофии ғазалем.
Умр сарриштаи таваҷҷуҳи мост,
Гар тағофул зи худ кунем, аҷалем.
Чашм якчанд доми ҷилвагарист,
Шиша гар бишканад, паримасалем.
Мастӣ аз паҳлуи дил аст ин ҷо,
Сад харобот шиша дар бағалем.
Чун саҳар аз ғубори ваҳми нафас
Баски бар хеш чидаем, талем.
То димоғи ҳавас расо гардад,
Гавҳаророи риштаи амалем.
Кори мо з-ин бисот муфтбарист,
Бозии ранги ваҳмро шаталем[18].
Сулҳ дарси китоби ваҳдат буд,
То тараф ошкор шуд, ҷадалем.
Заҳр мепарварад тамизи сифат,
В-арна биззот чашмаи асалем.
Муддао ҳечу ин ҳама найранг,
Арзи авҳому ин қадар ҳиялем.
Ваҳм касратнамои яктоист,
Маънии воҳидему мубтазалем[19].

Сози мо қобили иқомат нест,
Нолае дар таваҳҳуми ҷабалем.
Ҳастӣ акнун ба ҷои нестӣ аст,
Адаме рафтаасту мо бадалем.
Хиҷлати эътибор агар ин аст,
Ҳар қадар зоҳирем, бемаҳалем.
Хоҳ афсона гиру гоҳ хаёл,
Ҳар чӣ ҳастем, аз ҳамин қибалем.
Гар кунӣ фаҳми гирудори зуҳур,
Чун нафас ҷаҳди ҳечмоҳасалем.
Бо ҳама эътибори сози шикаст
Ба ҳамин нукта эмин аз халалем,
Ки ҷаҳон нест ҷуз таҷаллии дӯст,
Ин ману мо ҳамон изофати ӯст.

**11**

Эй хатат ояи вафодорӣ,
Наргисаш нусхаи ситамкорӣ.
Турраи кофари ту аз кафи дил
Нақди имон барад ба таррорӣ.
Илм ҳосил намо, зи ҷаҳл гурез,
Ҷаҳл хоб асту илм бедорӣ.
Ғофил аз ҳоли худ машав, к-аз дил
Лавҳи маҳфуз дар бағал дорӣ.
Чун садаф ҷо кунӣ ба синаи баҳр,
Гавҳари дил агар ба даст орӣ.
Риштаи субҳаи дил аст нафас,
Макаш аз бедилӣ ба зуннорӣ.
Ғунчасон укдаи ту ҳал гардад,
Гар шабе ворасӣ ба хунхорӣ.

То табиби ту нест дарди талаб,
Гар Масеҳо шавӣ, ки беморӣ.
Дар харобӣ бувад иморати дил,
Сар кун аз сели ашк меъморӣ.
Нуқтаи сифр гарду бешӣ кун,
Дар камӣ хуфтааст бисёрӣ.
Ҳар кӣ сар дар раҳи талаб дорад,
Бувадаш фикри ғайр сарборӣ.
Илтифотат ба мосиво[20] з-он рӯст,
Ки дар андешаи худӣ орӣ.
Ҳеч кас монеъи хироми ту нест,
Ҳам ту дар пойи хештан хорӣ.
Рангу бӯ ҷумла сози парвоз аст,
Инаш озодию гирифторӣ.
Хоҳ ҷаннат гузину хоҳ сақар,
Ки ту дар ихтиёр мухторӣ.
Гар ба ирфон расӣ, ҳамон нурӣ,
В-ар ба ғафлат равӣ, ҳамон норӣ.
Партави офтоби ҳастии зот
Ҳаст дар ҷумлаи ҷаҳон сорӣ.
Як муҳит аст оби раҳмати ӯ,
Гашта дар ҷӯи кунфакон ҷорӣ.
Гар садоқат далели дониши туст,
Лафзро айни маъни ангорӣ.
Чун қадаҳ ҷумла чашми ҳайрон бош,
Гар аз ин бода нашъае дорӣ,
Ки ҷаҳон нест ҷуз таҷаллии дӯст,
Ин ману мо ҳамон изофати ӯст.

**12**

Чун сафои ту занг мегирад,
Оламеро ба ранг мегирад.
Имтиёзи ту баски меболад,
Сурати фахру нанг мегирад.
Фитратат аз тахайюли аздод
Тарафи сулҳу ҷанг мегирад.
Шаш ҷиҳат аз таваҳҳуми назарат
Гарди авҳоми банг мегирад.
Нуҳ фалакро ба як тааммули ту
Мижаи баста танг мегирад.
Нафаси субҳ бе таваҷҷуҳи ту
Чун дами теғ занг мегирад.
Атсаи ғунча гар ҳама тараб аст,
Эҳтирозат туфанг мегирад.
Фурсате, к-аз шитоб дорад бол,
Илтифотат диранг мегирад.
Чун туро майли орамиданҳост,
Нола тамкини санг мегирад.
Ҳар куҷо ваҳшатат қадам сояд,
Баркро узри ланг мегирад.
Чашмат он, ҷо ки аз ҳавас тарсад,
Ҳар нигаҳ сад хаданг мегирад.
Гоҳ пардози килки найрангат
Ҳарфи Чин бар Фаранг мегирад.
Гаҳ гирифторат аз гаронсанҷӣ
Бӯи гулро ба санг мегирад.
Гоҳ шавқат ба олами улфат
Шуълаinitialро гул ба чанг мегирад.

Гоҳ аз афсуни шӯхии ваҳшат
Чаманеро паланг мегирад.
Гарчи гарди хаёли ҷавлонат
Сари сад кӯча танг мегирад.
Лек зинҳор магзар аз раҳи аҷз,
Пашша ин ҷо куланг мегирад.
Охир ин шамъ аз гиребонаш
Роҳи коми наҳанг мегирад.
Акс чун сӯи шахс баргардад,
Мулки оина занг мегирад.
Хоҳ «ман» гӯю хоҳ «мо» мехон,
Аз ҳамин нағма ранг мегирад,
Ки ҷаҳон нест ҷуз таҷаллии дӯст,
Ин ману мо ҳамон изофати ӯст.

**13**

Эй ба худ ғарраи камоли қусур,
Бо ҳама қурбу аз ҳақиқат дур.
Ғайр ҷӯшидаӣ зи олами айн,
Нор гул кардаӣ зи гулшани нур.
Дил дар оғӯшу ин ҳама бедил,
Шиша дар дасту ин қадар махмур.
Пир гаштӣ ба фикру обу алаф,
Эй дилат марғзори айшу сурур.
Зиндагӣ бар сарат чӣ бор гузошт,
Ки хамидӣ чу пайкари муздур?
Осмонӣ, ба заррагӣ мағлуб,
Офтобӣ, ба соягӣ маҷбур.
Ҷумла айшию мекашӣ кулфат,
Ҳама васлию метапӣ маҳҷур.

Халқ тавзеҳу бинишат иғмоз[21],
Даҳр таҳқиқу ғафлатат манзур.
Чанд пӯшӣ либоси ранги фиреб?
Чанд бошӣ зи чашми худ мастур?
Эй биҳишти ҳақиқати азалӣ,
Хуш фусурдӣ ба фикри ҳуру қусур.
Мекунад шавқ маъние иншо,
То шавад фитратат масун[22] зи футур.
Бо ҳақиқат шабе дучор шудам
Дар фазои тарабсарои ҳузур.
Ҳайрати дил дари суоле зад,
Ки маҷозат чӣ фитна асту чӣ шӯр?
Гуфт: Моро ба ҳукми яктоӣ
Худнамоӣ фитодааст зарур,
Лек азбас ба худ назар кардем,
Шарм шуд пардадори арзи зуҳур.
Гуфтамаш: Шармат ин қадар аз кист?
Гуфт: Аз чашми эътибори шуъур.
Маънӣ ин аст, агар тавон фаҳмид,
Ишрат ин аст, агар шавӣ масрур.
З-ин маҷозе, ки дар назар дорӣ,
Ҷуз ҳақиқат мадон, чи нору чи нур.
Барг-барги баҳори имконро
Тавъам афтода бо лаби Мансур[23].
Ба ҳамин нағма улфатоҳанг аст
Тапиши коинот то дили мӯр,
Ки ҷаҳон нест ҷуз таҷаллии дӯст,
Ин ману мо ҳамон изофати ӯст.

**14**

Мулки дилро иморате дигар аст,
Лафзи ҷонро иборате дигар аст.
Ошиқонро ба хуни хеш чу захм
Бе такаллуф, таҳорате дигар аст.
Ҳамчу оина чашми орифро
Сози ҳайрат басорате дигар аст.
Дар қазои намози зоҳири мо
Фикри ботин кафорате дигар аст.
Гар худовандияст султонӣ,
Бандагӣ ҳам вазорате дигар аст.
Турро нест тоби оташи ишқ,
Ин шарарро ҳарорате дигар аст.
Дар мақоме ки нестист адаб,
Оҷизӣ ҳам ҷасорате дигар аст.
Аз сипоси адам ба кишвари мо
Ин нафас гарди ғорате дигар аст.
Булҳавас, лофи дарду ғам то чанд?
Ин матоъ аз тиҷорате дигар аст.
Рав, ба тафҳими анфусу офоқ
Ҷаҳд кун, к-ин маҳорате дигар аст.
Як нафас бе ҷиҳоди нафс мабош,
Сулҳ бо худ шарорате дигар аст.
Чӣ адоҳо, ки гул накард ин ҷо?
Зиндагӣ истиорате дигар аст.
Он ки поси нафас намедорад,
Чун ҳубобаш хасорате дигар аст.
Ҳарзагӯро кушудани лабҳо
Илтизози[24] бакорате дигар аст.

Кай барӣ лаззат аз шуҳуди яқин?
Ин нигаҳро назорате дигар аст.
Орифонро зи ҷилваҳои маҷоз
Ба ҳақиқат ишорате дигар аст.
Чун нафас дар ҳарими Каъбаи дил
Ҳар тапидан зиёрате дигар аст.
Заҳмати по агар намехоҳем,
Рафтан аз худ сафорате дигар аст.
Зарраҳоро ба чашми кам манигар,
К-ин ҳақорат ҳақорате[25] дигар аст.
Дар навои мухолифи ману ту
Ин тараннум башорате дигар аст,
Ки ҷаҳон нест ҷуз таҷаллии дӯст,
Ин ману мо ҳамон изофати ӯст.

**15**

Найи ин базм мекунад фарёд,
Ки садоему рафтаем ба бод.
Шамъ мегӯяд: Эй ҳавасрақамон,
Равшан аз сӯхтан кунед савод.
Қулқул ин ҷо чакидани хун аст,
Ин қадар шиша мекунад иршод.
Нусхаи дил тааммуле дорад,
В-арна яксар чу нолаем озод.
Аз уруҷу нузули ваҳм мапурс,
К-аз нафас нола кардаанд эҷод.
Дидаи мо ба хеш боз нашуд,
Ин гиреҳ монд бехабар зи кушод.
Ҳастӣ аз ғафлати ҳақиқати хеш
Доди афсуни бениёзӣ дод.

Чӣ фаромӯшхона аст ин ҷо,
Ки касе аз касе надорад ёд?!
Шиша дар шуғли майкашӣ комил,
Шамъ дар кори сӯхтан устод.
На дил огоҳи дидаи пурхун,
На нигаҳ маҳрами дили ношод.
Маҳви андеша асту фарши назар
Дида то дил ҳақиқати аздод.
Олам аз мо пур асту мо ҳама ҳеч,
Оинахонаест аксобод.
Ба ҳавас шуғли ҷонканӣ дорем,
Бесутун аст даҳру мо Фарҳод.
Дашт холию ҳар тараф нигарӣ,
Дона ашк асту орзу сайёд.
Аҳвал афтодааст чашми шуъур,
Ки аз ӯ ин қадар дубинӣ зод.
Дида сифр асту кори сифр ин аст,
Ки яке даҳ кунад салоҳу фасод.
Аз адам меравем сӯи адам,
Пас, кадом орзу, куҷост мурод?
Корвон ваҳм буду ноқа гумон,
Бори мо ҳам ба дӯши мо афтод.
Ғайр гул кардаему месӯзем,
Ҳеч кас доғи имтиёз мабод.
Халқе аз ваҳм метапад, аммо
Ишқи беранг мекунад фарёд,
Ки ҷаҳон нест ҷуз таҷаллии дӯст,
Ин ману мо ҳамон изофати ӯст.

## 16

Олам аз ваҳм фаҳми роз накард,
Мурд дар хобу чашм боз накард.
Саркашӣ монд дар табиати халқ,
Саҷда ороиши ниёз накард.
Табъ аз ҳар шай инфиол гузид,
Лек аз ваҳм эҳтироз[26] накард.
Кард ҳар кас видоъи хеш, аммо
Тарки асбоби ҳирсу оз накард.
Ба кашокаш гусехт рабти нафас,
Амал[27] ин риштаро дароз накард.
Нақди моро хиҷолати қалбӣ
Кард обе, ки сад гудоз накард.
Навҳа дорад ҷаҳон бар он кафи хок,
Ки ҳавоеш сарфароз накард.
Баски дар хун нишаст, дил гардид
Уқдаеро ки ишқ боз накард.
Дар муҳити таҷаддуди амсол
Мавҷ такрори ҷилва соз накард.
Гар типиш буду гар шикебоӣ,
Ҳар касе ҳар чӣ кард, боз накард.
Саҷдаи мост бе қиёму қуъуд,
Хок ҳам инчунин намоз накард.
Аз таалluқ наметавон растан,
Қатъи улфат касе ба гоз[28] накард.
Ҳусн берангу шӯхӣ ин ҳама ранг,
Он чи дил кард, ҳуққабоз накард.
Ҳеч ранге надод арзи зуҳур,
Ки нигаҳро ҷунунтироз накард.

Бетакаллуф, ҳамин ҳақиқат буд,
Ғафлат андешаи маҷоз накард.
Маънии мо ба лафз кам пардохт,
Нағмае буд, ёди соз накард.
Доғам аз вазъи бениёзии дил,
Ки ба худ ворасиду ноз накард.
Рафт халқе ба ёди ҷилва зи хеш,
Оина диду эҳтизоз накард.
Дари оинахонаи моро
Ҷуз таҳайюр касе фароз накард.
Баски аз мову ман ба ҳайрат сахт,
Ин қадар низ имтиёз накард,
Ки ҷаҳон нест ҷуз таҷаллии дӯст,
Ин ману мо ҳамон изофати ӯст.

**17**

Эй камоли ту хок зар кардан,
Яъне аз ҳақ ба худ назар кардан.
Ҳар чӣ ояд зи даст ғайр аз ишқ,
Сарфаат нест ҷуз ҳазар кардан.
Камари ҷаҳди ихтиёр мабанд,
Нест коре аз ин батар кардан.
Эътиборе далели хиҷлати туст,
Дахл дар кори муътабар кардан.
Шарм бояд зи ҷазру мадди муҳит
Мавҷро фикри хайру шар кардан.
Чанд бояд зи хиҷлати ҳастӣ
Ба ҷабин кори чашми тар кардан?
Бигзар, эй нола, аз расоии хеш,
То кай андешаи асар кардан?

Роҳи ишқ аст, кӯчаи най нест,
Бе нафас боядат гузар кардан.
Оламеро зи хеш ғофил кард
Фикри тақлиди якдигар кардан.
Хиҷлаторост шеваи тақлид,
Натавон жоларо гуҳар кардан.
З-ин ҳама корубори навмедӣ
Нола боист бештар кардан.
Осмонро ба ҳолати шаби мо
Ханда меояд аз саҳар кардан.
Фаҳми асрори ҳастии мавҳум
Роҳи норафтаест сар кардан.
Ҳарду олам ғубори хонаи туст,
Мушкил аст, аз худат сафар кардан.
Ҷазбаи шавқ агар шавад пару бол,
Сангро метавон шарар кардан.
Раҳ ба гулзори маъние дорад
Сайри ҳангомаи сувар кардан.
Баски ҷӯшид чашма, дарё шуд,
Гиря мебояд ин қадар кардан.
Лаззати хун шудан агар ин аст,
Оламеро тавон ҷигар кардан.
Сози офоқ нағмае дорад,
Чанд сомони гӯши кар кардан?
Эй ҳама ҳуш, сахт бехабарӣ,
Баъд аз ин боядат хабар кардан,
Ки ҷаҳон нест ҷуз таҷаллии дӯст,
Ин ману мо ҳамон изофати ӯст.

## 18

Ҳар кӣ зоди раҳи фано бардошт,
Пайи мақсад зи гарди мо бардошт.
Натавон гуфт бо ҳама танзеҳ
Ҳарфи беранг хат чаро бардошт?
Баски изҳори кисватороист,
Дӯши мо ҳам ҳамин ридо бардошт.
Он яке дарси хоксорӣ хонд,
Нусхаворе зи нақши по бардошт.
Дигаре бар дари руъунат зад,
Миннат аз сояи ҳумо бардошт.
Дар мақоме, ки раҳ бар оташ буд,
Зоҳиди кӯрдил асо бардошт.
Касрат аз халқ диди ваҳдат бурд,
Акс аз оинаҳо сафо бардошт.
Бо вуҷуди ғубори кулфати даҳр,
Ки дил онро ба сад ҷафо бардошт,
Саргаронӣ иловаи дигар аст,
Бояд ин борро ҷудо бардошт.
Хунук он чашми пешбин, к-имрӯз
Хок ногашта тӯтиё бардошт.
Дил зи ҳастӣ ба доғи кулфат сӯхт
Оина аз нафас чиҳо бардошт?
Чӣ тавон кард? Хиффати ҳастӣ
Орамидан зи табъи мо бардошт.
Яъне азбаски сустбунёдем,
Хоки моро нафас зи ҷо бардошт.
Кист з-ин саҷдагоҳи имконӣ,
Ки тавонад сар аз ризо бардошт.

Ҳама кас бори нисбати таслим
Аз фикандан гузошт, то бардошт.
Бори дунё кашидан осон нест,
Осмон ҳам қади дуто бардошт.
Хати паргори мо тамом хам аст,
К-интиҳо бори ибтидо бардошт.
Бигзар аз лофи мову ман, ки сипанд
Сурма гардид, то садо бардошт.
Умрҳо шавқи маърифатоҳанг
Пайи овози ошно бардошт.
Муддате маҳви мову ман будам,
Ногаҳон сози дил наво бардошт,
Ки ҷаҳон нест ҷуз таҷаллии дӯст,
Ин ману мо ҳамон изофати ӯст.

**19**

Беқарор аст килки шавқсарир,
То кунад сатри маъние таҳрир.
Қисмати дида з-ин чаман бистон,
Баҳраи гӯш аз ин наво баргир.
Толибе кард тавфи устоде,
К-эй дилат дашти маърифатнахчир,
Чӣ кунам, то дар ин тамошогоҳ
Дида аз огаҳӣ барад тавфир[29]?
То чӣ созам, к-аз ин таҳайюрсоз
Гӯш ёбад саодати баму зер?
Нафаси чангшавқ ришта гусехт
Пайи оҳанги муддаотаъбир,
Ки дар ин маҳфили ҷунуноҳанг
Ҳайрат оина мекунад занҷир.

Халқе ин ҷо зи норасоии фаҳм
Ғӯта дар дӯғ хурдааст зи шир.
Он як аз бедимоғии тамйиз
Хок мепарварад ба ҷайби абир.
Дигаре ҳамчунон зи ковиши ваҳм
Нақби кофур бурдааст ба қир.
Дар мақоме, ки рамзи беададист,
Мешуморад ҳавас қалилу касир.
Аз шуъури баҳори огоҳӣ
На ғанӣ сарфа мебарад,[30] на фақир.
Ту зи диду шуниди ғайбу шуҳуд
Накунӣ кӯрию карӣ таъмир.
Аз тамошои ҳусн агар хоҳӣ,
Бе нигаҳ нест дидаи тасвир.
В-агар аз дарси ишқ мепурсӣ,
Шамъ ҳам нест хомушитақдир.
Пас, дар ин ишратанҷуман дур аст
Пунбадаргӯш мурдан аз тадбир.
Ҳайф бошад, дар ин тарабмаҳфил
Чашми бино бувад рамадтаъсир.
Лек то имтиёз бардорӣ,
Фурсати шавқ мекунад шабгир.
Аз аён то ғубор ҳафт нигоҳ
В-аз баён то нафас ба ҳашт сафир.
Он чи дар ҷилва аст, пуч мабин,
Ҳар чӣ дар гуфтугӯст, саҳл магир.
Ки ҷаҳон нест ҷуз таҷаллии дӯст,
Ин ману мо ҳамон изофати ӯст.

**20**

Фақр бигзин, ки иззу шон бинӣ,
Хок шав, то баҳори ҷон бинӣ.
Ғунчасон чок зан гиребоне,
Хешро чанд саргарон бинӣ?
Аз фано маънии бақо дарёб,
Навбаҳорӣ, агар хазон бинӣ.
Каф чӣ донад ҳақиқати дарё?
Парда бардор, то аён бинӣ.
Чун ҳубоб ар зи худ бурун оӣ,
Баҳр дар қатраат ниҳон бинӣ.
Ғарра маншин ба ваъдаи фардо,
З-ин чӣ фаҳмидаӣ, ки он бинӣ?
Дар талаб дасту по бизан чун мавҷ,
Шояд ин баҳрро карон бинӣ.
Оина шав, ки сафҳаи худро
Пур зи нақши парирухон бинӣ.
Гар нигоҳи ту бо яқин ҷӯшад,
Ҳар чӣ хоҳад дилат, ҳамон бинӣ.
Чанд маҳбуси улфати ҷисмӣ?
Сар бурун ор, то ҷаҳон бинӣ.
Боли авҳом агар ба ҳам шиканӣ,
Аз қафас файзи ошён бинӣ.
Ҷаҳди он кун, ки дар зуҳури сифот
Ҷилваи зоти бенишон бинӣ.
Сурмаи биниш ар кунӣ ҳосил,
Нақши он сӯи осмон бинӣ.
Сӯи иқлими қудс аз анфос
Корвонҳои дил равон бинӣ.

Қуввати шавкати сулаймонӣ
Дар дили мӯри нотавон бинӣ.
Ворасӣ бар назокати асрор,
Яъне аз реша гулситон бинӣ.
Хокро мағзи роз пиндорӣ,
Чархро мушти устухон бинӣ.
Сифати илтифоти раҳмонӣ
Дар мулоқоти дӯстон бинӣ.
Партави ҳусни дӯст ҷилва кунад,
Гар ҳама рӯи душманон бинӣ.
Сахт дар хоби ғафлатӣ, Бедил,
Дида бикшой, то аён бинӣ,
Ки ҷаҳон нест ҷуз таҷаллии дӯст,
Ин ману мо ҳамон изофати ӯст.

**21**

Оҳ, аз доми ишқ рам кардем,
Хешро ғофил аз адам кардем.
Дил, ки шамъи ҳарими ваҳдат буд,
Доғи бутхонаву ҳарам кардем.
Хатти захме нашуд насиби ҷигар,
Нусхаҳои ҳавас рақам кардем.
Доғи ишқе ба сина мебоист,
Бехабар киса пурдирам кардем.
Зинати мо ба ашки гулгун буд,
Сурхии талъат аз бақам кардем.
Нанавиштем нуқтаи ашке,
Мижаҳоро абас қалам кардем.
Талаб аз хеш рафтане мехост,
Тая бар тоқати қадам кардем.

Хомушӣ дошт нағмаи таҳқиқ,
То нафас вақфи зеру бам кардем.
Муддао буд оҳи дардолуд,
Хоҳиши парчаму алам кардем.
Муддати васл дар фироқ гузашт,
Шаҳд дар коми хеш сам кардем.
Нағма бепарда буду ҷилва аён,
Чашм бастему гӯш асам[31] кардем.
Мутлақ аз ҷаҳли мо муқайяд шуд,
Бар самад тухмати санам кардем.
Умр гардид сарфи бедардӣ,
Ғам фузудему нола кам кардем.
Пир гаштему тоқат аз каф рафт,
Пайкаре бе суҷуд хам кардем.
Нуктае гуфт дӯш доное,
Ки шунидан ба нола зам кардем,
Яъне оина шуд яқин, к-аз ҷаҳл
Ҳар чӣ кардем мо, ситам кардем.
Фурсати гиря рафта буд аз даст,
Дида дарёву ашк нам кардем.
Доғи умри гузаштадарғафлат
Тоза аз шуълаҳои ғам кардем.
Боре аз дарди яъсу шавқи умед
Шод гаштему гиря ҳам кардем.
Охир он лафзи маънии ҳайрат
То ту бовар кунӣ, рақам кардем,
Ки ҷаҳон нест ҷуз таҷаллии дӯст,
Ин ману мо ҳамон изофати ӯст.

## 22

Бирав, эй шамъ, бо гудоз бисоз,
Ки дар ин базм чашм кардӣ боз.
Охири кор ҷуз дурудан нест,
Тухмро гар дамидан аст оғоз.
Гар ҳама чашми ҳайрат аст ин ҷо,
Ҳар чӣ шуд боз, кардан аст фароз.
Хона охир ба руфтурӯб равад
Ҳамчу миръоти куҳна аз пардоз.
Ту ҳам, эй шавқ, то равӣ аз хеш,
Як-ду майдон чу ашку оҳ битоз.
То барои ниёз, яъне хок,
Эй ғururат далели аҷз, биноз.
Баду неки ҷаҳони аҷзу ғурур
Шуд зи паҳлӯи якдигар мумтоз.
Қудрати ин зи аҷзи он зоҳир,
Хас бувад шуъларо пари парвоз.
Ғолиб афтод бод бар кафи хок,
Саркашиҳош шуд ғубортироз.
Хира гардид ғолиб аз мағлуб,
Аз кабӯтар дамид ҷуръати боз.
Лек пеши ҳақиқати ғолиб
Як шикаст аст ҷумла ранги маҷоз.
Ин замон кист, то диҳад тафриқ
Гили Маҳмудро зи хоки Аёз?
Селро, то ба баҳр пайвандад,
Чорае нест аз нишебу фароз.
Манзилиншокун аст ҷодаи мо,
Умри кӯшиш чи кӯтаҳу чи дароз.

Нестӣ сахт ғолиб аст ин ҷо,
Намак аз об меравад ба гудоз.
Чи ғуруру чи аҷз, ҳамворист,
Дар ҳақиқат куҷост нозу ниёз?
Гар ба таҳқиқи мавҷ пардозӣ,
Шавқи дарёст печутобандоз.
Баски дорад ҳубоб шарми зуҳур,
Об мегардад аз ниҳуфтани роз.
Чун шарар, то абас хиҷил нашавӣ,
Беҳ, ки чашмат ба худ нагардад боз.
Бе зуҳури хазон гули ин боғ
Медиҳад аз шикасти ранг овоз,
Ки ҷаҳон нест ҷуз таҷаллии дӯст,
Ин ману мо ҳамон изофати ӯст.

**23**

Чун хуми май диле, ки дар ҷӯш аст,
Муҳр бар лаб ниҳода, хомӯш аст.
Синааш махзани гуҳар бошад,
Чун садаф ҳар кӣ сарбасар гӯш аст.
Дайру ноқусу Каъбаву лаббайк
Сози олам «бинол»-у «бихрӯш!» аст.
Чарх аз оҳи ноумедии мо
Ҳама шаб то саҳар сияҳпӯш аст.
Бе ғаме нест, ҳар кӣ дил дорад,
Ҷарас ин ҷо ба нола ҳамдӯш аст.
Пеши рӯбоҳбозии айём
Фикри мо ҷумла хоби харгӯш аст.
З-ин тилисми хаёли аҷзу ғурур
На амир огаҳу на човуш[32] аст.

Мақсади ҳеч кас нашуд маълум,
Нақши ин сафҳа сахт мағшуш аст.
Лек дар пухтани хаёлу ҳавас
Халқ чун деги лола дар ҷӯш аст.
Шабнам аз чашми бенигаҳ ҳама шаб
Бо арӯсони гул ҳамоғӯш аст.
Дар бисоти чаман зи махмали ваҳм
Сабзаро фарши хоб бар дӯш аст.
Шохи гул дар ҳавои олами ранг
Аз майи рақси ваҳм мадҳуш аст.
Ғунча ҷоми ҳавас чаро накашад?
Шишаворе дилаш дар оғӯш аст.
Он яке дар хурӯш чун кухсор
Дигаре ҳамчу дашт хомӯш аст.
В-он дигар ҳамчу бӯи пардаи гул
Бо ҳама болу пар адабкӯш аст.
Ташнагони майи шаҳодатро
Дар дами теғ чашмаи нӯш аст.
Даҳр хумхонаест, к-андар вай
Ҳар кас аз нашъае қадаҳнӯш аст.
Ғаму шодӣ гузаштане дорад,
Имшаби ҳар кӣ бингарӣ, дӯш аст.
Ошиқонро ба базми маҳвият
Ҷилваи неку бад фаромӯш аст.
Ҷуз бар ин нукта гӯш нагзорад,
Ҳар кӣ имрӯз соҳиби ҳуш аст,
Ки ҷаҳон нест ҷуз таҷаллии дӯст,
Ин ману мо ҳамон изофати ӯст.

## 24

Бедилоне ки маҳрами ӯянд,
Шаш ҷиҳат нозиранду яксӯянд.
Гар баҳоранд, дар ҳамон чамананд,
В-ар ғуборанд, ҳам дар он кӯянд.
Бе ғаму шодии вуҷуду адам
Аз ҷунунзори шавқ мерӯянд.
Карам аз зоташон ба худ болад,
Баски дарёдилони ҳаққхӯянд.
Адл нозад ба сози тинаташон,
Баски санҷидагитарозуянд.
Бе нафас чун хаёл меболанд,
Бе қадам чун ғубор мепӯянд.
Дар замингирии тариқи суҷуд
Ҳамчу таслим сахтбозуянд.
Дӯст доранд чашми гирёнро,
Бештар сарви ин лаби ҷӯянд.
Аҷзашон баски тавъами ноз аст,
Аршхонони лавҳи зонуянд.
Ҳар чӣ ҳар ҷо ба ҷилва меояд,
Арзи сомони шӯхии ӯянд,
Яъне осори офариниშро
Якқалам пушту рӯю паҳлӯянд.
З-ин тамошогаҳи зуҳурфиреб
Чун тағофул кунанд, абрӯянд.
Дилбаре то ба ёдашон гузарад,
Ҳар сари мӯ каманди гесӯянд.
Гардиши рангашон ҷаҳонорост,
Дар кафи сунъ хомаи мӯянд.

З-ин бақо ҷуз фано намехоҳанд,
З-ин чаман ҷуз хазон намеҷӯянд.
Аз арақрезии ҳаёи зуҳур
Рӯзаке чанд ранг мешӯянд.
Чашм то боз кардаӣ, ранганд,
Мижа то бар ҳам оварӣ, бӯянд.
Ба адое рамидаанд аз хеш,
Ки бурун аз хаёли оҳуянд.
Аз куҷоянд ин парисифатон?
Аз ҷаҳони ҳақиқати ҳуянд.
Ҳамаро дидаанду мебинанд,
Ҳама ҷо гуфтаанду мегӯянд,
Ки ҷаҳон нест ҷуз таҷаллии дӯст,
Ин ману мо ҳамон изофати ӯст.

**25**

Гар ҳудус аст в-ар қидам, моем,
Бе каму кайф, кайфу кам моем.
Фурсати ишратему неъмати васл,
Он чи гӯянд муғтанам, моем.
Маҳфили эътибори имконро
На нишот асту не алам, моем.
Гар дил осуд, роҳат аз мо дошт,
В-ар табиат рамид, рам моем.
Хок паҳн аст, лек мо фаршем,
Чарх дорад хамею хам моем.
Сози офоқ ҷумла хомӯш аст,
Ин қадар шӯри зеру бам моем.
Ғайб арзи шаҳодат аст ин ҷо,
Ҳастии зоҳир аз адам моем.

Гардиши ранг пур басомон аст,
Ҳар кӣ аз худ равад, қадам моем.
Гар нафас пар занад, тапиш аз мост,
В-ар диле хун шавад, ситам моем.
Баҳри имкон зи инфиъоли зуҳур
Араќе кардаасту нам моем.
Сарнавишти румузи ҳарду ҷаҳон
Гар касе мекунад рақам, моем.
Лавҳи дилро, ки мовуманрақам аст,
Эй зи мо бехабар, қалам моем.
Ба хумори хаёли дур марав,
Ҷоми маънӣ дил асту Ҷам моем.
Муддао айшу айш ғайре нест,
Эҳтироз аз ғам асту ғам моем.
Сулҳ кардаст зиндагӣ ба фано,
То ба ҳукми яқин ҳакам моем.
Абри таҳқиқ файз меборад,
Оламе соилу карам моем.
Ишқ агар пойеву саре дорад,
Ба саропойи худ қасам, моем.
Ақлу ҳис чашму гӯш, ҷону ҷасад
Ҳама ишқ аст, муттаҳам моем.
Ҷамъи мо фарду фарди мо ҷамъ аст,
Ҳар куҷо бишнавӣ «манам», моем.
Гарчи ваҳму гумон баёнии мост,
Соҳиби ин калом ҳам моем,
Ки ҷаҳон нест ҷуз таҷаллии дӯст,
Ин ману мо ҳамон изофати ӯст.

**26**

Кас чӣ гӯяд дар ин тилисми хаёл?
Ки таҳайюр гирифта роҳи мақол.
Роз бепардаву баён маъзур,
Ҳусн шӯху забони оина лол.
Эй тарошида нисбати мазҳар,
Даври айнияташ намонд, бинол.
Оина гар ҳама ҳузур шавад,
Нанамояд зи шахс ҷуз тимсол.
Эътиборот сахт роҳзан аст,
Нахлро дона гаштан аст муҳол.
Маҳви парвозию намедонӣ,
К-ошён нест ҷуз шикастани бол.
Дар тариқе, ки Хизри таслим аст,
Фикри кӯшиш хатост, ҷаҳд вабол.
То хаёли ту доми сайёдест,
Ҳам дар андеша ҷастааст ғазол.
То ту бар илми худ гумон дорӣ,
Хомушӣ низ ҳарза аст чу фол.
Гуфтугӯ нест, шарҳи хиҷлати туст,
Хоҳ тафсил гиру хоҳ иҷмол.
Гар бигӯӣ зи худ, чӣ хоҳӣ гуфт?
В-ар зи Ҳақ, фаҳми Ҳақ кирост маҷол?
Пас сухан ғайри ҳарзанолӣ нест,
Лаб фурӯ банд аз ин ҷавобу суол.
Шуъласон корвони даъворо
Оташ афтодааст дар дунбол.
Аввал исботи ҳастии худ кун,
Баъд аз он бар хаёли хеш бибол.

Он ки нафяш далели исбот аст,
Чӣ намояд? Тавaҳҳуми афъол.
Аблаҳе дар тасаввури оташ
Мезад аз бехудӣ пуфе ба зугол.
Оқиле гуфт: Агар шуъур ин аст,
Метавон сӯхт оламе ба хаёл.
Мақсад он аст, к-аз иродаи пуч
Набарӣ заҳмати ҳусули камол.
Маърифат ҷоҳилист, ибрат гир,
Огаҳӣ ғафлат аст, чашм бимол.
Бо ҳама хомушию гӯёӣ
Беҳ аз ин фикр нест дар ҳама ҳол,
Ки ҷаҳон нест ҷуз таҷаллии дӯст,
Ин ману мо ҳамон изофати ӯст.

**27**

Шаб зи мову мани хавосу авом
Гармие дошт маҷлиси авҳом.
Шамъ яксар димоғсӯзиҳо,
Бодҳо якқалам тасаввури хом.
Зоҳид аз гуфтугӯи боғи биҳишт
Доғи гулчинии хулуди давом.
Воиз аз зикри тавбакориҳо
Ба баду нек инфиъолпаём.
Қозию мабҳаси талоқу никоҳ,
Муфтию диққати ҳалолу ҳаром.
Ҳарфи шоҳон кулоҳу тахту ҳашам,
Зикри дарвеш далқу обу таом.
Шуғли олим ба рӯи ҳам ҷастан,
Дарси фозил ба якдигар илзом[33].

Он яке қоили уқулу нуфус,
В-он дигар маҳви унсуру аҷром.
Кофиру ғулғули буту ноқус,
Муъмину шуҳрати салоту сиём.
Шайху аммомаву маҳосину фаш,
Ки бузургист дар ҳамин андом.
Ҳушёру хурӯши сад тадбир,
Масту хамёзаеву ҳасрати ҷом.
Тифлу ишратнавоии оғоз,
Пиру кулфатбаёнии анҷом.
Шишаи ҳусну қулқули майи ноз,
Ҷоми ишқу шикасти дил пайғом.
Ҳар як алқисса дар ҷаҳони хаёл
Рафта буд аз худу набудаш гом.
Ҳама мағрури хешу ғофил аз ин,
Ки надоранд аз ину он ҷуз ном.
Мушти хокест парфишон ба ҳаво,
Хоҳ парвоз гӯю хоҳ хиром.
Он ҳаво чист? Печутоби нафас,
Ки ҷаҳонро кашидааст ба дом.
Чун нафас қатъ шуд, ғубор нишаст,
Рақси ваҳму хаёл гашт тамом.
Ҳама ашканд бар сари мижгон,
Ҷумла таштанд, лек бар лаби бом[34].
З-ин хама гуфтугӯи ҳушгудоз
Ҳайрат охир намуд хатми калом,
Ки ҷаҳон нест ҷуз таҷаллии дӯст,
Ин ману мо ҳамон изофати ӯст.

## 28

Эй ҳама ҷисм, андаке ҷон бош,
Сахт афсурдаӣ, парафшон бош.
Ҳарфи дард ошёни мавзунист,
Нола шав, зикри андалебон бош.
Гӯ, ба фарёди кас касе нарасад,
Зиндагӣ бекасист, нолон бош.
Даъвии ишқ кардаӣ, хун шав,
Ганҷи беранҷ нест, вайрон бош.
Бе фано сайри айш натвон кард,
Дар худ оташ зану чароғон бош.
Нестӣ хатми нашъаи ҳастист,
Ҳар чӣ бошӣ, ба хок яксон бош.
Ҳарзатози нигоҳ натвон зист,
Гар тавон чашм гашт, ҳайрон бош.
Шуҳратат боди офате дорад,
Гар чароғӣ, ба зери домон бош.
Ҳарду олам туӣ, чу нест шавӣ,
Эй ҳама ошкор, пинҳон бош.
Навбаҳорат ҳузури беранг аст,
Рангҳо бишкану гулистон бош.
Маънии машраби фано дарёб,
Ҳайрати кофиру мусулмон бош.
Риштаи сози шавқ бегираҳ аст,
Нолае фориғ аз найистон бош.
Аҷзи зоҳир шукӯҳи ботини туст,
Дар дили мӯри худ Сулаймон бош.
Ту диле ҷамъ кун ба забти нафас,
Гӯ, ғубори ҷаҳон парешон бош.

Ғунчаҳо ҷома медаранд имрӯз,
К-эй зи дил бехабар, гиребон бош.
Кисвати шарм ғайри ҳастӣ нест,
Чашме аз худ бипӯш, урён бош.
Ҳама таҳсили ҳосил[35] аст ин ҷо,
Толиби он чи ёфт натвон, бош.
Шарм дор аз гаронбаҳоии хеш,
Ҳар қадар меҳаранд, арзон бош.
Зотӣ, эй бехабар, сифот куҷост?
Мавҷу каф гуфтугӯст, уммон бош.
То баҳорат ғами хазон накашад,
Ин қадар ёд гиру нозон бош,
Ки ҷаҳон нест ҷуз таҷаллии дӯст,
Ин ману мо ҳамон изофати ӯст.

**29**

Ғайб чашми тааммуле во кард,
Эътибори шуҳуд иншо кард.
Яъне аз баҳри[36]арсаи асрор
Ҷунбише дар хаёл пайдо кард.
Баски бетоб шуд тапидани шавқ,
Қатрахуне ба дил муҳайё кард.
Хун зи бетоқатӣ ба ҷӯш омад.
То ба ҳадде, ки сози аъзо кард.
Дасту пову забону дидаву гӯш
Дастгоҳи зуҳури асмо кард.
Обу ранги маротиби қудрат
Он чи дар кор дошт, якҷо кард.
То камоли қидам аён гардад,
Ин қадар ҷилва ҳам дар ихфо кард.

Сурате баст дар машимаи[37] роз,
Ногаҳонаш ба зоҳир имо кард.
Лафз гул кард маънии найранг,
Шӯхии ҷилва ин тақозо кард.
Гуле омад бурун ба найранге,
Ки ҷаҳонаш чамантамошо кард.
Он гули рози андалебоҳанг
Турфа минқори ҳайрате во кард,
К-аз назокат ба оҷизӣ пардохт,
Одамӣ номи ин муаммо кард.
Шахси хомӯши бемануморо
Ба забоне ки хост, гӯё кард.
Рӯзгоре ба нотавонӣ сохт,
Муддате бо ғурур савдо кард.
Тифлию пирию шабоб намуд,
Шахси мавҳумро мусаммо кард.
Ҳар куҷо аз маҷоз хонд сабақ,
Номи эҳсос ҷилвaашё кард.
Аз ҳақиқат агар баён фармуд,
Ҳарфи симурғу зикри анқо кард.
Гоҳ аз ноз, яъне аз худ гуфт,
Гоҳ бо аҷз нисбати мо кард.
Аҷз кайфияти сифот омад,
Ноз асрори зот имло кард.
Мову ман хонду рангҳо гардонд,
Рафту ин маънӣ ошкоро кард,
Ки ҷаҳон нест ҷуз таҷаллии дӯст,
Ин ману мо ҳамон изофати ӯст.

**30**

Эй ғуборат гузашта аз Парвин,
Чанд бошӣ ғубори рӯи замин?
Офтобӣ, ба рафъи зулмат кӯш,
Осмонӣ, ба зери по манишин.
Накди ишқӣ, марав ба байъи ҳавас,
Нури ҳушӣ, бисоти ваҳм мачин.
Пойбанди тилисми хок мабош,
Ки нафас нест он қадар сангин.
Дашти имкон зи партават Айман[38],
Боғи даҳр аз гули ту хулди барин.
Чашми ишқ аз таҷаллият равшан,
Коми ҳусн аз табассумат шакарин.
Тобеъи ишрати ту шому саҳар,
Муддати ҷилваат шуҳуру синин[39].
Рӯзу шаб осмони олиқадр
Ба ҳавои ту дар тавофи замин.
Партави офтоби оламтоб
Суда дар пои сояи ту ҷабин.
Зиндагӣ бо тавағҷуҳат тавъам,
Нестӣ аз тағофулат гулчин.
Шарҳи инкори ту нуқуши камол,
Матни иқрори ту улуми яқин.
Лутфи ту мояи баҳори карам,
Хулқат оинаи ҳақиқати дин.
Баҳри таҳқиқи мусҳафи қадрат
Ҳам вуҷуди ту оятест мубин.
Ҳар чӣ дорад замона аз каҷу рост,
Ҳаст аз бозият руху фарзин.

Ҳосили муддаои роз туӣ,
Эй дуоҳои халқро омин.
Ҳарфе аз дарси ишқ мегӯям,
Натавон ёфт маъние беҳ аз ин.
Такупӯ дошт кофу нун[40], ки ҳанӯз
Нагиирифта таранги ӯ таскин.
Чун шудӣ маҳрам ин ҳақиқатро,
Пас, чи мову чи ман, чи ону чи ин.
Бе сухан ҳар чӣ ҳаст, макшуф аст,
Накашад ҳуш миннати талқин.
Гӯш агар соз кардаӣ, бишунав,
Чашм агар боз гаштааст, бибин,
Ки ҷаҳон нест ҷуз таҷаллии дӯст,
Ин ману мо ҳамон изофати ӯст.

**31**

Сайри ҷайбе, ки анҷуман ин аст,
Ғунча бояд шудан, ҷаман ин аст.
Ҳайрат оинадори ҷилваи туст,
Шамъи таҳқиқию лаган ин аст.
Ҷисм шуд ҷони пок дар назарат,
Асари сеҳри ваҳму зан ин аст.
Нест як мӯят аз тамиз тиҳӣ,
Ҷон кадом аст, агар бадан ин аст?
Мехалад шӯхият ба дидаи хеш,
Ранги таҳқиқро шикан ин аст.
Дар латофат ҳариркориҳост,
Ба касофат матан, хашан[41] ин аст.
Эй нафасмоя, беҳисоб матоз,
Ресмонбозию расан ин аст.

Боядат рафт чун саҳар бар бод,
Хатми кори нафас задан ин аст.
Зиндагонию завқи осудан?
Боиси кулфату миҳан[42] ин аст.
Корвон нола дорад аз манзил,
Ки ба роҳему роҳзан ин аст.
Ғунча дорад забони асроре,
Гар сухан вокашӣ, даҳан ин аст.
Хок мегӯяд: Эй ғарибхаёл,
Ба куҷо меравӣ? Ватан ин аст.
Хатти паргор ҷода аст ин ҷо,
Рафта мегӯяд, омадан ин аст.
Анҷуман сахт ғофил аст аз хеш,
Шамъро доғи сӯхтан ин аст.
Хок гарду баҳори ҷон дарёб,
Сайри насрину настаран ин аст.
Чашме аз хеш боядат пӯшид,
Куштаи ваҳмию кафан ин аст.
Бода шуд току нашъаҳо дарёфт,
Ранги минои хун шудан ин аст.
Сояро фикри офтоб хатост,
Гум шав аз хеш, ёфтан ин аст.
Оламе доғи хомушӣ гардид,
Гули найранги мову ман ин аст.
Бе нафас боядат нафас пардохт,
Эй хамӯшисухан, сухан ин аст,
Ки ҷаҳон нест ҷуз таҷаллии дӯст,
Ин ману мо ҳамон изофати ӯст.

**32**

Эй дилат манзари таҷаллии шоҳ,
Дидаат маркази уруҷи нигоҳ.
Зарраи меҳри маъният хуршед,
Партаве аз ҷабини рози ту моҳ.
Дар тамошои ҷилваат шабу рӯз
Чарх якчашм аз ин сафеду сиёҳ.
Ботинат ишқро ҳуҷумобод,
Зоҳират ҳуснро тамошогоҳ.
Аз ту ҷӯшид маънии кавнайн,
Ҳамчу таҳқиқ аз дили огоҳ.
Эҳтизози[43] дилат кунад иқрор,
Ки кашад ханда аз лабат ду гувоҳ.
Дард дар парда мекунад иншо
Завқи гул карданат ба кисвати оҳ.
Арақе к-аз ҷабинат орад шарм,
Ҳам ту дорӣ дар инфиол шиноҳ.
Гаҳ хатоят ғубори кулфати дил,
Гаҳ савобат далели шукри Илоҳ.
Ҷурм он маъние, ки напсандӣ,
Некият он ҳақиқати дилхоҳ.
Эй муъаммои ҳардуоламном,
Ҳама розӣ, вале ба ин афвоҳ[44].
Касратеро, ки дар назар дорӣ,
Нест ҷуз шӯхии ғубори нигоҳ.
Қадам аз хеш нониҳода бурун
Ҳаст дар хона оламе гумроҳ.
Аҷз машмар шикасти кори ҷаҳон,
Бениёзӣ шикастааст кулоҳ.

Ғайри мавҷуд нест, ғафлати туст,
Гар ту ғофил шавӣ, кирост гуноҳ?
Эй ҳама ҷустуҷӯ, ба манзили хеш
Нарасидию рӯз шуд бегоҳ.
Ман ҳам аз гуфтугӯи имконӣ
Муддате чун ту доштам икроҳ[45].
Нола як укда хомушӣ мехост,
То шавад риштаи тапиш кӯтоҳ.
Аз дабистони ғулғули офоқ
Бурда будам ба ҷайби аҷз паноҳ,
Охир аз сафҳаи яқин хондам
Маънии ло илоҳа иллаллоҳ,
Ки ҷаҳон нест ҷуз таҷаллии дӯст,
Ин ману мо ҳамон изофати ӯст.

**33**

Бедило, гар ту соҳиби рой[46],
Фаҳм кун, то чӣ ранг пайдоӣ?
Аз аносир бинои зоҳири туст,
Гарчи ту поктар аз инҳоӣ.
Лек ҳаст ихтилотро асаре,
Ки муҳол аст аз он шикебоӣ.
Гоҳ чун хоки тираӣ маҷҳул,
Гоҳ чун шуъла фитраторойӣ.
Гоҳ чун об дар каманди худӣ,
Гоҳ чун бод бесарупоӣ.
Гоҳ макрӯҳию гаҳе матбӯъ,
Масдари кори зишту зебоӣ.
Гоҳ маҳкуми табъи хештанӣ,
Гоҳ баръакс корфармоӣ.

Гоҳ мазруфу гоҳ зарфи хаёл,
Гоҳ саҳбову гоҳ миноӣ.
Гоҳ аз имрӯз низ бехабарӣ,
Гоҳ ҳайрони фикри фардоӣ.
Бениёзист ин, на сурати аҷз,
Ки ба сад ранг ҷилвапероӣ.
Гар самеъ асту гар басир, туӣ,
Ҳам ту донову ҳам ту биноӣ.
Аз ту сар зад саноеъи офоқ,
Филҳақиқат агарчи танҳоӣ.
Санъатат бениҳоят афтодаст,
То чӣ олам зи худ биёроӣ.
Чашме аз худ бипӯш ҳамчу ҳубоб,
То шавад ҷилвагар, ки дарёӣ.
Яъне аз ваҳми ину он бигзар,
Эй сазовори он чи, мешоӣ.
«Ман араф нафсаҳу»[47] далелат бас,
То бидонӣ, ки зоти яктоӣ.
Хешро гар шинохтӣ, якчанд
Сар баровар зи ҷайби шайдоӣ,
Ки муҳол аст ҷуз ба саъйи ҷунун
Рафъи ваҳми сифоту асмоӣ.
Пас, хамӯшӣ гузину фориғ бош,
Ки ҳамин аст ҳадди доноӣ.
Шӯхии мову ман зи ғафлати туст,
Бо кӣ месанҷӣ ин манумоӣ,
Ки ҷаҳон нест ҷуз таҷаллии дӯст,
Ин ману мо ҳамон изофати ӯст.

## МУХАММАСОТ

### 1

Эй санги тарозуи виқори ту шарарҳо,
Гарди рами асбоби шукӯҳат каруфарҳо,
Мижгони фароҳамшуда андози назарҳо,
Осудагият ҷумла камингоҳи сафарҳо,
Болин ҳама чун байза пур аз ваҳшати парҳо.

Гоҳе дилат аз гарди нафас субҳкаманд аст,
Гоҳе нафас аз рақси ҳавас дуди сипанд аст.
Ваҳми ту ба ҳар ранг хаёлотписанд аст,
Ҳарчанд димоғи такутози ту баланд аст,
Гардун натавон гашт ба ин гардиши сарҳо.

Умре ба ҳавас заҳмати анфос кашидӣ,
Дар дашту дар аз ҳасрати ором давидӣ,
То рафт шабобу ба дами шайб[1] расидӣ,
Осон надамидаст зи мӯи ту сапедӣ,
Лекин ту наӣ маҳрами шабгири саҳарҳо.

Аз дил агар осори камолест намоён,
Шавқест ба сози нафас аз парда парафшон,
Мактуби ту осон нарасидаст ба унвон,
Пойи талабе ҳаст, чи пайдову чи пинҳон,
Бе реша муҳол аст расидан зи самарҳо.

Халқе ба сафи кашфу каромот гаравтоз,
Зоҳид амаландешаву воиз суханоғоз,
Ҷамъе пайи нахчири таайюн қадарандоз[2],
Умрест ки ҳангомаи номаҳрамии роз
Гарм аст зи ҳамчашмии ин ҳалқаи дарҳо.

Оина сияҳ гашта зи ороиши ҷавҳар,
Афтода ниҳол аз самари хеш нигунсар,
З-ин нуқтаву хат сафҳа месозед мукаддар,
Бар ҷаҳл гузоред биноҳои каруфар,
Мағрур мабошед ба иқболи ҳунарҳо.

Мардони ғано даст фишонданд зи ҳоҷат,
То нанги талаб тар накунад ҷабҳаи ҳиммат,
З-ин шева нагаштанд сазовори мазаллат,
Ҷое ки дари ноз кушудаст қаноат,
Дарё ба арақ метапад аз шарми гуҳарҳо.

Дар олами таҳқиқ на куфрею на динест,
На ҳукми гумонею на фармони яқинест.
Дил пардадари замзамаи оҳи ҳазинест,
Зеру бами сози ману мо шӯри танинест,
Як пашша ба сад гӯш расондаст хабарҳо.

Бедил ҳама, ёрон гуҳарафшони ту буданд,
Мидҳатгари[3] ахлоқи намоёни ту буданд.
Дар орзуи даъвати эҳсони ту буданд,
Мамнуни кабоби дили бирёни ту буданд,
Оҳ аз ту, ки бӯе нарасондӣ ба ҷигарҳо.

**2**

Эй аз адам то ҳастият ҳангомаи найрангҳо,
Пӯшидаву пайдоӣ ту аз бӯи гул то рангҳо.
Оинадори рози ту ҳусни сафо дар зангҳо,
То пардаи номусии созат дамонд оҳангҳо,
Аз шиша қулқул мекашад нози парӣ дар сангҳо.

Бо сад тараддуд дар раҳат марди мақосид нест кас,
Ҳар сӯ тафаккур так занад, ноком месӯзад нафас.
Хун мехурад ақлу ҷунун, хат мекашад ишқу ҳавас,
Нуҳ осмон аз оҷизӣ гумкардарафторанду бас,
Аз гардиши сар то куҷо ҷавлон кунанд ин лангҳо?

Гар санг бар мино хурад, дорад шикасти кори худ,
В-ар мавҷ печад бар ҳубоб, афтода дар озори худ.
Бар эътибороти худ аст иқрор бо инкори худ,
Ғалтида халқе бар замин чун соя аз девори худ,
Ибрат ба ҳар кас ворасад, бо хеш дорад ҷангҳо.

Он кист, фаҳмад шаммае аз вазъи кори кофу нун?
Дур аст идроки башар аз олами бечандучун.
Аржанги Монӣ гашт хок, андешаи Беҳзод хун,
Нақши ману мо то абад аз ғайб меҷӯшад бурун,
Он сӯи ин чандин садаф наққош дорад рангҳо.

Аз решаҳои ин чаман то нахли бефаҳми нумӯ,
Аз сабза то боғу баҳор ошуфта кори рангу бӯ.
Беимтиёзӣ шаш ҷиҳат оинадори мову ту,
Чун дона ғофил яккалам сарҳо зи шӯри орзу,
Чун ғунчаи гул бехабар даст аз кушоди чангҳо.

Олам ба тимсоли ҷунун оина сайқал мезанад,
То дар димоғи неку бад ғафлат ба ҳамворӣ расад.
Бе боли тавфиқи яқин ҳар кас ба ваҳме мепарад,
Чидаст дуккони ҳавас андешаи ҷону ҷасад,
Ғофил, ки танзеҳи парӣ аз шиша дорад нангҳо.

Мунъим ба иқболи ғано мағрури гардунманзарӣ,
Дарвеш аз идбори фақр ифлосфаҳми бебарӣ.
Афканда ҳар якро фалак дар доми ғафлатпарварӣ,
Он дар хаёли хуррамӣ в-ин дар гумони бебарӣ.
Рустаст, ҳар сӯ ворасӣ, з-ин сабзмазраъ бангҳо.

Халқе ба дониш кӯфт сар, то хок шуд илму амал,
Ҷамъе дари таҳқиқ зад, то шуд ба нодонӣ масал.
Сӯи адам ноком рафт он кӯшиши бемоҳасал[5],
Ҷойе ки бунёди ҳама чиданд бар дӯши халал,
Ман низ хиҷлат хондаам ночор аз ин фарҳангҳо.

Як умр савдо кардаам бо мояи шакку яқин,
То роҳи ибрат бурдаам то коргоҳи мову тин[6].
Гоҳе ба хокам муттасил, гоҳе ба гардунам қарин,
Дар чорсӯи ваҳму зан бар зиндагӣ сад офарин,
К-овард мизони нафас з-ин дашт чандин сангҳо.

Бедил, ба ин вомондагӣ аз ҳайрати аҷзи расо
Душвории ин роҳҳо барбаст бар поят ҳино.
Не эътимоди роҳбар, не эҳтиёти пеши по,
Нобурда раҳ дар ҳеч сӯ, нодида мақсад ҳеч ҷо,
Дар манзилам аз ҳар нафас тай мешавад фарсангҳо.

**3**

Шуда халқи ғофили дунҳасаб[7] зи маоши карруфарошно,
Ба гумони судани сандале[8] ба ҳазор дарди сар ошно,
Агар илтифоти қаноате кунадат ба хушку тар ошно,
Нашавӣ зи ҳирси балокамин ба ҳаловат он қадар ошно,
Ки мабод офати таб кашӣ чу табиати шакарошно.

Дили нозпарвари обрӯ накашад мазаллати иззу шон,
Такутози даъвии худсарӣ зи кафи адаб бибарад инон,
Ту савори арсаи ҳимматӣ, зи ғубори васваса кун карон,
Ки хатост аҳди фурӯтанӣ шиканад табиати қонеъон,
Надамад ҳавои баландӣ аз сари мавҷи бо гуҳар ошно.

Агар огаҳӣ диҳадат нишон, пайи сайди мурда камон макаш,
Раҳи санглохи ниҳуфтапай чу равӣ, ба ғайри инон макаш,
Ба хаёли ибрати хуфтагон зи фасона ранҷи забон макаш,
Ба салоҳи офияти хасон табу тоби ваъзу баён макаш,
Ки сари ҳавозадаи амал нашавад ба зери пар ошно.

Ситам аст, ҳиммати мард агар барад илтиҷо ба дари тамаъ,
Ки сияҳ кунад вараќи ҳаё дили зардрӯи зари тамаъ,
Ба ҳазор ганҷи зару гуҳар тали хок беҳ ба сари тамаъ,
Набувад балои уқубате ба мазаллати ҳунари тамаъ,
Агар обрӯ талабад касе, нашавад ба ин ҳунар ошно.

Хушат он ки бар дари бекасӣ занӣ аз рафоқати ҳамраҳон,
Чу гузаштӣ аз ғами корвон, ба раҳе ки дил кашадат, бирон,
Ба талоши кас нашавад адо ҳақи ошноии дӯстон,
Зи тариқи амн агар огаҳӣ, бигусил зи улфати ину он,
Ки касет дар талаби вафо надиҳад алам? магар ошно.

Зи баҳори ваҳшати ин чаман надамида мегузарад саҳар,
В-агар аз гулаш талабӣ вафо, нашукуфта меравад аз назар,
Ба чунин ҷунункада, к-аз миён ҳама рафта дар пайи якдигар,
Ту ба фурсате, ки гум асту бас, чӣ кашӣ маломати дарди сар?
Шуда гир бо ду ҷаҳон ҳавас чу шарар ба як назар ошно.

Нарасад[10] балои қиёмате ба тааллуқи ману мои ту,
Набувад ғубори надомате ба ҳузури оинаҳои ту,
Сари ту фитода ба гарданат, қадамат шикаста ба пои ту,
Сафи рангдарзии дӯстон ба ту танг сохта ҷои ту,
Ба худ ошно натавон шудан зи ҳуҷуми ин қадар ошно.

Зи китоби содагии азал, ки надошт сархати ону ин,
Ба ҷуз ихтироъи суханварон кӣ шуд ин қадар дуиофарин?
Ба куҷо расида хаёли кач, ки гумон қалам зада бар яқин?
Зи фунуни шубҳаи ваҳму зан, зи ҷунуни мабҳаси куфру дин
Ту ба заҳмати дигарею ман ба тараддуди дигар ошно.

На тааммуле, ки хаёлро ба судоъи суду зиён кашам,
На таваққуфе, ки зи ину он ғами интизори замон кашам.
Қадаҳе назад майи имтиҳон, ки хумори вазъи ҷаҳон кашам,
Зи чунин бизоати мунфаил ба адам чаро на дукон кашам?
Чу чароғи кулбаи муфлисам сари шом бо саҳар ошно.

Зи расоилу кутуби салаф дами лофи илму амал мазан,
Ту ҳамин фасона шунидаӣ, ба яқин алам натавон шудан.
Ҳаваси таайюни огаҳӣ зи димоғи чида бурун фикан,
Ба ниёзи Бедили мо расон сари риштаи адаби сухан,
Ки ба рамзи хилвати маҳрамон шудаӣ буруни дар ошно.

**4**

Нагӯямат, ки ба як бор аз иштиғол баро,
Чу мурда қатъи нафас кун, зи қилуқол баро.
На тарки ҷоҳ гузин, не зи милку мол баро,
Ба рафъи ваҳм замоне адамхаёл баро,
Ба ёди байза даме сар ба зери бол баро.

Ту ҷавҳари нафсӣ, то ба кай таашшуқи[11] ҷисм?
Фусурдагӣ макаш аз улфати тамаллуқи ҷисм.
Ба поят он ҳама часпон махоҳ чоруқи ҷисм,
Чу нест ваҳшати якборат аз тааллуқи ҷисм,
Чу об кам-кам аз ин кӯзаи сафол баро.

Расид пирию бурд оби тоқаторой,
Ҷавоният хиҷил омад зи бодапаймоӣ.
Нигун шуд он аламӣ пешихешбарпоӣ,
Ба фитратат кӣ дамид ин фусуни худроӣ?
Ки рустамӣ куну дар чашми халқ Зол баро.

Даме ки пир шудӣ, рафт нози мову манат,
Кафан кашид зи ташвир[12] пӯст бар баданат.
Кунун ту мондию тангӣ зи ҷомаи куҳанат,
Дигар кирост димоғи тааммули суханат?
Аз ин бисот чу тақвими порсол баро.

Чу шамъ гул ба сари ғафлати мушавваш[13] зан,
Ба рағми сози хамӯшӣ навои дилкаш зан.
Хаёли дурд раҳо кун, шароби беғаш зан,
Ба хомкории табъи фусурда оташ зан,
Зи инфиоли сияҳрӯии зугол баро.

Зи занги ҳастӣ агар пок метавонӣ шуд,
Сафои ҷавҳари идрок метавонӣ шуд,
На абру баҳр, на афлок метавонӣ шуд,
Камолат ин, ки кафи хок метавонӣ шуд.
Дигар зи васвасаи даъвии муҳол баро.

Чӣ орзуст ба кишти умеди беҳосил?
Ки реша хок ба фарқ асту дона даст ба дил.
Ту кам зи шамъ наӣ, эй зи сӯхтан ғофил,
Дар ин ситамкада аз ҳасрати нумӯ бигсил,
Зи ҳар чӣ ҳаст, ба завқи фано бибол, баро.

Ба маҳфили ғараз аз ҳирси инфиолоҳанг
Чӣ шишаҳо, ки нагардид поймоли таранг?[14]
Раҳи нафас дами ҳоҷат, хуш он ки гирӣ танг,
Агар зи пастии ҳиммат ҳаё надорад нанг,
Арақ ба ҷабҳа билағз, аз лаби суол баро.

Фитодагӣ ба мақоме ки раҳнамо бошад,
Чиҳот пайсипари[15] саъйи муддао бошад.
Қадам ба хок ниҳӣ, чарх зери по бошад,
Димоғи кӯшиши таслим агар расо бошад,
Чу соя бар сари кухсор синамол баро.

Фурӯ набурда сари маҳрамӣ ба ҷайби вифоқ,
Набаст ҳеч кас эҳроми мақсади ушшоқ.
Зи сокинони адабгоҳи манзари итлоқ
Ишораест, ки бар авҷи ин хаёлравоқ
Ба нардбони хами зонуи ҳилол баро.

Инони шавқ ба табъи ҳавопараст мадеҳ,
Зимоми дил ба хаёли баланду паст мадеҳ.
Ҳузури анҷумани нестӣ зи даст мадеҳ,
Ба пеши пойи ту ин давлате ки ҳаст, мадеҳ,
Ба хок донасифат бӯса зан, ниҳол баро.

Ба Каъба рафтию гаштӣ чу аҳли дайр хиҷил,
Ба ҳақ расидию бурдӣ надомати ботил.
На саҷда ёфт ҳузуре, на тавба шуд муқбил[16]
Зи сарнавишти ту тавфиқ доғ шуд, Бедил,
Ба ин ҷабин арақе гул кун, инфиол баро.

**5**

Эй дил, чӣ саҳар ҷӯш зад аз пардаи оҳат?
Эй лаб, ба камини чӣ дуо буд паноҳат?
Эй бахт, чӣ Юсуф бадар афтод зи чоҳат?
Эй сар, хами таслими кӣ афканд ба роҳат?
К-аз ноз шикастаст ба сад чарх кулоҳат?

Он абри карам бар сарам имрӯз расидаст,
Он субҳ ҳамин дам нафаси тоза дамидаст.
Сомони баҳорам зи нумӯ мужда шунидаст,
Эй реша, ҳанӯз аз ту гуле сар накашидаст,
Ҳарчанд ба тӯбо фиканад соя гиёҳат.

Дил ҷоми таҷаллӣ зад аз ин матлаъи акмал,
Ошуфтагият маҳв шуд аз хотири мухтал[17].
Зангори таваҳҳум ба сафо гашт мубаддал,
Эй оина, дигар накашӣ миннати сайқал,
Чун соя зи хуршед калаф рафт зи моҳат.

Умрест дар ин майкада авҳомшикорӣ,
Гоҳе ба ҳавас мастию гаҳ доғи хуморӣ.
Акнун, ки ба он наргиси махмур дучорӣ,
Эй ҳуш, нигаҳ дор иноне, ки надорӣ,
Паймона гирифтаст зи ҳар сӯ сари роҳат.

Гар фақр намудӣ, карамаш шомили ҳол аст,
В-ар арзи ғано додаӣ, осори ҷамол аст.
Чун оина таҳсили камоли ту мисол аст,
Эй ваҳми муҷассам, ба хаёлат чӣ хаёл аст?
Ҷуз нозу ниёзаш, на гадоест, на шоҳат.

Дар ишқ ба ҳар ҷо адамандеш барой,
Бе шоиба[18], аз ҳар ду ҷаҳон беш барой.
Шоҳист, ба ҳар ранг, ки дарвеш барой,
Даъво биҳил, эй соя, гар аз хеш барой,
Дар хонаи хуршед нишастаст гувоҳат.

Васл аст, кунун фориғ аз оҳанги талаб бош,
Мустағнӣ аз авҳом шудӣ, масти тараб бош.
Забти нафасе соз куну муҳр ба лаб бош,
Эй маҳрами асрори муҳаббат, баадаб бош,
То ҳарза нахандад ҳаваси ҳавсалакоҳат.

Ҳарчанд ки ман тоқати дидор надорам,
Қонеъ ба хаёле зи тамошои баҳорам,
Афканда таҳайюр ба қафои мижа корам,
Кардӣ ту ба он гулшани мақсуд дучорам,
Эй дида, ҳазор оина қурбони нигоҳат.

Бедил, хабар аз ишрати ҷовид расондӣ,
Ҷоме задию нашъаи Ҷамшед расондӣ,
Зеру бами иқбол ба Ноҳид расондӣ,
Эй зарра, сари ноз ба хуршед расондӣ,
Мо ин қадар огоҳ набудем зи ҷоҳат.

**6**

То дил ба сози мову ман оҳанг доштаст,
Офоқро зи гарди нафас танг доштаст,
Гаҳ бо замину гаҳ ба фалак ҷанг доштаст,
Чандин ҳазор фитнаи найранг доштаст,
Ин шиша дар бағал чӣ қадар санг доштаст?!

То чашм бар баҳори таайюн[19]кушудаем,
Оинаи ҳақиқати ваҳдат зудудаем,
Як умр сайри гулшани ибрат намудаем,
Ҳар ҷо зи гул садои шукуфтан шунудаем,
Парвоз нола дар қафаси ранг доштаст.

Вомондагӣ даме, ки тавон вақфи ҳол кард,
Худро наметавон ба рамидан ғизол кард,
Он тоир орамид, ки сар зери бол кард,
Моро талоши тоқати мо поймол кард,
Ҷавлони офият қадами ланг доштаст.

Гул заҳмати хароши дил аз ранг мекашад,
Оина бар умеди сафо занг мекашад,
Соз офати шикаст зи оҳанг мекашад,
Олам зи дастгоҳи ҳавас нанг мекашад,
Мизони эътибор ҳамин санг доштаст.

Ҳар гаҳ дурудан аст саранҷоми коштан,
Пуч аст сар чу реша ба ғафлат фароштан,
Халқест худситои зару мол доштан,
З-ин доштан, ки боядаш охир гузоштан,
Кам машмаред, ҳиммат агар нанг доштаст.

Уммед мефиребадам аз шавқи мағфират,
Яъс об мекунад дилам аз бими маъсият,
Дар оташам зи ибрати дунёву охират,
Дар хона нест ҳеч кас, аммо зи шаш ҷиҳат
Ҳангомаи буруни дарам танг доштаст.

Гаҳ дар ҳавои васли ту бетоб мешавам,
Чун соя нанги нисбати одоб мешавам,
Ночори доғи матлаби ноёб мешавам,
Ёди рухи ту мекунаму об мешавам,
Оинае ки доштаам, занг доштаст.

Ошиқ, даме ки чашм бар офоқ во кунад,
Аз ҳар чӣ ғайри ёр намояд, ҳаё кунад,
Ҳошо, ки дил хаёли нуқуши хато кунад,
Ё сайри корхонаи мову шумо кунад,
Оинаи ҳузури ту дар чанг доштаст.

Ҳиммат макун муқайяди чин кардани каманд,
Ҷуз бар кушуди домани ваҳшат камар мабанд,
Фоли саҳар зану нафасе бар ҷаҳон биханд,
Эй гирдбод, қадри сулаймоният баланд,
З-ин хокдон баромадан авранг доштаст.

Бедил, дар ин бисот нагардид ҷилвагар
Ғайр аз ҷунуни фитрату савдои дарди сар.
Тақлиди вазъи ҳам ҳамаро карда бехабар,
Бе касби хабт[20] нест табоеъ зи якдигар,
Маъҷуни[21] иттифоқи ҷаҳон банг доштаст.

**7**

Домони хок хобгаҳи нози Бедил аст,
Оғӯши чарх шӯхии андози Бедил аст,
Шӯри ҷиҳот гарди такутози Бедил аст,
Ин ҳафт парда пардадари сози Бедил аст,
Бар ҳар чӣ гӯш мениҳӣ, овози Бедил аст.

Мино абас ба номи парӣ фол мезанад[22],
Оина ҳарза[23] бар дари тимсол мезанад,
Халқе ғубори ваҳм ба ғирбол мезанад,
Дар оламе, ки ваҳшати дил бол мезанад,
Анқо пари шикастаи парвози Бедил аст.

Не ранг мекунад гул аз ин бенишон чаман,
Не партавест ҷавҳари ин шамъи белаган,
Не сози ҳарфу савт, на оҳанги мову ман,
Кас нест пай барад, ки дар ин ҳайратанҷуман
Оинаи хаёли кӣ ғаммози Бедил аст.

Эй бетаровати асар аз шабнами адам,
Аз бешии ғурур нагирӣ ками адам,
Ҳушат чӣ рамз вокашад аз олами адам?
Ногашта хок, кас нашавад маҳрами адам,
Анҷоми ҳар чӣ ворасӣ, оғози Бедил аст.

Ёрон, видоъи анҷумани ваҳму зан кунед,
Рӯзе ду дар қаламрави ҳайрат ватан кунед,
Дар бехудӣ таҳияи сайри чаман кунед,
Оина бишканеду тамошои ман кунед,
Ранги шикаста пардаи гулбози Бедил аст.

Гар рабти нусхаҳои таайюн ба ҳам занед,
Ё интихоби лавҳи вуҷуду адам занед,
Ҷуз дил, ба ҳар чӣ дар назар ояд, қалам занед[24],
Ҳар гоҳ бениёзии ҳиммат рақам занед,
Дил низ нуктаи қаламандози Бедил аст.

Ҳусни азал хаёлпарасти ҳиҷоб нест,
Бо шабпара муомалаи офтоб нест,
Гар дидаи яқини ту маҳҷуби хоб нест,
Як қатра з-ин муҳит тиҳӣ аз ҳубоб нест,
Ҳар ҷо дилест, оинапардози Бедил аст.

Гӯйи шукӯҳ аҷзи адабкеш мебарад,
Иқболи кам задан гарав аз беш мебарад,
Оби муҳит киштии дарвеш мебарад,
Сифр аз хало ҳисоби пурӣ пеш мебарад,
Дар костан фузудан аз эъҷози Бедил аст.

Он ҷо, ки сурма медамад аз сози маҳрамӣ,
Хомӯшӣ аст маҳрами овози маҳрамӣ,
Бишкан пари хаёл зи парвози маҳрамӣ
Дигар касе чӣ мерасадаш нози маҳрамӣ?
Бедил ҳам аз бурункадаи рози Бедил аст.

**8**

Субҳе агар ханда зад, гарди адам паркушост,
Шоме агар ҷилва кард, дуди чароғи фаност,
Зулмату нури ҷиҳот по ба рикоби ҳавост,
Сози ҷаҳон ваҳшат аст, мояи тамкин кирост?
Сурати ин кӯҳсор тарзи нишасти садост.

Ҳар кӣ дар ин анҷуман равнақи авҳом дид,
То ба саҳар чашм дӯхт, оинаи шом дид,
Фитрат аз ин инқилоб кори ҳавас хом дид,
Бояд аз оғози шамъ ғайбати анҷом дид,
Рӯз ҳамон бар сар аст, он чи шабат зери пост.

Субҳи тараб бенафас, муҳлати гул беяқин,
Навбари боғи умед яъси надоматқарин,
Карда зи ҳар гӯшае ҳасрати дигар камин,
Сайри ҳавас хатм гир бар нигаҳи вопасин,
Шоҳиди ин анҷуман оинадораш қафост.

Ишқ ба гӯши хирад хонд зи ғайрат фусун,
То ту наёӣ аз ин вартаи ҳайрат бурун,
Медамад аз шаш ҷиҳат нағмаи бечандучун,
Забти нафас бохтаст силсилаи кофу нун,
Ранҷи қиёмат мабар, турраи маънӣ расост.

То чамани эътибор сози гулу сунбулест,
Нағмасифат навҳа низ замзамаи булбулест,
Шишаи бебодаро санг задан қулқулест,
Кашмакаши яъс ҳам муҷиди ранги гулест,
Домани афсӯс гир, даст агар беҳиност.

Рифъати табъи данист дар нафаси бехурӯш,
Равнақи базми ҳаёст сози чароғи хамӯш,
Ғунчаи таслим бош, бо гули иқбол ҷӯш,
Даъвии тоқат биҳил, бар асари аҷз кӯш,
Обила чун шуд баланд, по кафи дасти дуост.

Зеру бами ҳоҷатат зад дари сад макру фан,
Кард хурӯшат гарон гӯши ҳазор анҷуман,
Нағмаи бедардисар нест беҳ аз тан задан[25],
Мутриби базми ғараз он ҳама натвон шудан,
Эй зи ҳаё бехабар, сози арақ тарсадост.

Умре зи афсуни саъй сӯхт димоғ имтиҳон,
То зи мурувват диҳад шахси вифоқаш нишон,
Гӯшаи чашме надид охир аз аҳли замон,
Кард ба ҳайрат суол аз дили ибратбаён,
Гуфт: Бисоти ғараз он чӣ надорад, ҳаёст.

Ҳирси данӣ ҳар куҷо коми тахайюл диҳад,
Дил ба тапиш хун кунад, то қадаҳе мул диҳад,
Гарди такутоз чанд арзи таҷаммул диҳад?
Бастани чашме агар доди тағофул диҳад,
Як мижа бар шаш ҷиҳат сояи боли ҳумост.

Оҳ, ки иқболи аҷз ғайри нажандӣ[26] накард,
Тоқати бедаступо шуълакамандӣ накард,
Сӯхтаму ҳимматам ваҷди сипандӣ накард,
Дуди диле ҳам зи ман гарди баландӣ накард,
Баски нигунтолеъам, нола найи буриёст.

Аз адамам дур дошт ҳастии бенангуор,
Баст ниқобам ба чашм ҷисми таваҳҳумғубор,
Санг набуд ин қадар укдаи боли шарор,
Садди раҳи кас мабод боми дари эътибор,
З-ин ду-се хишти ҳавас хона зи саҳро ҷудост.

Бедил, аз оинаи ҷилваи кавну макон
Мавҷи ҷунун мезанад шӯхии мутлақъинон
Шуълаи асрори шавқ доғи фусурдан мадон,
Гар гираҳе дар назар дорӣ аз ин найситон,
Бар хами дигар мапеч, ишқ тааммулнавост.

**9**

Ишқ анҷуман асту дар назар нест,
Ранг аст баҳору ҷилвагар нест.
Асрори ҷаҳон ҳаст вагар нест,
Ман мегӯям, касе дигар нест,
Ин турфа, ки аз худам хабар нест.

Хоҳӣ, дарёву хоҳ нам гир,
Аз ғайб ҳисоби бешу кам гир.
Берангию ранг сар ба ҳам гир,
Тамкин нигару иёри рам гир,
Чун санг захираи шарар нест.

Олам зи ҳақиқати намоён
Кардаст ҳазор парда сомон.
Эй ғофили коргоҳи имкон,
Дар хонаи офтоби тобон
Ёрон мижа бастаанд, дар нест.

Ҳастӣ агар эътибор дорад,
Хоке ба ҳаво баҳор дорад.
Чандон ки нафас ғубор дорад,
Субҳ оина дар канор дорад,
Ҷӯши адам аст, карру фар нест.

Бар иззату ҷоҳи эътиборӣ
Чидаст ҷаҳон бисоти хорӣ.
З-ин ҷирга даме, ки сар барорӣ,
Бар ҳар кӣ шуъур вогуморӣ,
Сар дораду ғайри дарди сар нест.

З-ин нусха, ки қилу қол дорад,
Парвози ҷунунмаол дорад.
Гар ҳуши ту фаҳми ҳол дорад,
Ҷамъияти дил камол дорад,
Ошуфтагӣ он қадар ҳунар нест.

То вахми нафас нафасшумор аст,
Сад ранги ҳавас ҷунунғубор аст.
Гар аршею фарше ошкор аст,
Ин пасту баланди эътибор аст,
Эй хонахароб, бому дар нест.

Саҳро гираҳест аз дили танг,
Дарё араҷе чакидаи санг.
Лахте бадар о зи олами банг,
Яъне ки зи коргоҳи найранг
Ҳар нақш, ки дидӣ, он қадар нест.

Дар олами инқилоб, зинҳор,
Бар дил ҳаваси сабот магмор.
Ҷамъияти вахм муғтанам дор,
Парвоз намову хобаш ангор,
Болини касе тиҳӣ зи пар нест.

Он васл, ки интизор зояд,
Шоистаи ҳимматат нашояд.
Вақти ҳама кас ду дам напояд,
Ранге, ки парид, боз н-ояд,
Фурсат шарар аст, номабар нест.

Эй мавҷи зи ҳам гусаста, пайванд,
Таскин хоҳӣ, раҳи тапиш банд.
Бо тарки хаёл бош хурсанд,
Ғаввосиҳои ваҳму зан чанд?
Гар баҳр ба таҳ расад, гуҳар нест.

Таҳқиқ таҳайюр аст, хомӯш,
Беҳуда ба ҳарфу савт махрӯш.
Бо орзуи висол кам ҷӯш,
Мӯест ғубори дидаи ҳуш,
Чун даст расо кунӣ, камар нест.

Имрӯз, ки эътибор соқист,
Мастию хумор иттифоқист.
Оина ба сад чаман мулоқист[27],
То дил боқист, ҷилва боқист,
Дидор ба олами дигар нест.

Ёрон талаби муҳол карданд,
Гулчинии инфиол карданд.
Парвоз буруни бол карданд,
Онро, ки парӣ хаёл карданд,
Беруни дукони шишагар нест.

Бедил, з-ин боғи яъсманзил
Халқе ба фусӯс баст маҳмил.
Чун реша давиданат чӣ ҳосил?
Ин ҷо аз саъйи пойдаргил,
Ҳарчанд ба худ расӣ, самар нест.

**10**

Гӯянд, тараб шефтаи иди сиём аст,
Гул моили рангинию май ташнаи ҷом аст,
Ин васвасаҳо муътақди табъи авом аст,
Олам ҳама савдоии андешаи хом аст,
Мо рӯи ту дидем, дигар ид кадом аст?

Халқе ба тамошои гулу лолаи маҳсус
Номуси ҳино дода ба боди кафи афсӯс,
Лаббайк ниҳон монд ба зеру бами ноқус,
Чун партави шамъе, ки бурун аст зи фонус,
Аз кӯрии ин бебасарон васл паём аст.

Гул карда зи ибраткадаи боғи талаввун[28],
Гулҳо ҳама бебаргу шаҷарҳо ҳама бебун,
Ин аст агар сози хароботи таайюн,
Гум гашта маъонӣ ба ибороти тафаннун[29]
Тимсол чӣ май дораду оина чӣ ҷом аст?

Эй хок, ғубори чӣ ҷунун бурд зи ҷоят?
К-аз чарх гузаштаст димоғи баҳавоят,
Заҳматкаши нозию нигун аст ливоят,
З-ин пасту баланде, ки ба худ чида биноят,
Девор нишони қадаму обила бом аст.

Не қуръаи ҷон афкану не фоли бадан гир,
Аз кунфаякун[30] набзи хаёли туву ман гир,
Олам ҳама гарде зи такутози сухан гир,
Хоҳ анҷуман эҷод куну хоҳ чаман гир,
Бар ҳар чӣ назар мефиканӣ, сурати ном аст.

Хубон, ки ба шӯхӣ дили ушшоқ рабуданд,
Аз қомати раъно алами ноз кушуданд,
По дар гили ин анҷумани ваҳм набуданд,
Ҳар гоҳ чу шамъ оинаи шарм зудуданд,
Рафтанд фурӯ дар худу гуфтанд: Хиром аст.

Ҷое ки инонгири рами нози ҳаё нест,
Тамкин, ҳама гар кӯҳ бувад, ғайри садо нест,
Дар ишқ сару барги тасаллӣ ҳамаро нест,
З-ин гулбаданон қисмати мо бӯи вафо нест.
Маъшуқи бараҳман бути санг аст, ки ром аст.

Эй мавҷи ғано ҷӯши хумистони аластат,
Махмури ту махмури туву масти ту мастат,
Ҷомест зи кайфияти тавҳид ба дастат,
Гӯ, ташна бимирад ҳаваси шубҳапарастат,
Оби ту зи сарчашмаи оина ҳаром аст.

Ҳарчанд ки аз унсури таҳқиқҷудоем,
Зиндонии туҳматкадаи ваҳми бақоем,
Ҳайрони хаёлем, мапурсед куҷоем?
Умрест гирифтори дили бесарупоем,
Тимсол чӣ тадбир кунад? Оина дом аст.

Он ҷо ки кунад ҳукми адаб ишқи ҷунункеш,
Раънонии тоқат маписанд аз дили дарвеш,
Эй манфаили ҳастии маъзур, бияндеш,
Ин маъбади аҷз аст, таайюн наравад пеш,
Таслиме агар даст диҳад, саҷда қиём аст.

Эй ноқаи идрок зи васвоси ту дар гил,
Ваҳми ту ҷунунтози хаёли ҳаќу ботил,
Дар водии таҳқиқ на роҳест на манзил,
Маҳмилкаши шавқем ба қадри тапиши дил,
Ҳар ҷо табу тоби ҷарас осуд, мақом аст.

Бедил, дилат афсурд, кунун роҳи дигар зан,
Домони ғуборе, ки надорӣ, ба камар зан,
Бар забти нафас чанд танӣ, фоли саҳар зан,
Хуршед ниҳон нест, ту аз соя ба дар зан,
Чун оина безанг шавад, кор тамом аст.

### Дар расои писари худ гӯяд

### 11

Ҳайҳот, чӣ барқ парфишон рафт?
К-ошӯби қиёматам ба ҷон рафт.
Гар тобе буду гар тавон, рафт,
Тифлам з-ин куҳна хокдон рафт,
Бозӣ-бозӣ ба осмон рафт.

Ин ибрати тоза кам касе дид,
Диданҳо чист? Балки нашнид.
Барқе ба хаёл чашм молид,
Мижгон лағзиду ашк ғалтид,
То ҷайб, зи олами нишон рафт.

Оҳуи ғарибе аз назар ҷаст,
К-аз ҳар буни мӯи ман шарар ҷаст.
Чун ранг зи чеҳра бехабар ҷаст,
Ин оҳе буд, к-аз ҷигар ҷаст,
Ё тире буд, к-аз камон рафт.

З-ин фитна дар анҷуман ҷунун шуд,
Ҳар нағма ба навҳа, раҳнамун шуд.
Мино аз гиря сарнигун шуд,
Соғар бидарид ҷайбу хун шуд,
Чинӣ нолиду мӯканон рафт.

Умре ба ҳавас дучор будам,
Май нозада дар хумор будам.
Зиндонии интизор будам,
З-он ҷилва, ки беқарор будам,
То омад дар назар, ҳамон рафт.

Аз фурсати даври нотамомаш
Не гардише офарид ҷомаш.
Не роҳи саҳар гирифт шомаш,
З-ин беш чӣ гӯям аз хиромаш?
Ҳарфи дил буд, бар забон рафт.

То шӯхии ӯ таронае дошт,
Барқи нафасам забонае дошт.
Вайрона хаёли хонае дошт,
Саргармии дил баҳонае дошт,
Оташ афсурд, чун духон[31] рафт.

Медидам гул, нигоҳ гум шуд,
Мекардам сайр, роҳ гум шуд.
Шаб монд, фурӯғи моҳ гум шуд,
Дар дида кӣ буд? Оҳ, гум шуд,
Дар сина чӣ доштам, ки он рафт.

Фарёд кунам, забони лолам,
Парвоз куҷост? Сӯхт болам.
Пур оҷизу сахт тираҳолам,
Дар хок фурӯ равам, бинолам,
Ҷои дигарам наметавон рафт.

Оҳ аз шакаре, ки гоҳи гуфтор
Мерехт аз он лаби шакарбор.
Акнун ҳама талх шуд ба як бор,
Булбул, ту ҳам ин хурӯш бардор,
К-аз боғ баҳори тӯтиён рафт.

Доғам, ки ба гашти гулшани ноз
Лаълаш ба чӣ ханда буд гулбоз,
Имрӯз зи яъси навҳапардоз,
Нили[32] кафи суда дорад овоз.
К-он олами сайри заъфарон рафт.

Ҳар гаҳ ду қадам хиром мекошт,
Аз ангуштам асо ба каф дошт.
Ё Раб, алами чӣ ваҳшат афрошт?
Даст аз дастам чӣ гуна бардошт?
Бе ман ба раҳи адам чӣ сон рафт?

Шӯхиҳо дошт дар бари ман,
Мезад қадаме баробари ман.
Эй улфати хок бар сари ман,
Ман мондаму нозпарвари ман
Танҳо ба ҷаҳони ҷовидон рафт.

Бурданд таровати бақоям,
Доданд ғубор бар ҳавоям,
Мактуби саҳар куҷо кушоям?
Ҷуз оҳ дигар чӣ вонамоям?
Оинаи шабнам аз миён рафт.

Фарёд, зи сози даҳр фарёд,
К-аз кулфати ин ғуборбунёд
Ҳар кас мижа баст, боз накшод,
Девор ин ҷо даме ки афтод,
Дар дашт суроғи хонумон рафт.

З-ин боғ, ки ҷӯши гул ба бар дошт,
Гар ғунча дамид, дарди сар дошт,
В-ар субҳ, ғубор дар назар дошт,
Дилдор табассуме дигар дошт,
Эй захм, биханд, к-он даҳон рафт.

Не ранг тavaҷҷуҳозмо буд,
Не бӯй тааммулошно буд.
То роҳ барам, ки аз куҷо буд?
Ин қосиди олами вафо буд,
З-он пеш ки ояд, аз ҷаҳон рафт.

З-он Лайлии нозаниншамоил,
Бедил, ба фусуни яъс магсил.
Биштоб, ки дур нест маҳмил,
Шояд нагузашта бошад аз дил,
К-аз пеши назар ҳамин замон рафт.

**12**

Ин боғ ҷуз ороиши найранг надорад,
Хандидани субҳ аст гулаш, ранг надорад.
Сози ҳавасе дораду оҳанг надорад,
Худсанҷии ваҳм он ҳама фарҳанг надорад,
Бод аст тарозуи фалак, санг надорад.

Ҳар мавҷ, ки гавҳар шуду аз ҷоҳ нишон ёфт,
Афсурдагие буд, ки дар табъи равон ёфт.
То хок шудан сар ба таҳи санги гарон ёфт,
Бо ин ҳама дар қулзуми имкон натавон ёфт,
Як қатра, ки уммеди дили танг надорад.

Ҳастӣ ҳама ҳангомаи бебаргунавоист,
Аз сози нафас ҳар чӣ дамад, ҳарзадароист.
Ҳарчанд саҳар ханда кунад, бесарупоист,
Ку ранг? Чӣ бӯ? Ҳосили ин боғ ҳавоист,
Гул ҷоми тараб дораду дар чанг надорад.

Ҷое ки нумӯҳо тару хушкаш гули қолист,
Серобии андешаи омол муҳолист.
Уммеди тараб решагари хӯшаи холист,
Ҳар сабза, к-аз ин мазраъа гул кард, хаёлист,
Фирдавси ту, зоҳид, зи куҷо банг надорад?

Гар ҷилва кунӣ, тавре аз афсуни тамошост,
В-ар фоли тағофул занӣ, озодагииншост.
Сулҳ аст ба ҳар ранг, ки мақдури ҳавасхост,
Ин коргаҳ аз сунъи хаёли ту мубаррост,
Хоҳ оина шав, хоҳ машав, ҷанг надорад.

Аз вазъи даду дом ба икроҳ[33] нагаштӣ,
Номуси диле доштӣ, огоҳ нагаштӣ.
Хиффатасари олами афвоҳ[34] нагаштӣ,
Охир хиҷил аз фитрати кӯтоҳ нагаштӣ,
Одам нашудан ҳар чӣ шавад, нанг надорад.

Ин қофила гум гашта ба гарди рами фурсат,
Ҳар сӯ гузарӣ, пеш гузаштаст иқомат.
Не офият ин ҷост, на уммеди саломат,
Бар ноқаи тадбир макаш маҳмили заҳмат,
Ҷавлони шарар манзилу фарсанг надорад.

Дунёталабон доғи талоши зару моланд,
Уқбоҳавасон силсила бар пойи хаёланд.
Некону бадон ҷумла гирифтори ваболанд,
Мастони ҳузуранд, ки ба ранҷу малоланд.
Оинаи мино калафи занг надоранд.

Бедил, ҳамаро худсарии тоқати бадкеш,
Дар дашту дар афканд ба ташвиши дили реш.
Кам хост заифӣ алами тинати дарвеш,
Сар кун ту раҳи аҷзу зи офот маяндеш,
Аз обила парво қадами ланг надорад.

**13**

Дар ишқ ҷуз таҳайюрам афзун намешавад,
Хорам зи по чу обила берун намешавад.
Оҳе намекашам, ки нафас хун намешавад,
Тадбир чораи дили маҳзун намешавад,
Нохун ба уқдаи гуҳар афсун намешавад.

То кай ҷунун кунам пайи Лайлӣ зи ҳар мисол?
То кай шавам ба гарди хаёлот поймол?
Оинаи таҳайюрам аз матлаби муҳол,
Пур дур монда дасти ман аз домани висол,
Маҳмил тасаллии дили Маҷнун намешавад.

То додаанд бар дари таслим бори ман,
Аз имтиёз он тараф афтода кори ман,
З-ин беш чист оби рухи эътибори ман?
Дар саҷда бениёзии муште ғубори ман
Чандон баланд рафта, ки гардун намешавад.

Дар остини шамъ ҳуҷуми забонаест,
Дар пардаи сипанд камини фасонаест,
Биттабъ ҳар яке зи тараддуд баҳонаест,
Афсуни анҷуман баму зери таронаест,
Оҳ аз диле ки маҳрами қонун намешавад.

Гар огаҳӣ зи қисмати тақдири шайху шоб,
Аз бешию камӣ макун андешаи ҳисоб.
Зарфе ба ҳам расон, на суол асту не ҷавоб,
Майхона гар муҳит бароянд, ки чун ҳубоб
Чизе насиби соғари ворун намешавад.

Ҳуше, ки ҳукми фақру ғанои аласт чист?
Аҷзу ғурури халқ ба ин банду баст чист?
Андешаи баланду хаёлоти паст чист?
Аз мӯи сар ба иззати чинӣ шикаст чист?
Гар хатти сарнавишт шабехун намешавад.

З-ин халқи дун ба сози назоҳат баромадан,
Дур аст ҷуз зи ваҳми кудурат баромадан,
Дар саъйи нестист зи зиллат баромадан.
Осон мадон зи лавси табиат баромадан,
Домони соя пок ба собун намешавад.

Афсӯс, бар вуҷуду адам вонамерасем,
Имрӯзҳо гузашту ба фардо намерасем.
Ҷое расидаем, ки он ҷо намерасем,
Номем маҳз, лек ба анқо намерасем,
Суқми иборат аст, ки мазмун намешавад.

Сар мекашем, бе ҳаму печи хаёл нест,
Пар мезанем, вазъи адаб зери бол нест,
Забти инон ҳам аз нафаси мо маҷол нест,
Ҳайҳот, дар табиати ишқ эътидол нест,
Девона мисраъест, ки мавзун намешавад.

Ҳарчанд инзиво ҳама ҷамъиййатовар аст,
Бе нашъаи расоии фитрат нигунсар аст,
Аърози эътибор мададхоҳи ҷавҳар аст,
Хилватсарои нози ӯ асрори дигар аст.
Ҳар кас ба хум нишаст, Фалотун намешавад.

Бедил, гузашт умру нафас аз шумор рафт,
Пирӣ расид, фурсати ишратшикор рафт.
Уммеди васл қатъ шуду интизор рафт,
Булбул зи нола хок ба сар кун, баҳор рафт[34 «а»],
………………………………………

**14**

Ин хирасаре чанд, ки не ҳолу на қоланд[35],
В-аз ҷаҳли расо мункири арбоби камоланд.
Ҳезанду лаиманду сафеҳанду залоланд,
Ҳаммоли нигунсори талоши зару моланд,
Фитрат агар ин аст, харон дар чӣ хаёланд?

Халқе ба бузургӣ алам аз ҷуббаву дастор,
Ҷамъе дигар аз вазъу баён маърифатизҳор.
Бо сурма назарбозию бо шона сарукор,
Афвоҷи шаётин зи сад оина намудор.
Чандон ки назар кор кунад, шайх Ҷамоланд[36].

Карруфари абнои замон лофнавардист,
Ҳангомаи тобу таби шон мояи сардист.
Анҷоми ғурури бақамиҳо ҳама зардист,
Болидани симу зар агар олати мардист,
Фардост, ки бехоятар аз хоҷа ҳалоланд[37].

Ҷӯшида гурӯҳе зи ҷунунзори табиат,
Муштоқи суханчинию девонаи ғайбат.
З-ин силсила дигар чӣ дамад ғайри хабосат?
Аз гандагии тинату канносии фитрат
Ковишҳавасони буни дандон чу хилоланд.

Ташвиши мавоиз ҳама ҷо зилзила дорад,
Тадриси такаллуф ҳамаро даҳдила дорад,
Тасхири ҷаҳон гарди ҳамин қофила дорад,
З-ин пашми пароканда, ки ин силсила дорад,
Хирсон чӣ қадар Буалии дашту ҷиболанд.

Умрест, ки даврони фалак сифланавоз аст,
Ҳар кас ба хурӯши дигар овораи ноз аст.
Гарди ҳавас оинаи чандин такутоз аст,
Парвози ҷунун ин ҳама ҳангоматироз аст,
Аз байза бурун н-омада мурғон пару боланд.

Сарҳо агар афсункадаи ҳойеву ҳуест,
Боде ба ҳавас мумтаҳани хушккадуест.
Ҳар сӯ зи хаёлоти тунукмоя ғулуест,
Зеру бами ин тантана вобастаи мӯест,
Чиниҳавасон ташнаи овози сафоланд.

Дар хонақаҳи шайх зи бас фитнахурӯшист,
Ҳар гӯша ба оҳанги дигар мавъизаҷӯшист.
Дар маҳшари тазвир чӣ имкони хамӯшист?
Ин ғулғулаи чорсуи ришфурӯшист,
Тизе, ки ба ин дабдаба хирси чӣ ҷуволанд?

Раққосии сӯфию самоъи сари бозор,
К-аз ваҷд фикандаст ба гардан гули дастор.
Аз олами озодии танзеҳ мапиндор,
Осудагие нест дар ин фирқаи инкор,
Гар чархи баринанд, ҳамон чархи кулоланд.

Шӯрест зи ҳангомаи Намруд фароҳам,
Дар мағз ғурури ҳашаму шавкати мубҳам.
Ҳарчанд касеро нашуд иқбол мусаллам,
З-ин боди буруте, ки алам баста ба парчам,
Бо найзагузорони фалак масти ҷидоланд.

Даъвогари мардию ҷуз оина надидан,
Даври шикаму моили сад ранг хамидан.
Бо ҳар сухан аз ғамза сари ноз кашидан,
Сеҳр аст гаронхезию бетоб рамидан,
Ин ишвафурӯшони суриндунба ғизоланд.

Дар доираи айшпарастони гулу мул
Ғайрат чӣ диҳад арз зи сомони таҷаммул?
Даврест, ки дар пешу пас афтода тасалсул,
Навбатзани таъкид раҳо карда таҳаммул,
Дар халвату ҷалват[38] ҳама ҷо кӯсу даволанд.

Ёрони мувофиқ ҳама ҷо комидиландӯз,
Одоби вифоқ аз равиши якдигаромӯз.
Шамъи тарабангези ҳавас анҷуманафрӯз,
Чун шишаи соат, ки на шаб донаду не рӯз,
Пешу пасу зеру забари ҳам маҳу соланд.

Гар мард шуморӣ, чу занон арбадахезанд,
В-ар шакли зан орӣ ба назар, ришгурезанд.
З-ин тоифа эмин машав, албатта, ки ҳезанд,
Гар ҳез набошанд, ба ин вазъ чӣ чизанд?
Чун шахси муханнас ҳама тасвирмуҳоланд.

Аз долу[39] гули зинату шалвори мушаҷҷар[40]
В-аз тасмаи даллокию каннори чакинзар[41].
В-он чеҳракабудӣ чӣ қадар гул зада бар сар,
Гар нест ҳавас моили ҳангомаи дигар,
Охир ба чӣ иллат мусию аргаҷамоланд[42]?

Халқест дар ин маърака маҷҳулу ҳасадкеш,
Бедил, ту аз инҳо мабар андӯҳи каму беш.
Аз ғуру фиши[43] пуч таҳаввур наравад пеш,
З-ин ришу бурути ҷаъалӣ[44] ҳеч маяндеш,
Хуш бош, ки ин шеринарон модашағоланд.

**15**

Беҷавҳар аз ғурур баҷавҳар намешавад,
Нокас зи худсарӣ каси дигар намешавад.
Ҳарчанд болад обила, афсар намешавад,
Авҷи ғано ба сифла муяссар намешавад,
По гар ба боми чарх расад, сар намешавад.

Ёрон ҳубобвор нафас вом кардаанд,
Худро ҳарифи маърифатошом кардаанд.
Охир майи чӣ ҳавсала дар ҷом кардаанд?
Зарфе ба ҳам расон, ки дилаш ном кардаанд,
Дарёкашӣ ба шишаву соғар намешавад.

Эй ҷавҳари камоли ту яктоиофарин,
Ташвиши ғайр бар дили бемуддаъо мачин.
Ҳарфи ҳавас магӯ, сувари ваҳму зан мабин,
Нафйи дуист шарти ибодатгаҳи яқин,
Оинахона масҷиду минбар намешавад.

Зоҳид ба фикри васвасаи ҷаннату қусур,
Не барги ҳуш дораду не мояи шуъур.
Хирсе фитода дар талаи заҳмати ғурур,
З-ин беш кист аз насаби имтиёз дур?
К-ин хар гар одамаш накунӣ, хар намешавад.

Дар ишқ ҳиммати ками илму фунун талаб,
Ваҳшат зи қайди ҳар чӣ тавонӣ, фузун талаб.
Бисмил шаву ба саъйи тапидан ҷунун талаб,
Таври бағалкушоӣ аз амвоҷи хун талаб,
Ҳар кас дар оби теғ шиновар намешавад.

Умрест дар талотуми ин баҳри беканор
Дил ранги ҳуш бохтаву тоқат ихтиёр.
Маҳви таҳайюрем зи умри нафасшумор,
Бар мо мабанд тухмати андешаи виқор,
Киштишикаста ғарраи лангар намешавад.

Сад шаб гузаштаасту зи пай медамад саҳар,
Чандин шукуфа рехтаву мерасад самар.
Мо ҳамчунон зи сурати ҳангома бехабар,
Сеҳри таҷаддуди нафас аст ин, ки дар назар
Олам муқаррар асту мукаррар намешавад.

Он ҷо ки ғайри ишвафурӯшӣ хаёл нест,
Бар ҳар чӣ рӯ кунӣ, сабаби инфиол нест.
Дар маъбади ҳузур хато эҳтимол нест,
Дил соф дор, суҳбати халқат вабол нест,
Дар дасти габр оина кофар намешавад.

Гар сабзаем, пайсипарӣ ногузири мост,
Гар нахл рустаем, сари реша зери пост.
Аз теғи ишқ гардани мо мунҳариф куҷост?
Вазъи ниёзи аҷзсириштон ба як адост,
Мӯ шакли мӯст, фарбиҳу лоғар намешавад.

Халқе дар ин муҳит зи ваҳму гумон гузашт,
Ҷамъе зи суду тоифае аз зиён гузашт.
Мағрури ҷоҳро чӣ хаёл аст, аз он гузашт?
Саъйи пуле, ки аз сари иззат тавон гузашт,
Бар худ начиданат зару гавҳар намешавад.

Бедил, ҷунуни ҳирси данӣ бо ҳаё насохт,
Сармояи ғаноям авқоти ҳарза бохт.
Гаҳ бар дари тамаъ заду гоҳе ба гидя тохт,
Ин мояи арақ, ки маро ғайраташ гудохт,
Чун шиша об мешаваду тар намешавад.

**16**

Тори нобаста дар ин соз навоҳо дорад,
Ранги нашкуфта ба чандин чаман имо дорад.
Бе нафас олами найранг ману мо дорад,
Сурати оина не дину на дунё дорад,
Шаш ҷиҳат ҳайрати гулкарда тамошо дорад.

Эй навои ту асарташнаи мизроби нафас,
Хомушиҳои ту маҳкуми раги хоби нафас.
Раму ороми дилат шӯхию одоби нафас,
Муғтанам дор даме чанд табу тоби нафас,
Ошёни ту ҳамин як пари анқо дорад.

Гарди ошӯб бар оинаи ором мабош,
Домани амн ба хору гули шӯхӣ махарош.
Ранҷи махмурии роҳат макаш аз фикри талош,
По ба домони адаб сархуши ҷамъият бош,
Офият дар бағал обилаи мино дорад.

Умрҳо шуд, ки ба сад айшу алам меҷӯшем,
Гоҳ дар майкада, гоҳе ба ҳарам меҷӯшем.
Масту махмур чу амвоҷ ба ҳам меҷӯшем,
Ҳама аз пардаи осори адам меҷӯшем,
Ранги ин боғ шикастест, ки гулҳо дорад.

Эй хазон оинапардозии чандин чаманат,
Рафтан аз худ гули ороиши пеш омаданат.
Хилват ороста асбоби ҳазор анҷуманат,
Пеш бурдаст амал ин қадар аз хештанат,
Ки ҳар имрӯзи ту шаб ношуда фардо дорад.

Доғи кулфат зи дили танг надорад рафтан,
Шарари побагил аз санг надорад рафтан.
Норасоӣ зи таки ланг надорад рафтан,
Шамъ аз ин маҳфили найранг надорад рафтан,
Сари таслим ҳазор обилаи по дорад.

Беҳ, ки равнақшикани фитрати кӯтоҳ шавӣ,
Маҳрами коргаҳи маърафатуллоҳ шавӣ.
Ворасӣ бар ҳашами қадри худу шоҳ шавӣ,
Агар аз нақши нигин андаке огоҳ шавӣ,
Дили ҳар санг ба номи ту муаммо дорад.

Рӯзгорест, ки нақди ману мо бохтаем,
Ду ҷаҳон чун ду сиришк аз назар андохтаем,
Хона аз васвасаи ғайри ту пардохтаем[45],
Дар хаёлат ба гирифтории дил сохтаем,
Он чи фирдавс надорад, қафаси мо дорад.

Баъзе овард кафи холию бо оҳ гузашт,
Фирқае санг ба дил дар алами ҷоҳ гузашт,
Ҳар кӣ омад ба ҷаҳон ғофилу огоҳ, гузашт,
Ҳамаро бояд аз ин вартаи ҷонкоҳ гузашт,
То ҳубобу гуҳар ин ҷо пулу дарё дорад.

Ишқ ташвиши таъаллуқ напазирад ба ҳавас,
Шавқи озод назебад ба хаму дому қафас.
Субҳ гул кун, ки ба гардун барӣ андози нафас,
Нест шоистаи иқболи таҷарруд ҳама кас,
Бедил, ин сӯзани ришта Масеҳо дорад.

**17**

Шикасти шишаи найранг хор-хор надорад,
Майи ҳавас ба замин рехтан хумор надорад.
Агар димоғи ту савдои гирудор надорад,
Видоъи кулфати имкон ба табъ бор надорад,
Гузаштан аз сари ин хокдон ғубор надорад.

Чӣ лозим аст ба ҷамъияти ҳавос танидан?
Ғубор гаштану доман зи саъйи ҳарза начидан.
Зи мақсаде, ки ту дорӣ, гузаштан аст расидан,
Гуҳар чӣ сарфа барад аз инони мавҷ кашидан?
Муҳит низ ба забти худ ихтиёр надорад.

Қадам зи реша кушудӣ, ба табъи хок давидӣ,
Нафас ба субҳ расондӣ, зи авҷи чарх дамидӣ.
Ба оламе, ки расидан раҳе надошт, расидӣ,
Биҳишт дидию гулзор дидӣ, оина дидӣ,
Вале чӣ суд, ки дил бо худат дучор надорад?

Хумори ваъдаи зоҳид фикан ба нозу наимаш,
Ваиди[46] соғари ушшоқ зан ба фарқи ҳамимаш[47].
Умед ку, ки шавӣ чорасози заҳмати бимаш?
Ба тоқи манзари нисён гузор хулду ҷаҳимаш,
Асири ишқ хаёлоти нуру нор надорад.

Ба офиятталабӣ то куҷо зи амн гурезӣ?
Ғубор гардию тӯфон ба фарқи ҳавсала безӣ.
Гаҳе ба ноз танӣ, гоҳ бар ниёз ситезӣ,
Нафас магар арақ орад, ки ранги оина резӣ,
В-агарна, ношуда шабнам ҳаво қарор надорад.

Ба рафъи хиффати маҷҳулию хиҷолати корат
Қазо зи олами бедонишӣ гирифт шуморат,
Дар ин ҳаёкада муфт аст ғафлат оинадорат,
Агар ба маҳкамаи огаҳӣ кунанд дучорат,
Шаҳодати ту ҷуз ангушти зинҳор надорад.

Надорад анҷумани маърифат ғурурпарастӣ,
Ту бар кадом таайюн кулоҳи ноз шикастӣ?
Хумори шаш ҷиҳатат шӯри фитна дораду мастӣ,
Агар арақ накунад инфиоли даъвии ҳастӣ,
Баҳори олами таҳқиқат обёр надорад.

Дили шикаста нафас дар кадом саъй гудозад,
Ки сар ба коргаҳи эътибори сунъ фарозад?
Ҳубоб нақш чӣ бандад? Ғубор дасти кӣ ёзад?
Хаёлбофии авҳом агар ҷунун натирозад,
Касе дар ин ҳавасобод ҳеч кор надорад.

Хуш он, ки кисвати рози саҳар ба чок фурӯшӣ,
Нафас салои ҷунун мезанад, даме бихурӯшӣ.
Муҳити фитратӣ, эй беканор, аз чӣ начӯшӣ?
Ҳақиқат аз ту кӣ пӯшидааст, то ту бипӯшӣ?
Бараҳнагӣ ба ҷаҳони бараҳна ор надорад.

Кирост чашм, ки ман нақши кунфакон бинамоям?
Куҷост оина, то занги ину он бизудоям?
Ҳарифи нағмаи таҳқиқ кист, гар бисароям?
Ҷаҳон ҳама адам аст, аз адам чӣ парда кушоям?
Ҳақиқате ки ниҳон нест, ошкор надорад.

Дар ин бисот, ки фурсат ҷунункамини хиром аст,
Шарору барқ тасалсулфурӯши гардиши ҷом аст,
На ғам замони бақо, не тараб кафили давом аст.
Ба ним чашм задан даври васлу ҳаҷр тамом аст,
Ту ҳам димоғе агар дорӣ, интизор надорад.

Чӣ сеҳрмашрабӣ, эй Бедил, аз бадеънигорӣ?
Қиёматанҷуманӣ ё баҳори фитнағуборӣ?
Ҳазор ранг дарад парда, то гуле бадар орӣ,
Зи сози қулқули як шишаи диле, ки надорӣ,
Ба табъи туст хурӯше, ки кӯҳсор надорад.

**18**

Фарёд, ки изҳори ҳунар яъскамин буд,
Иқболи камолот ба идбор қарин буд.
Тақрир чу таҳрир сияҳкори яқин буд,
Сарсабзии ин мазраъа зангорнишин буд,
Ҳар ҷо нафасе коштам, оина замин буд.

Дил рамзи ҳақиқат, ки аён буд, ниҳон ҷуст,
Имрӯзи яқинбохта фардои гумон ҷуст.
Дар хок ватан дошт, бурун рафту макон ҷуст,
Бар чарх назар кард, раҳе бартар аз он ҷуст,
З-ин шуъбада[48] ғофил, ки ҳамин асту ҳамин буд.

Дилро ба хаёлоти тараб фол гирифтем,
Ибраткадаеро чаманиқбол гирифтем.
Гаҳ ҳусн, гаҳе олами тимсол гирифтем,
Акнун ки ниқоб аз рухи аҳвол гирифтем,
Оина мақоми нафаси бозпасин буд.

Ҳастӣ, ки ба ғайр аз ҷигари пора надорад,
Ҷуз тобу таби собиту сайёра надорад.
Моро чӣ хаёл аст, ки овора надорад?
Аз ҷодаи тақдир касе чора надорад,
Дар домани мо чун маҳи нав чини ҷабин буд.

Умре хабар аз шайху бараҳман талабидем,
Бетоби талаб буткада то Каъба давидем.
Бар ҷодаи чандин туруқи[49] шавқ тапидем,
Чун субҳа замоне ки ба таҳқиқ расидем,
Як риштаи зуннор каманди дилу дин буд.

Дарёву зи амвоҷи табу тоб давомаш,
Гардуну ҳамон гардиши сар ҷоми мудомаш.
Инҳо асари тоқати ноз асту хиромаш,
Он кас ки зад осудадилӣ сикка ба номаш,
Монанди замин обилаи пош нигин буд.

З-ин марҳала халқе ба ҳавас заҳмати кад[50] бурд,
Шаҳ дарди сари тоҷу гадо ранҷи намад бурд.
Гар фикри ҷунун пухту гар аз ақл мадад бурд,
Ҷамъияти дил охир аз оғӯши лаҳад бурд,
Дар кисвати ором гиребон ба замин буд.

Аз оинаи фитрат агар занг зудудӣ,
Ҳуш дор, ки ғайр аз гираҳи ваҳм набудӣ.
Гаҳ арзи амал додию гаҳ илм намудӣ,
Монанди саҳар ҳар қадар оғӯш кушудӣ,
Аз қайди камандат ҳама во кардани чин буд.

Сайри ҳаваси худсарии маҳфили тақлид
Моро ба тааммулкадаи дил нарасонид.
Таслиме ишоратгари одоб нагардид,
Дигар чӣ нишот аз чамани фаҳм тавон чид?
Сар пеш фикандан хами абрӯи яқин буд.

Эй нозхиромон, ки ба сайри гулу хоред,
Аз бехабариҳо ба чӣ авҳом дучоред?
Бар хоки мазорам қадам оҳиста гузоред,
Оини адаб муғтанами шарм шуморед,
Дирӯз дар ин парда баҳор оинабин буд.

Афсӯс, ки таъмири ҳавас кард харобам,
Шуд бому дари олами найранг ҳиҷобам.
Нагрифт тамиз аз дили вораста ҳисобам[51],
Нанмуд ғубори нафаси побарикобам,
К-он оина бар тоқи ҳаво хонаи зин буд.

Бедил, ба таҳайюркадаи олами савдо
Ҳар кас дари дигар зад аз афсуни ману мо.
Ин маҷмаъи найранг мақомест, ки ин ҷо
Зоҳид ғами дин хурду муъошир[52] ғами дунё,
Чун парда барафтод, на он буду на ин буд.

**19**

Фарёд, ки ёди нафаси рафта фиғон шуд,
Шамъи зи назар гашта ниҳон, доғи аён шуд.
Дар олами пирӣ алами мурда ҷавон шуд,
Бар дарди сари гумшуда ҳасрат нигарон шуд,
Он бор, ки аз дӯш фикандем, гарон шуд.

Дар гӯшаи таслим на тобе, на табе буд,
Шамъи тарабе дошт дил аз оташи бедуд.
На сар ҳавасафсун, на қадам марҳалафарсуд,
То пой зи доман бадар омад, тапиш афзуд,
Амвоҷ ҷунун кард, зи обе ки равон шуд.

То сар накашад фитнаи ташвиши таназзул,
Кардем ба тадбири адаб машқи тағофул.
Ихфои ҳавас рост наёмад ба тааммул,
Бехост чу он реша, ки аз дона кунад гул,
Дар забти нафас нолаи дил шуълаъинон шуд.

Дар чорсуи даъвии савдои ҳақиқат
Халқе зи сафо сохт ба таҳсили кудурат.
Кард оинадорӣ ҳамаро доғи хиҷолат,
Аз шахс ба тимсол намуданд қаноат,
Суде ки дар андеша ҷунун дошт, зиён шуд.

То сурати бематлабӣ оинанамо буд,
Кулфат тарабангезию зангор сафо буд,
Он фитна, к-аз офоқ аён аст, куҷо буд?
Дӣ хору гул ороиши гулзори вафо буд.
Имрӯз зи афсуни ғараз тиру синон шуд.

Дидем дар ин арса, чи тахсису чи таъмим[53],
Кас шеваи тоқат нарасонид ба тақдим,
Гар сози ҳашам карду гар ороиши дайҳим[54],
Азми ҳама пар рехт ба печу хами таслим,
Ҳар тир, к-аз ин кеш[55] бурун ҷаст, камон шуд.

Не ҷавҳари қудрат, ки ба тадбир бинозем,
Не ҳавсалае, то зи тааб[56] ранг набозем.
Гаҳ сирф шикастему гаҳе вақфи гудозем,
Бо гардиши гардуни ситампеша чӣ созем?
Дил пешкаши коргаҳи шишагарон шуд.

Эй файзи азал, аз дили хурсанд хабар гир,
Аз ғусса баро, ишрати ҷовид ба бар гир.
Во кун мижа бар хешу баҳоре ба назар гир,
Боғи тарабӣ, хуррамӣ аз вазъи саҳар гир,
К-аз ним табассум чаманорои ҷаҳон шуд.

Равшангуҳарон анҷуманорои ҳузуранд,
Комилхирадон фориғ аз андӯҳи қусуранд.
Ҷамъе, ки бурунанд аз ин силсила, кӯранд,
Заррот ба ҳар шаш ҷиҳат оинаи нуранд,
Ғам нест, гар аз шабпара хуршед ниҳон шуд.

Он ҷо ки хирад майли каму беш надорад,
Кас кашмакаши табъи ҷунункеш надорад.
Офоқ ғубори шаҳу дарвеш надорад,
Дарё хабар аз ҷазру мади хеш надорад,
Ташвиши тамизест, ки ин омаду он шуд.

Эй ҳарзадимоғон, сухани яъс магӯед,
Гул муфти тамошост, бибинеду бибӯед.
Он гавҳари ноёб, ки саргаштаи ӯед,
Аз пеши назар дур нарафтаст, биҷӯед,
Охир, ба хаёл он ҳама Бедил натавон шуд.

**20**

На ҳамин ҷоҳу ҳашам нозуғуруриншо буд,
Ё нафири каруфар сози баландово буд.
Нашъаи фақр ҳам аз олами истиғно буд,
Ҳар куҷо рояти иқболи шаҳон барпо буд,
Алами мо дили бархоста аз дунё буд.

Ранг дидем, шикаст, оинаҳо урён кард,
Бӯ шунидем, нафас мағзи ҷунун сомон кард.
Беш аз ин такя бар асбоби тараб натвон кард,
Имтиҳон сайри тамошокадаи имкон кард,
Нуҳ фалак ҳамчу гули чида саре бепо буд.

Эй ба таҳрики нафас нақши хаёлат зоил[57],
Чанд пояд асари нозу ғурури ботил?
Даври аҷз аст, зи андешаи тоқат бигсил,
Шиша дидӣ, машав аз нашъаи ибрат ғофил,
Дӣ ҳамин гардани моил раге аз хоро буд.

Ранҷи ташвиши амал аз ҳама беш аст ин ҷо,
Неку бад душмани осоиши хеш аст ин ҷо.
Роҳ норафта қадам бар сари неш аст ин ҷо,
Гарди вомондагие ҳаст, ки пеш аст ин ҷо,
Ҳар қадар дӣ шуду имрӯз, ҳамин фардо буд.

Табъи ғофил ба тааллуқ тарабоҳангӣ кард,
Шӯри ташвиши ҷунун сар заду фарҳангӣ кард.
Рангҳо рӯкаши оинаи берангӣ кард,
Охир аз гарди ҳавас машраби мо тангӣ кард,
Хона чинафкани пешонии ин саҳро буд.

Оламе кард ба хумхонаи таҳқиқ гузар,
То шуъур оина пардохт, на по диду на сар,
Бехудӣ чанд шавад масдари осори хабар?
Он чи сармояи мастист, наёмад ба назар,
Арақи шарми парӣ бодаи ин мино буд.

Оҳ, камҳавсалагӣ масти фузулӣ гардид,
Шӯр изҳори ҷунун карду надомат болид.
Ҳуши бемоя ба паймонаи забте нарасид,
Арзи хамёза ба маҳрумии ҷовид кашид,
Сифри оғӯши тамаъ ибрати яъсафзо буд.

Дил ҷунун кард гиребони саҳар чок гирифт,
Ваҳм махмури ҳавас гашт май аз ток гирифт.
Ҳирс афшурд қадам, симу зар аз хок гирифт,
Доми товуси хаёли ту бар афлок гирифт,
В-арна ин байза ҳамон зери пари анқо буд.

Кас дар ин майкада соғаркаши асрор нашуд.
Масту махмур ба ғафлат заду ҳушёр нашуд,
Базмҳо хурд ба ҳам, нашъа намудор нашуд,
Хок шуд оинаву маҳрами дидор нашуд,
Саъйи фитрат ба замин рехтани саҳбо буд.

Рафт ворастагӣ аз офиятэҳромии мо,
Доғ хандид ба вазъи тарабанҷомии мо.
Дили афсурда зудуд оинаи хомии мо,
Гашт номунфаилӣ уқдаи нокомии мо,
Ҷабҳа гум кард арақ, в-арна гуҳар дарё буд.

Чарху сад фитна каминпарвари даври маҳу сол,
Хоку сад зилзила тӯфонгари ошӯбу малол.
Бекасиро ба чӣ уммед тавон гуфт «манол»!
Бар як оина ғулӯ карда ду олам тимсол,
Ҳадафи ин ҳама офот диле танҳо буд.

Бедил, идроки ту чандон ки фунун меорад,
Хиффати ақл сар аз парда бурун меорад.
Ишрати сохта бар дил шабихун меорад,
Он чи ҷуз нашъаи зотист, ҷунун меорад,
Партави шамъ гиребондарии шабҳо буд.

**21**

Ёрон, ҳавасу ишқи фусункор намонад,
Нанг об шавад оқибату ор намонад.
Иқболи ҷаҳон бигзарад, идбор намонад,
Охир оламу айши гулу хор намонад,
Рангест дар ин боғ, ки бисёр намонад.

Ҳар дида, ки оинаи ин маърака гардид,
Аз сайри ҳавас ғайри тағофул написандид.
Пур бехудӣ орост баҳори гули таҷдид,
Бар гирдиши ранг он ҳама фурсат натавон чид,
Имсол ҳам он аст, ки чун пор намонад.

То тухми ҳавас решагари илму амал нест,
Дар гулшани озодият осори халал нест.
Ҷое, ки абад пардаи ваҳм аст, азал нест,
Ҷуз ғафлати дил мояи эҷоди амал нест,
Ин укда агар во шавад, он тор намонад.

Дил маркази ором гирифтаст нафасро,
Гул боғи тараб мешумарад чоки қафасро.
Занг оина пардохта ин ҷо ҳама касро,
Бе мояи ғафлат чӣ фурӯғ аст ҳавасро?
Шамъ аст сиёҳӣ, чу шаби тор намонад.

Гар субҳ кашад бол, зи боди мижаи туст,
В-ар шом дамад мӯй, зи ёди мижаи туст.
Ҳар сӯ фиканӣ чашм, саводи мижаи туст,
Рамзи ду ҷаҳон басту кушоди мижаи туст,
Саҳро дамад аз хона, чу девор намонад.

Мапсанд зи асбоб ситам бар дили дарвеш,
То ноқа зи бори зару симат нашавад реш.
Оҳанги гузорат ба чӣ роҳ аст? Бияндеш,
Эй хоҷа, алам мекашию меравӣ аз хеш,
З-он пеш сабук шав, ки хару бор намонад.

То чанд кашӣ заҳмати карруфари дунё?
То кай равӣ аз ҳуш ба афсонаи уқбо?
Хатми ҳаваси пуч кун, аз хеш бурун о,
Фурсатшумари туст, чи имрӯзу чи фардо,
Ҳар гаҳ ту намондӣ, ҳама якбор намонад.

Гар хона шуморӣ, ба сафарҳои ту дол[58] аст,
В-ар байза тасаввур кунӣ, афшондани бол аст.
Андешаи ором дар ин варта муҳол аст,
Дар олами найранг иқомат чӣ хаёл аст?
Ин ҷо чу садо сурати куҳсор намонад.

Ин водии ишқ аст, мақоми дигаре нест,
То манзилу раҳрав ҳама ҷуз созу баре нест.
Ин ҷост, ки касро ба иқомат ҷигаре нест,
Дар Тур гар имрӯз зи Мӯсо асаре нест,
Фардост, ки аз Тур ҳам осор намонад.

Нақде ки яқин дошт, ба ғоратгари шак рафт,
Ганҷе ки зар анбошт, ба ташвиши маҳак рафт.
Ҳар нақш, ки гул кард аз ин сафҳа, ба ҳак рафт,
Афсона шуд он давр, ки Исо ба фалак рафт.
Ин қисса ҳам охир шавад, адвор намонад.

Гар гул набувад маҳрами идбори шукуфтан,
Булбул, ту худ осуда шав аз заҳмати шеван.
Ку сарв? Чӣ қумрӣ? Ҳама чин баста ба доман[59],
Парвозкаминанд, чи тоир, чи нишеман,
Мансур намондасту сари дор намонад.

Эй карда хаёлат ҳаваси сохта хирман,
Бар фаҳми ҷунун фитрати хеш он ҳама машкан.
Бар оташи мо ғайрати дигар зада доман,
Бехуд ҳамаро бояд аз ин кӯча гузаштан,
Ҳуш дор, ки дар майкада ҳушёр намонад.

Ҳар ҷост нишеб, оинапардози фароз аст,
Ҳар ҷост ҳақиқат, тарафаш гарди маҷоз аст.
Кӯтоҳ кунам, силсилаи ваҳм дароз аст,
Аздод тааммулкадаи нозу ниёз аст.
Ку ёру чӣ дилдор? Чу ағёр намонад.

То сози нафас воситаи шӯри ҷаҳон аст,
То вазъи ҷасад оинаи улфати ҷон аст.
Ҷамъияти дилҳо амали болфишон аст,
Бе реша парокандагии дона аён аст.
Аз субҳа маҷӯ рабт, чу зуннор намонад.

Ҷуз қайд дар ин анҷуман осудадиле кист?
Шерозаи аҷзои ту ҷуз забти нафас чист?
Шӯрест ба ҳар силсила, то силсила боқист,
Номаҳрами асрори тааллуқ натавон зист.
Сар боди ҳубоб аст, чу дастор намонад.

То ранги бинои ту наёварда нишасте,
То аз гули ҷоми ту нахандида шикасте.
Муфт аст зи саъйи нафасат бандеву басте,
Коре дигарат гар набувад, судани дасте,
Дар олами бекор кӣ бекор намонад?

То ҳусни тааллуқ нашавад оинапардоз,
Мушкил, ки димоғи ту ба ташвиш кунад ноз.
Мо домани анҷом гирифтем зи оғоз,
Дигар ба чӣ уммед кашад миннати парвоз,
Мурғе ки ба дому қафасаш кор намонад?

Эй дар назарат сурати исботи яқин шоқ[60],
Он гаҳ ҳаваси бехабарат оинамуштоқ.
Маснуъ мадон коргаҳи олами итлоқ,
Ғофил машав аз манзари кайфияти офоқ,
Ин нест биное ки ба меъмор намонад.

Эй ранги баҳорат гули таслималомат,
Эй сиккаи бемоягии аҷз ба номат.
Нақде ки ту бозӣ, насазад вақфи надомат,
Гар рафт дил аз каф, сари дилдор саломат,
Дарё тиҳӣ аз гавҳари шаҳвор намонад.

Гар дида ғуборе ба назар болфишон ёфт,
Ҳар гаҳ ба тааммул зад, аз он ҷилва нишон ёфт.
Ҳайрат ҳама сӯ қофилаи ноз равон ёфт,
Дар қулзуми таҳқиқ муҳол аст, тавон ёфт
Мавҷе ки ба он шӯхии рафтор намонад.

То дам задаӣ, нози ту масруфи ниёз аст,
То чашм кушоӣ, мижаи боз фароз аст.
Умрест таҷаддуд чаманороии ноз аст,
Афсонаи беповусари ишқ дароз аст.
Бигзор зи ҳадисе, ки ба такрор намонад.

Шавқест дар ин арсаи найранг парафшон,
Шӯрест дар ин анҷуман ангехта тӯфон.
Дорад ҳама сӯ гарди ҷунун чидани домон,
Бедил, ба тамошокадаи ҳайрати имкон
Мову гули ранге, ки ба гулзор намонад.

**22**

Ёди айёме, ки чашми мо ба ибрат во набуд,
Ваҳму зан ҷуз маркази паргори истиғно набуд.
Рахши фитратро ҷунуни пештозиҳо набуд,
Фикри уқбо он қадар бегонаи дунё набуд.
Кулфати имрӯзи мо андешаи фардо набуд.

Бӯи савдое димоғи офариниш реш кард,
Дил зи афсуни талаб фикри тапидан беш кард.
Мақсади маҷҳул халқеро муҳоландеш кард,
Ишқи бепарво ба ҳар найранг кори хеш кард,
Дар ғубори ваҳм Маҷнун гум шуду Лайло набуд.

Рӯзгоре бе ғубори шубҳаи ваҳму гумон
Қатра мезад[61] пеши худ мавҷи муҳити бекарон,
Хок меангехт гарде он суи ҳафт осмон,
Лофи тоқат гар намеомад ба пои имтиҳон,
Аҷзи беболупари халқ ин қадар расво набуд.

Умрҳо махмуртабъон бар сабурӣ по заданд,
Хок бар фарқи такутози ҳаваспаймо заданд.
Гаҳ ба оҳанги таманно, гаҳ ба истиғно заданд,
Аз ҷунуни имтиҳон бар санг соғарҳо заданд.
Ҷуз нигунӣ бодае дигар дар ин мино набуд.

Орзу ҳарчанд домони тапиданҳо гирифт,
Нашъаи таскин на аз соғар, на аз мино гирифт.
Бо таваккул соз кард, аз матлаб истиғно гирифт,
Чун садаф коми умед аз олами боло гирифт.
Он нами обе ки дил мехост, дар дарё набуд.

Дар талоши ҳарза фарсудему роҳе во нашуд,
Рафтан аз худ маҳрами мақсадсуроғиҳо нашуд.
Огаҳӣ охир далели гирдбоди мо нашуд,
Ҳеч ҷо з-ин дашту дар нақши қадам пайдо нашуд,
Саъйи ҷустуҷӯ чӣ созад? Гардиши сар по набуд.

Боғи имкон ҷӯши чандин ранг гулҳо доштаст,
Лек идроки ҳақиқат дар адам ҷо доштаст.
Ҳар чӣ пинҳон мекунам, андеша пайдо доштаст,
Кас чӣ созад? Ғайрати ишқ ин тақозо доштаст,
Аз ҳазор оина тимсоле насиби мо набуд.

Дар ҳавасгоҳи таайюн баски маҷҳулист ом,
Чашмбанди фитрат афтод аз иқомат то хиром.
Оҳ аз афсуни ғафлат, дод аз савдои хом,
Зиндагӣ сарфи такудав шуд, ба раҳ нанҳода гом,
Дар замингирӣ сар омад умру ҷо пайдо набуд.

Оҳи мо шӯри ҷунун дорад, ҷаҳон ғавғо надошт,
Ашки мо лағзидааст, ин ҷо давидан по надошт.
Ин саводи ваҳм ҷуз тӯфони гарди мо надошт,
Дил агар оғӯш медуздид, олам ҷо надошт,
Ҷамъ гар мешуд димоғи ҷустуҷӯ, саҳро набуд.

Гар ба авҷи чарху гар дар пардаи гил будаем,
Бе такаллуф, бо ҳамин шаклу шамоил будаем.
Ошкоро буд Ҳақ, ҳарчанд ботил будаем,
Ҳамчу Бедил ҳар куҷо будем, бедил будаем.
Фаҳм маъзур аст, в-арна ҳеч кас анқо набуд.

**23**

Ҳайф аст, гӯямат, раҳи хуршеду моҳ гир,
Ё домани хаёли сапеду сиёҳ гир.
Лахти иёри вусъати ин домгоҳ гир,
Мижгон кушо, ҷаҳон таҳи боли нигоҳ гир,
Сайдат ба зери пост, зи шоҳин кулоҳ гир.

Кунҷи қаноатам чамани айшмаскан аст,
Бедастгоҳӣ анҷумани нозхирман аст.
Дарси саводи фақр дар ин нусха равшан аст,
Боли ҳумо зи шаш ҷиҳатат сояафкан аст,
Иқбол, гӯ, калоғ ба бахти сиёҳ гир.

Нанги камолу нақси замину замон туӣ,
Туҳматгари хатои ниҳону аён туӣ.
Ислому куфр нест, яқин то гумон туӣ,
Эй ғарраи тамиз, ваболи ҷаҳон туӣ,
Оина бишкану ҳамаро бегуноҳ гир.

Олам ҷунунтаронаи шӯри қиёмат аст,
Ҳар сӯ назар баланд кунӣ, гарди офат аст,
Ҷое ки ҷаҳд орию қудрат надомат аст,
Оғӯши бехудӣ хати паргори роҳат аст,
Ранги ба гардиш омадаеро паноҳ гир.

Пур ғофиласт ғарраи ба ҷамъияти давом,
Эй гарди субҳ, аз ин чаманистон бурун хиром.
Месӯзию намегузарӣ аз хаёли хом,
Бо дил чӣ улфат аст нафасро дар ин мақом?
Манзил, нишаста бош, ту бархезу оҳ гир.

Камофат аст дастгаҳи зердастият,
Бишкан ба аҷз гардани минои мастият.
Мағрури рифъатию ҷунун карда пастият,
Оҳ аз баланд рехтани шамъи ҳастият,
Чандон ки сар фарохтаӣ, умқи чоҳ гир.

Озодагон зи сози тааллуқ гусастаанд,
Нақше ба коргоҳи ману мо набастаанд.
Ҳастанду нестанд, асиранду бастаанд,
Он сӯи оламанду ба пешат нишастаанд,
Дар хонаҳои чашм суроғи нигоҳ гир.

Эй душмани хамӯшӣ, агар хирасар наӣ,
Аз поси рози ишқ чаро сарфабар наӣ?
Ҳарчанд дар муҳити тааммул гуҳар наӣ,
Охир ту аз ҳубоб тунукмоятар наӣ,
Худро даме арақ куну бар рӯи роҳ гир.

Не ҷуръати паре, ки саре бар ҳаво кашем,
Ё ваҳшате, к-аз ин чамани яъс по кашем.
Вомондаему нест маконе, ки по кашем,
Эй боғбон, хумори адам то куҷо кашем?
Моро ба сояи мижаҳои гиёҳ гир.

Ҷое ки васфи лаъли ту тамҳиди[62] муддаост,
Шӯхӣ зи таври маънии аҳли сухан хатост.
Ин ҷо хаёли даъвии табъи равон кирост?
Оинаи тааммули мавҷи гуҳар ҳаёст,
Гар назми мо ба сакта расад, узрхоҳ гир.

Бедил, шабоби рафта ба ибрат муқобил аст,
Сақфи ҳавас хамидаву девормоил аст.
Бунёди умр бар тапиши боли бисмил аст,
Даъво гар ин замон ҳама аҷз асту ботил аст,
Дар саҷда низ қадди дутоlocation гувоҳ гир.

**24**

Ҳарчанд дар ҳаваскадаи ранги эътибор[63]
Сабз аст дашту дар зи тақозои навбаҳор.
Ибром[64] кам намешавад аз табъи рӯзгор,
Тар медамад зи кишти тамаъ хушкии виқор,
Эй абр, ним қатра гуҳар обрӯ бибор.

Не бода аст ҷавҳари кайфияти нишот,
Не нағмаро ба сози ғано ранги иртибот,
Ҳар табъ бо ҷунуни дигар дорад ихтилот,
Махмур мераванд ҳарифон аз ин бисот,
Соқӣ, зи чашми сер кунун соғаре барор.

Дасти талаб ба чоки гиребон намерасад,
Пойи талош то сари домон намерасад.
Афсонаи умед ба поён намерасад,
Ҳасрат ба доди матлаби мастон намерасад,
Хамёза то куҷо бадар ояд қадаҳшикор?

Сад субҳ аз ин баҳори ҳавас нодамида рафт,
Гул ношукуфта домани уммед чида рафт.
Халқе ба мақсади таку пӯ норасида рафт,
Ҷуз оҳу ашки чанд, ки он ҳам зи дида рафт,
Эй шамъ, он чи бурдӣ аз ин анҷуман, биёр.

Моро ба мазраъе, ки таҳайюр дурудан аст,
Гар решаест, қобили помол будан аст.
Ин ҷо ба ҳар нигаҳ дари ибрат кушудан аст,
Аз пардаи адам чӣ асар вонамудан аст?
То нақши пост, оина дар хоки мо макор.

Раҳ нест, то ба мақсади беинтиҳо расем,
Ё пой, то ба тоқати бахтозмо расем.
Дар хун нишастаем, ки ё Раб, куҷо расем?
Кош андаке ба бекасии хеш ворасем,
Эй орзу, ту бар дили мо дасти мо гузор.

Саҳрои ҳирс гарчи зи нахчир сода аст,
Гарди умедаш аз рами фурсат зиёда аст.
Ҳар сӯ назар кунӣ, ҳавасе пар кушодааст,
Дар хоки интизор ҷаҳоне фитодааст.
Чун ҳалқаҳои дом зи сар то қадам канор.

З-ин орзуи оташиҳирмонбадилфикан
Гаҳ доғи лолазораму гаҳ шамъи анҷуман.
Дар сад ҳазор шӯри ҷунун кардаам ватан,
Ку бехудӣ, к-аз ин ҳама офоти ваҳму зан
Ранге ба гардиш ораму бар худ кашам ҳисор?

Рафт он, ки буд бо тарабам як ҷаҳон ҳисоб,
Акнун ману нафасшумуриҳои печутоб.
Мӯи сапед медарад аз пайкарам ниқоб,
Пирӣ баҳоначӯст, мадеҳ ёдам аз шабоб,
Оташ мабар ба хонаи хокистаринтизор.

Фарёд, к-аз тааммули савдои огаҳӣ,
Дар парда хок гашт ҳавасҳои огаҳӣ.
Во нест ҷуз ба ҷайби адам ҷои огаҳӣ,
Фурсат куҷост, то кунам имои огаҳӣ?
Бар чашмаки шарар мижа бастаст кӯҳсор.

Умрест дил ба яъс дучорам фитодааст,
Хобида ноқа дар гилу борам фитодааст,
Чандин гуҳар ба хок дучорам фитодааст,
Яксар чу ашк бо мижа корам фитодааст
Ғалтидаам як обила бар сад ҳазор хор.

Пирам, вале нарастаам аз ҳирсу кад ҳанӯз,
Болу паре намонду ҳавас мепарад ҳанӯз,
Кардам видоъи умру нафас метапад ҳанӯз.
Гаштам тиҳӣ зи хешу пурам аз рамад ҳанӯз
Чандон нарафтаам, ки шавад хона беғубор.

Ҷойе ки ишқ доди дили нотавон диҳад,
Куҳсорро нафас ба ғубори фиғон диҳад,
Аҷз он замон ки дар кафи оҳам синон диҳад,
Ҳарчанд теғ ҷавҳари ғайрат нишон диҳад,
Дандоннамост сурати ангушти зинҳор.

Дорад ғубори бесарупо даври соғаре,
Боли шикаста ҳам ба ҳаво мнзанад паре.
Таҷдид бар рухи ҳама во мекунад даре,
Ҳар сол гул ба гулшани мо мекашад саре,
Аҳди вафои ранг ба рангест устувор.

Бар худ маҳоҳ фурсати сайри нишот танг,
Нури яқин мадеҳ ба ғубори ҳуҷуми занг.
Минои ишрате, ки надорӣ, мазан ба санг,
Дил дархури сафост баҳорофарини ранг,
Сайқал ба боғи оина мебошад обёр.

Дар гулшане, ки ранги баҳораш назокат аст,
Андешаи тасарруфи шӯхӣ надомат аст
Одоб яққалам гули дастори ҳайрат аст,
Маҳви ҳузур бош, тамошо ғанимат аст,
Тарсам, расад ба ҷилва зи мижгон задан фишор.

Гар шавқ моили адабу нотавонӣ аст,
Ё эҳтизоз сархуши ваҷду равонӣ аст.
Мақсуди ҳиммат аз ҳама доманфишонӣ аст,
Эй фурсати тараб, тарабат қадрдонӣ аст,
Ҳар чиз муғтанам шуморӣ, муғтанам шумор.

Номурда ранҷи маргу ҳалокат намеравад,
Аз ҷайби амн заҳмати чокат намеравад.
Ин фитнаҳои арбаданокат намеравад,
То диққати ғубор зи хокат намеравад,
Бедил, нишаста гир нафас бар сари мазор.

**25**

Беяқинӣ дошт умре дар гумони Бедилам,
Ишқ кард имрӯз огоҳ аз нишони Бедилам,
Баъд аз ин, то зиндаам, аз бандагони Бедилам,
Саҷдафарсои ҳузури остони Бедилам,
Арш агар бошам, замину осмони Бедилам.

Дар хароботи худоройӣ чи махмуру чи маст,
Ишқ бепарвост, ҳар нақше, ки андешид, баст,
Гардиши ҷоме дигар шуд, ранг агар мино шикаст,
Чун нигин гардонд паҳлу, ном бар ҷояш нишаст,
Кард холӣ гаштан аз худ ошёни Бедилам.

Мавҷ бо он вазъи озодӣ асири гавҳар аст,
Бо чунон шавқи парафшон субҳ шабнампарвар аст,
Сози найранги таъаллуқ ин қадар афсунгар аст,
Олами оинадорони муҳаббат дигар аст,
Гарчи бепарвои хешам, посбони Бедилам.

Сарсарӣ натвон гузашт аз назми ҳайратзои ман,
Бе тааммул нест мумкин фаҳми маънихои ман,
Диққате мехонад афсун бар лаби гӯёи ман,
Гавҳаророист вақфи мавҷаи дарёи ман,
Сакта бисёр аст дар ҳарфам, забони Бедилам.

Орзуи муштарӣ аз яъс хун гашту фусурд,
Ташнакомиҳо гулуи ҳасрат аз хушкӣ фишурд,
Зиндагӣ з-ин хони ибрат бе фано серӣ набурд,
Охир аз табъи фузул афсӯс бояд хурду мурд,
Бар бисоти даҳри муфлис меҳмони Бедилам.

Халқи бехуд меравад роҳе, ки он ҷо роҳ нест,
Шом ғайр аз гарди субҳу рӯз ҷуз бегоҳ нест,
Бо чунин ҳангома шабгири талаб кӯтоҳ нест,
Ҳеч кас аз мақсади ҷавлони шавқ огоҳ нест,
Рангҳо гардондаам ман, ҳамъинони Бедилам.

Гар дукони субҳ во кардам, тапиш шуд бениқоб,
В-ар қумоши бӯи гул гаштам, ҳавоям бурд тоб,
Қайди дил бастаст бар дӯшам ду олам изтироб,
Чун нафас огаҳ наям аз суду савдои ҷаноб,
Ин қадар донам, ки ҷинси корвони Бедилам.

Мӯи чинӣ хома кун, гар мекашӣ тасвири ман,
Сурма бар сози нафас зан, то дамад тақрири ман,
Сахт нопайдост шӯри шавқи оламгири ман,
Бесадоӣ мекашад чун бӯи гул занҷири ман,
Оламе дорам, ҷунуни нотавони Бедилам.

Лаб ба май во мекунам, ҷоми тараб хамёза аст,
Мекушоям чашм, рабти айш бешероза аст,
Дастгоҳи эътибори нола беандоза аст,
Ҳар куҷо бошам, димоғи ноумедӣ тоза аст,
З-ин ду сифри дардидилафзо ҷаҳони Бедилам.

Додрас ишқу ситамгар ишқу таскинхоҳ ишқ,
Бар кӣ бишморам тазаллум[65], то шавад огоҳ ишқ.
Аз таҳайюр шаш ҷиҳат бастаст бар ман роҳ ишқ,
Чанд гӯям, оҳ ишқу оҳ ишқу оҳ ишқ?
Моҷарои ҳеч кас машнав, фиғони Бедилам.

Лафзи ҳайратнақшам, аз мазмуни ғаммозам мапурс,
Боли маъзурам, зи шӯхиҳои парвозам мапурс,
Ҳамчу тори соз аз таҳқиқи овозам мапурс,
Бар ту рамзе месароям, бишнаву бозам мапурс,
Бедиле дар парда дорам, тарҷумони Бедилам.

**26**

Чун саҳар то чанд чоки ғам ба пероҳан занам?
Чун шафақ, то кай шарори ғусса дар доман занам?
Гоҳ ҳарфи дӯст, гоҳ афсонаи душман занам,
Теғи сабре ку, ки ҳирсу озро гардан занам?
В-аз ҳадиси сулҳу ҷанги ҳарду олам тан занам.

Муфлисӣ нагзошт ғайр аз чин ба пешонӣ маро,
Тангдастӣ сохт ҳамчун ғунча зиндонӣ маро,
Сунбулистонҳо дамонд аз дил парешонӣ маро,
Гарчи мухтори шукуфтан кард урёнӣ маро,
Лек ку ҷайбе, ки як дам ханда бар гулшан занам?

Ҳар киро дидам дар ин кишти надоматофарин
Мехӯрад хоки тараддуд, мезанад сар бар замин,
Бенасибиҳост ҳар сӯ аз хиҷолат хӯшачин,
Решаи уммед пур хушк аст, ман ҳам баъд аз ин
Хӯшаҳо бандам зи навмедию бар хирман занам.

Оҳ накшуд аз мароҳим уқдаи озори дил,
Бо фиғон мушкил, ки берун ояд аз по хори дил,
Чеҳра аз хун то куҷо гулгун кунад бемори дил?
Бетакаллуф, сахт сангин гашт бар ман бори дил,
Гоҳ-гоҳаш кошкӣ чун санг бар оҳан занам.

Бе шиканҷи турраи он гулъизори дилфурӯз
Зулфи шомам менамояд чеҳраи тобони рӯз,
Сӯхт шамъи дил дар ин савдову аз ғайрат ҳанӯз
Гармии дарюза мехоҳам зи ишқи хонасӯз,
То чу фонус оташе дар коргоҳи тан занам.

Ногузири иқтизои ҳастиям, к-аз анҷуман
Чашм меҷӯяд тамошо, гӯш мехоҳад сухан,
То нафас пар мезанад, ночор бояд дам задан.
Шамъи фитрат аз хамӯшӣ нанг дорад, в-арна ман
Муҳр бар мадди маҳ аз як нуқта лаб бастан занам.

Баски мондам дар камини муддао беихтиёр,
Нақши по шуд ҳалқаи чашмам ба роҳи интизор,
Аҳли дарде нест, то гӯяд паёми ман ба ёр,
Эй фалак, раҳме кун, аз хокам барангезон ғубор,
То дар ин сурат касеро даст дар доман занам.

То куҷо гарди кудурат аз нафас андӯхтан?
То ба кай маҷлис ба ин афсурдагӣ афрӯхтан?
Аз кӣ хоҳам, ё Раб, оини нишот омӯхтан?
Пайкарам шуд чӯби хушк аз интизори сӯхтан,
Кош чун шамъаш зи мағзи устухон равған занам.

Ҳар қадар дорад ҳавас сайри баҳори зиндагӣ,
Мехалад дар дида хори эътибори зиндагӣ
Нест ҳечам дар назар ҷуз ҳатми кори зиндагӣ,
Беҳ ки берун тозам аз ранҷи ғубори зиндагӣ,
Бар нигоҳи вопасин пеш аз дами мурдан занам.

Хори тан дар ҷустуҷӯ гардид садди роҳи ман,
Чини кулфат чид даст аз домани кӯтоҳи ман,
З-ин чаман дуди ҷигар шуд сабзаи дилхоҳи ман,
Ғунчаи уммед нашкуфт аз насими оҳи ман,
Хез, Бедил, чанд чун булбул дари шеван занам?

**27**

Ранги баҳор болид, гул ханда зад, ки моем,
Шӯре зи хум бурун рехт, май гуфт: нашъазоем.
Бар дастгоҳи нозат умрест худситоем,
Гар маҳви он хаёлем, ё масти он лиқоем,
Оина дида бошӣ, мо ин қадар куҷоем?

Ҳарчанд дорад ин боғ ҳангомаи гулу мул,
Бар мо намерасад ҳеч ҷуз нашъаи тағофул,
Не қобили талошем, не масдари таваккул,
Бӯе зи ҳарфи номат муфт аст, агар кунад гул,
Дигар чӣ рӯяд аз мо? Хоки нафасгиёем.

Дар дастгоҳи таслим бо ҳар фусурдаҷонӣ
Бар табъи мо гарон нест мазмуни саргаронӣ,
Вомондаему дорем сайёдии маонӣ,
Гар фикр барнаёмад аз уҳдаи равонӣ,
Ҳамтарҳи мавҷи гавҳар дар сактаи расоем.

Моро зи фикри адвор не ёди моҳу сол аст,
Азхешрафтагонем, инҳо чӣ эҳтимол аст?
Такрори дарси ҳастӣ дар ишқ инфиол аст,
Ранге, к-аз ин чаман рафт, баргаштанаш муҳол аст,
Эй фасли гул, ту пеш ой, гӯ, мо дигар наёем.

Ку фитрате, ки ҳиммат бар фаҳми мо гуморад,
То шарми нестиҳо узре ба арса орад,
Саъйи мухотаб ин ҷо авҳом мешуморад,
Тимсол ғайри ҳайрат дар оина чӣ дорад?
Бар мо нафас масӯзед, кас нест, дар сароем.

Маҳруми имтиёзем, то кай назарфиребӣ?
Дурем аз тамошо, то чанд дидазебӣ?
Дар хона навҳа дорад бар ҳоли мо ғарибӣ,
Аз ҳозирони базмем, аммо зи бенасибӣ
Помоли дасти афсӯс чун ёди рафтаҳоем.

Бозори яъс гарм аст, з-ин дӯстон бипарҳез,
Бар хирмани таваққуъ барқе шаву фурӯ рез,
Кас дастгири кас нест, эй шӯри оҳ, бархез,
Сози қиёмате кун ё фитнае барангез,
То гарди мо нишастаст, номаҳрами асоем.

Нанги бисоти фақрем, аз худ нагашта фонӣ,
Афсурдаему дорем парвозошёнӣ,
Сомони роҳат, он гаҳ изҳори нотавонӣ,
Ин гард то нагирад домони бенишонӣ,
Паҳлухароши ҳиммат чун нақши буриёем.

Умре ба саъйи ботил додем фурсат аз даст,
Гарде, ки дошт уммед, бо домане напайваст,
Акнун хаёли дигар дар дил наметавон баст,
Дар сурати надомат ранги талофие ҳаст,
Пойе ба раҳ насудем, дастест, гар бисоем.

З-он фитнаҳо, ки дар сар шайбу шабоби мо дошт,
Ҷуз инфиоли ҳиммат дигар чӣ муддао дошт?
Дар ҳар сифат ки дидем, маҳрумии ғано дошт,
Дӣ рӯз ҳирси мубрим аз дасти мо асо дошт,
Акнун зи пайкари хам каҷкӯли ин гадоем.

Умре дар ин ҷунунзор бе пову сар давидем,
Гарди шикасти дил дошт, дар ҳар куҷо расидем,
Охир ба ноумедӣ аз чашми тар чакидем, буридем,
Оина дар бағал буд, мо ғофилон надидем,
Ҳайф аз диле ки бо мост, оҳ аз касе ки моем.

Дар фаҳми маънии мо маҳванд нуктадонон,
Диққатниёзи фикрем чун рози безабонон,
Гӯши ҳавас бипардоз аз хомушибаёнон,
Бӯи гул аст, Бедил, тақрири нотавонон,
Дар сози мо садо нест, пур ғунча месароем.

**28**

Ғуборе агар болад аз пайкарам,
Ҳаё то қиёмат барорад тарам.
Зи хоке, ки дорам, бас аст афсарам,
Худоё, мадеҳ раҳ ба он манзарам,
Ки аз дидани по билағзад сарам.

Зи бесабрии табъи паймоншикан
Ба ғурбат ватан кардаам дар ватан,
Мабинод кас доғи идбори ман,
Наям ҳалқа, аммо дар ин анҷуман,
Зи хамёзасанҷӣ буруни дарам.

На нақдест дар кисаи қилу қол,
На ҷинсе ба дукончаи эҳтимол
Мапурсед аз суду савдои ҳол,
Ки умрест дар чорсӯи хаёл
Нафас мефурӯшам, адам мехарам.

Тапиш сар кунам, дому сайёд нест,
Ба парвоз оям, дилам шод нест.
Талаб ҷуз ҳавас, саъй ҷуз бод нест,
Саҳар бесабаб шабнамэҷод нест,
Гираҳ хурдааст аз хиҷолат парам.

Ҳарифон, дар ин дашти беповусар
На гарди рафиқест, не роҳбар.
Тазаллум дар ин ҷо надорад асар,
Надонам, куҷо меравам? Чун саҳар
Гиребондарӣ, номае мебарам.

Ба баҳре, к-аз амвоҷи тӯфонканор
Кунад нохудо навҳа беихтиёр,
Мани ноумеди ҳубобэътибор,
Ки хандад зи номам шикасти виқор
Зи киштӣ чӣ гӯям? Нафаслангарам.

Табу тоби бемории аҷзи ман
Чу дидӣ, дигар фоли болин мазан,
Саҳар хоҳӣ аз хобам огаҳ шудан,
Ки чун шамъ дар халвату анҷуман
Ҳамин нақши по буд зери сарам.

Ба пирӣ агар ошно гаштаам,
Таҳи бори ҳирмон дуто гаштаам.
Зи дил умрҳо шуд, ҷудо гаштаам,
На дар домаму не раҳо гаштаам,
Буруни даре, ҳалқа мепарварам.

Ба бунёдам аз тоқати бешу кам
Ҳамин заъф дорад саботи қадам,
Кунун бастаам аҳд бо дӯши хам,
К-аз ин қулзуми ваҳм аз хеш ҳам
Агар бигзарам, ҷуз ба пул нагзарам.

Тамизи ҷаҳиму биҳиштам намонд,
Аломоти дайру куништам намонд,
Қабулу ради хубу зиштам намонд,
Саводи хати сарнавиштам намонд,
Арақ буд к-аз сар гузашт ахтарам.

Тааммул ба ҳарфу баёнам гум аст,
Нигаҳ дар яқину гумонам гум аст.
Ба таҳқиқ илму аёнам гум аст,
Даҳони кӣ дорам, нишонам гум аст,
Миёни киям, к-ин қадар лоғарам?!

Мани Бедил аз шавқи беповусар
Паре мефишонам ба ҳар дашту дар,
Ба қайди дил охир кушудам назар,
Адаб шуд дар ин суратам роҳбар,
Қафас кард огоҳ аз мистарам.

**29**

Гар чарх ба хокам занад, озор надорам,
В-ар хок ба бодам диҳад, инкор надорам,
Таслимсириштам, ба ҳавас кор надорам,
Аз ҳеч сифат соясифат ор надорам,
Ҳар чиз ба дӯшам фиканӣ, бор надорам.

Тақрир надорад сару барги сухани ман,
Хуфтаст дар оғӯши адаб мову мани ман,
Ихфои камол аст хатии илму фани ман,
Дар гулшани асрори тағофулчамани ман
Гулҳост, вале бар сари дастор надорам.

Аржанги таайюнбаканорам, чаман ин аст,
Дар олами ғурбат дили шодам, ватан ин аст.
Ҷамъияти асбоби ба худ сохтан ин аст,
Эъҷози қаноаткадаи фақри ман ин аст,
К-аз соянишинонаму девор надорам.

Аз ҷодаи номус ситам дошт гузаштан,
Сарриштаи одоб надодам ба гусастан,
Ҷамъияти дил то накунад тафриқахирман,
Поси нафасам силсилаҳо баст ба гардан,
Гар субҳа набошад, ғами зуннор надорам.

З-ин сон, ки баҷомондаи ин маҳфили тангам,
Бетоқати сад ранг шитоб аст дирангам,
Домони зи худ рафтане афтода ба чангам,
То доғ шавад маркази ошуфтани рангам,
Чун шамъ ба ҷуз гардиши паргор надорам.

Гарди адамам, лек ҳанӯзам адамандеш,
Чандон ки ба худ менигарам, дар назарам беш,
Ғайрат чӣ барад сарфа зи маъзурии дарвеш?
Кош андаке аз нестии зарра арам пеш,
Сомони камӣ он ҳама бисёр надорам.

Ҳамқофилаи яъсаму бонги ҷарасам нест,
Хун мешавам, аммо ба тапиш дастрасам нест,
Гар дам занам, аз шарм маҷоли нафасам нест,
Сайди адабам, шикваи дому қафасам нест,
Хосияти мурғони гирифтор надорам.

Ҳарчанд зи оҳанги талаб нест гузирам,
Аммо чӣ хаёл аст, ки домони ту гирам?
Бигзор, ки дар ҳасрати ҷовид бимирам,
Ҳайҳот, ба зиндончаи найранг асирам,
Оинааму тоқати дидор надорам.

Он шамъ, ки ин анҷумани ноз барафрӯхт,
Чашми мани Бедил зи тамошои яқин дӯхт,
Дил з-ин ҳама анвор ба ҷуз доғ наяндӯхт,
Охир ғами номаҳрамии ҷайби худам сӯхт,
К-аз хона бурун нестаму бор надорам.

## 30

Не заргарӣ, на пешаи ҳаддод мекунам,
Не бому дар, на карруфар эҷод мекунам.
Ҳарфе аз он даҳону миён ёд мекунам,
Тазмини мисраъе, ки хуш афтод, мекунам,
«Боре ба ҳеч хотири худ шод мекунам»[66].

З-ин гулшанам на улфати бечоки сунбулест,
Не илтифоти қумрию не ёди булбулест,
Рӯзе ду дар баҳори хаёлам тааммулест,
Оғӯши дому чоки қафас ғунчаву гулест,
Сайри чамантирозии сайёд мекунам.

Халқе ба завқи фурсати ҳангомаи ҳавас
Дорад зи шуғли ҷонканӣ ороиши қафас.
Ман нестам муқаллиди атвори ҳеч кас,
Ҷаҳдам ҳамин бас аст, ки ин тоири нафас
Чандон ки бол мезанад, озод мекунам.

Субҳи нафас сипеҳркамандӣ намекунад,
Дил доғи ҳайрат аст, сипандӣ намекунад,
Шахси адам ғурурписандӣ намекунад.
Аз хок ҷуз ғубор баландӣ намекунад,
Болидааст сурма, ки фарёд мекунам.

То кай барам ба дашт паёми рами ғазол?
То кай шавам ба баҳр арақрези инфиол?
З-ин шуғлҳои ғафлати беҳосилимаол
Доман ба шамъи дил задаам лек дар хаёл,
Пиндорам, оташ асту манаш бод мекунам.

Гуфтам, дар ин ҳаваскадаи мовумансавод
Чанде ба сар барам ба хаёлоти табъи шод,
Корам ба сайри ибрати аҳволи худ фитод,
Дил доди дастгоҳи таманнои ман надод,
Оинахонаи дигар эҷод мекунам.

Охир хамӯшиям ба хурӯши ҷунун кашид,
То осмон ғубори дилам доми нола чид,
З-ин беш ҳеч кас ситами хонагӣ надид,
Дӣ бӯи гул ба пардаи созам намерасид,
Имрӯз кори тешаи Фарҳод мекунам.

Ранги баҳор оташи яъсам кашид пеш,
Бӯи суман ҳамон намакам кард вақфи реш,
Аз лола доғ мекашам, аз сабза захми неш,
Ё Раб, дар ин чаман чӣ қадар рафтаам зи хеш?
Худро ба ҳар гуле ки расам, ёд мекунам.

Умрест ғарқи мавҷи парешонии худам,
Маҳви шикасти завраќи тӯфонии худам,
Субҳи нафас ғубори парафшонии худам,
Ҳайрони сеҳркории вайронии худам,
Маъмураи хаёли кӣ обод мекунам?

Бедил, муқаллиди шаку иқрор нестам,
З-ин боғ шубҳачини гулу хор нестам,
Бегонаи маротиби изҳор нестам,
Ноқадрдони маънии асрор нестам,
Бар ҳар чӣ чашм мефиканам, сод мекунам[67].

**31**

Ёд бод, эй дил, ки ҷоҳи бекароне доштам,
Мулки истиғнои беномунишоне доштам,
Нури безулмат, яқини бегумоне доштам,
Манзари қадри таназзуҳ нардбоне доштам,
Бе замин дар олами ноз осмоне доштам.

Офтобам тофтанҳо дошт бе нанги завол,
Солу моҳам мавҷ мезад бе ғубори моҳу сол,
Не зи даврони замонам ёди тағйири хаёл,
Не зи гардишҳои чархам инқилоби ранги ҳол,
Маркази паргори худ будам, ҷаҳоне доштам.

Ноқаи субҳ аз насими ман нафас дар бор дошт,
Маҳмили гул бӯи ман дар пардаи асрор дошт,
Зарра то хуршед бо ваҷди ҳузурам кор дошт,
Шаш ҷиҳат гарди хаёлам шӯхии рафтор дошт,
Халқ мерафт аз худу ман корвоне доштам.

Мавҷ дар дарё, фурӯғи шамъҳо дар анҷуман,
Гард дар саҳро, ҷунуни рангу бӯҳо дар чаман.
Фурсат андар рӯзгору солу моҳ андар заман,
Оламе дар сояи болам парафшон буду ман
Дар хаёлободи анқо ошёне доштам.

Месурудам нағмаву як нағма бо созам набуд,
Мефишондам болу бол огоҳи парвозам набуд,
Бо ду олам шӯри дил кас маҳрами розам набуд,
Гӯши ман ҳам қобили таҳқиқи овозам набуд,
Даммазантаҳрири бӯи гул баёне доштам.

Имтиҳони ғайб мекардам, шуҳуд омад ба пеш,
Бенишонӣ нақш мебастам, намуд омад ба пеш,
Аз тааммул он чи дар ваҳмам набуд, омад ба пеш,
Охир аз сайри гиребонам суҷуд омад ба пеш,
Дар ҷабин шавқ моил остоне доштам.

Саъйи мизроби нафас шуд бар чӣ оҳангам балад?
К-аз азал будам баму зери ману мо то абад,
Шаш ҷиҳат роҳам ғубори туҳмати авҳом зад,
Инқадарҳоям набуд андешаи ҷону ҷасад,
Хок бар фарқи таайюнимтиҳоне доштам.

Он ҳумои фитратам, к-аз ошёни иттиҳод
То пар афшондам, сару барги ғаноям бурд бод,
Нашъаи иқбол ҷоме дошт, аз дастам фитод,
Завқи огоҳӣ ба комам туъмаи идбор дод,
Дар камини мағзи тақиқ устухоне доштам.

Ҳиммат аз пастӣ уруҷи ҷавҳари идрок дид,
Нашъа оби рӯи мастӣ дар замини ток дид,
Оина пардохт ҷисм, иқболи ҷони пок дид,
Хок ногардида натвон рифъати афлок дид,
Аҷз то бепарда шуд, дидам, ки шоне доштам.

Бе сабаб, ё Раб, ба ин кулфатнасибӣ кистам?
Шишаи соат наям, то хок безам, чистам?
Тира кардам оламу бар рӯзи худ нагристам,
Даҳр буд оина, то ман бенафас мезистам,
Арса сайқал мезадам, забти иноне доштам.

Завқи ҷуръат ҳар қадар дар ҳасрати изҳор кост,
Инфиоли норасоӣ шикваи фитрат нахост,
Аз сипанди базми ҳайрат дам задан нанги вафост,
Додрас ин ҷо ба ғайр аз шарми огоҳӣ куҷост?
В-арна ман то сурма гардидан фиғоне доштам.

* * *

Бедил, озодам зи доми эътибори обу гил,
Бениёз аз имтиёзи фарқу вахми муттасил.
Нисбати итлоқу тақйидам намесозад дудил,
Аз адам гар шод гаштам ё зи ҳастӣ мунфаил,
Поси номуси дили оташбаҷоне доштам.

**32**

Ассало, эй сархушони ҷоми иқболу тараб,
Ассурур, эй ишратоҳангони қонуни адаб,
Аннавид, эй сарварони дину давлатро сабаб,
Алҳузур, эй муқбилони маҳфили асрори Раб,
Ассалом, эй равшанони маҷмаъи фазли Илоҳ.

Омадед аз мулки таъзим офтобу маҳ ба ҳам,
Тофтед аз авҷи иззат бар асирони зулам.
Гул кунад, ё Раб, талофиҳои ин ранҷи қадам,
Бекасеро соя афкандед бар фарқ аз карам,
Бедилеро вораҳондед аз фироқи умркоҳ.

Муддате ташкиши табъ аз чархи дун анбоштед,
Дар замини хушксолон тухми улфат коштед,
Ҳиласанҷонро аниси маҳрамӣ пиндоштед,
Бе такаллуф, сайри дилҳои парешон доштед,
Соате дар чашми мо бояд фишондан гарди роҳ.

Гарчи буд он диданиҳо сурати нодиданӣ,
Маънии маълум шуд маҷҳули нофаҳмиданӣ,
Гашт боре мункашиф кайфияти халқи данӣ,
Имтиҳоне дошт нақши пардаи кибру манӣ,
Гарчи расвоист бар мо ин надоматкоргоҳ.

Оташе афтода безинҳор дар ҷамъи ҳасуд,
Шаш ҷиҳат аз тирагӣ хобида дар тӯфони дуд,
Бар чунин ҳангома то кай чашм мебояд кушуд?
З-он сафи бенанг ҷастан бе кароматe набуд,
Ҳайфи ибратҳо ки дӯзад мард бар хунсо нигоҳ.

Арсаи даҳр аз такутози муханнас гард бехт,
Офият чун иффат аз карруфари ҳезон гурехт,
Шахси тамкин шуд нигун, оби рухи иқбол рехт.
Ҳар куҷо сарриштаи номуси ғайратҳо гусехт,
Мардро бояд ба исматгоҳи Ҳақ бурдан паноҳ.

Фазли Яздон шуд ба ҳар сурат далели огаҳӣ,
То раҳи ҷаҳде, ки зоеъ буд, зад бар кӯтаҳӣ.
Иззат акнун навҳа дорад бар амирию шаҳӣ,
Кишваре к-аз офтобу моҳу анҷум шуд таҳӣ,
Нест чизе бар сараш ҷуз сояи рӯзи сиёҳ.

Рафт он аҳде, ки иззат дошт дар олам тамиз
Кард бецадрӣ аракҳоро мубаддал бо кумиз,
Корҳо шуд мунҳасир бар фирқаи дайюсу ҳез,
Обрӯе нест ҷуз оби манӣ бо ҳеч чиз,
Рӯзгор акнун иёри мард мегирад зи боҳ.

Даҳр бар фарқи ҷаҳоне хоки нангу ор рехт,
Миъҷареро паҳн карду бар сари дастор рехт,
Мода нар гардиду нар бар модагӣ якбор рехт,
Даври иқболи ҳумо баргашту бум идбор рехт,
Сояи боли заған афтод бар шоҳу сипоҳ.

Рӯз то маҷлис фурӯзад, шамъ меҷӯшад зи шаб,
Мекунад шаб аз амуди субҳ сомони тараб,
Ин чӣ ҷавр аст? Ин чӣ тавр аст? Ин чӣ давр аст? Эй аҷаб,
Зан пайи таскини шавҳар ҳар тараф шавҳарталаб,
Ҳамчунон мард аз барои хидмати зан мардхоҳ.

Сардии даврон забони аҳли ҷуръат карда лол,
Зер шуд яксар бами ҳангомаи сози риҷол,
Дастгоҳи тумтароқи рустамиҳо гашт зол,
Кӯси гирудори мардӣ нам кашид аз инфиол,
Ин замон овозаи табли нафир оҳ асту оҳ.

Беҳисе чанд аз ғурури сози ғафлаттинатӣ,
Чида дар пастӣ дукони боригардунфитратӣ,
Пеш аз ин к-аз яъс чинад пояи беиззатӣ,
Соявор афтодааст аз зиллати дунҳимматӣ,
Рӯ ба хоку пой дар гил, сар ба сангу тан ба роҳ.

Тардимоғиҳо дар оби ину он афканда банг,
Каҷхиромӣ тешаҳо дорад ниёзи пои ланг.
Гарди ҷавлони таайюн оламеро карда танг,
Медавад сар бар ҳаво халқеву дар пеш аст санг,
Меравад ғалтон ҷаҳоне кӯру муштоқ аст чоҳ.

Аз ҳуҷуми аспу филу қасру тоқи зарнигор
Дашту дарро танг дорад имтилои эътибор.
То куҷо бояд бинои худсарони бевиқор?
Ин ба худ болидаҳои бетамизӣ нобакор
Ҷисми мурдоранд, к-аз омос мегардад табоҳ.

Бар бинои адлу раъфат кард вайронӣ камин,
Гашт аз ноэминӣ маъмураҳо саҳронишин.
Додрас гардид аз хоби гарон гови замин,
Бар кӣ нолад халқи мискин дар чунин даври лаъин?
Абр хушку хок бенам, вой бар мушти гиёҳ.

Кӯшиши ғафлатсириштон хиффатанҷом асту бас,
Саъйи ботил поймоли гарди ибром асту бас,
Нон агар дорад танӯри карру фар, хом асту бас,
Неъмати бозихури хони ҳавас ном асту бас,
Сер мегардад ба як «шаҳ» хурдан ин шатранҷшоҳ.

Бар ҳубоби пуч кас нақши нигин наншондааст,
То нафас болида бошад, бодаш аз сар рондааст,
Имтиҳон з-ин нусхаҳо сатри вафо кам хондааст,
Бе тааммул дафтари ҳайрат варақ гардондааст,
Интизорӣ мекашад мижгон зи таҳрики нигоҳ.

Ваҳшати кори ҷаҳонро бо таваққуф кор нест,
Он чи имрӯз аст, фардо гаштанаш душвор нест,
Гармии ҳангомаи тӯли амал бисёр нест.
То саҳар з-ин шамъи иқболе, ки ҷуз идбор нест,
Медамад доғ аз сареву мечакад мағз аз кулоҳ.

З-ин шукӯҳи ҷоҳи ботил ишва хӯрдан ҳеч нест,
Накди найранги шарарҳо то шумурдан ҳеч нест,
Боддардаст аст фурсат, бо фушурдан ҳеч нест,
Дар бисоти оташи хас ҷуз фусурдан ҳеч нест,
Даври беғайрат надорад имтидоди солу моҳ.

Дод навмедӣ ҷаҳонеро ба селоби гудоз,
Оламе овора шуд з-ин ғофилӣ бе имтиёз
Кошкӣ, аз по нишинад ин ғубори ҳарзатоз,
Лаънатуллаҳ бар таайюн, гар бар ин вазъ аст ноз,
Хок бар фарқи бузургӣ, гар ба ин ранг аст ҷоҳ.

Шод бошед, эй ҷавонмардони тамкинобуранг,
Бар сафои нашъаи авқот мапсандед занг,
Гардиши аҳволи номардон намехоҳад диранг,
Зуд барҳам мехурад ин маҷмаъи осори нанг,
Қалтабон то кай баҳодур? Занҷалаб то чанд шоҳ?

Гар фалак каҷ бохт ё нақши хаёл овард рост,
Дар бисоти маъниогоҳон чӣ афзуду чӣ кост?
Бедимоғӣ нест, гар дил ногузири инзивост,
Аз канори арса, Бедил, сайри ибрат муфти мост,
Олам аст ин банг, ҳам механдад ин ҷо гоҳ-гоҳ.

**33**

Эй ҷаҳлпараст, аз чӣ қадаҳ бода кашидӣ?
К-аз софи хумистони яқин дурд гузидӣ?
Ғафлатзада дар арсаи таҳқиқ давидӣ,
Оина ҷило додию ҷуз занг надидӣ,
Шаб буд, ки дар анҷумани субҳ расидӣ.

Аз соз бурун тохт ҳаваснағма хурӯшат,
Аз хум бадар афтод ҷунунсилсила ҷӯшат,
Афсонаи найранги амал бурд зи ҳушат,
Дил муждаи маъни̅ нарасонид ба гӯшат,
К-аз хулд садои пари товус шуниди̅.

Чун субҳ бухоре зи димоғи ту бурун рехт,
Зад бар адаму зилзилаи кунфаякун рехт,
Хок оинаи дил шуду дил хун шуду хун рехт,
Шӯри нафасе ин ҳама тӯфони ҷунун рехт,
Ҷуз сеҳр чи̅ буд ин, ки бар офоқ дамиди̅?

Дар анҷумане, к-оинапардози фусун буд,
Бар ҳоли касон табъи ҳавасзои ту хун буд,
Оҳанги талошат ҳама аз ҷода бурун буд,
Мурди̅ ба азои дигарон, ин чи̅ ҷунун буд?
Дар мотами худ ҳеч гиребон надариди̅.

То кай кунадат тоқати афсурда итоат?
То чанд зи ҳиммат каши̅ идбори шаноат?[68]
Эй бехабар аз олами мавҳуми бизоат,
Карди̅ зи муҳите ба кафи пуч қаноат,
Гулчин шудию доман аз ин боғ начиди̅.

Он кас ки ҳузури адамаш оинадор аст,
Бо сурати ҷамъияти ҷовид дучор аст,
Дигар ба хаёлоти фузулиш чи̅ кор аст?
Беҳосилият ҳосили сад боғу баҳор аст,
Хуш бошу тараб кун, ки ту дар сояи беди̅.

Оростани бому дари хонаву манзар,
Тартиби тарабгустарии шишаву соғар
Нақшест зи тасвири хаёли ту мусаввар,
Эй фурсати иқболи ҷаҳони зару гавҳар,
Фардост, ки инҳо ҳама монду ту рамидӣ.

Гоҳе ғами ҳақ хурдию гаҳ ғуссаи ботил,
Гаҳ фикри қафо кардию гаҳ саъйи муқобил,
Аз кӯшиши бефоида ҷуз яъс чӣ ҳосил?
Не теғ дар ин арса аён буду на қотил,
Эй бисмили авҳом, барои чӣ тапидӣ?

Он рӯз, ки наққоши азал нақши ҷаҳон баст,
Рабти ману мо бар асари ваҳму гумон баст,
Бар рӯи ту оина зи чашми нигарон баст,
Ғайр аз ҳавасе чанд ба созат чӣ тавон баст?
Эй дасти тиҳӣ, сурати домони умедӣ.

Охир ба фиреби амали яъсъаломат
Хамёзаи беҳосилӣ ошуфт зи қомат,
Ноком аз ин базм гузаштӣ ба надомат,
Сар кард ғуборат раҳи саҳрои қиёмат,
Фурсат тапише буду ту майдон талабидӣ.

Ҳарчанд ниқоб аз рухи тимсол кушудем,
Дар дидаи таҳқиқ ба ҷуз шахс набудем.
Ғайбем, вале анҷуманорои шуҳудем,
Чизе нанамудем, ки чизе нанамудем,
Эй оина, охир, ту чӣ дидӣ, ки надидӣ?

Гар хок дамид оина, вақфи кафи по дошт,
В-ар чарх аён гашт, ҳамон пушти дуто дошт,
Ҳастӣ ҳамаро бар хати таслими ризо дошт,
Бедил, чӣ қадар саркашият ҷаҳли расо дошт?
Бори дилат афтод ба дӯшу нахамидӣ.

**34**

Кӣ намуд ҳарзамаошият, ки татаббуъи ману ту кунӣ?
Кӣ шикаст сози тааммулат, ки ба ҳар тарона ғулу кунӣ?
Зи ҳавои ғафлати дунҳасаб чӣ балост ин, ки ту хӯ кунӣ?
Нафасе ба рағми ҳавас агар ба дили гудохта рӯ кунӣ,
Шикани кулоҳи нуҳ осмон дамад аз саре, ки фурӯ кунӣ.

Ба хаёл мегузарад замон зи баҳори олами бехабар,
Ту ҳам аз тахайюли ибрате бишикан хумори ҷунунасар,
Ба куҷост ҳиммати бениёзу сафои оинаи назар?
Зи ниҳоли мазраъи муддао дили ҷамъ медиҳадат самар,
Ба ҳамин қадар ки тасаввури кафи дасту рустани мӯ кунӣ.

Туӣ он, ки шавқи ту мезанад қадаҳи яқину майи гумон,
Туӣ он, ки азми ту медиҳад ба ҳазор илму ҷунун инон.
Такутози фитрати худ бибин, сару кори қудрати худ бидон,
Чи саводи олами ҷузву кул, чи ҷиҳоти маҳфили кунфакон
Ҳама дил, ки дил ба куҷо ниҳӣ, ҳама рӯ, ки рӯ ба чӣ сӯ кунӣ.

Амале, ки сурмаи ибрате ба хурӯши чуну чаро расад,
Адабе, ки бӯи тааммуле ба димоғи сарбаҳаво расад,
Сару барги нашъаи маънавӣ ба мизоҷи ҳирза куҷо расад?
Асари қабули тобоиъат чу най он замон ба наво расад.
Ки ба қадри банди ҷавориҳат[69] мадади фишори гулӯ кунӣ.

Ба хаёли Каъба ҷунун макун, на раҳест пешу на раҳнамо,
Ба куҷост мақсади дигарат бинишин зи пову ба сар даро,
Касе аз талоши ҳавас нашуд ба ҳусули коми дил ошно,
Зи сароб ғарқи тараддудӣ ба умеди чашмаи муддао,
Магар инфиоли ҳақиқатат арақе кунад, ки вузӯ кунӣ.

Гираҳе ки банди қабои туст, агар огаҳӣ, ба кушод деҳ,
Амале ки роҳи ту мезанад, ба тасаннуъи[70] дили шод деҳ.
Хати эътибори таайюнат ба ғубори рафта зи ёд деҳ,
Чу саҳар ҷаридаи мову ман ба хаёл печу ба бод деҳ,
Ба куҷост риштаи фурсате, ки ту ҷайби пора руфӯ кунӣ.

Наям он, ки табъи салимро бари халқ мавъизахон кунам,
Ба камини ибрати марду зан зи фунуни чида дукон кунам,
На фусуни ниёзи яқин барам, на фасона назри гумон кунам,
Зи камоли коргаҳи вафо амалест, бар ту баён кунам,
Бади кас махоҳ гузин амал, ҳама гар бадӣ, ки наку кунӣ.

Чӣ шукуфаҳо, ки намедамад зи баҳори ибрати обу гил?
Ба ҳавои олами нестӣ ҳама парфишону инонгусил,
Самари шукуфтагияш нигун, асари таровати он хиҷил,
Зи чунин зиёнкадаи ҳавас, ки шавад ситамкаши коми дил,
Ба ҳазор реша давад нафас, ки ту як-ду нола нумӯ кунӣ.

Нафитод фитрати ғунчае ба хаёли маҳрамии чаман,
Накашид оина шамъ ҳам ба ҳузури маънии анҷуман,
Ба касе намерасад аз касе асари сирояти илму фан,
Чи таронаи ту, чи сози ман, суханест бишнаву дам мазан,
На ту он хатӣ, ки бихонамат, на ман он гулам, ки ту бӯ кунӣ.

Зи ҳузури оинаи яқин ба ғубори шубҳа мадеҳ назар,
Тарабат муқобили ҷустуҷӯ ба ҳазор силсила дар ба дар,
Ба аён хитоби ниҳон макун, зи ниҳон ниқоби аён мадар,
Пайи истиора мадав абас чу хаёли Бедили бехабар,
Ту зи худ нарафтаӣ он қадар, ки маро тасаввури ӯ кунӣ.

## МУРАББАЪИ МУСТАЗОД

Дӣ фитратам ошуфту ҷунункор баромад,
Оинаи идрок зи зангор баромад.
Субҳи азал аз ҷайби шаби тор баромад,
Найранги паси парда ба як бор баромад,
Офоқ аён шуд.

Дил дарси баҳору гули ин боғ ба ҳам хонд,
Танзеҳ ба тамкин заду ташбеҳ ба рам хонд.
Ҳодис ба хаёл омаду афсуни қидам хонд,
Он оинаи қулзуми заххор[71] баромад,
Ин рафту карон шуд.

Савдои хаёли ману ӯ гашт мусаввар,
Бар якҷиҳатӣ чорсуӣ кард муқаррар,
Гардид ҳавас муштарии зоҳиру мазҳар,
Тимсоли матоъи сари бозор баромад,
Оина дукон шуд.

Ёрон хабари ҷилваи бепарда шуниданд,
Парвонасифат дар талаби шамъ давиданд.
Беруни ниқоб он чи шуниданд, надиданд,
Хуршед даме к-аз паси девор баромад,
Дар соя ниҳон шуд.

Он сози таҳайюр, ки ба шӯри туву ман зад,
Сад сур ба ҳар нағма намоён шуду тан зад[72],
Дар пардаи таҳрик нафас боли сухан зад,
Ҳар гоҳ зи лаб ним қадамвор баромад,
Бе ному нишон шуд.

Ҳар реша ба сад гул бадар омад чаманиқбол,
Ҳар байза ба сад ранг баровард пару бол.
Ҳусне, ки на оина ба бар дошт на тимсол,
Дар як мижа шӯхӣ ба чӣ осор баромад,
Ин ҷумла чӣ сон шуд?

Бо ин ҳама гул кардани осори кудурат
Дар айну сиво фақр наяфтод зарурат,
Ҷуз маънии мутлақ макун андешаи сурат,
Шайтон ба ҳамин ваҳм гирифтор баромад,
Мардуди ҷаҳон шуд.

Андешаи идбори таназзул[73]макун акнун,
Ибрат ба таколифи ҳаё медамад афсун,
Онро ки хирад мешумарад атласи гардун,
То пардадари халқи табаҳкор баромад,
Полони харон шуд.

Не ақл мукаддар шуду не ҷаҳл гунаҳ кард,
Пайдоии бемоҳасалат кор табаҳ кард.
Ин ҷо ҳама кас сафҳаи номус сияҳ кард,
То нур дамид, оинаи нор баромад,
Он нор духон шуд.

Ҳарчанд адаб сар ба раҳи ишқи ғаюр аст,
Яъне зи фиреби дами густох нуфур аст,
Ҳамнисбатии нашъаи асбоб зарур аст,
Оҳе ки асарқобили минқор баромад,
Ночор фиғон шуд.

Болиғназарони рақами сунъ ба такрор
Карданд дар ин дайри ҳавас таҷриба бисёр,
Бе лафз нашуд маънии беранг намудор
Ҷое ки парӣ моили изҳор баромад,
Аз шиша гарон шуд.

Шавқе тапиш ангехт, хирад арзи ҷунун дод,
Субҳе чаман орост, гул оина ба хун дод,
Дарё гуҳар оварду кафу мавҷ бурун дод,
Гар фахр аён гашт в-агар ор баромад,
Суди кӣ зиён шуд?

Он сабза дар ин боғ на ному на нишон дошт,
Чун бӯи гул оинаи таҳқиқ ниҳон дошт,
Дӣ дар қалами наргиси норуста забон дошт,
Имрӯз, ки хори сари девор баромад,
Мижгони бутон шуд.

Ранг аст. Чӣ бӯем? Баҳор аст. Чӣ гӯем?
Матлуби касе дур нарафтаст. Чӣ ҷӯем?
Он маънии борик, ки дилбастаи ӯем,
Ё дар сифати риштаи зуннор баромад,
Ё мӯи миён шуд.

Халқе ба таҳайюркадаи маҳфили осор
Оинабакаф мерасад аз халвати асрор.
Сеҳре дигар ин аст, ки дар ҳасрати дидор
Ҳарчанд тавон сурати дилдор баромад,
Маҳрам натавон шуд.

Таҳқиқкамолон, ки расиданд ба тафҳим,
Ҷуз сайри гиребон нарасонданд ба тақдим,
Сайди ду ҷаҳон кард хами гардани таслим,
Офоқшикор аз хати паргор баромад,
Тире ки камон шуд.

Муфт аст ду рӯзе ба ҳавас ғӯта нахурдан,
Бедил шудану по ба таайюн нафишурдан,
Ин ҷо гули ҷамъияти халқ аст фусурдан,
Ҳар қатра, к-аз ин баҳр гуҳардор баромад,
Дил гашту гарон шуд.

## ҚАСОИД
### Баҳория дар наъти сарвари коинот расули акрам (с)

Дӣ ки зи боди саҳар турраи шаб хурд тоб,
Шаъшаъа[1] пардоз дод оинаи офтоб.
Қофилаи Занг бурд гарди ҳазимат ба Шом[2],
Лашкари атрок рехт бар сари Ҳинд[3] инқилоб.
Ламъаи анвор кард чангули шаҳбоз[4] боз,
Маҳмили парвоз баст соя ба боли ғуроб.
Шуст зарири[5] ҷиҳот сурма зи чашми сафед,
Рафт зи мӯйи аҷуз занги фиреби хизоб.
Рафъи ҳиҷоби мижа гашт баёзи назар,
Шӯхии қоқум дарид аз дили қундуз[6] ниқоб.
Ҳовани куҳлии чарх кард сафедоб ҳал,
Сӯхт асарҳои сурб курраи симилтиҳоб[7].
Занги рухи оина гашт ба софӣ бадал,
Анбари офоқ зад ғӯта ба кофури ноб.
Мавҷи раёҳин гирифт домани сатҳи ҳаво,
Ҷӯши зумуррад ниҳуфт рӯйи бисоти туроб.
Турра ба хам дод мавҷ, шона ба нам зад насим,
Чеҳра барафрӯхт ранг, оина пардохт об.
Сабза ба зардоб рехт нили буногӯши шаб,
Кард ҳаво сандалӣ рангрази[8] моҳтоб.
Аз қафаси номия ҷаст бурун рангу бӯ,
Байза шикаст орзу, бол кашид обутоб.
Соқии найранги сунъ баҳри фиреби назар
Чун пари товус рехт равғани гул дар шароб.
Ғунча кушуд ин замон банди ниқоби мижа,
Сабза чу махмал кунун фарши замин кард хоб[9].

Шамъи тараб гашт хор бар сари девори боғ,
Зад алами сабз сарв бар тарафи ҷӯйи об.
Баски зи ҳар сӯ дамид барги гул оташ ба чанг,
Тарфи хиёбон гирифт чун раги ёқут тоб[10].
Дашту дар аз сабза гашт тӯтии ахзарҷаноҳ,
Сангу гил аз лола шуд шоҳиди аҳмарсилоб[11].
Тарфи кулоҳи баҳор бар хами гардун шикаст,
Хаймаи иқболи абр баст ба меҳвар таноб.
Гарди кудурат шикаст гул ба сари Каҳкашон,
Кулфати дилҳо гирифт домани авҷи саҳоб.
Булбул аз оғӯши гул баст ба ранг ошён,
Шабнам аз афсуни бӯ кард ба мино гулоб.
Сунбул аз ошуфтагӣ домани нозе шикаст,
Зад ба димоғи ҷиҳот роиҳаи мушки ноб.
Хост зи хунгармии сози ҳаво зам занад,
Оинаи лола шуд аз нафаси худ кабоб.
Ҷӯши тароват зи бас мавҷ зад аз табъи хок,
Фарқи дуӣ маҳв ёфт сабза зи амвоҷи об.
Тухми гулу қатраро ранги тафовут гудохт,
Сунбул гирдоб гашт, ғунча баромад ҳубоб.
Гашт ҳуҷуми шафақ маҳв ба тоҷи хурӯс,
Бар пари товус зад ҷӯши гули офтоб.
Боли тазарв аз нуқуш мавҷирагигулъинон,
Нолаи қумрӣ зи шавқ ҳалқаисунбулрикоб.
Шуд зи пари тӯтиён чатри сафедор сабз,
Бар сари шох орамид дуди чанор аз ғуроб.
Бар лаби ҷӯ ҳамчу най сабз шуд оҳанги сарв,
Кард бурун аз канор шохи санавбар рубоб.
Зад ба хурӯши асар зеру бами рангу бӯ,
Баст бирешим ба чанг печу хами мавҷи об.

Дар гирахҳи ғунчае барги тағофул намонд,
Баски дами субҳ буд гӯши шукуфтанхитоб.
Аз гулу шабнам дамид шаш ҷиҳати рӯзгор,
Чашми ҳаво беғубор, ҳусни тараб бениқоб.
Дар бару дӯши нафас рехт раёҳин Хутан,
Бар дару боми нигаҳ кошт суман моҳтоб.
Шавқ ба иҷмоли роз чашми тааммул кушуд,
Аз дили ҳар барг рехт маънии чандин китоб.
Нусхаи сайри баҳор баски нафассӯз буд,
Кард шақоиқ зи худ нуқтаи чанд интихоб.
Дошт зи асрори ранг нолаи булбул суол,
Савсанаш аз хомушӣ дод таҳайюр ҷавоб.
Матлаъи субҳи дувум медарад акнун ниқоб,
Завқи тамошо кирост, то диҳад оина об?!
Чашм кушову бибин, барги гул оина аст,
Оташи ҷӯши баҳор наъли ҷаҳон дода тоб[12].
Баски саҳоби тараб рӯи замин об зад,
Сабза чу наргис намонд як мижа марҳуни хоб.
Субҳи шукуфтан зи бас уқдаи дилҳо кушуд,
Ғунча чу шабнам наёфт ним гираҳ печутоб.
Дидаву дил яққалам фоли тамошо заданд,
Кард ҳаво муртафаъ ғунчаву гулро ҳиҷоб.
Шавқ ба маҳмез дод гарди бинои нафас,
К-эй ҳавас, аз худ баро, нест ба роҳат халоб[13].
Кам зи ҳаво нестӣ, решаат афсурда чанд?
Фасли гул аст ин замон, хезу ба гулшан шитоб.
Сози талаб пар фишонд чун тапиш аз табъи мавҷ,
Хуни тараб ҷӯш зад чун арақ аз офтоб.
Рахти фусурдан зи бас сайли ҳаво пок бурд,
Сарфа зи доман надид обилапойи ҳубоб.

Нашъаи шӯри ҷунун зад ба димоғи ҷаҳон,
Рехт чу гул бар чаман бехудии шайху шоб.
Ҳар кӣ диле дошт, бурд назри тамошои гул,
Ҳар кӣ нигаҳ соз кард, шуд ба чаман борёб.
Ишқ на танҳо дарид ҷайби қабои шикеб,
Ҳусн ҳам аз шавқи ноз гашт чу гул бениқоб.
Шӯхи чаманҷилвае домани шӯхӣ шикаст,
То ба нигоҳе кунад хонаи гулшан хароб.
Лаъли табассумнигин оинапардози чин,
Ранги баҳорофарин чеҳрафурӯзи итоб.
Абрӯи мушкинадо мавҷи тағофулъинон,
Наргиси махмуртабъ соғари мастишароб.
Ҷилваи тарфи узор ламъаи чандин саҳар,
Ҳалқаи гесӯи ноз доми ҳазор офтоб.
Нусхаи кофурие карда ба хат анбарин,
Суда ба зайли варақ барги гуле мушки ноб.
Аз гуҳараш парфишон хандаи гулбастаранг,
В-аз садафаш мавҷзан ҳарфи гуҳардодаоб.
Ҷилва таҳайюргудоз, ғамза қиёматтироз,
Ҳусни адо фитнасоз, тарзи нигаҳ шуълатоб.
Ҷунбиши домони ноз ҳамнафаси бӯи гул,
Сояи мижгони шӯх ҳамсари чанги уқоб.
Шӯхии ранги ҳино ҷӯшичамандарқадам,
Субҳи баҳори хиром бӯисумандаррикоб.
Арзи ғубор аз раҳаш таблакушои абир,
Ҷӯши арақ аз рухаш шишафурӯши гулоб.
То ба тароват фишонд сояи домони ноз,
Қатра ба хушкӣ чакид ҳамчу ғубор аз саҳоб.
То ба лаби ҷӯ гузашт ҳарфи адои хиром,
Шишаи хиҷлат шикаст бар сари мавҷ изтироб.

Лола зи тоби рухаш то ба гулӯ гашт доғ,
Сарв зи шарми қадаш то ба камар гашт об.
Накҳати гул нола шуд, баски ба бӯяш тапид,
Ранги чаман шуъла зад, баски аз ӯ дид тоб.
Рашки хиромаш даме, к-аз чаман ангехт гард,
Сабза ба пояш фитод, гул бигирифташ рикоб,
К-эй асари мақдамат ҷони чаманро насим,
Ҳамчу насим аз чаман, баҳри Худо, рӯ матоб.
Соя мафармо дареғ аз сари мо бедилон,
То даме аз сояат ноз кунем интихоб.
Аз дили ҳар ғунчае орзуе кард гул,
В-аз лаби ҳар барг шуд мултамасе бениқоб.
Бар рухи ҳар ғунча зад ишва ба тарзе нафас,
Дархури ҳар гул намуд ҷилва ба ранге хитоб.
З-он лаби улфатбаён, з-он нафаси гулфишон
Музтариби ҳар суол ёфт тасаллиҷавоб.
Мушти паре ногаҳон нола ба хун дод ранг,
Булбуле омад бурун з-он ҳама бар рӯи об.
Баста ба боли адаб номаи чадин тапиш,
Карда зи минқори шавқ як дили чок интихоб,
К-эй зи баҳорат чаман оинаи нози ҳусн,
В-эй зи гулат масти ноз ранги баҳори шабоб.
То шуда тахмири ман оинадорӣ намуд,
Оташи савдои гул дода ғуборам ба об.
Тойири ин гулшанам, рехта боли ҳавас,
Бисмили ин арсаам дар хами сад печутоб.
Мушти хасам ошён, мушти паре дар миён,
Моҳасали ину он нолаи барқизтироб.
Боз дар ин суратам ҳайрате оина аст,
Сурати корам бибин, ҳайрати ҳолам биёб,

К-аз чамани эътибор ҳар чӣ аён мешавад,
Як-ду нафас беш нест бо асараш интисоб[14].
Чист, ки ин базми ранг ҷоми саботе назад?
Аз чӣ нашуд ин гул аз бӯи вафо нашъаёб?
Гул ки ба соле назад хайма ба боғи вуҷуд,
Боз ба дашти адам аз чӣ намояд шитоб?
Гар на шарарбода аст соқии базми ҳаво,
В-ар на хасакбистар аст рӯи бисоти туроб,
Лола чаро доғ шуд як лаб нагрифта ҷом?
Сабза чаро кард рам як мижа нокарда хоб?
Қофилаи бӯ чарост душмани осудагӣ?
Соғари ранг аз чӣ рӯст гардишии инқилоб?
Оинаи арзи субҳ сайқали нозаш нафас,
Хаймаи иқболи абр баста ба бодаш таноб.
Мункашиф[15] аз ҳар ғубор ҷавҳари тобони рӯз,
Тира ба ҳар сояе оинаи моҳтоб.
Марг сияҳ кардааст лавҳи хавосу авом,
Занг фурӯ бурдааст оинаи шайху шоб.
Ҳеч нишоте набурд раҳ ба ҳусули сабот,
Ҳеч дурустӣ надошт ғайри шикаст иктисоб[16].
Ҳеч шаробе набаст тарф ба оғӯши ҷом,
Яксара чун ашк буд аз мижа подаррикоб.
Сури бисоти зуҳур тавъами сад мотам аст,
Нағмаи ин сози ваҳм ибрати сад гӯштоб.
Нахли дилафрӯзи шамъ гул бишуморад ба гоз,
Қулқули мино ба ашк ханда намояд ҳисоб.
Ранг наҷӯшидааст бе асари захми гул,
Барқ нахандидааст бе нами чашми саҳоб.
Аз лаби дандоннамост сози шикасти садаф,
Дар гираҳи ханда аст нақди фанои ҳубоб.

Бар лаби хандони захм шуъла фишонад намак,
Бар рухи хандони субҳ теғ кашад офтоб.
Ҳосили ҳар хандае гиряи беҳосилест,
К-аз гули хандон кашанд бар сари оташ гулоб.
Оқибати ҳар тараб тохта шӯри таъаб,
Охири ҳар мастие гашта хумораш азоб.
Кас ба чунин вартае фоли чӣ роҳат занад?
Маслаху уммеди амн? Маҳшару сомони хоб?
Дар аламободи яъс чашм кушудан балост,
Ишқ ба сад доғу дард карда маро интихоб.
Ҳар кӣ равад аз назар, нест чу ашкам равон,
Ҳар чӣ шавад гармрам, нест ҷуз оҳам кабоб.
Маҳрами кӯи дигар нестам аз ҳеч роҳ,
Роҳ надорам бурун з-ин қафас аз ҳеч боб.
Деги ҷунун мепазам аз нафаси сӯхта,
Чашми ҳавас медиҳам аз нигаҳи рафта об.
Оинаи ғайратам леку ба ҳукми вафо,
Дил ба ҳаво бастаам, хонаи улфат хароб.
Баски нафас сӯхт яъс дар ҷигари андалеб,
Ғунча ба гул тарҳ дод лаъли табассумҷавоб,
К-эй асари нолаат доғи дили ошиқон,
З-ин ҳама огоҳият чанд ба ваҳм интисоб?
Он чи надорад давом, нест ба ғайр аз талаф,
Он чи набандад сабот, нест ба ҷуз инқилоб.
Нақши фанои зуҳур яккаламат дар назар,
Ин ҳама бо мунфаил, ин ҳама бе иҷтиноб[17].
Олами осори ранг лавҳи мисоли ҳавост,
З-ин вараќи шустанақш рӯи таваҷҷуҳ битоб.
Шамъат агар равшан аст, нест ниҳон анҷуман,
З-оинаи беғубор ҷилва надорад ҳиҷоб.

Улфати гул кулфат аст, дарди сари нола чанд,
Забти нафас сандали табъи судоъиктисоб.
Рағбати асбоби ҳусн санъати ҳуш асту бас,
Бехудие соз кун, сӯи таназзуҳ шитоб.
Чист таназзуҳ? Ҳамон ёди ҷамоли набӣ,
К-ин ҳама осори ранг дорад аз он ҷилва тоб.
Барги ҳудусу қидам, нақди вуҷуду адам,
Сурати баҳри карам, маънии ганҷи савоб.
Робити илму аён, воситаи инсу ҷон,
Хоҷаи кавну макон, соҳиби ваҳйи китоб.
Ҳокими ҳукми нубо[18], ҳодиии роҳи ҳудо,
Сарвари дин Мустафо, ҳомии рӯзи ҳисоб.
Он ки ба изҳори ӯ шоҳиди таҳқиқи зот
Аз тутуқи бенишон гашт мазоҳирниқоб.
В-он ки дар оинаи ҳиммати «мозоғ»[19]-и ӯ
Илму аён мезанад нақши хаёле бар об.
Шамъи вилоят аз ӯ муқтабиси нури қурб,
Шахси нубувват ба ӯ муфтахари интисоб.
Пайкари ӯ дар зуҳур файзи ҳазор анҷуман,
Сояи ӯ дар адам субҳи ҳазор офтоб.
Гар нашудӣ ҷилвагар сурати эҷоди ӯ,
Мондӣ то рӯзи ҳашр дидаи ҳақбин ба хоб.
В-ар назадӣ субҳи ӯ аз дами ҳастӣ нафас,
Ламъаи меҳри қидам рафъ накардӣ ҳиҷоб.
Баҳри азал то абад гар занад аҷзо ба ҳам,
Нест ҷуз он зоти пок гавҳари файзинтихоб.
Карда зуҳуру хафо сайди каманди замир,
Софии оинае нест ба ин иҷтизоб.
Марказӣ афлоки хат, ҷавҳари аъёни арз,
Маънии офоқи лафз, мағзи ду олам иҳоб[20].

Бар дари таъзими ӯ шери куноми сипеҳр
Панҷа ба бӯс афканад дар кафи пои килоб[21].
Гар накунад обрӯ сарфи ғубори раҳаш,
Обилаи дил шавад қатра ба табъи саҳоб.
В-ар набувад орзу фарши тирози дараш,
Чарх чаро парварад кирмаки зарринлуоб?
Дар ҳаваси хидматаш нозиши пасту баланд
Хок зи натъи ҷабин, чарх зи вазъи рикоб[22].
Абр зи ҳар қатрааш бисмили бӯси қадам,
Меҳр зи ҳар зарраааш куштаи тавфи рикоб.
Гар адаби ҳукми ӯ монеъи шӯхӣ шавад,
Сабза наҷӯшад зи хок, мавҷ наболад зи об.
Мавҷи гуҳар парварад нола ба табъи сипанд,
Чун раги ёқутдуд маҳв шавад дар кабоб.
Хусрави ваҳдаткулоҳ, шоҳи қидамборгоҳ,
Бадри таназзуҳзиё, садри тақаддусҷаноб.
Партави файзаш саҳар, хоки баҳораш чаман,
Рашҳаи мавҷаш муҳит, зарраи ӯ офтоб.
Бар фалаки нилгун баҳри сагони дараш
Меҳр наярзад ба қурс, моҳ назебад қутоб[23].
Пеши муҳити кафаш гоҳи салои карам
Раъд ба хиссат дарад синаи абр аз қиҷоб.
Гар равад аз илми ӯ бар лаби нотиқ суол,
Нола ба пастӣ кашад кӯҳ зи бори ҷавоб.
В-ар бинависӣ бар об нусхаи паймони ӯ,
Садди Сикандар хурад латма зи нақши ҳубоб.
Аз асари наҳйи ӯ ғафлати хамморро
Ҳам ба судоъи хумор бода кунад эҳтисоб.
В-аз шарафи амри ӯ баҳри заволи данас[24]
Гоҳи таяммум ҳамон хок кунад кори об.

То нашуд осори сунъ маҳрами инсонияш,
Буд бисоти ҷаҳон танг зи ҷӯши давоб.
Ин қадар аз маънияш сурати одам шуданд,
В-арна пасу пеши халқ дошт қуруну зиноб[25].
Тобеъи ахлоқи ӯ дар нафаси аҳли кин
Чун дами «лоҳавл» сӯхт офати барқу шиҳоб[26].
То нашавад поймол ҷавҳари тамкини халқ,
Шарми виқораш намуд амри хафои заҳоб[27].
Ҳайф, ба гардун дамад раъфати сатторияш,
Риштаи сози катон гар гусилад моҳтоб.
Дар канафи[28] раҳматаш ёди ҳимоят наҷот,
Дар ҳарами фазли ӯ номи дуо мустаҷоб.
Шамъи бисоти вафо, субҳи баҳори сафо,
Сози зуҳуру хафо, рамзи шуҳуду ҳиҷоб.
Рашки хаёли уқул дар сафи қадраш ҳарун,
Теғи забони нуфус дар кафи васфаш камоб.
Ноқаи сайри улум дар раҳи кунҳаш ба гил,
Ҷӯши муҳити баён дар дами наъташ сароб.
Ҳиммати мастони ӯ гар кунад эҷоди зарф,
Ҳафт фалак метавон рехт ба ҷоми ҳубоб.
Вақфи гадоёни ӯ ганҷи ҳусули ғано,
Мулки масокини ӯ нақди ду олам нисоб.
Сина ба меҳраш гумор, аз кафи холӣ чӣ ғам?
Гавҳару зар нест кам, дар бағал аст аст офтоб.
Ғунча ба бӯи баҳор нози чаман мекунад,
Дил ба хаёлаш хуш аст, гӯ, мижа печад ба хоб.
Хомушии маҳрамон арзи таманно бас аст,
Нола нафас мешавад аз адаби он ҷаноб.
Ё набиялабтаҳӣ, ман кию мадҳат куҷо?
Ришта набандад ба чарх сози танини зубоб[29].

Ғайри таҳаййюр дигар раҳ ба куҷо бурдан аст?
Пашшаи беболро даъвии авҷи уқоб?
Дар ҳақи тавсифи баҳр ҷуз араqи шарм нест,
Гарчи зи ҳар чашмае ҳаст ба ранге зиҳоб[30].
Кист намояд адо ҳаққи санои туро?
Бурд ҷаҳоне ба дӯш хиҷлати ин печутоб.
Ҳодиси беэътибор назди қадимаш чӣ бор?
Хоки нигунбахту боз бо фалакаш иқтироб?
Дархури ҳар маъние ҳавсалахоҳ аст лафз,
Ҳаст суол аз муҳит, қатра чӣ гӯяд ҷавоб?
Қудрати изҳор ку, то кунам изҳори аҷз?
Хиҷлати узри қусур пештарам карда об.
Ин ки нафас мезанам, муқтазии бехудист,
Як-ду тапиш беш нест бо пари бисмил ҳисоб.
То нафас оина аст, з-ин тапишам чора нест,
Зарра адам мешавад аз адами изтироб.
Ҳайрати навмедиям маъзарати нокасист,
Хурда магир аз карам, рӯи тараҳҳум матоб.
Даҳр бисоти амал, ман ба маъосӣ масал,
Бори умедам халал, ранги биноям хароб.
Кӯшиши ғафлат расо, ҷуръати тавфиқ маҳв,
Бедилиям карда доғ, беҷигариҳо кабоб.
Шавқи сабукрӯҳаму боли талаб баста чашм,
Дидаи бинояму накди нигаҳ бурда хоб.
Умр зи шуғли фуғур[31]рафт ба боди талаф,
Пеши кӣ нолад умед аз мани ҷурмиртикоб?
Номаи аъмоли ман гашт чу рӯзам сиёҳ,
Рӯйи умед аз гунаҳ монд чу мӯ дар хизоб.
Чист дар ин анҷуман тинати бемаъниям?
Нанги зуҳурэътибор, хиҷлати ҳастихитоб.

То мижа во кардаам, саъйи хато кардаам,
Сӯхтанам хуштар аст з-ин сару барги азоб.
Бедил, аз ин сози яъс сӯи муноҷот рав,
То ба ҳусули мурод гул кунадат фатҳи боб.
Эй самади бениёз, эй аҳади беадад,
Эй зи ту ҷонҳои пок ҳосили муште туроб.
Фазли ту сармояи касби тариқи ҳудо,
Лутфи ту оинаи ҳусни қабули савоб.
Дар пайи ҷаҳлам марон аз дари файёзи шаръ,
Рад макун ин зарраро аз назари офтоб.

**Баҳория дар наъти ҳазрати расули акрам (с)**

Ба он расид тароват зи файзи боди баҳор,
Ки аз шарар ба дили санг бишкуфад гули нор.
Забони шӯхии савсан кашад хамӯшии шамъ,
Насими ғунчаи наргис шавад дами бемор.
Зи печу тоби ҳавас реша во кунад сунбул,
Зи хор-хори дил ояд ҷунуни ранг ба бор.
Аҷаб набошад, агар аз бисоти оинаҳо
Ба нози сабза занад ҷӯш ҷавҳару зангор.
Хаёли сабза агар дар дили ҳавас гузарад,
Мижа ба дида кашад пардаи зумуррадкор.
Зи шохи хеш дар ин мавсими нишотангез
Ба зери сояи гул ғалтад оҳуи Тотор.
Наҳанг дар дили дарё, паланг бар сари кӯҳ
Хаёли лола кунад доғу сабза ёбад хор.
Чӣ бода дар қадаҳи гул кашид шабнами субҳ,
Ки шуд димоғи таҳайюр зи рангу бӯ саршор?!

Баҳори лола ба арзи нумӯ чӣ шамъ афрӯхт,
Ки гашт пардаи фонуси домани куҳсор?!
Саҳоб ҳар чӣ фишонд аз гуҳар ба домани дашт,
Зи шавқ суфт муғелон ҳамон ба мисқаби[32] хор.
Шукуфтагӣ ба камоле расидааст имрӯз,
Ки ғунча гар ҳама пайкон дамад, шавад сӯфор.
В-агар зи чошнии зеҳ садо ба худ ҷунбад,
Зи шохҳои камон рангу бӯ шавад бедор.
Ба ин нумӯ агар андеша фикри реша кунад,
Нафас ба чарх каманд афканад саҳаркирдор.
Банони[33] котиб агар ҷунбише кунад иншо,
Давад зи номи қалам реша як найистонвор.
Ба ин нишот агар орзу кушояд бол,
Зи решаи мижа наззора во кунад тӯмор.
Зи дастгоҳи шукуфтан дар ин тамошогоҳ
Ба ҷунбиши сари мӯ боз мешавад дастор.
Ҷунуни шавқ талоши шукуфтагӣ дорад,
Нигоҳ кун ба гиребону доманаш ангор.
Кунун ба дашту дар аз иқтизои шӯхии ранг
Тазарв мепарад аз қатраҳои хуни шикор[34].
Ғубор агар ба замини хаёл бол афшонд,
Ҳаво ба завқи висоли шафақ кушуд канор.
Зи шабнаме ки дар ин боғ мекушояд чашм,
Баҳор бар вароқи гул шикастааст анор.
Фазои дашту чаман чашми рангбохтаест,
Ба ин фусун, ки намудаст ламъаи дидор.
Ба завқи ҷилва агар боз кардаӣ мижае,
Кушудани пари товус гиру ранг шумор.
Ҳуҷуми ҷилва ба ҳар шаш ҷиҳат чаман дорад,
Агар ту чашм набандӣ, фасона нест баҳор.

Ҷунун ба тангии оғӯш барнамеояд,
Нигоҳ мечакад, эй бехабар, мижа мафшор.
Ҳаво навиди тарабиқтизои ин чаман аст,
Ки ҳамчу шамъ дар оташ нишину гул бардор.
Кунун зи муҷмали ранги зуҳури ин гулзор
Бар он сарам, ки муфассал намоямат асрор.
Чамантирози баён олами дигар дорад.
Нафас насими баҳор асту шавқ гулдарбор.
Даме ки гарди фусурдан ба боди номия рафт,
Ҳаво нафас заду ранги парида кард шикор.
Зи барф дошт ҷаҳон хоби чашми қурбонӣ,
Мижа зи сабза кушуд ин замону шуд бедор.
Тароват аз намаки барф бурд нақши сабот,
Зи ҷӯши ранг шараф ёфт пунба дар анбор.
Зи пиҳ гашт тиҳӣ дудмони[35] маҳфили дай,
Шукуфа субҳ фурӯ рехт бар дару девор.
Расид доғи шақоиқ ба марҳами шабнам,
Зи ашк барффурӯш аст дидаи хунбор.
Ҳуҷуми сабзаи тар баски кард мижгонӣ,
Ғуборҳо ҳама як хоб гашт махмалвор.
Хазон ки ғарраи тасхири ин гулистон буд,
Зи ранги бохта бе дасту по намуд фирор.
Зи даҳр кулфати хамёза рафту соғар шуд,
Ба нашъа гашт бадал дастгоҳи яъсхумор.
Кушуд ҷилва ба ҳар шаш ҷиҳат пари товус,
Ба тахтгоҳи чаман чатр зад шукӯҳи баҳор.
Ҷаҳон таҳияи иқболи айш сомон кард,
Замона чид бисоти шукуфтагиосор.
Саҳар ба арзи баҳори шукӯҳ пеш овард
Зи ҷомахонаи гардун кулоҳи зарринкор.

Шафақ ба коргаҳи ибратозмоии ранг
Ба ҳукми хуни хазон ёфт хилъати қаҳҳор.
Ба чарх бурд зи фаррошии шамолу сабо
Танобҳои зари барқ хаймаи зангор.
Дамид раъд нафири нишоти фирӯзӣ
Ба гӯши шавқпарастон зи рамзи муждаи бор.
Кашид чатри сафедор боли раъноӣ,
Кушуд байрақи шоҳӣ ҳаёкили ашҷор.
Нишаст шоҳи чаманҷилва тоҷи гул бар сар
Зи рашҳакории файзи саҳоби симнисор.
Ба илтизоми сару барги хидмат осуданд
Суманбарон ҳама дар сояи ливои чанор.
Фурӯ гирифт ба сад рангу бӯ фазои чаман,
Ҳуҷуми лолақабоёни баргигулдастор.
Сипоҳи гулбуни навруста ҷо ба ҷо зада саф,
Камони шох ба дӯшу ба даст наваки хор.
Зи ғунча шох амудозмо ба ҳар чапу рост,
Зи доғ лола сипар дар бар аз ямину ясор.
Зи мавҷ ҳар тараф оби равон туфанг ба дӯш,
Зи шох бед ба ҳар сӯ сипоҳи ханҷардор.
Зи тавқи фохта дар ҳар канор кард алам
Синони сарв сарангуштҳои ҳалқашумор.
Ба рӯи ҷавшани мавҷ обшор зад сайқал,
Миён ба таркаши фаввора чуст кард[36] анҳор.
Сабукъинони гаравтозии бисот намуд
Гули пиёдаву павози ранги шуъласавор.
Тарабхироми ҳавоҳои барқҷавлонӣ
Куталкашони[37] насиму сабо ҳазор-ҳазор.
Ба зери бори таровати зада шикам ба замин
Зи бухтиёни[38] тали рангу бӯ қатор-қатор.

Ба инқиёди ҳаводории таровати ранг
Нишот чун пари товус бар хати паргор.
Димоғпарварии маҳрамони гулшанро
Кушуд ҷӯши раёҳин дукончаи аттор.
Ба эътидоли рутуботи табъи сарву суман
Бунафша пешкаш овард нусхаи ҷадвор.
Фиканд шох ҳамоил зи ғунча дар гардан,
Дамид субҳ азоим ба наргиси бемор.
Мубашширон тарабоҳанги ин наво гаштанд,
Ки ҷаъфарӣ бикунад хони ашрафӣ тайёр.
Кашад ҳуҷуми шақоиқ ба боргоҳи ниёз
Ҳамон ба косаи ёқут нофаҳои Татор.
Расид ҳукми тароват, ки заргари хайрӣ
Дигар ба бӯта надуздад зари нишотъиёр.
Ба сими настарану зарри ҷаъфарӣ созад
Барои наргис ангуштарини ҳошиядор.
Ишора рафт, ки яксар мусаввирони нумӯ
Ба нам кашанд садафҳои лаълию зангор.
Кунанд тозагӣ исори ранги сабзаву гул,
Ки сахт бар рухи ишрат нишастааст ғубор.
Зи бас ҳаво ба салои шукуфтан омад пеш,
Чу ғунча ҳар кӣ лабе дошт, шуд табассумкор.
Зи пешгоҳи тараб ёфт мояи ташриф
Дарахт ҳуллаву гул ҷома, шохи гул дастор.
Арӯси ранг саропои худ ба шабнам шуст,
Тароват об зад аз мавҷи гавҳараш рухсор.
Зи обу ранги тараб андалебу қумриро
Баҳори баргу наво гашт бол то минқор.
Чӣ шабнаму чи гул аз дастгоҳи гавҳару зар
Ба якдигар ҳамаро гармҷӯшии исор.

Бахури[39] накҳати насрину настаран дар ҷӯш,
Сипанди шуълаи овози булбулон дар кор.
Дар ин замон, ки тараб дошт ранги ҷамъият,
Дар ин ҳаво ки чаман буд офиятдарбор,
Ба ҳукми шавқ насиме дар эҳтизоз омад,
Фишонд даст ба домони сабзаву ашҷор.
Зи тарзи мунқалибоҳанги вазъи бебокаш
Ба инқилоб зад оромиши сиғору кибор.
Чу булбул аз шикани барги гул фиғон ҷӯшид,
Чу абр аз ҷигари лола дуд кард бухор.
Зи хатти ҷода инонҳои ранг баргардид,
Мизоҷи бӯи чаман бохт дастгоҳи виқор.
Мунодии адаб ангехт гарди ин таҳдид,
Ки худсарони ҳавопешаро диҳанд фишор.
Зи мавҷи лола зананд оташе ба боди саҳар,
Ки пур нафас надамад бар талотуми гулу хор.
Кунанд мурғи чаманро ба чӯби гул таъзир,
Зи сарв қумрии густохро кашанд ба дор.
Бароваранд забон аз қафои нофармон,
Ки сирри шаҳ накунад пеши хору хас изҳор.
Зи ғунча накҳати гулро шиканҷа маслаҳат аст,
Мабод, шӯри ҷунуне шавад фасоди ғубор.
Ба заҷри[40] беадабе чанд ибрат ангезанд,
Ки ғофиланд адабдушманони ноҳинҷор.
Чунон маҳобати[41] иқбол бар чаман печид,
Ки сарв бар лаби ҷӯ хушк монд аз рафтор.
Ба сина баст адаб дасти шӯхии шамшод,
Зи саркашӣ ба замин гашт норван ҳамвор.
Зи соя бар хати таслим ҷабҳа суд ниҳол,
Зи барг мавҷ зад аз гул забони аҷзнисор.

Нишони силии таҳдид зад сар аз савсан,
Забон ба лаб шудаш ангушти маънии зинҳор.
Бунафша сар ба суҷуди ниёз пеш афканд,
Ки ҳар чӣ шоҳ писандад, бар он кунем иқрор.
Димоғи сарву суман якқалам ба ҳуш омад,
Зи хоб наргиси ғафлатнигоҳ шуд бедор.
Наёфт сабзаи тар ҷуз забони арзи сано,
Ба ғайри дасти дуо тухфае надид чанор.
Шукуфа дар шаҷару ранг бар узори чаман,
Бар остони адаб ҳар яке гирифт қарор.
Фурӯғи шамъи тараб зулмати кудурат руфт,
Шароби соғари ишрат шикаст ранги хумор.
Ҳаво зи накҳати гул баст бар миён шамшер,
Ки синаи ҳаваси тавбаро кунад афгор.
Зи чин каманд бипардохт, то кунад тасхир
Дили рамида хами сунбули нишотшикор.
Ба азми ҳушрабоӣ зи шохи гул бардошт
Ҳазор ҷом ба як даст соқии таррор.
Дамонд қулқули минои ғунча ин оҳанг
Ки бода мечакад аз рангу бӯ, қадаҳ бардор.
Чи андалебу чи қумрӣ зи созу барги наво
Ҳазор анҷуман оҳангу як найи минқор.
Ба иттифоқи ҷунунсозии димоғи тараб
Инон гусехт зи ҳамрангу бӯи нашъасавор.
Ба ранги нолаи най ҷаст сарв аз лаби ҷӯ,
Зи мавҷи об ҷунун кард шӯри мусиқор.
Зи бас бар оташи ранги нишот гардонданд,
Зи пушту рӯи дафи лола доғ кард баҳор.
Ба чанги сози тароват бирешим аз сунбул,
Зи мавҷи ранг ба қонуни айш шӯхии тор.

Зи бӯи гул лаби хомӯши ғунча гармнаво,
Гули шукуфта ба дастак задан ҳамон тайёр.
Камонча аз хами ҳар шох дар канори чаман,
Зи баргҳо ҳама мизроби хуррамӣ дар кор.
Навою соз ба ҳам ҳамчу рангу бӯ лабрез,
Шаробу шиша чу шабнам зи якдигар саршор.
Ба он тароват аз ин боғ мавҷ зад ишрат,
Ки хулд аз араќи Кавсар об дод анҳор.
Баҳори айш ба ин рангу ман ҳамон бедил
Ҷаҳони шуғл ба ин ҷӯшу ман ҳамон бекор.
Диле ба гарди кудурат шарори хилвати санг,
Саре ба зонуи андӯҳ нақш бар девор.
Ба ҳар нафас задане беқарории анфос
Баҳонаҷӯи илоҷи табиати бемор.
Калиди нола ба каф орзуи бепарубол
Дар ин тапиш, ки чӣ бошад кушоди уқдаи кор?
Кунун таронаи дигар ба соз меояд,
Ки гӯш масти самоъ асту гуфтугӯ бисёр.
Шабе ба азми тамошои ин хаёлбаҳор
Таҳайюр оинаи дида ёфт безангор.
Ғунудане ки нигаҳро ба дида меафшурд,
Фурӯғи субҳ шуду тофт бар дару девор.
Дили шикаста сару барги ибратам гардид,
Чу ғунча шиша ба санге задам, шудам бедор.
Мижа кушудаму эҳроми рангу бӯ бастам,
Қафас шикастаму гаштам ба мавҷи дом дучор.
Чу бӯи ғунча нафас дастабанди лахти ҷигар,
Нигоҳ чун раги гул захми дидаи хунбор.
Надомату ҷигари тафта оташу миҷмар,
Тапидану дили хунгашта форису мизмор[42].

Хаёл як фалак овораи ҳавои талаб,
Димоғ сад саҳар ошуфтаи ҳуҷуми хумор.
Ҳазор кӯча зи чоки ҷигар намудам тарҳ,
Ки ҳамчу нола шудам боби як қадам рафтор.
Расонд бехудиям дар фазои гулзоре
Ки дошт шабнами он бӯтаи гудози шарор.
Гулаш дамида ба сомони ибраторорӣ
Зи ранг шуъла ба доман, зи бӯ ҷунун ба канор.
Баҳори лола ба он дастгоҳи рангинӣ
Зи яъс сӯхта сад ҷо чу рахти оташкор.
Ба ранги лолаву гул ҳар қадар кушудам чашм,
Накард ҷилва ба ғайр аз ҳуҷуми дуду ғубор.
Зи лола оинае бо нигаҳ муқобил шуд,
Ки хун чаконд зи тимсоли хуфтадарзангор.
Дили шикаста зи гул ҷилва кард дар назарам
Зи фарқ то ба қадам вақфи синаковии хор.
Даме чу тоб шикастам ба турраи сунбул,
Даме чу сабза нишастам ба сояи девор.
На тоби турраи мақсуд дидам аз сунбул,
На аз таровати гул обрӯи сурати кор.
Зи мавҷи сабза задам сина бар дами шамшер,
Зи тоби сунбул печида пой бар думи мор.
Димоғи ваҳшатам аз бехудӣ дуболо шуд,
Зи чоки доману ҷайбам баҳор кард хумор.
Гул аз мушоҳадаам ҷоми ваҳшате паймуд,
Ки ҳамчу Маҷнун ошуфт бар сараш дастор.
Зи гарди нолаи бетоби ман сиёҳии тавқ
Гулӯи фохтаҳоро ба сурма дод фишор.
Дамид ҳайрате аз парфишонии рангам,
Ки шӯхии пари товус гашт оиназор.

Дар ин мубоҳаса ногоҳ булбуле дидам,
Ки сатре аз вараќи нола мекунад такрор.
Чунин расид ба гӯшам навои ҷонсӯзаш,
Ки чашми роҳат аз ин боғи бемадор мадор.
Ҷунуни дигарам аз нолааш ғубор ангехт,
Ҳуҷуми нағма шуд омодаи гусастани тор.
Ба имтиҳон нафасе гарми муддао кардам,
Ки эй гудози ту гулро таровати бозор,
Тараннумат ҷараси корвони рафтани ҳуш,
Кушоди боли ту хамёзаи дили афгор.
Ба дард тавъами бетобии худам бишнос,
Ба нола ҳамдами навмедии худам ангор.
Муқаррар аст, ки бе захм нест резиши хун,
Мубарҳан аст, ки бе шуъла нест дуду шарор.
Муқими анҷумани васлу ин ҳама маъюс,
Ҳузури олами иқболу ин қадар идбор?
Навои пардаи яъси ту бе балое нест,
Дар ин чаман зи чӣ рангат гирифтааст ғубор?
Шикаст домани ашке зи дида то мижгон,
Гусехт бахяи захме зи сина то минқор,
Ки эй зи сурати осори рангу бӯ ғофил,
Рабуда обу гилат боди ҳастии пиндор.
Баҳуш бош, к-аз ин гулшани надоматранг
Ҳазор оина пардоз дод ҳусни баҳор.
Ба арзи нози ҳазорон гулу суман ҷӯшид,
Вале нагашт яке з-он ҳама ба амн дучор.
Ҳазор наргиси шаҳло зи як кушудани чашм
Ба ранги нақши қадам маҳв шуд дар ин гулзор.
Ҳазор сабза дар ин арса нози шӯхӣ дошт,
К-аз он намонда кунун дар хаёл низ ғубор.

Чӣ лолаҳо, ки наболид ҷоми май дар даст?
Чӣ ғунчаҳо, ки нашуд шиша дар бағал бедор?
Шикаст шишаву май рехт якқалам дар хок,
Қадаҳ тиҳӣ шуду хамёза гашт охири кор.
Чу ғунча лоларухон дастбардиланд ин ҷо,
Чу лола ғунчалабон ҷумла доғидилбаканор.
Кадом субҳ дар ин ҷо дари табассум зад,
Ки бо ғубори надомат нарафт синафигор?
Кадом нахл ба ороиши самар пардохт,
Ки сангсор накардаш замонаи ғаддор?
Ба арзи ҷилва ниҳоле накард қомат рост,
Ки даҳр сар насупурдаш ба тешаи наҷҷор?
Дар ин тилисми надоматнумӯ чи шоху чи барг
Қаламрави ситами оташ аст ё миншор[43].
Димоғи мастӣ аз ин ҷоми эътибор кӣ чид,
Ки сар ба санг назад охир аз балои хумор?
Зи шабнами гули ин боғ дарси ибрат гир,
Ки гиря мечакад ин ҷо зи хандаи саршор.
Ба кори сарв зи беҳосилӣ фитода гиреҳ,
Чунон ки дасти тиҳӣ уқдаи дил орад бор.
Зи оби дидаи тар бода мекашад шабнам,
Ба дасти барги гул аз хуни ибрат аст нигор.
Куҷост лола, агар дида бинише дорад?
Нишастааст дар оинаи шафақ шаби тор.
Куҷост ғунча, агар ғайратат кушояд чашм?
Сарест омада аз бедилӣ ба сад девор.
Ба завқи ҷилва кадом оина ҷило доданд,
Ки охираш нанамуданд туъмаи зангор?!
Ба ранги лолаву гул ҳар чӣ сар кашид аз хок,
Чу гирдбод ҳамон дар адам шикаст ғубор.

Дар ин ҳадиқа тараб чун саҳар ҳамон сафарист,
Чу ранги бепаруболист якқалам сайёр.
Зи ҳар гуле ба назаргаҳи имтиҳон пайваст
Дамиданеву ҳамон хандаеву бастани бор.
Ҳазор булбул аз ин дард хок хурду гузашт,
Ки аз фасонаи шон нест ин замон осор.
Ҳазор қумрӣ аз ин доғ гашт хокистар,
На бол монд аз онҳо, на нола, не минқор.
Зи як нигоҳ, ки гул кардаам дар ин гулшан,
Ҳазор ранг қиёмат кашидаам ба канор.
Ба оламе ки маоли умед маҳрумист,
Надомат аст тамошову ибрат аст баҳор.
Натиҷаи назар ин ҷо ба ғайри ибрат нест,
Зи бол то мижа накди ҷароҳатам бишмор.
Хаданги дард, ки дар дил шикастаанд параш,
Кушудааст зи минқори ман лаби сӯфор.
Ҷарас, ки бар тапиши яъс маҳмилаш бастанд,
Дигар чӣ чора кунад ҷуз фиғону нолаи зор?
Дар оташам, чӣ кунам? Забти хеш мумкин нест,
Ки ман сипандаму яксар ба нола дорам кор.
Гарат ҳавост, к-аз ин мазраъат дамад хирман,
Ба хоки роҳи адаб тухми саҷдае мекор.
Ниҳоли оҳ шаву дар ҳавои дард бибол,
Сиришке абр куну бар замини аҷз бибор.
Сазад, ки реша давонад хати ҷабини ниёз
Ба боғи тоату ранги қабуле орад бор.
Ба оби дида бишӯ нақши номаи ғафлат,
Бисӯз хирмани исён ба барқи истиғфор.
Ба бод деҳ ҳаваси ҳарзатозият з-он пеш,
К-аз ин бисот кашад маҳмилат ба дӯши ғубор.

Зи ҳосили чамани рангу бӯ фиреб махур,
Зи домани ҳавасаш дасти орзу бардор.
Умед то раҳи фирдавси офият сипарад,
Қадам зи сар куну ҷуз дар раҳи набӣ масипор.
Баҳори ҷони чаманзори Аҳмади мурсал,
Ки рангу бӯи гулаш шаш ҷиҳат кушуда канор,
Бақо ба бӯи висолаш гуле абадпайванд,
Фано ба завқи хаёлаш зи номи худ безор.
Зи шамъи хилвати ӯ партаве бурун тобид,
Ки офтоб танидаст бар дару девор.
Сипоҳи ҷилваи ӯ то нагашт гармҷинон,
Зи субҳи арсаи имкон нафас накард ғубор.
Ба чорсӯи ҷаҳон карда сайрафии[44] қидам
Пайи тасарруфи ӯ накди «кунту канз»[45] изҳор.
Зи номи номии ӯ зеби маҳфили асмо,
Зи партави асараш нури олами осор.
Ҷаҳон ба баҳри камолаш чу қатра нопайдо,
Фалак ба олами қадраш чу зарра бемиқдор.
Ба рифъатест ҷанобаш, ки ваҳми инсу малак
Ба пешгоҳи дари иззаташ надорад бор.
Дар он диёр, ки сайри ҷалоли иззати ӯст,
Ба ғайри зоти Аҳад нест ҳеч кас дайёр[46].
Агар на оинаи ӯ маҷоз мепардохт,
Надошт ҳусни ҳақиқат таҷаллие дар кор.
Аён маҷозу хирад имтиёзу ӯ таҳқиқ,
Зуҳур оинаву Ҳақ шуҳуду ӯ дидор.
Сипеҳри гавҳари анҷум ба хони миноӣ
Нишаста бар дари ҳукмаш дар интизори нисор.
Ба баҳру кон асаре аз саҳоби бахшиши ӯст,
Ки санг лаълфурӯш асту қатра гавҳардор.

Ҳамон зи хоки дари ӯст обурангандӯз
Гуҳар ба табъи садаф, лаъл дар дили куҳсор.
Зи вазъи бандагияш осмон рукӯъомӯз,
Суҷуди маркази ӯ ҳалқасози нуҳ паргор.
Гар аз камоли убудияташ асар гардад,
Димоғи арш кунад саҷда бар замин ҳамвор.
Кадом аршу чӣ дил? Ҳар куҷо биное ҳаст,
Надоштаст ба ҷуз гарди мақдамаш меъмор.
Агар на партави номаш шудӣ чароғи нафас,
Наёфтӣ ба забон нотиқа раҳи гуфтор.
Ба боргоҳи саногустарӣ-ш нотиқаро
Забон чу хома нагунҷад ба коми шукргузор.
Ҳавои саҷдаи ӯ сархати ҷабини киром,
Ҳузури хоки дараш сурмаи улулабсор[47].
Ба гулшане, ки тапад бисмили таманнояш,
Ба ранг ғӯта занад ҳамчу барги гул девор.
Дар он мақом, ки дардаш далели ғамхорист,
Баъид нест масеҳоӣ аз дами бемор.
Ба фазл гар нахарад мӯмиёии карамаш,
Дили шикаста қиёмат кунад дар ин бозор.
Насими хулқаш агар мояи баҳор шавад,
Дамад латофати хӯи гул аз дуруштии хор.
Ба сафҳае, ки нависанд ҳарфе аз адабаш,
Зи нуқта то нагузорад бурун хати паргор.
Забони хома гар аз қоматаш кашад алифе,
Қати муҳарраф аз ӯ ҷилвагар шавад душвор.
В-агар зи гесуи мушкини ӯ кунад тақрир,
Нафас кашад ба қиёмат кушудани тӯмор.
Ба олам аз асари ламъаи бидояти ӯ
Кадом зарра, ки хуршед несташ ба канор?

Ту ҳам ба маҳфили қурби саодатоинаш
Ҷабин ба хок неҳу сар зи ҷайби хулд барор.
Дар он ҷаноб ба дарюза ифтихор кунем,
Ки хоки он чаман аз офтоб дорад ор.
Агарчи ҷуръати арзи ниёз беадабист,
Шикасти сози нафас нола мекунад ночор.
Нишастаем ба ёди ту, ё расулаллоҳ,
Ба кунҷи нестӣ аз аҷз рӯй бар девор.
Кафи умед зи сармояи нисор тиҳӣ,
Ҷабине аз араќи шарми нокасӣ саршор.
Ба ҳасрати нигаҳе умрҳост метозем,
Чу мавҷи ашк ба дӯши дили шикаста савор.
Тараҳҳуми ту агар дасти аҷзи мо гирад,
Сари фиканда биболад ҳазор гардунвор.
Шафоатат нигаҳе гар ба даври лутф орад,
Чакад вадиати Кавсар зи соғари хаммор.
Ба як ишораи абрӯ тавон муоина кард
Ҳазор ҳусни қабул аз замоими[48] кирдор.
Наузубиллаҳ[49], агар рӯи меҳр бартобӣ
Чу офтоб аз ин зарраҳои бемиқдор,
Зи бекасӣ ҳамаро хоки нестист ба сар,
Зи бедилӣ ҳамаро доғи яъс оинадор.
Ҳидояти ту касеро ки нест шомили ҷаҳд,
Кашад ба қадри амал хиҷлат аз ямину ясор.
Ба ғайри дарси ту илми ҷаҳониён ботил,
Ба ғайри ҳукми ту аъмоли инсу ҷон бекор.
Ту ҳар тараф, ки ҳидоят кунӣ, ҳамон қибла,
Ба сӯи ҳар чӣ ишорат кунӣ, ҳамон дидор.
Ато ҳамон, ки писандад таваҷҷуҳи карамат,
Хато ҳамон, ки туаш рад кунӣ, зиҳӣ мухтор.

Агар яҳуду насоро худопарастонанд,
Ба доғи куфр асиранд, чун туӣ безор.
Саре ки гарми ҳавои ту нест, шамъсифат
Зи шуълаи раги гардан бисӯзадаш дастор.
Дамад зи боғи умедаш ба ҷои ранг оташ,
Чакад зи дидаи кӯраш ба қадри ашк шарор.
Ба ҷуръате, ки зи санги аҳад намоён шуд,
Надомати абадӣ нола баст бар куҳсор.
Ҳазор ранг қабо медарад баҳор ҳанӯз
Ба пеши пои ту аз дарди сабз гаштани хор.
Биболад аз дили хасми ту печутоби нафас,
Ба ҳайъате, ки зи сӯрох сар барорад мор.
Ҳасуди гумраҳи ту ҳар куҷо қадам союд,
Зи нақши по занадаш ҷода теғи ҷавҳардор.
Чаманпарасти хаёли ту гар равад аз хеш,
Шикасти ранг дамонад ҳазор субҳ баҳор.
Ба ҳар куҷо асари нақши поят оина шуд,
Дамид ҷавҳараш аз хатти ҷабҳаи аброр.
Агар на номи ту сармояи баён бошад,
Нафас шавад ба гулӯи суханварон мисмор[50].
Надошт оинаи даҳр обрӯи сафо,
Ба сайқали кафи поят баромад аз зангор.
Ба табъи гавҳари ин баҳр эътидол куҷост?
Ғубори роҳи ту ғалтида бар рухаш ҳамвор.
Агар ту даъвати имон кунӣ ба мулки ҷамод,
Бут ояду зи раги санг бигсалад зуннор.
В-ар армуғон талабад муъҷизат аломати дин,
Бароядд оташи дайр аз шарор субҳи шумор.
Туӣ, ки боғи рубубият аз ту дорад ранг,
Туӣ, ки сози улуҳият аз ту бандад тор.

Зиҳӣ, ҷамоли ту таҳқиқи маънии асрор,
Зи сайри оинаат нақди ваъдаи дидор.
Итоати ту ҳамон барги тоъати маъбуд,
Шафоати ту ҳамон сози раҳмати ғаффор.
Бутун ҷудо зи хаёлат кудурати танзеҳ,
Зуҳур ғайри ҳузурат надомати изҳор.
Зи лутфу қаҳри ту оинагар чи хубу чи зишт,
Зи қурбу буъди ту арзи асар чи нуру чи нор.
Баланду пасти рукӯъу суҷуди маъбади ту
Сипеҳру қомати хам, хоку ҷабҳаи ҳамвор.
Зи пайкари ту зуҳур офтоби олами кавн,
Зи сояи ту адам субҳи гулшани асрор.
Агар на диди ту равшангари яқин мебуд,
Таҷаллӣ оина месӯхт дар дили зангор.
В-агар на дини ту бошад далели мақсади мо,
Куҷост шамъи умеде дигар дар ин шаби тор?
Ба оламе ки виқори ту нақш мебандад,
Ба сояи пари коҳ орамида сад кухсор.
Муҳити қадри ту он ҷо, ки ҷазру мад орад,
Гузаштааст зи ҳафт осмон шукӯҳи бухор.
Баҳори ранги азал ҷомҳо ба гардиш дошт,
Субути нашъа зи гул карданат гирифт қарор.
Фалак ба даври ту даври камол кард тамом,
Ба ҳам расид кунун хатти саъйи ин паргор.
Зи нурат оинае дошт тинати Одам,
Ки кард сурати асмош бо камол дучор.
Ба маъразе ки расад ламъаи ҷамол ба арз,
Ҳузури шӯхии ноз аст муфти оинадор.
Халил[51] бӯйе аз ин боғ дар табиат дошт,
Ки гашт оташи Намруд бар рухаш гулзор.

Чӣ мумкин аст, ки абр аз қабули рашҳаи баҳр
Чу ранги гул накунад мавҷи шуъларо ҳамвор?
Ҷамоли Юсуф аз он ҷилва мекушуд ниқоб,
Ки гарм дид зи худ Мисри ҳуснро бозор.
Зи партават дили ҳар зарра юсуфистон аст,
Дар ин бисот ҳазор оина-сту як дидор.
Хаёли адли ту сармояи Сулаймон буд,
Бар обу оташ аз ин роҳ гашт ҳукмгузор.
Ҳамон зи маъдалати меҳри оламафрӯз аст
Ба ҳам нишондани ёқут обу оташи ҳор[52].
Калим оинаи байъати ту дошт ба даст,
Ки ламъаи яди байзош шуд ҷиҳотшикор.
Даме ки моҳ зи иқболи меҳр гирад ҷом,
Кунад чу меҳр ҷаҳонро мусаххари анвор.
Масеҳро мадад аз лаъли ҷонфизои ту буд,
Ки мекушуд зи ҷайби нафас ниқоби баҳор.
Ба оламе ки муассир намуд майли зуҳур,
Ҳазор ранг асар нақш бандад аз осор.
Шууни зот ҳамон ҷавҳари ҳақиқати туст,
Ба корхонаи танзеҳ то абад дар кор.
Ба кунҳи фаҳми камоли ту ақли аввалро
Ҳамон ҳақиқати қаъри муҳиту бутимор[53].
Чи қудсиёну чи каррубиён, чи ваҳдатиён
Ба боргоҳи камоли ту ҷумла аҷзбабор.
Туӣ, ки гар ҳама зарроти кавн дар васфат
Забони ҷаҳд кушоянд то ба рӯзи шумор,
Ба аҷз муътариф оянд оқибат, аммо
Зи мидҳати ту нагардад адо яке зи ҳазор.
Ману тахайюли наъти ту, ин чӣ афсун аст?
Муҳит дар ҷигари қатра кардааст бухор.

Зи андалеби баён мидҳатат чӣ имкон аст?
Магар зи шарми саноҳо арақ шавад минқор.
Ба васфи баҳр чӣ кӯшад ҳубоби бесарупо,
Ки то нафас занад, аз хеш кардааст канор.
Ҷабини хок ҳамин саҷда менигораду бас,
Ба ғайри аҷз надорам ба мадҳат истизҳор[54].
Зи гуфтугӯи парешоннавои худ хиҷилам,
Тараҳҳуме ба мани зори мунфаилгуфтор.
Тилисми соям, эй нури офтобзиё,
Ғубори ғафлатам, эй абри огаҳиамтор[55].
Ба ним рашҳа табу тоби кулфатам биншон,
Ба як нигоҳ зи хоки мазаллатам бардор.
Ҷиҳоти даҳр сароб асту ташнакомии ҳирс
Намуда дар назарам ҷӯши қулзуми заххор.
Ғурури буткадаҳо карда дар димоғ эҳдос,
Амал фиканда ба гардан ҳазор чин рафтор.
Гаҳе ба вартаи хун метапам зи ранги хазон,
Гаҳе зи хеш бурун меравам ба бӯйи баҳор.
Дар ин қаламрави беҳосилӣ нашуд равшан
Ба ғайри ғафлатам аз иқтизои лайлу наҳор.
Саводи шому баёзи саҳар зи ҳар тарафам
Кушуда нусхаи ибрат ба чашми ҳайраткор.
Чӣ субҳ? Пунбаи гӯши ду олам огоҳӣ,
Кадом шом? Ҳиҷоби ҳазор дуду ғубор.
Ба ҳар чӣ ворасам, андеша асту навмедӣ,
Ба ҳар тараф, ки кашам сар, ҳамон сару девор.
Шароби маҳфили даҳр оби теғу ман бедил,
Ҳавои гулшани имкон самуму ман бемор.
Дил аз фусуни замон содаву ҷаҳон ҳама рев[56],
Ман аз камини бало ғофилу фалак маккор.

Ба он расид, ки чархи фалоханӣ ногоҳ
Ба хок резадам аз санги ҳодисот димор.
Ба ноумедии ман навҳа мекунад уммед
Чароғ дар гарави бод, дашту дар шаби тор.
Куҷо равам зи дарат, эй дарат паноҳи ҳама,
Ки шиша бораму афтодаам дар ин куҳсор.
Зи муфт сояи дасти карам мадор дареғ,
Дар офтоби қиёмат бараҳнаам магузор.
Ба арсае, ки яқин мекунад сипардорӣ,
Зи теғи ғафлати авҳом дар паноҳам дор.
Ҳидояте, ки дар ин коргоҳи дидафиреб
Ба ҷилваҳои муассир барам раҳ аз осор.
Таваҷҷуҳе, ки ба таҳрики хомаи мижае
Бар ин нуқуши таваҳҳум кашам хати инкор.
Каромате, ки ба чашми тааммули таҳқиқ
Дукони шубҳа начинад тахайюли ағёр.
Равоиҳи салавот аст мояи нафасам,
Дигар чӣ туҳфа кушояд кафи ҳаводарбор!
Ҳамон адои «таҳийёт»[57] ҳадяам кофист
Бар оли муҳтараму бар саҳобаи аҳрор.

## Баҳория дар наъти расули акрам (с)

Эй баҳори ҷилваатро шаш ҷиҳат дар бор гул,
Бе рухат дар дидаи ман мехалад чун хор гул.
Як нигаҳ наззораат сарҷӯши сад майхона май,
Як табассум хандаат оғӯши сад гулзор гул.
Гар ба ёди ҷилваат ҷоме ба гардиш оваранд,
Сад яди байзо кунад дар маҷлиси хаммор гул.

Дар гулистоне, ки бӯи ваъдаи дидори туст,
Мекунад оина ҷои барг аз ашҷор гул.
Аз хиромат кист гулчини баҳори ноз нест?
Хок ҳам дорад ба сар аз гарди он рафтор гул.
Ин қадар дар пардаи ранги ҳино шӯхӣ куҷост?
Мезанад ҷӯш аз кафи поят ба ин ҳинҷор[58] гул.
Ғайри ҳусни содаат, к-аз туҳмати хат фориғ аст,
З-ин баҳори рангу бӯ пайдо нашуд бе хор гул.
То ба кай бошад тағофул бар саропоят ниқоб?
Дар дили як ғунча натвон рехт ин миқдор гул.
Парда аз рух барфикан, то бинӣ аз ҷӯши баҳор
Ҳамчу ашки бедилон дар кӯчаву бозор гул.
Дашт-дашт имрӯз дар таъмири бунёди тараб
Аз таноби абр дорад риштаи меъмор гул.
Бар сари ҳар гулбун аз шабнам гулоб афшондаанд,
То зи хоби ноз гардад бар рухат бедор гул.
Пеш аз ин наргис зи чашми ҷодуят бемор буд,
Ин замон хоҳад шуд аз рашки рухат бемор гул.
Ғунчасон имрӯз лаб бастан надорад сарфае,
То нафас бар хеш ҷунбад, кардааст асрор гул.
Вақти он шуд, к-аз тамошои баҳорон дар чаман
Афканад ҳайрат ба чашми рахнаи девор гул.
Дар назарҳо аз ҳуҷуми рангу бӯ паймудааст
Аз замин то осмон як соғари саршор гул.
Нест мумкин, гар кунад дар арзи шӯхиҳои ноз
Лоларӯёнро арақ бе ранг аз рухсор гул.
Мезанад дар базми аҳбоб аз тақозои баҳор
Сояи дасти адаб бар гӯшаи дастор гул.
Ҳамчунон к-аз рӯи гул шабнам арақ гул мекунад,
Аз ҳубоб оварда соғар ҳам ба рӯи кор гул.

Сози айш аз қулқули мино қиёматғулғул аст,
Обу ранг аз нағма мебандад ба рӯи тор гул.
Решаҳоро гар ба ин сомон нумӯ бахшад ҳаво,
Мӯи сар чун хомаи тасвир орад бор гул.
Рангу бӯҳо баски сомони баҳори мастиянд,
Ҷоми май болад, агар чашме кунад бедор гул.
Ҷойи он дорад, ки аз ҳар қатра тӯфон бардамад,
В-аз дили ҳар зарра ҷӯшад сад қиёматзор гул.
Сабз гардад хори неши ақраб аз файзи баҳор,
Муҳра ҳамчун ғунча резад аз даҳони мор гул,
Болад оғӯши баҳор аз шохи бебарги камон,
Ғунчаи пайкон занад бар фарқ чун сӯфор гул.
Навбаҳор асту тароват шӯхие дорад ба чанг,
К-аз тараб чун шамъ меҷӯшад зи нӯки хор гул.
Ҳар саҳар дар кисвати шабнам ба рӯ меафканад
Бахяҳои обу ранг аз пардаи асрор гул.
Мекунад баҳри салои дургардони чаман
Бӯи гул аз ғунчаҳо чун нола аз минқор гул.
Дашт аз ҳар гирдбодаш дастабанди рангу бӯст,
В-аз шарору қатра дорад баҳр то куҳсор гул.
Ғунчасомонанд ин ҷо решаҳо, ҳушёр бош,
Субҳа хоҳад кард аз печидани зуннор гул.
Аз тақозои нумӯ гар соя меафтад ба хок,
Медавонад реша, чандоне ки орад бор гул.
То найи килке бипардозад сарир, афсун дамад,
Мекунад сад нағма аз мистар чу мусиқор гул.
Табъи ошиқ гар ба номуси вафо дуздад нафас,
Ҳамчу бӯи гул кунад рози дили афгор гул.
Мотаме гар хок хоҳад бар сари худ рехтан,
Шавқ гӯяд: Ку замин, эй бехабар? Бардор гул.

Ҷӯши гул з-ин ранг, ё раб, аз куҷо сар мезанад?
В-аз чӣ гулшан лола дорад арзи ин миқдор гул.
Боғи имкон шохсораш барги ин тӯфон надошт,
Хуни Мансури кӣ кард аз чӯби хушки дор гул?
Ин қадар девонаи бӯи баҳори шавқи кист?
Мекунад сад чок тарҳ аз як гиребонвор гул.
Бо чунин сомон яқинам шуд, ки дар субҳи аласт
Ранг гардондаст гирди Аҳмади мухтор гул.
Он баҳори гулшани раҳмат, ки ба ҳар гулбуне
Зикри хулқаш мекунад чун булбулон такрор гул.
Ёди васлаш нури ҷон чун равнақи оина об,
Доғи ишқаш зеби дил чун зинати дастор гул.
Баски ин гулшан зи муштоқони дидораш пур аст,
Чоки дил мехонад аз во кардани тӯмор гул.
Ҳасрати васлаш зи дилҳо кам насозад ёди марг,
Нури шамъ аз сар буридан мекунад бисёр гул.
Ҳар куҷо ранги баҳори ёди ӯ гул мекунад,
Мезанад сайқал хаёл оинаи дидор гул.
Дар ҳавои хидматаш аз барг-барги ин чаман,
Мекунад яксар ҷабинҳои суҷудосор гул.
Дар адабгоҳи хаёлаш медамад ҳар навбаҳор
Ғунча маҳви нуқтаву сар бар хати паргор гул.
Муждаи тавфи ҳаримаш ҳар куҷо орад насим,
Парфишон ҷӯшад чу товус аз дару девор гул.
Дар раҳаш хошок агар афканд ҳосид, бок нест,
Хор агар зери қадам бинад, надорад ор гул.
Кист аз инкори динаш ҳезуми дӯзах шавад?
Аз забони санг ин ҷо мекунад иқрор гул.
Саҷдаворе то аз ин гулшан барад ранги қабул,
Ғайри пардози ҷабин дигар надорад кор гул.

То абад хоҳад зи эъҷози Масеҳо дам задан,
Бар забони ҳар кӣ номи ӯ кунад як бор гул.
Бедилонаш то номи ашке ба мижгон бурдаанд,
Кардааст аз шаш ҷиҳат оинаи дидор гул,
Дар раҳе, к-аз интизораш доми ҳайрат чидаанд,
Нақши по дорад ба сар аз дидаи бедор гул.
Дар баҳори фазлаш аз боғи умеди осиён
Бӯи раҳмат мекунад, нокарда истиғфор гул.
Орзу ранги баҳори шавқи ӯ медод арз,
Ёфтам бар ҳам зи дил то дидаи хунбор гул.
Аз чаманзори хаёлаш ҳасрате кардам рақам,
Шавқ зад чун ғунча ҷои муҳр бар тӯмор гул.
Ашк меҷӯшад зи мижгонам ба ёди ҷилвааш,
Дар ҳавои он чаман мерӯядам аз хор гул.
Рангҳо фарши баҳори фазли бепоёни ӯст,
Ҳар тараф мижгон кушоӣ, кардаанд анбор гул.
Аз ҳиҷоби ранги оташ ғӯта дар шабнам занад,
Офтоб аз боғи имкон гар кунад сад бор гул.
Хоса он гултинатон, к-аз боғи қудрат кардаанд
Ҳамчу зоти ҳақ ба чандин васф бетакрор гул.
Бар ҳамин гулдаста хатми обу ранги фитрат аст
Боғбони сунъро з-он гулбуни бисёр гул.
Шаш ҷиҳат чидаст дар оинаи ранги зуҳур
Ваҳдати асрори шон бе касрати ағёр гул.
Сози имкон гӯю аз оҳангашон сар кун мақом,
Бурҷи гардун бину аз аъдодашон бишмор гул.
Чорёраш интихоби гулшани розанду бас,
Гарчи з-ин унсур муҳоҷир карда то ансор гул.
Гашта аз Сиддиқ гулбарги ҳидоят ҷилвагар,
Баста ранг аз адли Форуқи чаманкирдор гул.

Шарми Зуннурайн сомони таровват дода арз,
Карда бӯи муддао аз Ҳайдари каррор гул.
Дар баҳори дини ҳақ, к-он ҷо хазонро бор нест,
Нақш баст аз ҳайъати маҷмӯъии ин чор гул.
Гар яке з-ин ҷумла напсандӣ ба ҳукми эътиқод,
Аз гули дини ту нуқсон мекунад ночор гул.
Файзи ин гулзори раҳмат сахт ом афтодааст,
Ҳар қадар сомони доман мекунӣ, бардор гул.
Бедил, аз андешаи наъташ ба аҷзам муътариф,
Мекунам дар арзи ҷуръат ранги истиғфор гул.
Он бизоат ку, ки аз васфи баҳораш дам занам?
Рангу бӯи инфиолам дорад ин миқдор гул.
Нокасе пур мунфаил афтода дар арзи ниёз,
То забон ояд ба ҷунбиш, мекунад зинҳор гул.
Бо ҳама аҷноси муҳрумӣ ба савдои қабул
Аз дили садпора меорам дар ин бозор гул.
Зикри васл оғӯши уммедест муфти орзу,
Булбул ин ҷо дорад аз во кардани минқор гул.
Доғи дил умрест товуси баҳори ёди ӯст,
Гулшане дорам, к-аз ин гул мекунад бисёр гул.
Ҳар чӣ ҷуз зикри камоли ӯст, нанги гуфтугӯст,
Ғайри васфаш, ё раб, аз боғам макун изҳор гул.

## Дар манқабати ҳазрати Алӣ ибни Абитолиб, каррамаллоҳу ваҷҳаҳу

Кист гардун? Он ки яксар сифларо мепарварад,
Сахт душвор аст, мард аз сифлапарвар бар х(в)арад.
Не бинояш мустақиму не мизоҷаш мустақил,
Не таваллояш муассир, не умедаш муътамад.

Офате аз гардишаш омодаи ҳар сарзамин,
Фитнае аз ҳаркаташ ғораткамини ҳар балад.
Бо тапиданҳо ҳамоғӯш аз фусунаш хубу зишт,
Бо надоматҳо ҳамоҳанг аз навояш неку бад.
Дар тамошогоҳи ибратхонаи найранги ӯ
Об аз оина чун ашк аз назарҳо мечакад.
Решаи ороми дунон аз гуҳар гирад дар об,
Мазраи иқболи доно аз шараф хирман кунад.
Аз ҳумо дорад дареғ инъоми муште устухон,
Пеши каргастинатон алвони неъматҳо кашад.
Ҷоҳро созад ниқоби чеҳраи айби хасон,
В-аз хароши хори усрат[59] пардаи хосон дарад.
Соятабъонро барад чун абр бар авранги қадр,
Равшанонро чун фурӯғи меҳр бар хок афканад.
Кӯҳу дашташ чист з-ин сарсабзии аблаҳфиреб,
Ҷуз чарои гову хар ё айшгоҳи дому дад?
Захми урён аст, агар субҳаш дарад тарфи ниқоб,
Обрӯрезист, гар абраш бияфшорад намад.
Мадди эҳсонаш агар аз Каҳкашонаш дидаӣ,
Бар сарат афтода моил ламъаи теғи ҳасад.
Ғарра маншин бар ишоратҳои абрӯи ҳилол,
Укда накшудаст ҳаргиз нохуни чанголи дад.
З-ахтаронаш чашми роҳат доштан бедонишист,
Мавҷи ахгар мезанад гулҳои ин нилисабад.
Ошно дар роҳат аз бегонааш мумтоз нест,
Тинаташро ҷумла сарфи инқилоб афтода қад.
Ҳар кучо май дар қадаҳ бинад, фурӯ резад ба хок,
Ҳар киро бар чеҳра гарди ранг ёбад, бишканад.
Ҳамчу оташ ҳар тараф рӯ оварад, сӯзанда аст,
Ҳамчу ақраб ҳар куҷо афтод, неше мезанад.

Шони занбӯр аст, аммо нест ҷуз нешаш асал,
Ҳалқаи мор аст, аммо узв-узваш мегазад.
Ҳамчунон к-аз субҳ резад барқ дар бунёди шаб,
Аз шафақ бар рӯз тӯфони шабихун оварад.
Гар шафақ, аз барқи найрангаш ҳамон дар оташ аст,
В-ар саҳар, аз боди афсунаш парешон медамад.
Гар ҳама дарёст, тӯфонбурдаи ошӯби ӯст,
В-ар ҳама саҳрост, хоки яъс бар сар мекунад.
Ҳам чароғи лола месӯзад ба доғи хомушӣ,
Ҳам димоғи гул ба хуни рангу бӯ мепарварад.
Чун хаёли аҳли савдо яксар аз саъйи амал
Бар сари офоқ доми яъси матлаб метанад.
Ҳар киро дидам, надорад аз дами теғаш амон,
Пас, чӣ сон з-ин фитнаи ғолиб касе эмин зияд?
Ҷуз паноҳи сояи аршошёни Булҳасан,
К-аз ғубори даргаҳаш дасти ҳимоят медамад.
Шоҳи иқлими ҳидоят, моҳи авҷи огаҳӣ,
Ламъаи асрори маънӣ, нури миръоти хирад.
Дастгоҳи обрӯи аввалину охирин,
Субҳи анвори азал, шамъи шабистони абад.
Пардаи сози ҷамол, оҳанги қонуни ҷалол,
Зинати илму аён, ороиши ҷону ҷасад.
«Бо»-и бисмиллоҳи Қуръони ҳақиқатро нуқат,
Бешуморихои асрори ҳақоиқро адад.
Чашми маънибини ӯ макҳули сирри «лавкашиф»,
Нутқи ҳақтаълими ӯ машҳуни «Аллоҳуссамад».
Назди аҳли маънӣ аз иншои исми Бутуроб
Рамзи «Наҳнулохирунассобиқун»[60] гул мекунад.
Аз тақаддум ҷавҳари зоти шарафэҷоди ӯ
Ибни Одам дар маҷозу филҳақиқат ҷадди ҷад.

Аз ҷалоли қудрати иқболи ӯ ғофил мабош,
Каҳфи динро ҳайдар[61] асту бешаи ҳақро асад.
Саъйи тоқатро ҷигар, чашми мурувватро назар,
Дасти ҳимматро тавону шахси қудратро азад[62].
Мерасад бар остони маъдалатпирои ӯ
Саркашонро гӯшмолу нотавононро мадад.
Дар тавофи даргаҳи ӯ чарх бо он дастгоҳ
Чун хасисониданӣ аз хулқ пеши по хурад.
Пеши ҳукми ғолибаш бунёди ин саркашмизоҷ
Фарш гардад чун замини пайсипар зери лагад.
Гар валои[63] ӯ набошад дастгири оҷизон,
Зери ин сақфи нигун натвон намудан рост қад.
Дил ба ёдаш чун шавад ҷамъ, аз ҳаводис эмин аст,
Бар гуҳар амвоҷро дасти тааддӣ кам расад.
Дар ҳавои хидмати даргоҳи ирфонҷоҳи ӯ
Мезанад паҳлу ба гардун, ҳар кӣ дӯшаш мехамад.
Хилвате, к-оинадори маънии асрори ӯст,
Дидаи аҳли яқинаш ҳалқаи дар месазад.
Сар ба роҳаш гар бисоӣ, саҷдаи Ҳақ ҳосил аст,
Хоки кӯят гар бибӯӣ, бӯи имон медиҳад.
Яъсро бар ҳоли маҳруми дараш бояд гирист,
Дар адам ҳам ҷо надорад, ҳар кӣ он ҷо гашт рад.
Пайраваш мушкил, ки бинад ибтилои[64] шоми ҷаҳл,
Офтоби огаҳӣ, к-аз нақши пояш медамад.
Аз сувар гар маънии розаш набудӣ ошкор.
Шахси бинишро шиносоӣ нагардидӣ балад.
Нест кас аз ҷинну инс оинаи таҳқиқи зот,
Диди ин маънӣ ба чашми ҳақшуҳудаш мерасад.
Фикри ӯ бебокии Ҳоруги ғафлатрост чоҳ,
Ёди ӯ ташвиши Яъҷуҷи ҳаводисрост сад.

Гар зи паймони вафояш моя баргирад нафас,
Нест мумкин инқилоби марг тораш бигсалад.
Сайри хулқаш гар набошад орзуи навбаҳор,
Бӯи гул дар ғунчаҳо чун доғ гардад мунҷамад.
Гар зи сомони виқору ҷуди ӯ оям ба ҳарф,
Кӯҳ пинҳон дар садо гардад, муҳит андар забад[65].
Бе нишони муҳри меҳраш нест манзури киром,
Ҳар кӣ дар девони ҳастӣ дорад аз имон санад.
Мункири ӯ ғайри хокистар намеёбад ба фарқ,
Ҳамчу оташ гар дам аз соҳибкулоҳӣ мезанад.
Чун шарори кинаи ӯ дӯзахе мавҷуд нест,
Хориҷӣ дар зиндагӣ ҳам дорад оташ дар лаҳад.
Гар зи инкораш занад дам ҳосиди кофарсиришт,
Аз дуруштии забон дар ҳалқи худ кӯбад ватад[66].
Ҳар киро дар сина хори кинаи ӯ ҷо гирифт,
Ҳам гиребон бар гулӯяш гашт «ҳаблуммиммасад»[67].
Бар маоли динпарастон навҳа дорад эътиқод,
Ҳар куҷо зикри камоли ӯ набошад муътақад.
Решаи имон набинад сабз дар кишти яқин,
Аз саҳоби фазли ӯ ҳар кас намехоҳад мадад.
Ёди авнаш қуввате дорад, ки то ояд ба феъл,
Чун дари хайр аз бинои куфру имон меканад.
Гар ғубори ҷилваи рахшаш нагаштӣ сурмарез,
Кай нишастан дошт шӯри фитнаи ин чорҳад[68].
Ҳаббазо, рахши фалактозе, ки аз чашми хаёл
То мижа бар ҳам занӣ, ҳамчун нигаҳ берун ҷаҳад.
Бо хиромаш аз нафас забти инон дорад насим,
Бо таки ӯ барқ аз хамёза майдон мекашад[69].
Фикр, то ҳар ҷо тавонад раҳ барад, ӯ рафтааст,
Ваҳм худро ҳар куҷо хоҳад расонд, ӯ мерасад.

Дар дами ҷавлон, ки ошӯби қиёмат гарди ӯст,
Шаш ҷиҳат аз тангии раҳ дар рикобаш мехазад.
Гӯйи нуҳ гардун ба саъйи чор чавгони қадам
То ба худ ҷунбидаӣ, з-ин арса берун мебарад.
Ҳалқаи паргори давраш ҳар куҷо шуд гармтак,
Шуълаи ҷаввола чун марказ бaромад мунҷамад.
Гарди ҷавлонаш ба ҷайби бӯи гул парвардаанд,
Ин ғазоли шӯх, пиндорӣ, раёҳин мечарад.
Баски лабрез аст офоқ аз ғубори пӯяаш,
Ҳамчу гардун дар назар истодаасту медавад.
Баҳрро бо оби шамшераш агар нисбат кунанд,
Ёди мавҷаш ларза бар аъзои гардун афканад.
Шӯри тӯфони қиёмат аз ниём орад бурун,
То кунад қатъи ду олам бе фасони ҷазру мад.
В-ар садои савлаташ афтад ба гӯши кӯҳсор,
Ҳамчу хун шӯри ҳазимат аз раги хоро чакад.
Нола хунолуд ҷӯшад чун шарор аз табъи санг,
Тоқати аҷзои хороӣ чу ранг аз ҳам рамад.
Сояи мавҷе ки нам чинад зи барқи ламъаaш,
Қалби дарё аз садаф то мағзи гавҳар шақ занад.
То адам соҳил шавад як кӯча захм аз ҳайбаташ,
То ҳаво барқи дамаш аз гову моҳӣ бигзарад.
Бар сари душман гар афтад сояи андешааш,
Миғфарашро то ба домони қиёмат бардарад.
Аз замин то осмон фармонраво аҳкоми ӯст,
Қудрати комил ба маънӣ ҳар чӣ хоҳад, мекунад.
Боиси эҷоди имкон зоти покаш дар азал,
Шомили аҳволи мову ман атояш то абад.
Шукри лиллаҳ, тинатамро хоки роҳаш обрӯст,
Мавҷи гавҳар аз ғуборам дорад уммеди мадад.

Умрҳо шуд, чун нафас дар ёди ӯ пар мезанам,
Солҳо бигзашт, набзам дар хаёлаш метапад.
То мижа во кардаам бар неъмати эҳсони ӯ,
Бар ҳусули ҳар ду олам мефишонам дасти рад.
Бедили он остонам, хоксори он дарам,
Чархи дунро нест мумкин бо ман андози ҳасад.
Мадҳи ӯ мегӯяму аз сози аҷзам мунфаил,
Ҳарфи маъдудест барги лафзу васфаш лоюад[70].
Саъйи ҷавлони мақол, он гаҳ хаёли мидҳаташ?
Мурғи ин бом он суи парвози анқо мепарад.
Нест асрори аҷоиб дархури фаҳми башар,
Кунҳи ин маънӣ кӣ донад, ҷуз Худованди аҳад?
Дар баҳори ҳайрат аз шарми адои ҳаққи мадҳ,
Мондаам монанди наргис сарнигуну зардхад.
Обрӯ бар хок мерезам ба уммеди қабул,
К-он саҳоби фазл оби рафта дар ҷӯ оварад.

**Дар манқабати ҳазрати Алӣ ибни Абитолиб, каррамаллоҳу ваҷҳаҳу**

Ба ин шӯре, ки дар сар дорам аз савдои пинҳонаш,
Сари мӯе агар болам, ҷаҳон даррад гиребонаш.
В-агар дар арсаи шавқи ҷунун ранге бигардонам,
Муҳарраф мехурад[71] яксар ҷиҳоти даҳру арконаш.
Вале номуси ғайрат аз фузулӣ шарм медорад,
Ки бар хони тавааҳҳум чинам истиғнои меҳмонаш.
Намебинам муроде з-ин тапидангоҳи беҳосил,
Ки дил бар васл нозад ё ҷигар коҳад ба ҳирмонаш.
Ба афсуни хаёли ҳарзадав то кай нафас сӯзам?
На дунё соғари таскин, на ман Маҷнуни атшонаш[72].

Ҷунуни бедимоғиҳои фақрам нест з-он олам,
Ки бандад нақш аз ин Аржанг нақши тоқи нисёнаш.
Бисоте, к-аз хами мижгон кашад идбори помолӣ,
Талоши чидану вочидан аз ҳам нест чандонаш.
Нигоҳи бениёзӣ поси ҳиммат гар наяндешад,
Расонидан чӣ миқдор аст мижгон то ба мижгонаш?
Ба ҳар тақдир аз аҷноси дуккон ибрат андӯзӣ,
Харидори ҳаё ғайр аз тағофул нест шоёнаш.
Таваққуъ баргу сози бениёзиҳо намебошад,
Ғано ангорае[73] дорад, ки навмед аст сӯҳонаш.
Ба дил гар ҳасрате дорам, бас аст аз чашми фаттонаш,
Ки хунам бисмил афтодасту дар хоб аст тарконаш[74].
Мапурс аз рамзи истиғно, табассум диққате дорад,
Қиёмат ғунча гардад, то дамад субҳи намакдонаш.
Зи тарзи бедимоғиҳои мижгон дар назар дорам,
Сари неше ки баргардонад аз сахтӣ раги ҷонаш.
Ба тасхири нигоҳаш ҳеч афсун барнамеояд,
Шикасти шишаи дил то куҷо гардад парихонаш?
Кабоби дил ба ҳасрат сӯхт, чандоне ки ман доғам,
Нашуд ин бенамак охир ниёзи нуқли мастонаш.
Бар он дар кист, то аз худ барад мушти ғуборамро?
Ки бинам ҳамчу мижгон гирди чашм афтону хезонаш.
Ба ранги субҳа аз дарди ҷудоӣ маҳшаре дорам,
Ба ҳар бандам диле менолад аз бедоди ҳиҷронаш.
Бибинам, то куҷо резад тағофул хуни уммедам?
Зи ёдаш ҷастаам, аммо ба таклифи ғазолонаш.
Ба гарди он рами мутлақъинон то кай парад рангам?
Ба тӯфон рафтаам, ё Раб, мижаворе бигардонаш.
Ба ин рангинқабоӣ ҳеч фирдавсе намебошад,
Чӣ ид аст ин, ки дорад резиши хуни шаҳидонаш?

Намедонам, хадангаш аз чӣ истиғно чаман дорад?
Зи хунам оламе рангин шуду нашкуфт пайконаш.
Тазаллум бо ситамворои нозаш намесозад,
Зи гарди сурма бар ман доман афшондаст мижгонаш.
Диле гум кардаам, аммо намегирям зи навмедӣ,
Ки метарсам тараҳҳум афканад бар ханда товонаш.
В-агар нолам зи захми теғи маҳрумӣ, ба худ ларзам,
Ки соя дасту бар беҷода резад ранги марҷонаш.
Муҳаббат гулшане дорад назокатпарвари ҳайрат,
Ки меболад шикасти ранги ҳуш аз бӯи райҳонаш.
Назар то гарм гардад, накҳати гул бо арақ ҷӯшад,
Ҳаво то дар хаёл орӣ, хурӯшад шабнамистонаш.
Тааммул гар дар ин гулшан забони ғунчае дорад,
Нафас мепарварад дар сояҳои беди ларзонаш.
Чароғе зери домони адаб дуздида месӯзам,
Матоъи дил ҳамин[75] аз сӯхтан гарм аст дукконаш.
Агар абр асту гар дарё, ба кори дил намеояд,
Бибор, эй ашк, бар тухме ки рафт аз ёди деҳқонаш.
Ба ҳар кас ворасӣ, чун ман ба доғи яъс менолад,
Фалак базми сипандӣ гарм дорад аз сипандонаш.
На сабре, то касе бар оташи ҳирмон занад обе,
На тоқат, то ба тадбире шавад душворе осонаш.
Зи барқ оғӯш во кардаст хатти соғари фурсат,
Насиби яъс гир аз шуълаи ҷавволадавронаш.
Тасаллӣ аз кӣ хоҳӣ, то набандӣ бар тапиш созаш?
Ғами дил бо кӣ гӯӣ, то нагардонӣ парешонаш?
Ҷаҳонро кӯҳсоре дон, ки дар ҳоҷатравоиҳо
Ба радди ҳар суоле сад ҷавоб аст аз бузургонаш.
Ба уммеди вифоқ ин ҷо чӣ имкон дорад осудан?
Ки чун анқо рамид унс аз палангиҳои аъёнаш.

Кабобам кард дуди ибрати ин миҷмари ғафлат,
Ки кас гардан надорад, то барад сар дар гиребонаш.
Ба афсуни ману мо халқи беҳис сахт менозад,
Касе аз хоби махмал ин қадар нашнида ҳазёнаш.
Чӣ мижгон карда дар пеши назарҳо сунбулоройӣ?
Ки дорад нози чандин наргисистон шаҳри кӯронаш.
Сипеҳри бесарупо баски маҷҳул аст давронаш,
Зи ҳам душвор гардидаст фарқи гӯю чавгонаш.
Ба худ чидаст иқболе, ки идбораш намефаҳмад,
Гумон бурдаст суде, к-аз назар рафтаст хусронаш.[76]
Агар бар авҷи қасри эътибораш чашм бикшойӣ,
Ба пастӣ вохазӣ аз хиҷлати вожунии шонаш.
Паранди субҳ расвоист маҳбубони нозашро,
Лиҳофи шаб ҳамон урёнтаниҳои ситабронаш.
Сари таъзиму помоли сияҳрӯзӣ – чӣ ҳарф аст ин?
Нишаста соя бар фарқи баландиҳои кайвонаш.
Танӯри фитрат ин ҷо баски дорад гармии ғафлат,
Кусуфи меҳри тобон дуд бармеорад аз нонаш.
Фурӯғи бадр дидӣ, ҷамъ кун дил аз камол ин ҷо,
Ҳамон шакли ҳилол аст ин, ки болидаст нуқсонаш.
Надорад собиту сайёр бӯи нуқтаи сиҳҳат,
Зи ҳак пайдост нақше он суи авроқи девонаш.
Ҳавое бурдаст аз каф инони ихтиёрашро,
Ба кишти бодбонҳо дорад, аммо нест сукконаш.
Ҳубобе дар хаёлободи мавҳумӣ ҷунун дорад,
Адам ҳам нест, гар з-ин пираҳан созанд урёнаш.
Гуҳар з-ин қулзуми афсӯс нам хун карда меҷӯшад,
Ба хок афкан сари обе, ки бемавҷист сомонаш.
Ғариқи ноумедӣ нест ғайр аз офият ин ҷо,
К-аз оби рӯи соҳилҳо таяммум кард тӯфонаш.

Дили ноком чанд овораи ашғоли бетобӣ?
Фароҳам кун назар з-ин бисмилу хуни парешонаш.
Умед ин ҷо ба ғоратгоҳи ҳасрат рафта сомонаш,
Ба ҳар дасте, ки дидам, порае дорад зи домонаш.
Кашокашҳои ҳирс аз бас ҷунун ангехт дар сарҳо,
Ба дар зад офият аз кӯчаи чоки гиребонаш.
Дар ин саҳро чӣ хоҳӣ хурд ҷуз андӯҳи нокомӣ?
Видоъи силки дандонҳост завқи реги бирёнаш.
В-агар ширинии хобат зи талхӣ мекашад доман,
Бирав, вокаш даме дар сояи хори муғелонаш.
Тариқи офият аз аҷз бояд бурд пеш, аммо
Касе чун обила то кай замин гирад ба домонаш?
Зиёратгоҳи андӯҳ аст, ибрат гир аз ин гулшан,
Сару зону ба ҳам чун ғунча меболад зи бустонаш.
Куҷо дуздад сар аз тӯфони ибрат одами мискин?
Ба ҷаннат завқи кунҷе дошт, напсандид шайтонаш.
Чӣ ҷаннат? Олами нузҳатсаводи бетамизиҳо,
Ки ғайр аз роҳати ҷовид натвон ёфт шоёнаш.
Чӣ шайтон? Хор-хори табъ, к-аз ташвиши он болад
Фузулиҳои дониш, яъне истеъдоди ҳирмонаш.
Дар ин водӣ насими унсхези он раёҳин ку?
Бадал кард офати гардун ба ганди мазбалистонаш.
Шуъур ин фитна мекорад, тамиз ин бор меорад,
Мапурс аз ранҷи огоҳӣ, махон з-ин илму унвонаш.
Фалакро з-ин ҳавоҳое ки меҷӯшонад аз сарҳо,
На савдоест бо тоъоту не ёде зи исёнаш.
Таваҳҳум фитнапардоз аст, ку шайтон, куҷо Одам?
Тахайюл ҳайратафсун аст, ку хулду чӣ ризвонаш?
Хаёле чанд бар авҳом мепечад табоеъро,
Ки чун гардун аз он чанбар раҳоӣ нест имконаш.

Ҳавас афсонаи беповусар сар кардааст, аммо
Нафас аз сӯхтан хоҳад расонд охир ба поёнаш.
Варақ гардонд чандин куфру дин дар мактаби ибрат,
На Мӯсо монду не Қорун, на Фиръавну на Ҳомонаш.
Забонҳо сӯхт такрори ҳадиси неъматандӯзон,
Кунун бояд шунид аз мӯи чинӣ васфи хоқонаш.
Маоли шавкати Искандар аз оина пурсидам,
Ба ҳайрат рафт чандоне ки ҷавҳар рехт мижгонаш.
Чароғи равшане сар барнамеорад аз ин маҳфил,
Зи навмедӣ ба ғурбат дар ватан мурданд сукконаш.
Ту бо ин шишаи холӣ чӣ фурсат дар назар дорӣ?
Ки ин ҷо Хизр ҳам паймона пур кард оби ҳайвонаш.
Ба ҳар базм аз салаф ҳангомаи афсона меболад,
Қиёмат рафтаву метозад аз пай гарди ҷавлонаш.
Шунидан ҷумла дидан дорад, аммо кист, то фаҳмад,
Ки ҳастӣ дошт беморию мурдан буд дармонаш.
Забони шамъ то мурдан зи ҳазён лаб намебандад,
Ту ҳам ҷӯши табе дорӣ, ки гуфтугӯст буҳронаш.
Хаёл афсонаҳо дорад, ҷунун авҳом мекорад,
Тааммул кун мақоми мӯр то мулки Сулаймонаш.
Ҳубобиншост ин манзар, чи ободӣ, чи вайронӣ,
Хаёле дошт ободаш, нигоҳе кард вайронаш.
Нигаҳ сайри надоматхонае дорад, ки субҳ он ҷо
Зи тарки рахти мотам чок мебинад гиребонаш.
Сафедӣ рафта аз осори ин Мисри куҳан чандон,
Ки муҳтоҷи сиёҳӣ монда чашми пири Канъонаш.
Чароғи кушта бисёр аст бар лавҳи мазор ин ҷо,
Қаноат кун ба доғе чанд аз ин кӯҳу палангонаш.
Ба хушкӣ гир нам, то гавҳаре хандад аз ин дарё,
Шарарҳо кун гиреҳ, то вокашӣ ёқуте аз конаш.

Ба номи маҳз натвон масдари осор гардидан,
Лаби бомат гарат вусъи тараб бошад, бихандонаш.
Уюби олами бемағз пур бепардагӣ дорад,
Агар мардӣ, раҳо кун дирҳами моҳӣ ба ҳамёнаш.
Камол ин ҷост урёнӣ, маол ин ҷо тиҳидастӣ,
Фитад оташ дар он дайре, ки расвоист руҳбонаш.[77]
Зару симе ки кардӣ ҳосил аз карруфари дунё,
Мадон ҷуз хунбаҳо, ҳарчанд фаҳмад ҳирс маҷҷонаш.
Набояд ишва хӯрд аз илтифоти сурху зард ин ҷо,
Сипеҳр аст ин, ҳазор оина дорад вазъи фаттонаш.
Кабобат мекунад, з-ин сози дилсӯзӣ табарро кун,
Ба доғат ғӯта хоҳад дод охир меҳри ҷӯшонаш.
Камини зулму изҳори надомат – ихтироъ аст ин,
Газанд омода аст, аммо зи пушти даст дандонаш.
Чӣ монеъ осиёро судани даст аз шикасти дил?
Ба ҳар сурат пушаймонӣ намесозад пушаймонаш.
Чу теғ аз кина хун мерезаду хам мекунад гардан,
Зи ҳам мебурраду чун арра мебинанд нолонаш.
Ҳанӯзат қобили зӯрозмоиҳо намедонад,
Ки дарёбӣ, чӣ дорад дар назар чанголу дандонаш?
Нафасороии зулм аст тамкинҳои адл ин ҷо,
Ту сайде дар миён неҳ, то барад шоҳини мизонаш.
Зи чашмакҳои анҷум бо тағофул зистан то кай?
Ҳазар кун аз даҳони ғору дандонҳои суъбонаш.[78]
Ту дандони тамаъ бар ризқ дорӣ тезу з-ин ғофил,
Ки мерезад ҳалоҳил з-ин шикофе чанд анбонаш.
Фиреби эътибори даҳр хӯрдӣ, ҳайфат, эй ҳиммат,
Нигунӣ дошт меъроҷаш, фусурдан буд ҷавлонаш.
Фитодӣ дар гави[79] зиллат ба завқи сарбаландиҳо,
Сари зону шикастӣ дар рикоби ҳирси тозонаш.

Дар ин матбах ба хуспидан туруш кардӣ хамиратро,
Ба ҷуз хомӣ чӣ бурдӣ аз танӯри сарди бенонаш?
Замини ин биёбон сабз мебинӣ, намедонӣ,
Ки дар қири ғазаб хуфтаст хоки гарди ғӯлонаш.
Ғубори фитнае аз шӯри найранги хирадкорон
Қиёмат мекунад, ҳарчанд бурдаст об Юнонаш.
Сиротулмустақиме ҳаст дар пеши назар, аммо
Агар мижгон напӯшад заҳмати гумкардароҳонаш.
Дар ин мартаъ[80] шикори макри рӯбоҳон шуд он ғофил,
Ки огоҳӣ надоданд аз куноми шери Яздонаш.
Кадомин шери Яздон? Муртазо – он сафдари ғолиб,
Ки мехонанд мардони ҳақиқат шоҳи мардонаш,
Шаҳаншоҳи яқинтахти ҷаҳони иззату қудрат,
Ки эъҷози Каломуллоҳ дорад кӯси бурҳонаш.
Нигаҳ дарюза кун, то бинӣ он оёти қудратро,
Ба дилҳо гӯш неҳ, то бишнавӣ овози Қуръонаш.
Қазо тартибе аз хони наволаш[81] дошт дар фитрат,
Дами субҳи азал ҷӯшид аз гарди намакдонаш.
Зи инъоми «сулунӣ» бар хати имкон салогустар,
Зи ҳукми «лавкашаф»[82] бар олами таҳқиқ фармонаш.
Тааммул то иёри дастгоҳи қадри ӯ гирад,
Диҳад дӯши набиюллаҳ нишон аз пояи шонаш.
Баёзи ҳусни «шаққуссадр» зеби матлаъи субҳаш,
Саводи мулки «таммалфақр»[83] тазйини шабистонаш.
Ду тоқи манзари раҳмат хами меҳроби абрӯяш,
Ду мисроъи дари илми набӣ лабҳои хандонаш.
Тараҳҳумофарин зоташ, шафоатпарвар ахлоқаш,
Карамтасвир алтофаш, наҷотэҷод эҳсонаш.
Агар афви гаронсангаш биёрояд тарозуе,
Ҷаҳон бар арш ёбад паллаи иқболи исёнаш.

Забони габр агар дар дайр номи шарми ӯ гирад,
Кунад оташ арақ чандон, ки гардонад мусулмонаш.
Лаби бут гар ба тасдиқи камолаш «Ё Алӣ!» гӯяд,
Ба нуре ошно гардад, ки орад Каъба имонаш.
Адаб ҳар ҷо иёри ҳурмати танзеҳи ӯ гирад,
Назебад ҷуз дами Исо ғубори доманафшонаш.
Қазо з-он остон то дур дорад ширки қибтиро,[84]
Ба суъбонӣ асои Мӯсӣ орад чӯби дарбонаш.
Ба Каъба пеш аз он, к-ин зоти ақдас дар вуҷуд ояд,
Ақиқа ҷуз Забеҳуллоҳ напсандид қурбонаш.
Сазовор аст, аммо садри ҳиммат гар шавад моил
Зи гардуни Қамар то чархи сомин поймочонаш.
Ба табъи орзу маҳтобии касби сафо дорад
Саҳарбофи сипеҳри атлас аз фарроши айвонаш.
Дар ин майхона то субҳи қиёмат кам намегардад,
Арақпаймоии дарё зи шарми ҷуръанӯшонаш.
Саҳоб аз ёди ҷудаш баски хиҷлат мекунад хирман,
Надомат об месозад гуҳар дар чашми гирёнаш.
Дами эътои соил сина бар рӯи замин молад
Қатори бухтиёни чарх зери бори як нонаш.
Камоле сар ба арш афрохт з-он нахли карамгустар,
Ки гашт офоқ маҳви сояи раҳмат зи ағсонаш.
Муҳите мавҷзан гардид аз он симои динпарвар,
Ки шуст идбори зулмат аз ҷабини даҳру арконаш.
Машийят[85] мунҳасир фаҳмид дар ибдоъи имконаш,
Фурӯғи ҷавҳари оли набӣ бар меҳри тобонаш.
Чаманпирои гулзори нубувват решаи нахлаш,
Гуҳартаъмири анвори рисолат ҷӯши уммонаш.
Ҳаё мансуби одобаш, вафо паймони ансобаш,
Биҳишт атвори асҳобаш, ҷаҳим осори дуронаш.

Сияҳрӯзе, ки аз хоки дари ӯ доман афшонад,
Либоси Каъба гар пӯшад, набинад ғайри қатронаш.
Ҳама гар офтоб аз остонаш бигзарад ғофил,
Саҳар хандад бар идбораш, фалак гиряд ба ҳирмонаш.
Зи ҳукми ғолиб итлоқи ғазанфар мекунад фитрат,
Мабодо ғафлатат андешад аз аснофи шеронаш.
Ба гоҳи ҳамлаи ин шер агар хоҳад сипардорӣ,
Ҷигар дар хок ҷӯяд Рустам аз Соми Наримонаш.
Зиҳӣ шере, ки то дар бешаи арзи ҷалол омад,
Ядуллаҳ панҷаҳо ёзид аз шакли найистонаш.
Ба он сарпанҷа чун хуршед ҳар ҷо аз камин ҷӯшад,
Фалакҳо яккалам аз пӯст берунанд филонаш.
Чӣ имкон аст бори савлати он панҷа бардорад
Замину осмон бар пушти гови ҷастакӯҳонаш.
Шукӯҳи раъди ғайрат сурхез аз наъраи шераш,
Ҷалоли барқи қаҳри Ҳақ нигоҳи чашми ғазбонаш.[86]
Дами андози ҳайбат заҳракоҳи гарданафрозон,
Хами мижгони раъфат сояи фарқи заифонаш.
Ҳимоят чун гирифт андеша ёди савлати ӯро,
Ҳама гар саври гардун шох бардорад, ба дар ронаш.
Ба дарёе ки он дасти ҳимоят соя андозад,
Садои киштии Нӯҳ ояд аз ҳуйи наҳангонаш.
Надомат завраќе, к-аз сози таъйидаш инон тобад.
Расонад тарсадоиҳои маллоҳон ба тӯфонаш.
Ҳубобе, к-аз муҳити қудрати ӯ обрӯ ёбад,
Саботи ҳимматм росих кунад саркӯби сандонаш.
Такаллум ҳар куҷо ҳарфи виқораш бар забон ронад,
Кунад мавҷи гуҳар тавфи нафасҳои парешонаш.
Хамири тинаташро чошнӣ аз ҷавҳари нуре,
Ки мерезанд ранги олами арвоҳ з-абдонаш.

Ниҳоли фитрати ӯро нумӯ аз гулшани розе,
Ки меболад шууноти ҳақ аз теъдоди алвонаш.
Агар дар олами ранги қудус оина бардорӣ,
Набинӣ чун қидам тағйир дар тимсоли паймонаш.
В-агар дар арсаи носут рахши ҳимматаш тозад,
Шикофад сина бар лоҳут тангиҳои майдонаш.
Чӣ носут? Инфиоли гарди болафшонии қадраш,
Чӣ лоҳут? Иқтидори олами сайри гиребонаш.
Чу зоти Ҳақ ба чандин дастгоҳи олами асмо,
Ба худ гунҷида, чандоне ки натвон ёфт поёнаш.
Дар он ҳазрат агар дарёи имкон як гуҳар бандад,
Намеарзад ба ташвиши нигоҳи борёбонаш.
Бизоат ку, ки бошад туҳфаи базми қабул он ҷо?
Ҷаҳон гар шарм дорад, зира нафрӯшад ба Кирмонаш.
Тариқи аҷз мепӯям, намедонам, чӣ мегӯям,
Ба тавсифи Худованде ки донишҳост ҳайронаш.
Раҳи азми суҷуде буд, к-аз ҳайрат мани Бедил
Қалам кардам хаёл, аммо ҳамон рафтам ба мижгонаш.

## Дар манқабати Алӣ ибни Абитолиб, каррамаллоҳу ваҷҳаҳу

Муъзилалҳут ҳамон мунтасаби насби ҳамал
Ёфт табъи самакеро ба самандар мубдал.
Меҳвар омад пайи таъдил тарозу дар даст,
Даҳр гардид ба аҳкоми тасовӣ аъдал.[87]
Рӯз ҳар гом, ки дар равшании ақл сипард,
Шаб ба торикии авҳом ҳамон кард амал.
Даври иқбол зи бас сайқалии меҳр намуд,
Занги оинаи имкон ба сафо гашт бадал.

Базми офоқ ба саргармии равнақ болид,
Ахгарӣ кард зуголаш ба камини манқал.
Тирагӣ пойи тасаллут зи тааддӣ дуздид,
Бе таваққуф қадами ҷаҳди сафо гашт батал.[88]
Ламъаи меҳр ба сомони ҷунун пеш омад,
Соя дар ранги шикебоии худ дид халал.
Норасоӣ ба таки ҷуръати адҳам[89] печид,
Гом чанде ба қафо зад зи рикоби арҷал.[90]
Шӯхии ғозаи туркони Хито[91] кард ҳуҷум,
Чашми ҳиндисанамон шуст хиҷолат зи качал.
Нур борид ба миқдори сиёҳӣ хурдан,
Гашт сомони нигоҳ, он чи тиҳӣ шуд ба куҳал.
Сифр шуд нуқтаи шаб, баски зи худ гашт тиҳӣ,
То баромад адади рӯз зи тақсими ақал.
Нақди сармояи ҳирбо ба тазоуф[92] ҷӯшид,
Табъи хаффош зиён кард дар аҷноси амал.
Оламе чашм кушуд аз қафаси хоби адам,
Гашт оинаи тасвир тарабмустақбал.
Мумталӣ буд ба сад ранг уруқи[93] имкон,
Шӯхии номия ногоҳ кушудаш акҳал.[94]
Решаи тозагӣ омад ба асаргоҳи нумӯ,
Гашт бунёди фусурдан ба назар мустаъсал.[95]
Танг шуд доираи ғам чу гузаргоҳи бахил,
Тира шуд оинаи ғусса чу бунгоҳи фасал.
Кард оинаи офоқ зи зангори хазон
Ба сад оини тараб боди баҳорӣ сайқал.
Шуд насоим пайи тадбири рабеъе маъмур,
Чун самум аз сари таҳсили харифе[96] муъзал.
Ғунча то рафъ кунад кулфати осори судоъ,
Ба ҷабин баст зи ҳамвории шабнам сандал.

Гашт аз сабза мухаттат[97] вараќи рӯи замин,
Ёфт аз сунбули тар сафҳаи гулшан ҷадвал.
Корвонҳои тароват ба чаман бор кушуд,
Ранг бигсехт маҳори тараб аз раќси ҷамал.
Булбулонро зи ҳуҷуми тапиши дил афканд
Шӯхии нола ба ҷамъияти минқор халал.
Вақти он шуд, ки кунун дасти тасарруф ёзад
Шохи афсурда ба ёқуту зар аз панҷаи шал.
Нозанинони сафобохтаро бори дигар
Нахли қомат хами абрӯ шавад аз бори ҳулал.[98]
Хаймаи абр баромад ба ҳаво зангорӣ,
Сабза бар рӯи замин фарш намояд махмал.
Чун гадое, ки ба ганҷе расадаш накќби ҳавас,
Нахли урён занад аз ноз ба ҳар узв калал.[99]
Ҳар ғуборе ки дар ин арса ҳавогир шавад,
Алами нашвунумо ранг кунад аз қастал.[100]
Ом гардид зи бас нашъаи хунгармии айш,
Лола яксар ба дами бод фурӯ зад машъал.
Дашту дар он ҳама рангинии ишрат дорад,
Ки чаман бар сари дастор бибандад қуслал.
Гирдбоде ки барорад сар аз оғӯши ҳаво,
Номаи хуррамии сарв кушояд зи бағал.
Рангҳо баски биболад ба тарабгоҳи назар,
Аз замин то ба фалак мавҷи шафақ гардад тал.
Фасли амнест, ки дар анҷумани кавну фасод
Гарди ташвиш наёбад ба табоеъ мадхал.
Сулҳи кул дарси фалак гардаду аз мавҷи сафо
Шуста бинад варақаш маънии талбису ҳиял.
Ғайри ҳамвории ахлоқ наресад ин зол
Ҷуз ба сарриштаи меҳраш нагарояд миғзал.[101]

Навҳа яксар ба масомеъ фиканад тарҳи нағам,
Кори ҳанзал ба завоиқ накашад ҷуз ба асал.
Бӯи дуди ҷигари сӯхта райҳон болад,
Оҳ, агар гул кунад аз синаи ошиқ ба масал.
Аз саморуқ ҳамон чатри гул ояд берун,
Наргис орад ба нумӯ, гар ҳама коранд басал.[102]
Рағбатоҳангии райҳону гул оварда ба бор
Шомаҳо муштараки чашми тамошоаҳвал.
Лола бар тарфи чаман тохта соғар дар даст,
Сарвҳо аз лаби ҷӯ сар зада мино ба бағал.
Ба мизоҷи ҳама гардида гуворо ишрат,
Талхии ҳодиса ҳаср аст[103] ба коми ҳанзал.
Баски ҳар дона ба сомони дамидан зада ҷӯш,
Метавон чид гул аз уқдаи молоянҳал.[104]
Ҳама чашманд тамошоии найранги баҳор
Лолаву гул чи ба гулшан, чи ба саҳрову ҷабал.
Шавқ дар мавҷи тамошои нумӯ тӯфонист,
Ба чунин фасл, ки дорад асари субҳи азал.
То назар кор кунад, хуни алам помол аст,
Рангҳо ҷӯши шаҳиданду ҷиҳатҳо мақтал.
Натавон ёфт дар ин машҳади гулрангғубор
Кафи хоке, ки надорад дили хунин ба бағал.
Эй зи худ рафтаву вомонда, куҷоӣ имрӯз?
То каят фикр кунад беҳуда помоли касал?
Роҳи фаҳме накушудӣ ба тамошои муҳит,
Об то чанд диҳӣ чашми таваҳҳумъасқал?
Ҷодаи манзили мақсуд зи саъят қадаме,
Ту зи фикри хару борӣ чу сутурон ба ваҳал.[105]
Нафасе беш надорӣ сару барги фурсат,
Ҳайф аз ин моя, ки гардад ба ҳавас сарфи халал.

Араќи шарм назад риштаи ин соз гиреҳ,
Ваҳмро сахт расо кардаӣ аз саъйи амал.
Мурғ дар байза занад бол чу дар дида нигоҳ,
Шавқ дар кунҷи адам низ намонад танбал.
Ҳол аз муғтанамот аст, замоне дарёб,
Гусса мозӣ шумару айшу тараб мустақбал.
Домани давлати сармад ба тағофул магузор,
То надомат нафурӯшӣ, чу зи каф рафт маҳал.
Зулм дар ҳаққи нафас кард зи авзоъи хамӯш
Андалебе, ки ба фурсат насароид ғазал.
Чист он давлати ҷовиду нишоти абадӣ?
Яъне аз даст мадеҳ мидҳати султони азал.[106]
Манбаъи ҳилму ҳаё, маъдани ахлоқу вафо,
Махзани ҷуду ато, анҷумани илму амал.
Шери Ҳақ, ҷуфти Батул,[107] ибни ами хатми русул,
Он ки оинаи дилрост хаёлаш сайқал.
Маҳви накши қадамаш дидаи арбоби яқин,
Хоки таслими ҷанобаш сари асҳоби милал.
Авҷи арш аз насабаш пояи иқболи улув,
Пушти кӯҳ аз ҳасабаш сояи осори амал.
Шоҳи мардони ҳақиқат, маҳи гардуни камол,
Сари уззоми яқин, афсари руъсои кумал.
Муртазо он, ки зи пирояи ҳусни адабаш
Шоҳиди анҷумани дини набирост ҳулал.
Азмати шонаш дар мулки тақаддус аъзам,
Фазли қадраш ба адабгоҳи тақаддум афзал.
Ӯст дар анҷумани илму аён шамъи тараб,
Ӯст дар доираи кавну макон сози зуал.
Ғунчае, к-аз чамани қудс нахустин гул кард,
Нуқтае, к-аз қалами сунъ аён шуд аввал.

Омили фатвии ӯ муфтии девони қазо,
Роқими қудрати ӯ муншии фармони аҷал.[108]
Асари раъфати ӯ гар на асокаш мебуд,
То қиёмат замани чарх ба ҷо мондӣ шал.
Сурмаеро ки зи хоки дари ӯ гард кунад,
Надиҳад зеб магар чашми малоик микҳал.[109]
Аз ҳамон сурма агар бар сари гардун пошӣ,
Чашми сайёра шавад эмин аз ошӯби сабал.[110]
Дар азал ҷилваи ӯ нарди таҷаллӣ мебохт,
Ёфт гардун зи маҳу меҳр ду дирҳам ба шатал.[111]
Рабти аҷзои таайюн хати паргор надошт,
Ин қадар баст зи сайри нуқати ӯ ҷадвал.
Гар набудӣ асари маънии яктоии ӯ,
Илм овораи шак буду басират аҳвал.
В-ар ба домони вилоят назадӣ дасти умед,
Саъйи танзеҳи яқин по накашидӣ зи ваҳал.
Ҳасрат он ҷо ки ба тимсоли хаёлаш пардохт,
Як ҷаҳон оина бо ҳайрати дил ёфт бадал.
Дар бисоти асари давлати бедоронаш
Хоб резад мижаву тарҳ намояд махмал.
Шахси иқболаш агар ҷониби гардун нигарад,
Муштарӣ гул кунад аз ҷайбу гиребони Зуҳал.
Бурҷи номунқалиби толеъи масъуд шавад
Ба нигоҳи карамаш тинати манҳуси азал.
Боз вақт аст, к-аз ин матлаъи анворҳулал
Во кунад ламъаи хуршед бар офоқ бағал.
Васфи шоҳест дар ин маърака иқболбаён,
Ки суханро ба хамӯшӣ написандад муътал.
На ҳамин дар дили хок аз асари маъдалаташ
Оташу об ба ҳам хуфта ба табъи ҷандал,[112]

Бар фалак низ зи хосияти меҳри карамаш
Асад афтода чаро муштарики Чадю Ҳамал.
Ҳукмаш он ҷо ки кашад оинаи ҳамворӣ,
Дар хами пушти фалак низ намонад дунбал.[113]
Баски помолии зуввор[114] кашад бар дари ӯ,
Сари афлок ба ранги кафи по гардад кал.
Ҳифзи ӯ гар набувад ҳомии аҳволи ҷаҳон,
Офият шӯри қиёмат шаваду амн халал.
Офтоб ар накунад касби фурӯғ аз рояш,
Назанад оина ҷуз занги кусуфаш сайқал.
Қимати баҳр ба бозори сахояш шабнам,
Санги куҳсор ба мизони виқораш хардал.[115]
Болад аз гарди қудумаш ба сад афлок замин,
Нозад аз файзи суҷудаш ба сад аъло асфал.[116]
Он ҷаҳонтоз, ки дар арсаи оғанги ваға
Набарад сарфа зи танҳоии зоташ ҳайзал.
Сурати ҷуръати Рустам ба хаёли ғазабаш
Нимрух ёбӣ, агар нақш кунӣ мустақбал.
Ромиҳи[117] чарх ба савлатгаҳи нирӯш аҷам,
Ромии даҳр ба майдони набардаш аъзал.[118]
Теғаш он ҷо ки зи фарқи сари аъдо гузарад,
Мавҷ дар гавҳари оина кунад гум салсал.[119]
Он ҷунуншуъла наҳанге ки ба хуни ду ҷаҳон
Укдаи ташнагияшро натавон кардан ҳал.
Зулфиқоре ки зи хамёзаи вазъи фуқарот
Гардад оғӯши фано боз бар асҳоби тибал.[120]
Хасм дар сояи ӯ ҳамчу зиреҳпӯш дар об,
Гар ҳама мавҷ шавад, чора надорад зи салал.[121]
Ҳамчу шамъе ки занад шуъла зи ҷайби фонус,
Дар ниём аст ҳамон пайкари барқаш заикал.[122]

Мавҷи урёнии ӯ то ба замин барқ занад,
Бар фалак заҳраи Миррих шавад мустаъмал.[123]
Толеъи хасм агар ҷумла нависанд Асад,
Мекунад ҳайбати он ламъа ба Ҷавзош бадал.
Душман ар кӯҳи сабот аст дар андешаи ӯ,
Гардиши ранг ба ҳар қатраи хун ёбад тал.
Раги хоро ба фиғон кӯча диҳад чун дили най,
Гар кунад паҳлуи ҳиддат[124] тарафи теғи ҷабал.
Ҳар кӣ бо ламъааш аз кибр фарозад гардан,
Сар нахорад магараш нохуни ангушти аҷал.
Синаи кинапарастон зи наҳибаш маслах,
Дили инкорфурӯшон ба хаёлаш мақтал.
То зи барқи дами ӯ ҳирзи[125] амон соз кунад,
Ҳасм ғайр аз сари афканда наёбад ҳайкал.
Натавон гардани таслим зи ҳукмаш печид,
Кас ба фармони қазо нест сазовори ҷадал.
Дулдули ӯ, ки ба таҳрики сарангушти хаёл
Аз фалак даргузарад ҳамчу садо аз мандал,[126]
Шуълахӯест, ки то ҷастане оғоз кунад,
Барқро чун раги ёқут намояд манбал.[127]
Гоҳи рафтор агар ақл ба васфаш кӯшад,
То дам аз гӯш занад, он суи фикр аст кафал.
Ҳар куҷо гармитак афтод ҷунунтозии ӯ,
Натавон номи инон низ гирифтан ба масал.
Сабқатоҳангияш он ҷо ки занад гоми талош,
Ҳамчу мозӣ ҳама афсона шавад мустақбал.
Гармии пӯяву нармӣ равиши ҳайъати шакл,
Маънии шуълаву барқ обу ҳаво, кӯҳу кутал.
Барқи наълаш дами ҷавлон чу занад мавҷи шукӯҳ,
Гӯӣ, аз шаш ҷиҳат оина кушудаст бағал.

Килки пояш магар аз найзаи хуршед кунанд,
То ба як давр кашад сафҳаи имкон ҷадвал.
В-арна з-ин арсаи мавҳум чӣ имкон дорад,
Ки ба қадри таки он барқ тавон ёфт маҳал.
Ҳамчу гардун ду ҷаҳон дар таҳи як сум гирад,
То ба ҷавлонгаҳи ӯ ғайр наёбад мадхал.
Гар ба шабгир занад, кавну макон шабранг аст,
В-ар саҳар пӯя кунад, даҳр ба хингист масал.
Суръати омадурафташ агар ояд ба назар,
Ҷумла рахш аст зи сарҳадди абад то ба азал.
Ҳамчунон тавсани ҳукмаш бувад афлокнаворд,
Гар шавад аблақи айём зи ҷавлон муътал.[128]
Сӯи ӯ тозу раҳо кун ба қафо мақсади ваҳм,
Доманаш гиру баро аз ҳаваси илму амал.
Саъйи уммеди ҷаҳон ҷуз ба вилоят зоеъ,
Ҷаҳди изҳори баён ғайри саނояш муҳтал.[129]
Дар мақоме ки зи фазлаш сухан ояд ба миён,
Мункиронро дами тақрир хуноқ аст саҳал.[130]
Хориҷӣ муътақиди фазл агар нест, чӣ бок?
Қадри анбар накашад накс ба инкори ҷуал.[131]
Мешавад чини ҷабин бар сари хасмаш дами теғ,
Ҳосиди рӯтуруш авлост, ки бифрӯшад хал.[132]
Мункири маънии ӯ мункири асрори ҳақ аст,
Фаҳми тафсил кун ин ҷо ба адои муҷмал.
Ҳар кӣ сар тофт аз ӯ, гар ҳама қутби фалак аст,
Саъйи тамкин нарасонад қадамаш ҷуз ба залал.[133]
Фитрати халқ шавад оинаи маънии ӯ,
Ҳақ агар ҷилва намояд зи нуқуши мутбал.[134]
Дар бисоти сифаташ аҷз магар пеш ояд,
В-арна бар шӯхии афҳом муҳол аст маҳал.

Мани бедонишу эҳсои саноящ? Ҳайҳот,
Саъйи меҳвираи боми фалаку пойи качал.
Бо ҳама аҷз зи мадҳаш нашикебӣ, Бедил,
Ки ба ин машқ қариб аст барой акмал.
Ҷаҳди он кун, ки ба сомони ниёзоҳангӣ
Мисраъат сози қасида кунаду лафзи ғазал.
Ҳосили маънӣ агар замзамаи ихлосест,
Лағзиши тори забон низ суханрост ҳулал.
Ин дам аз ҷуръати итноб[135] хамӯшӣ авлост,
То мубарҳан шавадат маънии мо қалла ва дал.

## Саводи аъзам

Дар ҳарими хок моро мӯи пирӣ раҳбар аст,
Ҷомаи эҳроми марги шуълаҳо хокистар аст.
Ошнои ранги улфатро ҷаҳон доми балост,
Ин чаман яксар ба хуни андалебон маҳзар аст.
Дил зи нобиноии худ мекашад бори ҷасад,
То гираҳ дар сина дорад дона, хокаш бар сар аст.
Бар худ аз ғафлат биҳиштеро ҷаҳаннам кардаем,
Гар дил аз шарми маосӣ об гардад, Кавсар аст.
Оламе мутлақъинони ҳайрат аз худ меравад,
Чораи киштӣ кӣ дорад? Баҳр ҳам белангар аст.
Чун нигаҳ дар гарди нопайдоии худ метапам,
Риштаи сози таҳайюр аз садо нозуктар аст.
Арзи мову ман чӣ дорад, ҷуз ба рӯи ҳам задан?
Мавҷи ин дарё шикасти шишаи якдигар аст.
Кисвате з-ин баҳр натвон ёфт ҷуз гарди шикаст,
Он ки аз мавҷаш бувад ҷавшан, ҳубобаш миғфар аст.

Офият аз олами имкон набояд хостан,
Хонаи занҷир сомонаш ҳамин шӯру шар аст.
Гар дили ҷамъат ҳавас бошад, хамӯшӣ пеша кун,
Ғунчаро поси нафас шерозабанди дафтар аст.
Тавфи худ кун, то ҳақиқатнашъае ҳосил кунӣ,
Гирди дил гаштан дар ин майхона хатти соғар аст.
Аз залолат то ҳидоят ним гоме беш нест,
Ҳар кӣ дар «ло» монду дар «илло» наёмад, кофар аст.
Ҷамъ кун дил, то зи ташвиши ҳавас эмин шавӣ,
Байзаи сарбаста муҳри дафтари болу пар аст.
Саъйи ошиқро ба ҷаҳди мардуми дунё масанҷ,
Ваҷди тифлон дигар асту рақси бисмил дигар аст.
Ганҷи асрорӣ, агар аз худ тиҳӣ шуд кисаат,
Ҳамчу аъдоди ақал, к-аз сифр ҳукмаш аксар аст.
Қасри ирфон аст дил, гар сози ҷӯъат гум шавад,
Чун дукони нонво холӣ шуд аз нон, минбар аст.
Нест ҷуз гарди мазаллат ҳосили таъмири ҷисм,
Хок бар сар мефишонад фил, чун танпарвар аст.
Ҳусни маънӣ хоҳӣ, аз касби ҳунар ғофил мабош,
Абруи бемӯ бувад, теғе ки ӯ беҷавҳар аст.
Ғофилӣ, эй бехабар, аз рамзи хилватгоҳи дил,
Аз фалак то чанд пурсӣ? Ҳалқа беруни дар аст.
Аз таайюн бар либоси фақр расвоӣ мачин,
Чини абрӯ ҷомаи зарбофтро утугар аст.
Аз ҳаё магзар, ки дар номусгоҳи эътибор
Шарм мардонро виқор асту занонро зевар аст.
Он қадар ҷуръат макун, к-аз саъй гардӣ мунфаил,
Чун шарар дар тезии парвозҳо қатъи пар аст.
Гар ризои Ҳақ тамаъ дорӣ, ба нафъи халқ кӯш,
Ҳар ғизо, к-афтад мувофиқ бо бадан, ҷонпарвар аст.

Софдил, бо ҳар чӣ омезад, кудурат мекашад,
Тира бошад об, агарчи мухталит бо шаккар аст.
Бар дили озод аз зулмат мабанд афсурдагӣ,
Ҳар куҷо оби равон ях баст, санги мармар аст.
Бар тавозуъ, зинҳор, афсонаи нахват махон,
Тоқро гар чини абрӯ гашт зоҳир, абтар аст.
Чун дуруштӣ аз табиат рафт, роҳат фарш баст,
Хоби махмалро ҳамон вазъи мулоим бистар аст.
Дӯзахат дар пешу дил зинҳории ваҳми азоб,
Эй ҷунунбунёд, аз он оташ, ки метарсӣ, зар аст.
Ҳар чӣ бар лавҳи намуди даҳр мехонӣ рақам,
Ҷавҳари теғи бало ё нақши пушти аждар аст.
Ҳосили саъйи нафасҳо нест ғайр аз сӯхтан,
Нахли шамъи мо ба ҳар ҷо гул кунад, оташ бар аст.
Кисвати ҳастӣ хиҷолатпарвари олудагист,
Аз тароватҳо магар домони барги гул тар аст?
Оқибат шоми ҷавонӣ субҳи пирӣ мешавад,
Ибтидои ҳар чӣ дуд аст, интиҳо хокистар аст.
Гар ҳаёти ҷовидон хоҳӣ, дили равшан талаб,
Оби ҳайвон мавҷе аз оинаи Искандар аст.
Нашъаи мардӣ худодод аст, кори ҷаҳд нест,
Зодаи раз бо ҳама ҷӯши таҳаввур духтар аст.
Забти кор аз мард меояд, на аз дасти занон,
Панҷаро гирои аз паҳлӯи ангушти нар аст.
Мастии гарданкашон меболад аз савдои ваҳм,
Гирдбод аз гардиши сар шишадори соғар аст.
Об мавҷе дораду оташ забоне мекашад,
Олами савдост, пойи саъйи ҳар кас дар сар аст.
Ҷӯъу шаҳват ҳар тараф ҳангомасози орзуст,
Нағмаи қонуни олам яккалам бонги хар аст.

Бехудон аз сайри ташвиши ҳавас осудаанд,
Киштии наззораи оина ҳайратлангар аст.
Нотавонон фориғанд аз гарму сарди рӯзгор,
Оташу гул сояро ороиши як бистар аст.
Олами озодият рафъи ғубори ҷустуҷӯст,
Маънии парвоз дар афшондани болу пар аст.
Куштаи ҷоҳанд яксар эътиборандешагон,
Шамъ то гарди нафас дорад, ба банди афсар аст.
Ҳирс гирди хеш мегардад ба завқи ҷамъи мол,
Маркази паргори ин гирдоб фикри гавҳар аст.
Доғи савдоем, бар мо ҳасрати дигар мабанд,
Аз ҳуҷуми мӯи сар дастори Маҷнун абтар аст.
То нигаҳ бар хеш ҷунбидаст, аз худ рафтаем,
Шабнами моро пари парвоз дар чашми тар аст.
Чинии дил дар шикасти хеш медуздад садо,
Сурмаи хомӯшии оинаи мо ҷавҳар аст.
Ноумедӣ обёри муддаои кас мабод,
Нахли оҳему ба ҷое норасидан навбар аст.
Сози дил дорем, фориғбол натвон зистан,
Муҳра то боқист, як озодию сад шашдар аст.
То тавонад дӯхт бар худ кисвати озодагӣ,
Барг-барги сарви ин боғи ҷунун сӯзангар аст.
Дастгоҳи лоф бисёр аст, аммо мард ку?
Обрӯи Зулфиқор аз саъйи дасти Ҳайдар аст.
Фарқ пайдо мекунад дар марду номард имтиҳон,
В-арна дар лофи вағо ҳар ҳез чандин лашкар аст.
Эй тавонгар, гар бувад манзури биниш ибрате,
Устухони паҳлуи мо нотавонон минбар аст.
Сад таҷаллӣ матлаъи асрор иншо мекунам,
Табъи побарҷо ҳузури Тури файзе дигар аст.

Ранҷи дунё дар пушаймонӣ илоҷаш музмар аст,
Дасти барҳамсуда ин ҷо сандали дарди сар аст.
Ҳар чӣ мебинӣ, тапишфарсудаи саъйи фаност,
Аз ҷаҳони ранг то анқо ҳамин мушти пар аст.
Барги гул дорӣ, дар ин гулшан мақоми айш ку?
Ошёни шабнам ин ҷо гӯшаи чашми тар аст.
З-ин баҳори ваҳм як гул ранги ибрат барнадошт,
Он ки бар рӯи хазон оина дорад, анбар аст.
Маҳви таслимем, ку ҷавлон? Куҷо парвози мо?
Гар ҳама хуршед гардад соя, беболупар аст.
Дарнамеояд ба чашми ҳеч кас роҳи адам,
Ҷодаи ин дашт аз тори назар пинҳонтар аст.
Нардбон аҷз аст, чандоне ки мехоҳӣ, баро,
Осмон нуҳ гиру хоҳӣ, даҳ, ҳамин як манзар аст.
Ғайри ҳайронӣ ба саъйи аҷз накшояд даре,
Аз нигаҳ мижгон кушудан фатҳи боби Хайбар аст.
Дар хароботе, к-аз ӯ махмур мебояд гузашт,
Ҷоми ҳиммат аз хаёли тардимоғиҳо тар аст.
Ғофилем аз вазъи роҳат в-арна хоболударо
Сояи девори ин боғ аз самар ширинтар аст.
Аҳли биниш роҳат аз тарки тамошо мехаранд,
Чашмро мижгони барҳамбастае болу пар аст.
Офият хоҳӣ, зи доман по намебояд кашид,
Шуъла то дар санг бошад, эмин аз хокистар аст.
Пайкарат хам гашт, чанде бо ҳуҷуми ашк соз,
Теғи пулро мавҷи сел оинадори ҷавҳар аст.
Нахли ирфон барнатобад шоху барги мову ман,
Шамъро ин ҷо зи чашми худ чакидан навбар аст.
Аз мухолиф боядат оҳанги ибрат вокашид,
Вазъ агар мақсуд бошад, арғунун ҳам минбар аст.

Ҳаст дар ҳар ғунча ҷӯши обу ранги навбаҳор,
Нуқтаеро гар тааммул вошикофад, дафтар аст.
Медиҳад ҳар ҷузви инсон арзи истеъдоди кул,
Хомаи наққошро ҳар мӯ ҷаҳони дигар аст.
Дастгоҳи ишқ хоҳӣ, дар шикасти ранг кӯш,
Мавҷи ин сарчашма чун хуршед бар оби зар аст.
Дуди дил бояд зи андози назар гардад баланд,
Хушнигоҳӣ сурмадориҳои чашми миҷмар аст.
Нест ҳиммат ошнои ҷавҳари афсурдагӣ,
Бештар дар дидаи мо ашки ғалтон гавҳар аст.
Зинати зоҳир бувад нуқсони равшангавҳарон,
Тирагӣ дорад ба дил, то шамъро гул бар сар аст.
Ҳифзи оби рӯ муяссар нест бе касби камол,
Нусхаи оина гар шероза дорад, ҷавҳар аст.
Гуфтугӯро чарбу нармӣ оби дигар медиҳад,
Шуълае, к-аз мум равшан мешавад, равшантар аст.
Сози камзарфон ба ғайр аз шикваи ифлос нест,
Чун тиҳӣ аз бода шуд, фарёд накди соғар аст.
Сахтии айём дилҳоро шикоятпеша кард,
Санг дар маънӣ таранги шишаро болу пар аст.
Бӯи роҳат нест дар ошӯбгоҳи зиндагӣ,
То нафас дар сина мебошад, хасак дар бистар аст.
Ҳар қадар сози тааллуқ беш, кулфат бештар,
Мӯи сар чандон ки мегардад фузун, дарди сар аст.
Мавҷро бетоб дорад ҳасрати осудагӣ,
Гарди бисмил мекунад, мурғе ки боли ӯ тар аст.
Мо абас ранҷи саранҷоми иморат мекашем,
Хонаи хуршед ҳам умрест муҳтоҷи дар аст.
Сози ҳастӣ бе фано суратпазири амн нест,
Пунбаи доғи дили ахгар ҳамон хокистар аст.

Ҳеч кас дар дашти имкон гарде аз роҳат надид,
Ҷода ин ҷо аждару манзил даҳони аждар аст.
Ҳар мақоле маънии тағйири мо мепарварад,
Об агар дар барг бошад сабз, дар гул аҳмар аст.
Мунтаҳои кори азхудрафтагон маълум нест,
Манзили ин корвонҳо аз тасаввур бартар аст.
Дил кудуратхонаи ваҳм аз ғурури огаҳист,
Занги ин оина тимсоли хаёли ҷавҳар аст.
Ҳар қадар дил метанад бар нола, мастӣ мекунем,
Дар раги ин косаи танбӯр хатти соғар аст.
То ғуборе аз нафас боқист, шӯри дил ба ҷост,
Улфати ҳар сатри мо шерозабанди дафтар аст.
Нола дорад равнақи дил, в-арна дар бозори ишқ
Гавҳари беришта яксар риштаи бегавҳар аст.
Дил чу равшан гашт, ҷоҳу шавкате даркор нест,
Баҳри тасхири ҷаҳон хуршеди танҳо лашкар аст.
Бе тасалсул нест даври эътибороти ҷаҳон,
Он ки духтар дидаӣ имрӯз, фардо модар аст.
Ашки мазлумон кабудӣ баст бар аҷзои чарх,
Мавҷи ин сарчашма яксар силии нилуфар аст.
Шишаи дил дар шикасти хеш дорад барги айш,
Захми шамшери ҳаводис ғунчаро гул бар сар аст.
Софии тинат надорад чора аз бахти нигун,
Обро равшандилиҳо сӯи пастӣ раҳбар аст.
Барнамеояд зи хиҷлат, ҳар кӣ зад лофи сухан,
Чун забон, к-аз инфиоли гуфтугӯ доим тар аст.
Дорад асбоби ҳаловат саргарон бемағзро,
Устухони най агар сангин шавад, аз шаккар аст.
Табъи золим ҷуз ба марг осудагиро боб нест,
Шуъларо ҷамъияти мижгон таҳи хокистар аст.

Аз ҳадиси бадгуҳар гул мекунад чандин фасод,
Хуни фосид ранги ҳарфе аз забони ништар аст.
Кӯри ботинро ҳамон ғафлат саводи огаҳист,
Занги шом оинаи хаффошро равшангар аст.
Барнамегардад мизоҷи золим аз тарки ҳасад,
Шуъла ҳар гаҳ по ба доман ҷамъ созад, ахгар аст.
Нест ҷуз норостӣ золимсириштонро камол,
Морро чун теғ арзи каҷхиромӣ ҷавҳар аст.
Бар ҳаловат мефизояд улфати соҳибдилон,
Меваи нахле, ки пайвандаш кунӣ, ширинтар аст.
Лафзи бемаънӣ набошад онқадарҳо дилнишин,
Ҳарфи мавзуне, ки бепаҳлӯст, тири бепар аст.
Роҳат аз фарзанд кам ҷӯ, гарчи дорад сад камол,
Тухм чандоне ки қобилтар бувад, боровар аст.
Инҳироф[136] аз вазъи аслӣ ҳеч ҷо мақбул нест,
Чун ба сӯи дида баргардид мижгон, ништар аст.
Камтар аст аз накс, чун мансуби ноқис шуд камол,
Бар сари зан шӯхии дастор нанги миъҷар[137] аст.
Гар ба нодон мекунӣ эҳсон, зи ҳарфаш лаб бибанд,
Ҳарзагӯёнро хамӯшӣ қуфли фарҷи астар аст.
Мешавад зоҳир камоли ақл дар тасхири нафс,
Рақси маймун гармии ҳангомаи бозигар аст.
Базму разм оинадори маънии якдигаранд,
Ҳар куҷо табле бурун аз пӯст омад, соғар аст.
Эътибороти бузургони ҷаҳон ҳеч асту пуч,
Чун ҳубоб ин ҷо сари бемағз соҳибафсар аст.
Чанд бар номи бузургӣ хор хоҳӣ зистан?
Бештар канноси Ҳиндустон хитобаш меҳтар аст.
Нест як соҳибнафас, к-аз вай диле равшан шавад,
Ин замон таъсир агар дорад, дами оҳангар аст.

Тобеъи ҳамчун худе будан зи нобиноӣ аст,
Дар ҳақиқат, кухнакӯр аст, он ки гуфтӣ навкар аст.
Нест ҷуз чини ҷабин наққоши айби мунъимон,
Гар шикасте ҳаст чиниро, ҳамон мӯи сар аст.
Муфлисӣ оинаи сад айб дорад дар бағал,
Устухонҳо мешуморад, ҳар кӣ ҷисмаш лоғар аст.
Кист инсон, то насозад ҳалқа саргардонияш?
Шуъла, бо он саркашӣ,ҷаввола чун шуд, чанбар аст.
Ҳар куҷо кулфат ҳуҷум овард, баргардид ҳол,
Тоири ранге ки мегӯянд, мурғи шабпар аст.
Дарду доғи рафтагон бар нармии дил бастаанд,
Дар заминҳои мулоим нақши по афзунтар аст.
Маҳви ҷисмӣ, бар замин рав, хоҳ бар гардун баро,
Муҳраи лофи ту озод аст, то дар шашдар аст.
Мавҷи гавҳарро уруҷи обрӯи дигар аст,
Пои ҷавлони ҳавас чун маҳви доман шуд, сар аст.
Обрӯ мебояд, аз бедастгоҳӣ бок нест,
Рӯсафедӣ тирарӯзонро баҳори анбар аст.
Мунфаилтабъон хароши таънро омодаанд,
Нест бе захми забони хома, то коғаз тар аст.
Шӯхии ҳусни мухаттат[138] ташнаи машшота нест,
Дафтари авроқи гулро дар раги худ мистар аст.
Монеъи файзи ҳаловат мешавад чини ҷабин,
Найшакар дар ҳар куҷо дорад гираҳ, камшаккар аст.
Мардро вазъи тавозуъ нест нуқсони камол,
Теғ агар дар пушт хам дорад, зи бори гавҳар аст.
Шишадил аз бода бо кухсор мегардад тараф,
Обро дар ҷӯйбори теғ оташ раҳбар аст.
Мешавад бедастгоҳӣ монеъи нашвунумо,
Дар найистонҳо найи бебарг тири бепар аст.

Доми роҳи мо заифон будан он миқдор нест,
Мӯрро садди Сикандар муште аз хокистар аст.
Аз дили беорзу таъмири роҳат кардаем,
Хонаи оинаи мо фориғ аз бому дар аст.
Улфати зар ҳамчу ҳамён мекунад дилро сиёҳ,
Доғ дар ҳар ҷо ки мебинӣ, нишони ахгар аст.
Сохт[139] чун сафро ба табъи шахс савдо мешавад,
ТираРӯз он кас, ки шамъи хонааш фикри зар аст.
Зинҳор, аз файзи сомони қаноат нагзарӣ,
Ҳар кӣ поси обрӯи хеш дорад, гавҳар аст.
Нури дил хоҳӣ, нагардӣ ғофил аз сидқи мақол,
Дар ҳавои мухталиф файзи чароғон камтар аст.
Аз насиҳат бар дили девонагон афсун махон,
Ҳалқаи занҷир гӯшаш аз хурӯши худ кар аст.
Домани даштею пойи гулбуне даркор нест,
Роҳати Маҷнун ҳамон дар сояи мӯи сар аст.
Арсаи имкон қиёмат дорад аз дуди ғубор,
Ҳар кӣ ин ҷо қалби мижгон мешикофад, сафдар аст.
Осмонро кулфати дилҳо ғуборандуд кард,
Бештар дуди сипанд ошӯби чашми миҷмар аст.
Гарди дил болид, сози базми имкон ҷӯш зад,
Нуҳ фалак як ҳалқа дуд аз шуълаи ин ахтар аст.
Гирди дил гардидани мо нест эмин аз нафас,
Бар гулӯ гирдобро ҳар мавҷи дарё ханҷар аст.
Нестӣ парвонаи нашвунумои зиндагист,
Шуъла то сарв аст, боли қумрияш хокистар аст.
Фарқи вахме беш натвон ёфт ҳастӣ то адам,
Имтиёзи соя аз хоки сияҳ равшантар аст.
Офият дар маҳфили мо нест бе саъйи фано,
Хоби роҳат шамъро дар раҳгузори сарсар аст.

Бедилон, ночор ранги ишқ мебояд гирифт,
Шуъла аҳмар мекунад, гар ахзару гар асфар аст.
Гӯш агар бо туст, бишнав, ҳуш агар дорӣ, бифаҳм,
Лайлии беранги моро чашми Маҷнун манзар аст.
Толиби анқоӣ, аз ному нишони мо мапурс,
Ҳастии мо аз адам ҳам сад адам онсӯтар аст.
Ин қадар чун субҳ дар андеша тӯфон кардаем,
Дар хаёлободи мавҳумӣ нафас афсунгар аст.
Бедил, аз маънитирозӣ бар камоли худ малоф,
Гарди соҳил бош, ин мавҷ аз муҳити дигар аст.
Тарҷумон асрори бечун аст, в-арна назди ақл
Нуктапардозӣ зи табъат ин қадар кай бовар аст?
Мушти хоку дастгоҳи ҳарфу савт эъҷози кист?
Дар мизоҷи сеҳрсозат сурма оҳанговар аст.
Бар нафас аз маънии нозук ҷаҳоне бастаӣ,
Яъне ин ҷо сояи мӯ доми сайди лоғар аст.
Хат ба як сурат бароти қудрат иншо мекунад,
Нуқтаҳо якдаст муҳри ганҷҳои гавҳар аст.
Аз саводаш[140] метавон оинаҳо пардохтан,
Чашм агар дорад кудурат, сурмааш равшангар аст.
Бе такаллуф, касби ҳуше кун, ки дар девони роз
Андаке фаҳмидан аз бисёр гуфтан хуштар аст.
Шӯхии ин назм бар дилҳо қиёмат мекунад,
Эй қиёматдарнафас, шӯрат чӣ тӯфонпарвар аст?
Гар шавад оинадори нусхаи гардун, баҷост,
К-аз шараф ҳар нуқтааш ҳамчашми чандин ахтар аст.
В-ар «Саводи аъзам»-аш номӣ, ба инсоф ошност,
К-аз ҷиҳоти тарфи лутфаш ақли кул дар шашдар аст.
Нест аз фитрат ниҳон кайфияти таърихи ӯ,
Соли таҳрираш ҳамон дар ҳарфи номаш[141] музмар аст.

## Хаймаи Бедил

Маро мафлук танбӯест[142], к-аз ибрат самар дорад,
Ба дунё дил набандад, ҳар кӣ бар ҳолаш назар дорад.
Ба ғайр аз ном гарде нест дар бунёди мавҳумаш,
Тилисми бенишонӣ аз пари анқо асар дорад.
Надонам сояи афлок ё тимсоли субҳ аст ин,
Ки дар оинаи андеша ваҳме ҷилвагар дорад?!
Тавонад ақл аз кайфияти шонаш нишон додан,
Агар аз олами он сӯи гардун нусха бардорад,
Қазо аз чархи атлас пештар риштаст торашро,
Ки аз сарриштаи эҷоди нуҳ гардун хабар дорад,
Таҳайюрхаймаи чашме, ки дар саҳрои мавҳумӣ
Таноби нотавоне чанд аз тори назар дорад.
Зи фарсудан ҳазорон руқъа бар ҳам чида аҷзояш,
Нафас чандон ки аз дил мекашам, ӯ номабар дорад.
Чароғи бефурӯғи тирабахтирост фонусе,
Ки дар ҳар пунба сад парвонаи беболупар дорад.
Зи бас ваҳшат надорад эҳтиёҷи борбардорӣ,
Чу гардун ҳам ба дӯши изтироби худ сафар дорад.
Ҳубоби шавқ гӯям? Гирдбоди ҳайраташ хонам?
К-аз ашку оҳи ман умрест сайри баҳру бар дорад.
Парешон аст чандон тору пуди дудпарвардаш,
Ки пиндорӣ, муқими ӯ чу Маҷнун мӯи сар дорад.
Ҳумоюн толеъе, к-аз сояи ӯ офият хоҳад,
Ба фарқи ноумедӣ аз пари зоғон сипар дорад.
В-агар дар сояи ӯ бодапаймо гашт махмуре,
Ба ҷои нашъа савдои сияҳрӯзӣ ба сар дорад.
Муқими хонаи ӯро сару барги иқомат ку?
Ки девору дараш чун субҳ доман бар камар дорад.

Надонам, роҳи ташвиши кадомин рахна барбандам?
Маро дар хона ин афсуни ибрат дар ба дар дорад.
Нафас гар мекунад шӯхӣ, ба чандин ранг меларзам,
Ки ин бунёди ваҳшат якқалам гарди саҳар дорад.
Бисоти даҳр лабрез аст аз парвози аҷзояш,
Саҳар гар сад фалак болад, куҷо ин карруфар дорад?
Ба ҳар мижгон задан ранги дигар парвоз мегирад,
Ҳанӯзам нест огоҳӣ, ки ин товус пар дорад.
Мусаввир гар кашад бо ин заифиҳо танобашро,
Гусастан аз камини тору пудаш нола бардорад.
Кадомин роят аст имрӯз бо ин шавкати хорӣ?
Ки бар сар хок меафшонаду гарди зафар дорад.
Қумоши пушту рӯяш гар тааммул нек дарёбад,
Зи шӯхӣ абраву аз беҳаёӣ остар дорад.
Нагардад касрати пайванди ваҳме монеъи сайраш,
Чу урёнӣ ҳамон як хирқаи ваҳдат ба бар дорад.
Ба ин ширинадоӣ шони занбӯре намебошад,
Ки ҷуз сози ҳаловат ҳар чӣ гӯӣ, бештар дорад.
Чу аҳли қабр бояд бенафас дар зери ӯ будан,
Ки аз боди даме ҳастӣ ҳубобосо хатар дорад.
Зи оби дидае гар нам кашад, чун дил гарон гардад,
Ба ҳар беобрӯиҳо назокат ин қадар дорад.
В-агар ногаҳ замингирӣ кунад чун ашки мазлумон,
Ба ғайр аз оҳи навмедӣ зи хокаш кист, бардорад?
Ба зери сояаш рӯзона бояд шабнишин гардун,
Ки анҷум мешуморад, ҳар кӣ бар сақфаш назар дорад.
Ба гармиҳои суҳбат рӯзи равшан миҷмар аст, аммо
Шаби маҳтоб сомони чароғоне дигар дорад.
Ба ҳар кунҷаш паланги оташиндоғест хобида,
Қадам дар сояи ӯ ҳар кӣ бигзорад, ҷигар дорад.

Чу ман дигар сипанди оҳанинҷоне намебошад,
Дар ин миҷмар ба хомӯшӣ ба сар бурдан ҳунар дорад.
Насиме гар вазад, ночор бояд гашт урёнам,
Кафи хокистаре чун ахгарам дар зери пар дорад.
Даруни пардааш бояд кашидан нанги расвоӣ,
Ки чун оина рахти хона дар беруни дар дорад.
Ба чандин рахна холӣ нест аз шуғли тамошое,
Зи ҳар равзан ба гулзори адам чашме дигар дорад.
Муқими пардаи ӯ бошу оламро тамошо кун,
Дар ин ғирбол, ҳар хоке ки мехоҳӣ, гузар дорад.
Зи дасти чоки ҳирмон нест фориғ ҷайби якторааш,
Чу Бедил мӯ ба мӯ аз захми навмедӣ хабар дорад.

## Чароғони Деҳлӣ[143]

Ин чароғон аст, ё Раб, дар бисоти рӯзгор,
Ё дили парвонае доғи ҷунун кард ошкор?
Дар дили шаб ин қадар анвор натвон ёфт ҷамъ,
Ҳайрате дорад зи санги сурма тӯфони шарор.
Ҷӯши ишрат бар дару бом он қадар гул чидааст,
К-аз замин то чарх аҷзои ҳаво шуд чатрдор.
Дар канори ҳар чароғ аз хуррамиҳои тараб
Дуд меболад ба худ чун сунбул андар чашмасор.
То мижа во мекунӣ, оғӯши ҳайрат мешавад,
Хок маҳтобобёр асту ҳаво хуршедкор.
Дар саводи пардаи ин шаб тамошо карданист
Чашмаки барқи ҷамол аз ҳалқаҳои зулфи ёр.
Шаш ҷиҳат ҷӯши баҳористони нахли Айман аст,
Даҳр дорад аз таҷаллӣ Тури дигар дар канор.

Як шарар бе дастгоҳи шӯхии андоз нест,
Чашмаке дорад ба миҷмар санг ҳам дар кӯҳсор.
Ҳар тараф наззора оғӯши мижа во мекунад,
Чун самандар мезанад боли тараб дар шуълазор.
Ин дам аз рашки замин чун коғази оташзада
Осмон вақт аст, агар аз доғи дил гирад шумор.
Баски аз парвонаи ин базм дорад доғи рашк,
Аз пари товус мегардад чароғон ошкор.
Кардааст ин шаб ба завқи имтиҳони сӯхтан
Шуълаи овози булбул бо чароғи дил дучор.
Шоми ин тӯфони нурандеша дар ҳайрат гум аст,
Гардиши чашми кӣ во кардаст мижгон аз хумор?
Оламеро ғӯта дар мавҷи таҳайюр додаанд,
Ҳусни найранги кӣ дорад ин қадар оинадор?
Дуд натвон гуфт меҷӯшад аз ин шамъу чароғ,
Мекунад парвоз аз оинаи дилҳо ғубор.
Зулмати шаб яққалам маҳв аст дар анвори субҳ,
Чун дили даҳр фурӯғи адли шоҳи комгор.
Субҳи ҳафт иқлими имкон, шамъи нуҳ қасри сипеҳр,
Афсари фарқи ду олам, сояи парвардгор.
Он шаҳаншоҳе, ки дар арзи ҷалоли давлаташ
Обрӯ бозад муҳиту кӯҳ бигзорад виқор.
Бо шукӯҳаш авҷи гардун хоксори нақши по,
Пеши ҷудаш оби гавҳар ташнаи қадри ғубор.
Аз бисоти хокбӯси серчашмони дараш
Чун пари товус нақши по барад зар дар канор.
Гар ба азми сайд берун оварад теғ аз ниём,
Чун шафақ болад ба худ то осмон хуни шикор.[144]
Ҳар куҷо ҷавлон намояд ашҳаби [145] иқболи ӯ,
Осмон аз Каҳкашон тифлест, яъне найсавор.

Аз сиёҳони бисоти хидматаш шоми барот,
В-аз ҳаводорони боғи ишраташ субҳи баҳор.
Нури аҷроми каромат, ҷавҳари аърози файз,
Пайкари осори раҳмат, шахси фазли кирдгор.
Хусраво, маънипаноҳо, ку сару барги қабул,
То ба арзи ҳоли дил ҷӯям дар ин даргоҳ бор?
Сурати аҳволам аз тарзи тахаллус равшан аст,
Бедилиҳо чидаам бар худ зи вазъи рӯзгор.
Дар қимори орзу накши муродам гул накард,
Доштам накди дил, аммо бохтам беихтиёр.
Баски бо фикри дамидан бо гиребон сохтам,
Донаамро сӯхт нокомӣ ба кишти интизор.
Ман саропо эҳтиёҷу чархи дунпарвар хасис,
Ман тароватинтизору абри эҳсон шуълабор.
Нахли ҷулҷӯшам, чӣ созам? Решаамро об нест,
Гулбуни иқболам, аммо рафта аз ёди баҳор.
Гар шавад абри иноят обёри мазраъам,
Хӯшасон аз пой то сар ҷумла дил орам ба бор.
Бе такаллуф, хони хонони ҷаҳони маъниям,
То ба ташрифи хитобам кардаанд уммедвор.
Маҳв будам, к-аз чӣ хидмат қобили ин мансабам?
Шуд яқинам, к-ин қадарҳо бедилӣ кардаст кор.
Яъне ин исмам далели лутфи шоҳаншоҳӣ аст,
Ҳамчунон, к-аз аҷз хонад бандаро парвардгор.
Ман ҳаминам, балки камтар, то ба худ вомерасам,
Лек мавҷи баҳри раҳматро намебошад шумор.
Чун нигин сар то қадам арзи ҷабини саҷдаам,
То кунад шоҳам ба инъоми тахаллус номдор.
Офтоби лутф агар як зарраам хонад ба фазл,
Сад фалак бар хеш болам дар ҷаҳони эътибор.

Шаҳпари парвози ҷуръатҳо насими раҳмат аст,
В-арна хокеро чӣ ёро, то барангезад ғубор?
Ваъдаи эҳсон гадоёнро биҳишти дигар аст,
Муқтаран омад иҷобат, эй дуо, дасте барор.
То зи рӯи рӯз бошад равнақи бозори даҳр,
Бод пешат офтоб аз бандагони гармкор.
То бувад бар чеҳраи имкон нишон аз холи шаб,
Бошад аз мадҳат забони халқ равшан шамъвор.

## Шуълаи ёқутбор

Боз тӯфони ҷунун ангехт абри навбаҳор,
Ҷӯш зад аз хоки гулшан хуни айши рӯзгор.
Дар нафас афсуни неше дошт фассоди саҳар,
К-аз раги ҳар шохи гул шуд хун ба ранге ошкор.
Нолаи рангин зи минқори хамӯши булбулон
Ҳар тараф сар зад ба ранги хун зи дилҳои фигор.
Дар раги андеша мепечид хуни тирае,
Ҳалқаи сунбул назарҳо дӯхт сӯи неши хор.
Решаи гул баски аз рагҳои санг омад бурун,
Ҳамчу ништар ғӯта дар хун хӯрд теғи кӯҳсор.
Дар уруқи ҷода ҳам андӯҳи афсурдан намонд,
Ташти хуне мавҷ зад саҳро ба арзи лолазор.
Созу барги базми ислоҳи нишот омода шуд,
Сабза ништар дар бағал ҷӯшиду сунбул рагшумор.
Аз чаман то анҷуман ислоҳҷӯи имтило,
Аз раги гул то хати паймона ништаринтизор.
Қулқули мино садои резиши хун соз кард,
Нағма яксар хун ба ҷӯш овард аз рагҳои тор.

Дидаи ошиқ қадаҳ лабрези хун кард аз сиришк,
Чашми хубон соғари мастӣ зад аз ранги хумор.
Дар чунин фасле, ки аз рангинии табъи ҳаво
Панҷаи андешаро наззора барбастӣ нигор,
Қасди фасде кард гулхӯи баҳороинае,
К-аз ниҳоли Каҳкашон ранги шафақ орад ба бор.
Риштаи қонуни хунгармӣ тапиш оғоз кард,
Набзи ноз аз ҷӯши шӯхӣ бурд бетобӣ ба кор.
Омад он исодами луқмонхисоли хизрпай,
То баҳори нозро аз акҳалаш гирад иёр.
Аз раги ҷон баст бар бозуи симинаш давол,[146]
Гӯӣ, аз мастӣ ба шохи сандале печид мор.
Шуд кафи симини ӯ бо гӯи заррин ошно,
Субҳи содиқ муҳраи хуршед дид андар канор.
Аз баёзи соъиди ӯ ҷилваи рагҳои сабз
Гашт аз оина, гӯӣ, мавҷи ҷавҳар ошкор.
Ҳайрат аз кайфияти он ҷилва болидан гирифт,
Оламеро шуд ҳуҷуми бехудӣ оинадор.
Чашми фассод аз фурӯғи дасту соъид хира монд,
Хоби субҳ аз панҷаи бедорияш бурд ихтиёр.
Интизор аз ҳад гузашт он наргиси махмурро,
Хост, то мижгон кунад дилҳои муштоқон фигор.
Ништар аз шарм об гашту бар раги дасташ чакид,
Кард шабнам сабзаро фаввораи ранги баҳор.
Шуъламазмун мисраъе ҷаст аз забони сабзааш,
Сад шикасти ранг таклифи зи худ рафтан ба бор.
Таштҳо аз ашки хунин кард лабрези ҷунун
З-ин тамошо чашми ҳайратдидагони беқарор.
Ранги он гулбарги тар сози шикаст оғоз кард,
Заъфаронзоре дамид аз арғавонзори узор.

Баски тӯфон кард шӯхиҳои ранги рехта,
Шуд лаган як лахти дил з-он шуълаи ёқутбор.
Ноз бар гирди сараш гардиду қурбон гашт, лек
Пунба овард аз сафедиҳои чашми интизор.
Ғамза ҳам ғайр аз тағофул чораи дигар надид,
Баст чашм аз хешу гашт он мавҷи хунро пардадор.
То ба мизон баркашанд он хуни нозандударо,
Каффаҳои барги гул холӣ шуд аз ранги баҳор.
Ошиқонро субҳи ишрат сар зад аз чоки ҷигар,
Доғи дилҳои ҳазин аз хуррамӣ шуд лолакор.
То кушояд лаб ба оҳанги муборакбод шавқ,
Чун садаф афшонд дарё мавҷи гавҳар бар канор.
Аз тапидан иқди анҷум риштаи Парвин гусехт,
Шуд ба ранги чашми Бедил чарх ҳам гавҳарнисор.

## Дар сифати чашм

Доғам аз чашми ҷунунпаймонаи мастишикор,
Худсари мағрурнозе, ишвасозе, фитнакор.
Ваҳшии рамҷилвае чун ӯ надорад дашти сунъ,
Наргиси шӯхе чу ӯ нанмуда боғи рӯзгор.
Мастии нозаш зи саҳбо сад қадаҳ бебоктар,
Нашъаи ҷомаш зи гардун ҳам дуболоэътибор.
Ҳайрате дорам, ки дар эҷоди найранги ҷунун
Ӯ зи гардун мақтабас ё чарх аз ӯ шуд мустаор.[147]
Аз баланду пасти имкон он чи меояд ба чашм,
Он суи ин ҳалқаи домаш намебошад гузор.
Ин қиёматҷилва ҳамчун гардиши чархи дуранг
Бурдааст аз каф ҷаҳонеро инони ихтиёр.

Чарх агар ҳар шом гардад чеҳрапардози шафақ,
Доманаш хуни шафақ ҳар субҳ дорад аз хумор.
Шӯхии қавси қузаҳ бар авҷи гардун ҷилвагар,
Ҳамчунон аз боми нозаш тоқи абрӯ ошкор.
Дар баёзаш арзи рӯзу дар саводаш гарди шом,
Бастани мижгон шабу во карданаш субҳи баҳор.
Бениёзиҳош дашту беқарориҳош сел,
Шарм дарёи муҳиту саргаронӣ кӯҳсор.
Сояи мижгон саҳобу шӯхии наззора барқ,
Хушнигоҳӣ мадди меҳвар, мардумак қутби мадор.
Тарзи андозаш ба ранги макри гардун беқиёс,
Ишваҳои ҳайратафрӯзаш чу анҷум бешумор.
Қавси гардун аз шаҳобу барқ агар дорад ходанг,
Ғамзаи ӯрост дар зеҳ тири имо сад ҳазор.
Гӯшаи абрӯ намуду хонд афсуни ҳилол,
Домани мижгон шикасту субҳ ҷӯшонд аз канор.
Гӯ, бидуздад осмон шӯри қиёмат дар нафас,
Аз хамӯшӣ сурмаи ӯрост сад тӯфон ғубор.
Рифъат аз афлоку з-он бебок андози баланд,
Каҳкашон аз чарху аз вай мастии дунболадор.
Бо вуҷуди меҳр гардун оламеро раҳзан аст,
Мезанад ӯ ҳам ба улфат роҳи масту ҳушёр.
Аблаҳ аз даври фалак масруру доно талхком,
З-он ситамгар ғайр шоду Бедили дилхаста зор.

## Дар мадҳи Хонидаврон[148]

Фалак умрест менозад ба даври шавкату шонаш,
Биё, то вонамоям иқтидори Хонидавронаш.

Тақаддусҷавҳаре аз олами иқбол метобад,
Ки чун хуршед ғайр аз нур натвон ёфт бурҳонаш.
Чу огоҳӣ фазои вусъати дил хулди ҷовидаш,
Чу файзи Ҳақ кушоди дасти ҳиммат боғи хандонаш.
Ҷамол оинаи муъҷиз, баҳори гулшани раҳмат,
Ҷабин лавҳи саодат, сархати оёти Қуръонаш.
Табассум субҳи ирфонматлаъи асрори гулбозӣ,
Такаллум бӯи гулпарварда гавҳарҳои ғалтонаш.
Баёнро дар хамӯшӣ зевари ҳусни адабсанҷӣ,
Ҳаёро дар арақ ороиши оинадоронаш.
Латофат бар танаш ҳар гаҳ либоси барги гул пӯшад,
Арақ шӯяд чаманро, то кунад аз ранг урёнаш.
Ба ҳар ҷо бениёзӣ манзари иқболаш ороях,
Ҷаҳон бар нақши худ нозад магар дар тоқи нисёнаш.
Ба гулзоре, ки бихромад арақгулкардапешонӣ,
Ба фарёд ояд аз шабнам чароғи наргисистонаш.
Даме к-аз чашмаи лаълаш сухан бар зиндагӣ нозад,
Арақғаввосии Хизр аст ёди оби ҳайвонаш.
Ба сад хуршед аз ҷайби яқин бепардагӣ дорад
Румузи нахли Айман аз чароғи нури имонаш.
Варақгардонии ранг аз баҳори ӯ намехандад,
Гули раъно ҳамон якрӯст дар гулзори ирфонаш.
Сафо паймонаи бедурди махмурони таҳқиқаш,
Яқин хумхонаи ҷӯши шуҳуди ҷоми мастонаш.
Ба таъдили мизоҷ он ҷо ки ҳукми маъдалат ронад,
Зи меҳвар нагзаронад хулқро шоҳини мизонаш.
Гар аз раъйи фалотунҷавҳараш дониш наяндӯзад,
Ҳама гар мулки Юнон аст, маҷнунанд сукконаш.
Зи иршодаш замоир инкишофи роз мехонад,
Адамнақш аст мазмуне, ки ӯ нанвишт унвонаш.

Ба густохӣ гараш оинаи хуршед пеш ояд,
Бипӯшад чашм чун ҷавҳар баландиҳои мижгонаш.
Ба афсӯсе ки молиш хурд аз иқболаш дили ҳосид,
Кафи даст обила фарсуда, пушти даст дандонаш.
Зи чоҳи фикри дилтангӣ ҳасудаш то бурун н-ояд,
Дамад чун бандҳои най гиребон аз гиребонаш.
Вуфури неъматаш чандон, ки пеш аз муждаи даъват
Фузулӣ чун магас аз хон бурун рондаст меҳмонаш.
Кӣ мегӯяд надорад серчашмӣ ҳирси инсонӣ?
Нигоҳе об деҳ аз сайри кашкӯли гадоёнаш.
Маҳи тобон ба хони заллачинонаш раҳе дорад,
Ки партав умрҳо шуд мефишорад равған аз нонаш.
Сари хоне ки хонсолори ҷоҳаш моҳазар[149] чинад,
Ба чинихонаи Фағфур мӯ резад намакдонаш.
Баҳор аз уҳдаи тартиби базмаш барнамеояд,
Биҳиштеро магар печӣ ба рӯи бираи понаш.
Зи рашки ҷуди ӯ чандон ба судан дод кафҳоро,
Ки охир панҷаи дарё ҳиноӣ кард марҷонаш.
Агар дархурди истеъдоди бахшиш остин молад,[150]
Гуҳар аз шарм гардад обу хоҳад узри уммонаш.
Ба сад доман дар ин гулзор бебаргони навмедӣ
Самарҳо чидаанд аз сояи нахли хиромонаш.
Гадое, к-аз адабгоҳаш гули таслим мечинад,
Чу шохи гул хамидан мекунад аз каҷкулоҳонаш.
Агар ин дилкушоиҳост тавфи остонашро,
Дари фирдавс бояд сохтан аз чӯби дарбонаш.
Ба оҳанги салои ҷуди ӯ уммеди маъюсон
Гар он сӯи қиёмат рафта бошад, бозгардонаш.
Ба гулзоре ки абри ҳиммати ӯ соя андозад,
Наҷӯшад ҷуз кафи дасти карам то барги райҳонаш.

Зи ҷавлонгоҳи алтофаш ба ҷуръат магзар, эй сарсар,
Дар ин гулшан ғуборе нест, то созӣ парешонаш.
Ба истиқлоли ҷовидат биноз, эй фурсати ишрат,
Ки бурд аз умр нанги бевафоӣ шарми паймонаш.
Ба бозори камолаш рав, фусуни чархи дун машнав,
Ба ин ҷинси фиреб, охир, чӣ микдор аст дукконаш?
Нигоҳи илтифоташро ба ҳар ҷо муштарӣ ёбӣ,
Дил он ҷо нест колое, ки натвон кард арзонаш.
Чу фармони қазо кас нест бе таслими ҳукми ӯ,
Ба ҳар пайкар сару гардан ҳамон гӯй асту чавгонаш.
Саҳар пар мезанад з-ин арсаву бо чарх мегӯяд:
Ғубореро ки ӯ наншонд, агар мардӣ, ту биншонаш.
Сарат аз хокбези марг агар гардан намедуздад,
Бигир, эй хасми бисмиллоҳ, номи гарди майдонаш.
Ҳарифи барқи безинҳор шӯхиро намешояд,
Назар пӯшидан аст аз худ мисоси теғи рахшонаш.
Шуҷоат лашкари размаш, адолат соқии базмаш,
Мурувват маҷлисорояш, футувват мирсомонаш.
Матонат кони алмос аз қавибунёдии ҳиммат,
Далериҳо ҷигарсомонии кӯҳи Бадахшонаш.
Намедонам, баҳораш аз чӣ олам рангу бӯ дорад?
Чаман ҷӯшид чун гул, ҳар кӣ зад дасте ба домонаш.
Кӣ паймояд ҳудуди тӯлу арзи боғи хулқашро?
Магар умри Хизир лағзад ба андози хиёбонаш.
Ба ин осори анворе, ки метобад аз он симо,
Нигаҳ мил аст дар чашме, ки натвон ёфт ҳирмонаш.
Зи икроме, ки ман дидам аз он зоти карамҷавҳар,
Забон гар беспипос афтад, дилу доғ аст товонаш.
Ҳама гар хок гардам, аз ғуборам шукр меболад,
Хамӯшӣ кист, то печад сари тӯмори эҳсонаш?

Ҳадисе дархури васфаш нагуфтам, обам аз хиҷлат,
Муҳаббат мушкиле дорад, ки натвон кард осонаш.
Сипеҳраш гар бигӯям, фитратам менолад аз пастӣ,
В-агар хуршед хонам, зарраворе нест шоёнаш.
Сипеҳр аст, офтоб аст, абри раъфат, қулзуми ҳиммат,
Сазовори ҳазор иқбол дорад фазли Яздонаш.
Худоё, дар ҳақи ҷамъияти ин нашъаи ақдас
Мани Бедил чӣ андешам? Ту бахш анвори хосонаш.

## Талаби Ҳақ

Вақти он аст, ки аз гардиши гардуни фалак
Нақши меҳр аз варақи рӯи замин гардад ҳақ.
Тангчашмӣ зи ҷаҳон ҷӯш занад чун қалмоқ,[151]
Кӯраи хашм шавад даҳр чу табъи узбак,
Талхии зулм ҳаловат ба завоиқ сӯзад,
Аз сари хони вафо маҳв шавад ҳаққи намак.
Ҳасрати нӯш ба бемор диҳад ҷоми азал,
Муждаи марҳам бо захм кунад ҳарфи газак.
Лолазори тараб аз шуълаи ғам гардад доғ,
Арғанрангии уммед барояд сабзак.
Аз раҳи ҷаҳл адонӣ ба ақосӣ[152] хандад,
В-аз сари кибр ба уззом ситезад кӯчак.
Ваҳми аблаҳ алами ноз фарозад ба симок,
Саъйи доно шиканад кӯси фазилат ба самак.
Шерро пӯст чу рӯбоҳ шавад офати ҷон,
Рӯбаҳ аз макр давад сӯи палангон шерак.
Пари гунҷишк кунад даъвии парвози уқоб,
Лофи сарпанҷа барад пеш зи шоҳин шорак.[153]

Нафс чун рӯҳ кунад кишвари абдон тасхир,
Чашми ифрит занад чашмаки танзеҳи малак.
Киштии айём кунад фили ҳаводис помол,
К-аз кафи ростӣ афтод дар ин арса качак.[154]
Рӯзгорест, к-аз афсонаи бедине чанд
Бар ғалат мезанад андешаи мардум ғалтак.[155]
Мард бояд, ки таарруз[156] кунад аз таври ҷаҳон,
Чун муайян шавадаш ҳолати ашё як-як.
Ҳар куҷо ҳуш бувад мумтаҳини[157] огоҳӣ,
Сирри қалбу сараро босира кофист маҳак.
Ҳар хаёле, ки ба зулматгаҳи ваҳм аст ниҳон,
Ҳамчу хуршед аён аст ба чашми зирак.
Нест пӯшида, ки дар коргаҳи кавну фасод
Набувад шахси бақо ҷуз ба фано мустамсак.[158]
Ҳар чӣ махсуси ҳису бинишу маълуми дил аст,
Ҳама дар маърази хавф асту ҳалокат бешак.
Бо чунин вазъ ҷаҳон кӯшиши ботил дорад,
Мақсадаш ваҳму талаб ҷаҳлу залолат маслак.
Ғофил аз касби яқин шоҳу гадову баду нек,
Толиби ваҳму гумон пиру ҷавону кӯдак.
Назаре ку, ки кунад ранги гул аз оташ фарқ?
Шомае ку, ки шавад мудрики миск[159] аз мушлак?
Ғарраи нозию вақт аст, ки шоҳини қазо
Ногаҳон хурд кунад болу парат чун урдак.
Дар камингоҳи гулӯи ту фишори аҷал аст,
То нафас мекашӣ, ин карруфарат гашта ҳалак.[160]
Ҳарза бар хеш мачин, асли ҳақиқат дарёб,
Мустадом аст фанову ману мо мустаҳлак.[161]
Сурмаи ибрате аз ҳуш талаб кун в-он гоҳ
Чашм бикшову бибин сурати ҳоли ҳар як.

З-ин чаман ҳеч ниҳоле ба ҳавас сабз нашуд,
Ки аз он кисвати нозаш нанамуданд таҳак.[162]
Лолаву гул ҳама доғи ҷигару захми диланд,
Булбулу фохта якдаст ҳамон наъразанак.
Дидаӣ шабнаму гул, лек ба ҷуз ибрат нест,
Сайри захме ки ба рӯяш зада бошанд калак.[163]
Боли товус ҳамон коғази оташзада гир,
Мезанад мушти шарораш ба фаноят чашмак.
Кист, к-аз ранги баҳораш натавон ёфт хазон?
Боғбон дода чуғундар ҳама оби зардак.
Шамъ дар базми ҳавас шуълааш изҳори кулоҳ,
Ғунча дар хоби тараб синаи чокаш тӯшак.[164]
Гӯшмолеяю фиғон ҳосили кори танбур,
Навҳаву синахарошӣ сару сомони ғиҷак.
Накди фурсат мадеҳ аз даст ба афсуни амал,
Ваҳм ваҳм аст, чу ақлаш манишон бар торак.[165]
Рафтаҳоро салавот аст, ту ҳам хоҳӣ рафт,
Мехурӣ беҳуда имрӯз ғами боғи Фадак.[166]
Ҳол муфт аст, чӣ мозию кадом истиқбол?
Гар наӣ тифл, ба афсона матан, эй мардак.
Меравад умри ту дар чақчақу вақвақ помол,
Шӯри ин қофила бар риши ту дорад тизак.
Ба фасоди ҳумақо чанд шавӣ модаи кин?
Саратон гашт зи шумии илоҷат бағалак.[167]
Доми тазвир биҳил, рабти тахайюл бигусил,
Баҳри сайди магасе чанд машав тортанак.
Сайди инсон кун, агар ҷавҳари ахлоқе ҳаст,
Пеши бӯзина чӣ лозим бинавозӣ тунбак?
Ҳеч кас масхараро хоси Алӣ напсандад,
Қобили суҳбати он шоҳ нашояд Далқак.[168]

Хубсботин чӣ қадар бӯи таназзуҳ дорад?
Мабразат саҷдагаҳу оби вузӯят мезак.
Ҳайф бошад, ки дар ин мазбала аз ваҳми хаёл
Одамӣ гуҳ хураду боз бибандад шакарак.
Шарм бодат, ки ҳавасмоили парвози нифоқ
Оламеро бифиребӣ ба забон чун тӯтак.
Беш аз ин дар пайи афсуни камолат мабош,
Ваъз хатм аст, агар танг шавад таҳти ҳанак.[169]
Умрҳо шуд нафасат буғзу ҳасад мебофад,
Як нафас кош шавад маънии хулқат мадрак.[170]
Гашт чун талъати шайтон ба сиёҳӣ мумтоз
Нури оинаи имони ту аз ранги ифак.[171]
Гурбачанголии маргат агар оина задаст,
Муши фикри ҳасад он беҳ, ки кашӣ дар чунак.[172]
Жожхоӣ чӣ қадар бо ту вафо хоҳад кард?
Лабу дандони ту вақт аст, ки гирад баалак.
Ком таблест забон чӯбаку ин ҷуръати тутқ
Табл кӯбӣ, ки ба вожунияш афтад чӯбак.
Бохабар бош, ки ин табл бувад акси тибол[173]
Дар сукун наъразану гоҳи сафар хомӯшак.
Чашми бино шаву дар қалъаи ибрат бигурез,
Ки надорад сафи барҳамзадаи умр кумак.
Гар саводи рақами огаҳият равшан нест,
Зери по бингару аз нақши кадам кун айнак.
Ҳосилуламр, ҷаҳон доми фиреб асту ҳиял,
Қурби Яздон талабу аз ҳама рав дуртарак,
Ки ба сад ранҷ шудан дар раҳи хорӣ помол,
Ба мижа рӯфтан аз ҳар гузаре хору хасак.
Аз камондори бало бар сари майдони ҷафо
Бехато бар сипари сина гирифтан новак.

Солҳо дар ҷигар оташ задану доғ шудан,
Умрҳо дар сабади дида кашидан оҳак.
Бистар аз теғу зи алмос намудан болин,
Ҷома аз шуълаву аз ахгари сӯзон капанак.[174]
Мӯ ба мӯ дар қафаси захм ба хун ғалтидан,
Ҳама тан обила гардидану хуфтан ба намак.
Сангсори ду ҷаҳон офату сахтӣ будан,
То абад пову сару даст шикастан ба кутак.[175]
Дархури як дами ғафлат зи Худованди карим
Назди Бедил сад аз ин қориа[176] бошад андак.
Талаби ҳақ агарат раҳбари таҳқиқ шавад,
Бирав он ҷо ки хаёлат кашад, Аллоҳу маак.

## Дар хайримакдами Шокирхон[177]

Аннавид, эй дил, ки умри рафтаро дарёфтам,
Ранг бар рӯ, об дар ҷӯ, май ба соғар ёфтам.
Дар ҳавои остоне мекушудам боли аҷз,
Чун ҳумо ганҷи саодат дар таҳи пар ёфтам.
Дӣ сиришке чанд дар хоки мазаллат метапид,
Ин замон иқболам омад пеш, гавҳар ёфтам.
Гулбуни боғи умедам нури чашм овард бор,
Он чи дар дил доштам, дар дидаи тар ёфтам.
Дасту пое мезадам дар гарди роҳи ҳайрате,
Дар муҳити обрӯ худро шиновар ёфтам.
Сар ба зону доштам, гуфтанд: Шокирхон расид,
Чашм во кардам, биҳиштеро мусаввар ёфтам.
З-он арақҳое, мезад мавҷ нур аз ҷабҳааш,
Ҷоми осори ҳаё лабрези Кавсар ёфтам.

Бо уруҷи он нигоҳи нозимастиофарин
Нашъаро дар май зи дурди май фузунтар ёфтам.
Дар табассумзори лаъли шаккаристонпавараш
Ҳарфи қандам то ба лаб омад, мукаррар ёфтам.
Баски болид орзу дар маъбади таслими шавқ,
Саҷдаро саркӯби ин нуҳ қасри ахзар ёфтам.
Ламъаи меҳри ҷамолаш дод арзи партаве,
Хона фонуси чароғи ҳафт кишвар ёфтам.
Нашъаи иқбол меҷустам ба завқи ифтихор,
Гарде аз роҳаш баландӣ кард, афсар ёфтам.
Доманам чине, к-аз истиқболи ӯ омода дошт,
Аз табассумҳои нози субҳ бартар ёфтам.
Дар саропоям хаёли саҷдае хобида буд,
Ҳар қадар чун шамъ бар худ по задам, сар ёфтам.
Матлаъи дидор гул кард охир аз чашми сафед,
Субҳи давлат з-ин ду бодоми муқашшар ёфтам.
Дил ба пешаш буду ман дар сина мекардам суроғ,
Оқибат оина дар дасти Сикандар ёфтам.
Ин чӣ эҳсон аст, Бедил, к-аз ҳузури мақдамаш
Зиндагӣ аз сар гирифтам, умри дигар ёфтам?!

## Муҳити бекарон

Ҷуз тиҳидастӣ надорад най сару барги фиғон,
Дард пайдо мекунад, чун гашт бемағз устухон.
Ҳайрати саршор гӯё мекунад оинаро,
Чун хамӯшӣ гашт комил, чашм мегардад забон.
Ишрати сарбаста дар раҳни дили ҷамъ асту бас,
Тоирони рангу бӯ дар ғунча доранд ошён.

Тинати ворастагонро аз кудурат бок нест,
Занг натвонад гирифтан домани оби равон.
Лаб намеояд ба ҳам чоки дили гирдобро,
Захмии хамёзаи шавқанд яксар восилон.
Дастгоҳи қадри бӯи гул ҳамон ошуфтагист,
Бе уруҷе нест гарди ваҳшати хуниндилон.
Маркази паргори гардун гуфтугӯи мову туст,
В-арна ҷуз ҳайрат надорад сифр чизе дар миён.
Субҳу шоме дидаӣ, чашми яқин во кун, ки нест
Ҷуз ҳамин зангу сафо пушту рухи кори ҷаҳон.
Ихтиёри кори дунё гар ба ин камфурсатист,
Меҳмон будан дар ин ҷо хуштар аст аз мизбон.
Бо тараб кам ҷӯш, то мотам набояд доштан,
Ханда нилӣ мекунад кисват ба кишти заъфарон.
Нотавонӣ яъс мебандад, ба дӯши аҷзи мо,
Пашшаро зоди раҳи парвоз мебошад фиғон.
Заъфи ранге ҳаст вақфи толеъи табъи баланд,
Нест ғайр аз Каҳкашон нақши ҷабини осмон.
Сахтии даврон ба вазъи комилон наздиктар,
Санг аз он бар сина бастӣ хотами пайғамбарон.
Вусъати рӯзӣ насиби ҳеч равшандил нашуд,
Оина аз муфлисӣ тар мекунад дар об нон.
Гар ҳама бод аст нақди зиндагӣ, муфти ҳубоб,
Ҳар кӣ шуд бедил, нафасро низ дил дорад гумон.
Табъи ноқисро зи вазъи худ тараққӣ мушкил аст,
Тифли ашк он нест дар сад сол ҳам гардад ҷавон.
Нашъаи ворастагӣ аз дард мегардад баланд,
Захми дил баҳри уруҷи нола дорад нардбон.
Ғафлати дил нафси саркашро ҳусули муддаост,
Давлати бедор дорад гург дар хоби шубон.

Нагзарад ишқи ғаюр аз фикри торочи ҳавас,
Оташи сӯзанда бар хошок набвад меҳрубон.
Ростӣ аз тинати качтабъ натвон хостан,
Тир душвор аст, агар созанд аз чӯби камон.
Эҳтиёти огаҳӣ доми камини ғафлат аст,
Аз ҳуҷуми хоб эмин нест чашми посбон.
Нотавонон ҳайбат аз нафси ситамгар мебарад,
Дорад аз афсурдагиҳо мор ҳукми ресмон.
Дар либоси фақр натвон нанги олоиш кашид,
Ин намад чун тар шавад, бисёр мегардад гарон.
Дӯши аҷзи мо таҳаммултоқати асбоб нест,
Ҷуз мижа мушкил, ки бардорад нигоҳи нотавон.
Нест дарди нармхӯёнро ба дармон эҳтиёҷ,
Аз луоби хеш марҳам мекунад захми забон.
Табъи олӣ барнадорад миннати имдоди ғайр,
Сахтии хеш аст теғи кӯҳро санги фасон.
Ишқ бепарвост, домони адаб аз каф мадеҳ,
Шуъларо дар сӯхтан натвон намудан имтиҳон.
Дар ҳуҷуми яъс дилро манъи афғон мушкил аст,
Кай нафас гирад ҷарасро аз ғубори корвон?
Нотавонон тахтаи машқи ғурур афтодаанд,
Найсаворӣ шуъларо судаст сар бар осмон.
Даврисоғарпухтагонро гардиши ҳол асту бас,
Бо шикасти ранг аз худ меравад барги хазон.
Гар ҳама як гом ҳам аз худ бароӣ чун нигоҳ,
Сайри гардунат надорад эҳтиёҷи нардбон.
Чун талаб сокин шавад, бояд тавофи хеш кард,
Мешавад гирдоб мавҷ, аз баҳр агар печад инон.
Чашми ҳайрон шоҳиди дилҳои гум гардидааст,
Метавон аз нақши по кардан суроғи рафтагон.

Аз дами гарми муроқибтинатон ғофил мабош,
Менишонад тирро дар хоку хун оҳи камон.
Умрҳо шуд бахяи расвоият дандоннамост,
Чун даҳан то чанд хандидан ба рӯи мардумон?
Метавон рафъи каҷӣ кардан ба саъйи ростӣ,
Найзабозон ҳалқа бардоранд бар нӯки синон.
Посбони қасри давлат нест ҷуз дасти карам,
Эмин аз офат бувад, боме ки дорад новдон.
Дар сияҳбахтӣ матоъи худнамоӣ косид аст,
Занг чун шом оварад, оина мебандад дукон.
Сардмеҳриҳои гардун сулҳро кин мекунад,
Дар зимистон аз нафасҳо дуд мегардад аён.
Ғарраи роҳат мабош аз шафқати абнои даҳр,
Дар фусуни меҳрашон хуфтаст боди меҳргон.
То ҳумо аз сахтии даврон касе озод нест,
Меваи боғи саодат низ дорад устухон.
Ғайри хорӣ иззати дунё надорад дар назар,
Садрро ночор бояд шуд тараф бо остон.
Аз сари афтодагӣ магзар, ки чун нақши қадам
Мешавӣ оинаи мақсаднамои раҳравон.
Бар забон ҳарфи насаб рондан далели аблаҳист,
Лофи иззат чун нигин то кай зи номи дигарон?
Раҳраве к-аз ҷода гардад мунҳариф, хасми худ аст,
Нест ҷуз гумроҳӣ оҳанги каҷӣ бо ростон.
Бе ҳидоят нест ғафлат низ аз аҳли сулук,
Хоби пои раҳнавардон мешавад санги нишон.
Чанд хоҳӣ навҳа кардан бар дуруштиҳои табъ?
Уқдаи санг аз дили куҳсор накшояд фиғон.
Дастгоҳи матлаъи ҳайрат тамошокарданист,
Чашм во кардан чу субҳ аз оламе дорад нишон.

Он қадарҳо нест қатъи илтифоти ину он,
Гардиши чашмест, гар теғи нигаҳ хоҳад фасон.
Дил ба ҳар андеша дорад ранги тамкин бохтан,
Аз насиме оби ин оина мегардад равон.
Ҷавҳари бебокии теғ аз ниёмаш равшан аст,
Аз забон аст ин қадар носурии захми даҳон.
Бе такаллуф, суҳбати дун марги олиҳиммат аст,
Ихтилоти об бо оташ надорад имтиҳон.
Аз сафокешон чӣ имкон дорад изҳори камол?
Ҷавҳар аз оинаи равшан намегардад аён.
Гарди ҳимматфайзҳо аз ваҳшат иншо мекунад.
Субҳ равшан мешавад, чун доман афшонд осмон.
Ранги дуд аз ахгари тобанда натвон ёфтан,
Дил чу равшан шуд, хаёли ғайр мегардад ниҳон.
Дар видоъи нола дилро аз тапидан чора нест,
Тир чун аз худ равад, бар хеш меларзад камон.
Шиква меҷӯшад зи захми дил ба қадри мавҷи хун,
Ин даҳан он беҳ ки чун сӯфор бошад безабон.
Гуфтугӯ кам кун, сафои дил агар манзури туст,
Хонаи оина хоҳад аз нафас шуд сурмадон.
Шеваи таслим мақбули баду нек асту бас,
Сояи бедаступо бар ҳеч кас набвад гарон.
Кинаи золим чӣ созад бо бинои ранги аҷз?
Аз таби шерон надорад бими оташ найситон.
Соҳиби ҳалқу шикамро махраҷу мадхал якест,
Ҳар чӣ анбон мехурад, мерезад охир аз даҳон.
Нолаи ушшоқ аз аҳли ҳавас ҷустан хатост,
Бар намеояд садои булбул аз куни харон.
Бар забон сурат набандад маънии асрори дил,
Аз ҷарас мушкил шавад зоҳир матоъи корвон.

Занг бар оинаи дил аз нафассозӣ марез,
Шамъро болу пари парвона мебошад зиён.
Ранҷи ҷисмонӣ ҳамон ташвиши рӯҳи поки туст,
Мағз ин ҷо нола мегардад зи дарди устухон.
Чун ҳаво аз пар задан вомонд, шабнам мешавад,
Оҳ, аз бедаступоӣ ашк мегардад аён.
Бода меорад ба ҷӯи айш оби рафтаро,
Медиҳад соғар ба мурғи ранг ёди ошён.
Ҳусни саркашро забони хулқ дар ҷӯши хат аст,
Оташи гулро бағайр аз бӯ намебошад духон.
Аз дили олуда занги маъсият натвон зудуд,
Сахт душвор аст гард афшондан аз тардоманон.
Тақвӣ аз ташвиши дому дона фориғ будан аст,
Субҳаву зоҳид ҳамон тифл асту завқи гирдакон.
Як варақро ҳар нафас гардондан аз бедонишист,
Дар сухан то чанд бояд дод тасдеъи забон.
Нест танҳо андалеби ин чаман тӯфонхурӯш,
Дорад аз бӯ барги гул ҳам зери лаб чандин фиғон.
Қайди гардун боиси парвози чандин шиква аст,
Нест боли тир ғайр аз ҳалқаи доми камон.
Дар муҳити зиндагонӣ он қадарҳо об нест,
Бар ҳаво чун коғази бод аст киштиҳо равон.
Маҳви дидорем, аз мо ҷунбиши мижгон маҳоҳ,
Кори лангар мекунад бар киштӣ ин ҷо бодбон.
Ҷисм то шуд ҷилвагар, дар мо сабукрӯҳӣ намонд,
Хатти мистар гашт маъниро раги хоби гарон.
Ғайри обе хушк з-ин дарё ба коми халқ нест,
Чун садаф ҳарчанд бар пушти шикам банданд нон.
Барги айши синачокон бе талош омода аст,
Захмҳо аз хуни худ доранд бар лаб ранги пон.[178]

Бе фасоде нест табъи золим аз изҳори аҷз,
Шуълаҳо дорад, гар оташ коҳ гирад дар даҳон.[179]
Чанд бошӣ ғофил аз кайфияти ҳусни сухан?
Маънии борик дорад нашъаи мӯйи миён.
Ҳақпарастӣ? Чанд хоҳӣ чашм пӯшидан зи халқ?
Толиби Лайлию он гаҳ ғофил аз маҳмилкашон?
Баҳр танҳо дар каманди ваҳдат аз гирдоб нест,
Дашт ҳам дар субҳагардонист аз реги равон.
Заҳраи дарёст обу ботини кӯҳ аст хун,
Аз ниҳеби[180] ишқ осудан надорад баҳру кон.
Гар нафас дуздидаӣ, дил дарсгоҳи зикри ӯст,
Решаро дар дона мебошад забони субҳахон.
Кӯза ҳам гар мехурад обе, ҳамон ҳаққақнавост,
Нест мавҷуде, ки бошад ғофил аз рӯзирасон.
Ҷуз фано дар дашти имкон ҳар чӣ бинӣ, ҷода аст,
Чун ба нақши по расидӣ, мешавад манзил ҳамон.
Аз вуҷуди мову Ҳақ арзи мисоле додаанд,
Бехабар, то чанд пурсӣ рамзи маҳтобу катон?
Дар ғубори мо суроғи бенишон муфт аст, муфт,
Чун шикаст ин гард ҳам, аз мо намеёбӣ нишон.
Бедил, ин[181] баҳрест лабрези гуҳарҳои камол,
Киштӣ ин ҷо нест ғайр аз ҷустуҷӯи нуктадон.
Маънии печида яксар сурати гирдоби ӯст,
Шӯхии хатти ғубораш медиҳад соҳил нишон.
Мавҷи мисраъ шӯри тӯфон дар камин хобидааст,
Дур мангар, гар кунам номаш «Муҳити бекарон».

## Дар мадҳи Муҳаммад Аъзамшоҳ[182]

Ҳаббазо, хуршеди қудратманзари авҷи яқин,
Ҳукмфармои салотин, муттакои оламин.
Соҳиби илму худованди ҷаҳон, мухтори даҳр,
Волии давлат, паноҳи миллату иқболи дин.
Ворисi соҳибқирон султон Муҳаммадаъзам он,
К-аз гули мадҳаш забон дорад чаман дар остин.
Он ки молад офтоби чарх бо он авҷи қадр
Сандали ноз аз ғубори хоки роҳаш бар ҷабин.
Он ки дар оинаи мақсаднамои ботинаш
Маънии рози ҷаҳон пайдост чун нақш аз нигин.
Пеши қадраш чарх рифъат мекунад таслими хок,
Бо виқораш кӯҳ тамкин мегузорад бар замин.
Гар зи ҷудаш мояи нисбат барад дарёву кон,
Қатра гавҳархез гардад, санг ёқутофарин.
В-ар насими хулқи ӯ бошад сару барги баҳор,
Бӯи гул хирман кунад хор аз дуруштиҳои кин.
Баҳрро он ҷо ки адлаш ҳукми ҳамворӣ кунад,
Аз каҷӣ дар турраи амвоҷ натвон ёфт чин.
В-ар кунад манъи кудурат аз бисоти синаҳо,
То қиёмат занг дар оина нанмояд камин.
Остони каъбатаъзимаш шарафхосиятест,
К-аз тавофаш саҷда бандад бори миннат бар ҷабин.
То кунад дарюзаи файзе зи хони неъматаш,
Коса мегардонад аз чашми тамаъ фағфури Чин.
Ҳар куҷо овозаи қадраш ҷаҳонгирӣ кунад,
Кӯси иқболи Сикандар чун магас дорад танин.

Шавкати Ҷамшед аз ҷоҳаш мисоле беш нест,
Гӯш бар афсона то кай? Чашм бикшою бибин.
Он масеҳомартабат, к-аз номи ӯ беморро
Риштаи умри абад гардад нигоҳи вопасин.
Бар дари ӯ аз нишони саҷдаи гултинатон
Ханда бар фирдавс дорад ҷайбу домони замин.
То ҳубоб аз қулзуми одоби ӯ оинавор
Дорад аз забти нафас ҳукми ҳисори оҳанин.
То рикоб аз мақдами иқболи ӯ дорад нишон,
Дастгоҳи хонаи хуршед пайдо карда зин.
Пояи тахт осмонӣ мекунад дар сояаш,
Мешавад меҳвар зи номи адли ӯ нақши нигин.
Хусравонро тавъам афтодаст дар майдони фахр
Бо хаёли нақши сумми тавсанаш хатти ҷабин.
Гарданон яксар ба пеши ламъаи теғаш хаманд,
К-аз раги ҷавҳар каманди қудрате кардаст чин.
Ҳеч касро дар ҷанобаш кибр натвон бурд пеш,
Нест он ҷо ҷуръати шоҳон, магар хидматкамин.
Душмани ҷоҳаш намеёбад ба ранги дуди шамъ
Он қадар сомон, ки афғон гардадаш оҳи ҳазин.
Мекунад Бедил дуои давлати поянадааш,
Мавҷи омин метаровад аз лаби Рӯҳуламин.
То ҷаҳон бошад, ҳавохоҳаш ба гулзори тараб
Бод бе ташвиши ғам бо шоҳиди мақсад қарин.
Ҳосидаш дар кисвати мижгони мотамдидагон
То қиёмат бошад аз ашки надомат хӯшачин.
Дар хаёли риштаи умри абадпайванди ӯ
Ҳамчу сӯзан кӯр гардад дидаи кӯтоҳбин.

## Дар мадҳи Шоҳ ва таърихи таваллуди Шоҳзода[183]

Ҳамди Худо, ки аз чамани шоҳи комрон
Гул кард нашъаи тарабу айши ҷовидон.
Шоҳаншаҳе, ки дар чаманистони маъдалат
Шохи гул аст дар кафи ӯ теғи хунфишон.
То аблақи замона шавад роми ҳукми ӯ,
Гардун ба дасти ӯ диҳад аз Каҳкашон инон.
Аз баҳри дафъи ҳодиса дар баҳри рӯзгор
Ҳукмаш ба ранги мавҷи азал то абад равон.
Аз файзи поси маъдалаташ саъваи заиф
Дар чашми боз ҳамчу нигаҳ бандад ошён.
Дасти гуҳарфишони сахояш ба арзи ҷуд
Аз баҳр чун саҳоб бурун оварад духон.
Дар маъдан аз тасаввури исори даргаҳаш
Гардад зи мавҷи лаъл раги санг новдон.
Чашми ҳасуд агар ба шукӯҳаш назар кунад,
Дар худ зи ҷунбиши мижаҳо бишканад синон.
Гар моҳ саҷдаи дари ӯ орзу кунад,
Гарди калаф бишӯядаш он хоки остон.
То нисбате ба пояи ҷоҳаш расондааст,
Афканда бар ҳаво кулаҳи ноз осмон.
Дар боғ агар таровати лутфаш баён кунам,
Гулро зи шабнам об равон гардад аз даҳон.
Бепарда аст маънии шоҳӣ зи ҷабҳааш,
Аз офтоб нусхаи маҳ медиҳад нишон.
Дарюза мекунад чаман имрӯз бар дараш,
К-аз навбарест боғи дилаш ишратошён.

Он навниҳоли гулшани иқболи иззу ҷоҳ,
К-аз файзи номи ӯ раги гул мешавад забон.
Чун дояҳо дар орзуи зеби маҳди ӯ
Гардун зи ҷирми меҳр диҳад арзи парниён.
Меҳраш даме ки сар зад аз андешаи сипеҳр,
Ҷӯшид шири нур зи пистони ахтарон.
Аз шавқи он хулосаи обову уммаҳот
Оғӯши доя мавҷ зад аз табъи инсу ҷон.
Маъмур шуд хаёли тараб, то кунад рақам
Соли вилодаташ, ки бувад афзали замон.
Дар гӯши шавқ мулҳими розам ба мужда гуфт:
«Субҳи муроди миллату дин, қиблаи ҷаҳон».[184]

## Таърихи ҷулуси Ҷаҳондоршоҳ[185]

Теғи ҷаҳондори заман рӯзе ки шуд барқофарин,
Иқболи қайсар даст шуст аз Зуҳра то хоқони Чин.
Ороиши кавну макон, фармонравои инсу ҷон,
Нури замину осмон, яъне муиззи мулку дин,
Шоҳе ки пеши шавкаташ паст аст лофи саркашон,
Гар пашшаи ӯ дам занад, бар кӯҳ барбандад танин.
Азмаш агар даври амал бар чарх гирад мухтасар,
Дар ҳафта гум гардад қурун, ояд ба шаҳр андар синин.
Адлаш сипеҳри маъдалат, ҷудаш муҳити макрумат,
Зоташ бақои мамлакат, номаш ҷаҳонбахши нигин.
Ҳар ҷо камолаш бишнавӣ, ҳарфи шаҳон бар тоқ неҳ,
Оёти Қуръон дидаӣ, манқуши Занд, Усто[186] мабин.
Ахлоқи ин шоҳи ҷаҳон яксар биҳиштиншокун аст,
Ҳарфе зи хулқаш ёд кун, дар зери чатри гул нишин.

Чун шамъ як бор он ки баст эҳроми тавфи даргаҳаш,
То хок гаштан саҷдааш бар дӯш мебандад ҷабин.
Аз ҳимматаш гар зам занӣ, доман ба гардун бишканӣ,
Дар кишвари таъзими ӯ ҳаргиз намебошад замин.
Ғайр аз хузӯъи[187] бандагӣ бо зилли Ҳақ куфр асту бас,
Оҳ аз нигунбахте, к-аз ӯ дар сина дуздад бӯи кин.
Тахти Сулаймон гар ҳама бар чарх зад паҳлуи қадр,
Во шуд таноби даъвият чун коғази бод аз камин.
Шуд тавъами нақши қадам, бурд об аз ҷӯи адам
Тоҷи Сикандар ҳамчунон, дайҳими хоқон ҳамчунин.
Аз ҳайбати иқболи ӯ гарданкашони номвар
Хуфтанд дар хоки сияҳ, рафтанд дар зери замин.
Ҷуз ламъаи шамшери ӯ, к-офоқ шуд тасхири ӯ,
Бар шамъи айвони шаҳон з-ин сон ки афшонд остин?[188]
Яъне ба як дам теғи ӯ бигрифт мулки хусравон,
Чун офтоб аз партаваш шуд номи анҷум аз нигин.
Дар арсагоҳи кофу нун аз даври Одам то кунун
Равшан нашуд з-ин имтидод оинаи фатҳи мубин.
Боқист то ҳашр ин асар дар олами фатҳу зафар
Эй зулҷалоли додгар, бар қудратат сад офарин.
Анҷоми кори ғофилон ин буд, к-омад дар миён,
Нодим шавед, эй бехудон, таҳдиди раббонист ин.
З-ин мамлакат дар ҳеч сӯ мижгон намеояд фурӯ,
Шуд зери пойи тахти ӯ Ҳиндустон арши барин.
Имрӯз бо чандин раҷо[189] бар остони кибриё
Шуд комёби муддао ҳар кас ба нақше аз ҷабин.
Будам мани беповусар вомондаи арзи ҳунар
Аз инфиоли нокасӣ дар кунҷи дил ҳайраткамин.
Омад ба таслими адаб баҳри нисори ҳазраташ
Ин байтам аз илми азал бо чор таърихи гузин:

«Насси шараф, шоҳи замон», «наҷмулҳудо, файёзи мулк»,
«Кишваркушо, мӯсоасо», «гетиситони ҷамнигин».[190]

## Рамзи ҳайрат

Аз раҳи ишқ он, ки муште хок бар сар ёфта,
Дар муҳити обрӯ худро шиновар ёфта.
Ҳар кӣ истиғнош масти нашъаи таҳқиқ кард,
Нуҳ фалак дар сарнигуниҳои соғар ёфта.
Ҳуш то пай бурд бар бозичаи найранги даҳр,
Луъбати авҳом чанде нақши чодар ёфта.
Неку бад оинаи тимсоли авзоъи худ аст,
Ҳам зи худ донад, касе гар хайру гар шар ёфта.
Бе ғуруре нест ин ҷо дастгоҳи зиндагӣ,
Гардане бо хеш дорад, ҳар кӣ ӯ сар ёфта.
Ҳар чӣ аз худ вонамоӣ, муфти мавҳумӣ шумор,
Оламе чун рангу бӯ парвози бепар ёфта.
Ҳар киро з-ин баҳри оташҷӯш ранги огаҳист,
Дар пари моҳӣ тапишҳои самандар ёфта.
Оташи ишқ аст, ин ҷо ҷавҳари ёқут ҳам
Оби хеш аз ранги гулҳо беҷигартар ёфта.
Ваҳшати ушшоқ бе эҷоди доми шавқ нест,
Мавҷ дар ҳар парзадан оғӯши дигар ёфта.
Бедилон дар соғари доғи таҳайюр дидаанд,
Он чи дар оинаи равшан Сикандар ёфта.
Хун шудан дар гулшани имкон биҳиштиншокун аст,
Шабнам ин ҷо дар гудози хеш Кавсар ёфта.
Аз сабукрӯҳон ба маънӣ кист ҷуз шахси нигоҳ
Он ки раҳ бе нардбон бар қасри ахзар ёфта?!

Бар замину осмон аз решаи гул то ҳилол
Ҳар кӣ бинӣ, фарбиҳӣ аз вазъи лоғар ёфта.
Мавҷҳо аз ҳарзатозӣ бод дар каф мераванд,
З-истиқомат ботини гирдоб гавҳар ёфта.
Аз адаб магзар, ки ҳар кас ин маротиб сози ӯст,
Осмонро чун малоик зери шаҳпар ёфта.
Дашти имкон ҳар чӣ дорад, гӯйи чавгони қазост,
Якдигарро зарраву хуршед музтар ёфта.
Оламе афтону хезон меравад дар зери хок,
Шавқ, пиндорӣ, суроғи кӯйи дилбар ёфта.
З-ин найистони таҳайюрхез чандин най дамид,
Сози истеъдоди ҳар як ранги дигар ёфта.
Он яке аз ҳарзатозиҳо ба бемағзӣ расид,
В-он дигар аз хомушӣ сомони шаккар ёфта.
Ранҷи махмурӣ надорад орзуи хомушон,
Ғунча, то хамёзааш гул кард, соғар ёфта.
Гар нигаҳ дар дида дуздӣ, ҷилва сайди доми туст,
Оламеро ҳайрати оина дар бар ёфта.
Оҷизон сомони роҳат дар бағал хобидаанд,
Нақши по дар ҳар куҷо афтода, бистар ёфта.
Сояи бедаступо аз кисвати афтодагӣ
Партави хуршедро дар зери чодар ёфта.
Чун маҳи нав, ҳар кӣ оини тавозуъ бурд пеш,
Талъати худро чароғи ҳафт кишвар ёфта.
Мардумак то тарки вазъи хештанбинӣ гирифт,
Дар фазои дидаҳои халқ манзар ёфта.
Баски саъйи нотавониҳои ашк афтодагист,
Ҳамчу мижгон бистаре аз сунбули тар ёфта.
Раҳмати Ҳақ орзу дорӣ, матоб аз фақр сар,
Ғарраи ҷоҳу ҳашам ин нашъа камтар ёфта.

Аз камоли оҷизӣ ғофил набояд зистан,
Наргис аз файзи заифӣ афсари зар ёфта.
Шеваи таслим сози сарбаландиҳои туст,
Аз суҷуд ин ҷо ҷабин меъроҷи дигар ёфта.
Ҳар куҷо дидем, касби оҷизӣ бемузд нест,
Дар шикасти худ ҳаюло низ пайкар ёфта.
Дида аз айби касон барбанд, к-ин ҷо оина
Аз ғубори шӯхчашмӣ хок бар сар ёфта.
Сарв агар з-ин боғи ибрат сар ба раъноӣ кашид,
То лаби ҷӯ доман аз мавҷи арақ тар ёфта.
Лолаи ин гулситон, к-аз ранг дорад арзи ноз,
Аз чароғи кушта худро дилсияҳтар ёфта.
Бар нигини хусравон то худнамоӣ кард ном,
Дар сиёҳӣ ҷой бар авроқи дафтар ёфта.
Гар ҳубоб аз боди нахват хайма зад бар рӯи об,
Кори худ дар як нафас чун бод абтар ёфта.
Гавҳар аз забти нафас то ҷамъ кард аҷзои мавҷ,
Обрӯ оинаро садди Сикандар ёфта.
Хомаро дар дасти котиб ҷуз сари таслим нест,
З-ин адо ҳар гом по бар мушку анбар ёфта.
Ҳосили асбоби дунё дархури дарди сар аст,
Ғунча умре хурд хун, то муште аз зар ёфта.
Қобилият мардро осон ба каф н-ояд, ки теғ
Ҷо дар оташ карда, то ранге зи гавҳар ёфта.
Лофи дониш ҷуз ба саъйи ҷоҳ натвон пеш бурд,
Бӯалӣ ҳам шуҳрати илм аз каруфар ёфта.
Олими муфлис зи арзи ҷавҳар ин ҷо чун чанор
Пой дар гил, бод дар каф, даст бар сар ёфта.
Ақли ибраткеш аз вазъи сипеҳру ахтараш
Ахгари чанде ба ҳайрат доғи миҷмар ёфта.

Ҳар куҷо доме ба завқи сайди матлаб гашта фарш,
Яъс пушти орзуе чанд чанбар ёфта.
Този ҳастӣ бо ду олам ҷилва маҳви нестист,
Ранги мо нашкаста анқоро таҳи пар ёфта.
То нафас дар ҷилва омад, софӣ аз дил рахт баст,
Ҳам зи мистар тирагӣ ин сафҳаро дарёфта.
Моҷарои сояву хуршед агар фаҳмидаӣ,
Ҳаст руҷҳоне[191] дигар гумгаштаро бар ёфта.
Эй хуш он ширинадо табъе, ки дар базми мақол
Тӯтияш аз гуфтугӯи ишқ шаккар ёфта.
Гар набошад маънии ишқ интихоби муддао,
Саъйи ғаввоси сухан файз аз чӣ гавҳар ёфта?
Доғи ишқе дастгоҳи обрӯи хеш кун,
Нозад он ҳусне, к-аз ин оина ҷавҳар ёфта.
Бар вафокешон гуворо нест ғайр аз сӯхтан,
Тифли Маҷнун устухон дар шири модар ёфта.
Хок шав аз дарди ноёбӣ, ки дар саҳрои ишқ
Хешро ҳам шахси гумногашта камтар ёфта.
Шамъ сар то по дар ин маҳфил зи навмедӣ гудохт,
То суроғи гӯшаи доғе муқаррар ёфта.
Този мову ман ҳарифи нашъаи таҳқиқ нест,
Хомушӣ з-ин рамзи ҳайрат андаке дарёфта.
Бе адаб, Бедил, дар ин маҳфил чӣ имкон аст бор?
Ҳар кӣ ин ҷо нақши по шуд, ҷой бар дар ёфта.

## Маддоҳи фитрат

Эй шамъи базми қудс, надонам чӣ мазҳарӣ?
К-аз ваҳм гоҳ равшану гоҳе мукаддарӣ.
Эй нақши ҳайратоина, хатти чӣ дафтарӣ,
К-аз нуқта нодамида бурунтози мистарӣ?
Накшуда шахси ту ба яқин як мижа ниқоб,
Дар сад ҳазор оина тимсолпарварӣ.
Гоҳ аз самуми қадр чу гулхан пуроташӣ,
Гоҳ аз насими лутф чу гулшан муаттарӣ.
Сад ҷилва сар ба хилвати рози ту мекашад,
Азбаски ҳамчу хонаи оина бедарӣ.
Баҳрӣ ба ҷӯши қатразаниҳои[192] саъйи хеш,
Тӯфони туст ин ҳама сози шиноварӣ.
Дар мулки бетаайюнӣ[193] афзунтарӣ зи чарх,
Аммо ба олами ҳавас аз зарра камтарӣ.
З-ин сози ҷисм гарчи ба асфал[194] муайянӣ,
Аз нури дил ба равнақи аъло муқаррарӣ.
Дар лафзи туст маънии кавнайн мундараҷ,
Баҳри чӣ бар ҳақиқати худ пай намебарӣ?
Эй наййири сипеҳри ҳақиқат, яке битоб,
Хуш хуфта дар ҳиҷоби шабистони ховарӣ.
То чанд ваҳм заҳри ҳасад резадат ба ком?
Эй он ки қулзуми асалу кони шаккарӣ.
Бо ҳар кӣ кина соз кунӣ, кулфаташ зи туст,
Охир тааммуле, ки ба захми кӣ ништарӣ?
Оби ҳаёт аз нафасат мавҷ мезанад,
Аммо чӣ суд, к-аз арақи мову ман тарӣ?
Ҳаққи назар ба ҳаққи намак ҳам адотар аст,
Эй соҳиби назар, нигаҳат нест сарсарӣ.

Кам нест дар уқубати дилҳо тағофулат,
Бар ҳар кӣ боядат ситаме кард, нангарӣ.
Табъат даме ки моили айби касон шавад,
Оина гир, к-аз сари инсоф нагзарӣ.
З-ин гардише, ки оинаи ранги ҳоли туст,
Ҳаргиз ба фикри худ нафитодӣ, чӣ соғарӣ?
Ғофил зи худ мабош ки чун шамъи офтоб
Иқболи ҳафт маҳфилу нуҳ қасри ахзарӣ.
Дар чор рукни даҳр туӣ ҳайрати зуҳур,
Дар ҳафт баҳри чарх ту ноёб гавҳарӣ.
Аз ҳар шайе ки ақли ту фаҳмида, афзалӣ,
В-аз ҳар макон, ки фаҳми ту пай бурда, бартарӣ.
Ҳар сӯ нигоҳ меравад, он ҷо ту рафтаӣ,
Ҳар сӯ хаёл мепарад, он ҷо ту мепарӣ.
Ранги гулат, мабод, ба ошуфтагӣ кашад,
Ҷамъияте талаб, ки аҷаб тоза дафтарӣ.
Бӯят ҳанӯз дар қафаси ранг метапад,
З-он пеш ҷилвае, ки шавад шишаи парӣ.
Чун каҳработ майли хаси ҷисм то ба кай?
Бишнос қадри хеш, ки ёқути аҳмарӣ.
Ҳар мӯят аз ҳазор ҳавас бол мезанад,
Гӯё дар ин ҳаваскада доми кабутарӣ.
То чанд дар сафар ба замин хат кашиданат?[195]
Охир, на баҳри сафҳаи ин хок мистарӣ.
Чун мавҷ чанд ҳарза давидан ба ҳар канор?
Гирдоб шав, агар талабоҳанги гавҳарӣ.
Кавну макон гулест ба домони ҳимматат,
Худро агар иҳота кунӣ, чархи дигарӣ.
Дар худ нигар бадоеъи найранги коинот,
Ғофил машав, ки оинаи ҳафт кишварӣ.

Бепардагӣ зи хилвати рози ту равшан аст,
Чун дастгоҳи хонаи оина бар дарӣ.
Эй даври вопасини хумистони эътибор,
Дурдӣ, вале зи нашъаи ҳар соф бартарӣ.
З-он рӯст хилқати ту пас аз моҳу офтоб
К-аввал намекашад рақами хос ҷавҳарӣ.
Тухмест ишқу кавну макон шоху барги ӯ,
Ту меваӣ, аз он ба маротиб муаххарӣ.
Аз қатраат ҳақиқати тӯфон ниҳуфта нест,
Гар дар муҳити ишқ намоӣ шиноварӣ.
Маҳкуми нафсӣ, ин ҳама дунҳимматӣ чаро?
К-андар бисоти қудс туӣ садри сарварӣ.
Олам ҳама мусаххари амри замири туст,
Эй бехабар, ту аз чӣ ҳаворо мусаххарӣ?
Ҳар фикри фосид оинаи сурати бутест,
Эй ҳақпараст, шарме аз оини бутгарӣ.
Бо сози зиндагӣ амалат бори ҳиҷлат аст,
Дӯши нафас намекашад, инҳо ки мебарӣ.
Вочидан аст маънии ибратмақоли ваъз,
Бар хеш чиданат чу барояд, ба минбарӣ.
Қайсар ба тозиёнаи авҳом меҷаҳад,
Ғофил, ки сози тавсанӣ ин ҷост қайсарӣ.
Фағфур то ба чинии худ ноз мекунад,
Мӯ мехурад шукӯҳи ғурураш зи лоғарӣ.
Халқе дар ин зиёнкадаи яъсмуддао
Нақши қадам дамид зи андешаи сарӣ.
Бозори даҳр суду зиёнаш таҳайюр аст,
Тимсол мефурӯшию оина мехарӣ.
Эй худшумор, чанд кашӣ туҳмати ақал?
Як сифр агар тиҳӣ шавӣ аз хеш, аксарӣ.

Шӯри ҷаҳон зи пардаи берангии дил аст,
Нашнидани ту нест магар иллати карӣ?
Сарчашмаи ҳаёти абад дар канори туст,
Гар сар ба ҷайби хеш кашидӣ, Сикандарӣ.
Гӯ, баҳра кам барад саги нафс аз ҷаҳони хушк,
Гар устухони ҳирс шикастӣ, ғазанфарӣ.
Бе фитна нест узлати нафси ситамгарат,
Аз шуъла сӯхтан набарад вазъи ахгарӣ.
Қайди худ аст дурии сарманзили худат,
Яъне ба худ расӣ, агар аз хеш бигзарӣ.
Як офтоб беш надорад нуҳ осмон,
Зинҳор, аз ин савобиту сайёра нашмарӣ.
Аз саъду наҳси даҳр асар ҷилвагар набуд,
Ҷӯшид аз имтиёзи ту Кайвону Муштарӣ.
Чашмат зи бениёзии таклифи имтиёз
Аз худ баланд тохт ба оҳанги ахтарӣ.
Мухтори сад уруҷу нузул аст ҳимматаш,
То сар зи олами чӣ ҳақиқат бароварӣ.
Норӣ, агар ба ғамкадаи нафс сар кашӣ,
Нурӣ, агар ба анҷумани ишқ раҳ барӣ.
Аз сурат ар фиреб хурӣ, ҷуз араз наӣ,
Бар маънӣ ар назар фиканӣ, айни ҷавҳарӣ.
Биззот агар нигоҳ кунӣ, нӯши мутлақӣ,
Биттабъ агар ниқоб дарӣ, маҳзи ништарӣ.
Аҷз аз ту ҷилвагар шуду кибр аз ту сар кашид,
З-ин шева шуд яқин, ки ба ҳар вазъ дарх(в)арӣ.
Аммо даме ки дидаи инсоф во шавад,
Бо ин ҳама камол ҳамон аҷзхуштарӣ.
Ҳарчанд офтоб барорад бузургият,
Бе ранг зи чу зарраи мавҳум аз аҳқарӣ.

Вазъи тавозуъи ту ҳамон авҷи иззат аст,
Гардун тавон шуд аз хами таслимпайкарӣ.
То кай дар ин ҳаёкада мағрур зистан?
Тарсам, ки хушкмағзии нозат кашад тарӣ.
Дуди димоғи кибр нагардӣ, ки бедилӣ,
Бо кисвати ғурур наҷӯшӣ, ки лоғарӣ.
Эй зуфунун, ба олами маънӣ кушой чашм,
Чун тифл сахт шефтаи нақши чодарӣ.
Аз раҳ марав, ки баҳри фиребат аҷузи даҳр
Дорад ҳазор ранг фусунҳои дилбарӣ:
Рӯзат баёзи орази рангин диҳад нишон,
Шабҳо саводи кокулу гесӯи анбарӣ.
Гоҳе зи захми субҳ кашад шонаи ҳавас,
Гоҳе кунад ба хуни шафақ ғозапарварӣ.
Бар нақш дил мабанд, ки товуси ҷаннатӣ,
Аз лой сар барор, ки моҳии Кавсарӣ.
Ғамгин мабош, агар аламе сар кашад зи табъ,
Яъне ба оби чашмаи аҳзон мухаммарӣ.
Кулфат макаш зи вазъи парешони зиндагӣ,
Ошуфта аст нағмаи қонуни унсурӣ.
Аз хони фақр то расадат луқмаи ҷигар,
Дасти тамаъ бишӯй зи афсуни заъфарӣ.
Бо сими ашк созу макун орзуи сим,
Бо рӯи зарнишон маталаб зарри ҷаъфарӣ.
Ҷое ки сӯхтан бувад оҳанги муддао,
Ҷуз бетааммулӣ нафаси саъй нашмарӣ.
Масти фано хиҷолати фурсат намекашад,
Парвонаро куҷост димоғи самандарӣ?
Зоде ба ҳам расону раҳо кун сарову қаср,
Мағрури он машав, ки муқимӣ, мусофирӣ.

Он зод чист? Ваҳшати иқболи мову ман,
К-афканда дар димоғи ту савдои сарварӣ.
Чун шуълаат ғурур далели тапидан аст,
Шӯхӣ даме ки боли нафас сӯхт, бистарӣ.
То ҷайби навбаҳор дарӣ, сар ба хок дузд,
Ин аст бӯтаи амали кимиёгарӣ.
Киштӣ ба чормавҷи[196] фано ракс мекунад,
То кай кунӣ ба қуввати тадбир лангарӣ?
Аз саъйи илму ҳилаи ақлу фусуни нафс
Кас раҳ ба дар набурд аз ин доми чанбарӣ.
То мумкин аст, бо ҳама тадбир соз кун
Бедастуноие, ки аз ин варта ҷон барӣ.
Гардун дағалҳарифу ту ғофил зи бурду мот,
Накди ту рафтааст ба боди муқомирӣ.[197]
Ту содагӣ гузин, агар айём фитнаҷӯст,
Ту сулҳ варз, гар бувад офоқ муфтарӣ.[198]
Магзар зи кӯи аҷз, ки сад ранг ифтихор
Дорад ғубори фақр ба хуни тавонгарӣ.
Ғофил мабош аз ҳашами ҷоҳи бекасӣ,
Танҳоият даме ки шавад ҷамъ, лашкарӣ.
Озодвазъ бош зи ваҳми тааллуқот,
То ғусса кам хурӣ, чу аз ин кӯча бигзарӣ.
Урёнӣ аз либоси ҷаҳон муғтанам шумор,
Ҷайб он қадар хуш аст, ки бе панҷа бардарӣ.
Гуфтам ҳазор ранг ҳадиси ҳавасгудоз,
Шояд тааммуле кунадат ибратоварӣ.
Аз ман дуои хайру зи файзи азал мадад,
Аз ман насиҳатею зи тавфиқ ёварӣ.
Бедил, ман он наям, ки шавам тоҷири камол,
Ҷое ки хосу ом суханрост муштарӣ.

Дар арсаи баён нафасе гард мекунам,
Бе даъвии фазилату лофи суханварӣ.
Маҳкуми бениёзии шавқам, на маҳви фикр,
Озодам аз тахайюли авҳомгустарӣ.
Аз ҳеч кас наям силаандеши бешу кам,
Маддоҳи фитратам, на Заҳирам,[199] на Анварӣ.
Шеъре ки дар дил орзуи гидя парварад,
Бар маънияш бишошу бар алфози ӯ бирӣ.
Ҳайф аст фитрату силамуштоқи Амру Зайд,
Дорад қусур ҳиммат аз ин ранг шоирӣ.
Килкам ба сафҳа мушти ғуборе нишондааст,
В-арна сухан ҳақиқати бодест сарсарӣ.

## Дар хайримақдами Шукруллоҳхон[200]

Баҳори муждаи дидор мехоҳад гулафшонӣ,
Худовандо, зи мушти хоки ман оина рӯёнӣ.
Чароғи дил бар ин маҳфил бағалвокарда меояд,
Бибол, эй нури огоҳӣ, бикоҳ, эй дуди зулмонӣ.
Баҳор омад, суроғи лолаву гул аз кӣ мепурсӣ?
Ба сози шарм кӯш, эй андалеби қумриалҳонӣ.
Шукуфтан як гул афкандаст дар ҷайби ҷаҳон ин ҷо,
Зи ҳайрат то куҷо оина бар тимсол пӯшонӣ?
Навоҳои найи мижгон нафас дуздида меболад,
Ту, эй ғофил, забони интизориншо чӣ медонӣ?
Навиди гулшани дидори Шукруллоҳхон дорам,
Ба чашми пири Канъонам бинозад Юсуфи сонӣ.
Бисоти олами дил руфтаам, то сар кунам ваҷде,
Ҷаҳонро ғунча мееёбам ба узри тангмайдонӣ.

Суҷуде дар хаёл овардаам, гум кардаам худро,
Намедонам, зи болидан куҷоям бурд пешонӣ?
Ҳалоки ҳайрати тасвири он ҳусни ҷаҳонтобам,
Ки ҷуз мижгони хуршедаш назебад хомаи Монӣ.
Камоле хондаам дар дарсгоҳи нусхаи фазле,
Ки моҳ он ҷо начинад аз ҳилол эъроби нуқсоне.
Ҷамоле дар назар дорам, ки гар мижгон ба ҳам орам,
Бибандад дар ба рӯи хонаи хуршед ҳайронӣ.
Аз он тарзи нигаҳ дарюза кардам гардиши чашме,
Ҷаҳон як наргисистон шуд ба завқи косагардонӣ.
Гар аз ширинии тарзи каломаш нукта пардозем,
Чу банди найшакар лабҳо бурун н-ояд зи часпонӣ.
Кушоди дасту дил ҳар ҷо ба арзи имтиҳон омад,
Зи ҳарфи номи ӯ гар лаб ба ҳам орӣ, ки натвонӣ.
Дар он маҳфил, ки иқболаш бисоти ишрат орояд,
Ҳумо дар соя гирад боли товус аз магасронӣ.
Замирашро агар кашфи ғавомиз муддао бошад,
Шавад асрори тӯмори ҷаҳон маҳсурунвонӣ.
Ба ҳар ҷо ламъаи маҳтоби рояш парда баргирад,
Сувар мушкил, ки бинад аз ҳаюло ғайри каттонӣ.[201]
Нисораш то наяндӯзад ғубори фурсаторой,
Садаф гирад ҳаво бар қатраҳои абри найсонӣ.
Муродеро ки олам ҳасрати иқболи он дорад,
Наёбӣ маҷмаъе дигар, магар домонаш афшонӣ.
Дар он маъраз, ки лағзиш мунҳариф созад тобоеъро,
Чу мавҷи гавҳар аз ҳар сӯ кунад адлаш нигаҳбонӣ.
Ба ҳукми маъдалат гар офтобаш дар қафо бошад,
Зи шахси ӯ чӣ имкон аст афтад соя тӯлонӣ?
Зи шарми авҷи иқболе, ки дорад пояи қадраш,
Ба фаҳмаш гар расад, зуннор мебандад сулаймонӣ.

Дар он кишвар, ки бошад сиккаи тамкини номи ӯ,
Зи нақши хотами Ҷам хандад ибромп гаронҷонӣ.
Зи даъво гар занад бо ғайрати ӯ лофи бебокӣ,
Кунад чун арра ҷавҳар бар забони теғ дандонӣ.
Ҳисори душмани ӯ гар ба сад кунгур кашад гардан,
Чу мижгон аст яксар хорбасти чашми қурбонӣ.
Тааммул ҳар куҷо афтад ба фикри вусъати хулқаш,
Ба сад доман бурун ояд гиребон аз гиребонӣ.
Гадоеро, ки бинад хирқаи ифлос дар гардан,
Кунад шармаш арақро пунбаи номуси урёнӣ.
Нигоҳаш то мабодо, музтариб бинад ятимеро,
Зи гавҳар низ напсандад ба ҳукми шарм ғалтонӣ.
Баҳори кисваташ тарроҳи таҷдиди ҳақандешӣ,
Гули оинааш наққоши тасвири худодонӣ.
Насими фазли Ҳақ субҳи баҳористони иқболаш,
Дуои бедилонаш булбули боғи санохонӣ.
Дили аҳбоб бо ҷамъияти мавҷи гуҳар тавъам,
Сари хасмаш чу мӯ ҳамтурраи гарди парешонӣ.

## ҚИТАЪОТ

Бедил, аз иститоати ноқис
Беҳ ки гирӣ ками фузуданҳо.
Аз камолот, ҳар чӣ дорӣ беш,
Нест ҷуз айб вонамуданҳо.
Хоса он ҷо ки муфлисат дононд,
Шарм дор аз бузург буданҳо.

* * *

Эй ҷунуни ҳавасҳаёи вуҷуд,
Зулм кардӣ ба ҳолам аз ману мо.
Ҳам ба фақрам кабоби дарюза,
Ҳам зи ҷоҳам асири ҳирсу ҳаво.

* * *

Хирачашмон дар ин тамошогоҳ
Метаниданд бар савобу хато,
Баст ногоҳ лағзиши мижгон
Маҳмили ваҳму зан ба дӯши ҳаё.

* * *

Хумистони ҷаҳони бесарубун
Майе дорад зи якдигар лаболаб.
Бирав, з-ин дашт мушти хок бардор
Ба номи ҳар кӣ хоҳӣ, кун мухотаб.
Ҳамин соғар салои ҳуш кофист
Барои сархушони нашъа, ё Раб.

* * *

Қобили ин қадар азоб наям,
Ки маро пеши ман кунӣ расво.
Аз адам гар ҷудоиям ин буд,
Хок бар фарқи обрӯи бақо!

### Дар наъти Расули акрам

Зиҳӣ, ҷамоли муқаддас, ки ҳамчу зоти аҳад
Ба олами сувар оинабин наяфтодаст.
Уруҷи мазҳари нозаш касе чӣ дарёбад?
Ки чашми халқ бар он нозанин наяфтодаст.
Азал гузашту абад низ меравад зи назар,
Ҳанӯз сояи ӯ бар замин наяфтодаст.[1]

* * *

Эй тавонои қудрати имдод,
Ҳайф бошад ба дӯстон ғадрат.
Қадрдон бош, то дар охири кор
Нанамояд замона беқадрат.

* * *

Бедил, аз ҳар кӣ нофият[2] фаҳмӣ,
Қатъ авлост риштаи суҳбат,
В-арна ҳар гаҳ дучор гардидӣ,
Ту кашӣ инфиолу ӯ нафрат.

* * *

Бурд рӯзе ба хаёл аз ҳаваси табъи фузул
Қатрае туҳфа ба дарё, нами чашме ки надошт.
Ғолибан боди ҳубобеш ба сар мепечид,
Кулаҳе бофт ба ороиши пашме, ки надошт.

* * *

Муқаллидони сахо гар дари вафо бастанд,
Ғамин мабош, ки дарҳои боз бисёр аст.
Зи сози авҷу ҳазизи ғанову фақр маранҷ,
Дар ин бисот нишебу фароз бисёр аст.

* * *

Дӣ набурдам нами ашке ба сари роҳи видоъ.
Хиҷлат имрӯз бисоти арақ оростааст.
Хушкии дида ба меъроҷ расондаст тарӣ,
Ҷабҳа афзуда ба худ, он чи мижа костааст.
Хиҷлати дигарам ин аст, ки аз кӯрдилӣ
Ман хато кардаам, ӯ узри гунаҳ хостааст.

* * *

Ту он рафеъҷонобӣ, ки мурғи нотиқаро
Ба авҷи мидҳати ту болу пар фурӯ резад.
Уруҷи қадри ту Кайвон агар хаёл кунад,
Ҳавои олами рифъат зи сар фурӯ резад.
Фалак тараф нашавад бо шукӯҳи иқболат,
Ки тарсад оби рухи карруфар фурӯ резад.
Туӣ, ки новаки кибру ғурури барқу шаҳоб
Зи саҳми[3] тири ту пайкону пар фурӯ резад.

Ба наърае, ки занад барқи қудратоҳангат,
Гудози заҳраи санг аз шарар фурӯ резад.
Зи бас ҳимояти адли ту дар раҳи нахчир
Ба хок сиблати худ шери нар фурӯ резад.
Ниҳоли румҳи[4] ту дар гулшани зафар яксар
Сари ҳасуд ба ҷои самар фурӯ резад.
Ҳасуд гул кунад он рӯз субҳи иқболаш,
Ки пайкараш ҳама чоки ҷигар фурӯ резад.
Зи ҳайбати ту ба гулзори хасм ранг намонд,
Магар ғубор зи девору дар фурӯ резад.
Баҳори файз зи бас сар ба доманат дорад,
Ғубор агар бифишонӣ, саҳар фурӯ резад.
Ба рӯзи маърака гар теғ баркашӣ зи ниём,
Ба азми он ки бар аъдо шарар фурӯ резад,
Зи баски дасти ту хӯ карда гавҳарафшонӣ,
Ба ҷои хун зи дамаш лаъли тар фурӯ резад.
Дар он бисот, ки офат баҳори мазраъи ӯст,
Саҳоби файзи ту як рашҳа гар фурӯ резад,
Замин чу сабза зумуррад кашад зи ҷайби нумӯ,
Хаво ба кисвати шабнам гуҳар фурӯ резад.
Зи неши ақрабу занбӯр нӯш мавҷ занад,
Зи коми афъию ҳанзал шакар фурӯ резад.
Ба гулшане, ки насими иъонатат навазад,
Шикасти ранг ба гулҳои тар фурӯ резад.
Саҳоб пеши кафи дасти гавҳарафшонат
Ба завқи саҷда зи ҳар қатра сар фурӯ резад.
Муҳитро зи хаёли тамаввуҷи карамат
Сари ғурур ба ҷайби гуҳар фурӯ резад.
Агар ба дасти ту гоҳи сахо назар фиканад,
Ба хок аз кафи хуршед зар фурӯ резад.

Ба ним ҷунбиши файз аз кафи ҷаҳонбахшат
Ҳусули махзани сад баҳру бар фурӯ резад.
Ту Бедилию зи шарми талоши қудрати ту
Арақ зи гавҳари саъйи башар фурӯ резад.
Агар ба тавсани фикрат кунад гаравтозӣ,
Замонаро суми шамсу қамар фурӯ резад.
Илоҷи ташналабони сухан чӣ имкон аст?
Наме зи рашҳаи килкат магар фурӯ резад.
Чу офтоби шукӯҳат алам барафрозад,
Димоғи нози шаҳон чун саҳар фурӯ резад.
Камони қадри ту чун зеҳ шавад[5] ба раъноӣ,
Қузаҳ хаёли баландӣ зи сар фурӯ резад.
Туӣ, ки пайкари чарх аз хаёли савлати ту
Биларзад он ҳама, к-аз якдигар фурӯ резад.
Ба кӯҳ агар фиканӣ сояи амуди гарон,
Зи лаъл муҳраи пушту камар фурӯ резад.
Садои садмаи[6] он гар кунад ҳавогирӣ,
Сипеҳр қуббаи меҳр аз сипар фурӯ резад.
Кафат, ки мавҷи гуҳарҳо бабоддодаи ӯст,
Чӣ мумкин аст, ки оби ҳунар фурӯ резад?[7]
Чу абр сози атои ту дар гуҳарборӣ
Садо баланд кунад, ҳар қадар фурӯ резад.
Ба азми парвариши кина боғбони ҳасад
Гар оби Хизр ба бехи шаҷар фурӯ резад,
Чу нахли мум, ки дар офтоб биншонанд,
Ба як нигоҳи ту аз баргу бар фурӯ резад.
Зи гиря хасми туро нам намонда дар мижгон,
Ба ҷои ашк кунун чашми тар фурӯ резад.
Адуи беҷигарат дар талоши кинаварӣ
Арақ агар бифишонад, ҷигар фурӯ резад.

Ба ёди теғи ту душман агар хурад дами об,
Ба қатра-қатраи хунаш хатар фурӯ резад.
Мухолифи ту чу ашки чакида аз мижгон
Даме ки пой ниҳад пеш, сар фурӯ резад.
Дил аз баландии дасти дуо тамаъ дорад,
Ки аз сипеҳр асар бар асар фурӯ резад.
Ҳамеша ҳамчу ҳадаф дар бинои бадхоҳат
Хадангҳои қазову қадар фурӯ резад.
Гуле ки нест ҳавохоҳи боғи иқболат,
Зи соя пайкари ӯ пештар фурӯ резад.
Шукуфае ки нахоҳад табассуми лутфат,
Самуми ҳодисааш бо шарар фурӯ резад.
Давоми даври нишоти ту ҳар кӣ напсандад,
Ба шишахонаи умраш ҳаҷар фурӯ резад.
Туро касе ки нахоҳад муқими ҷамъият,
Чу абр, оби рухаш дар сафар фурӯ резад.

* * *

Агар шоҳидони Хуросону Форс
Ба гулгунии чеҳра оинаанд,
Ба рангинии ҳуснсабзони Ҳинд
Сурини ҳинобанди бӯзинаанд.

* * *

Бедил, шахси таайюни мо
Андешаи нотамом дорад.
Аз акс гуле наметавон чид,
Оина хаёли хом дорад.

Камзарфӣ лозими зуҳур аст,
Дарё зи ҳубоб ҷом дорад.
Хомӯш, ки нусхаи ҳақиқат
Ошуфтагӣ аз калом дорад.
То дам задаӣ зи сидқ, кизб аст,
То субҳ дамид, шом дорад.
Яктоӣ масти ғайрҷӯист,
Васл орзуи паём дорад.
З-ин беш фасонаи дуӣ нест,
К-он ҷилва ниқоб ном дорад.

* * *

Эй ҷавонмарде, ки ҳар кас бурд пешат эҳтиёҷ,
Ҳимматат пеш аз талаб кораш ба сомон карда буд.
Дӣ ба қасди фасд ништар бӯса бар дасти ту дод?
Ё забони соиле таклифи эҳсон карда буд?
Гарчи аз ҳарфи забони нештар огаҳ наям,
Лек дидам оби ёқуте, ки тӯфон карда буд.
Ҷӯши ранги арғавонат шӯхии фаввора дошт?
Ё баҳорат сад чаманро як хиёбон карда буд?
Эй раги гул абҷаде аз дафтари рангиният
Мисраъи шӯхат ҷаҳонеро гулистон карда буд.
Шамъе аз дасти ту шуд равшан, ки чун мадди шаҳоб
Сар ба сар як шуълаи бедуд сомон карда буд.
Гар на ҳоҷатҳо шаҳиди дасти эҳсони туанд.
Остинат ин қадар хуни кӣ пинҳон карда буд?

* * *

Ёди айёме, ки дил дар сайргоҳи иттифоқ
Бо рафиқони мувофиқ гоми улфат месипурд.
Нашъаи ҷаъмияти ҷовид дар сар доштам
Бе хаёли васлу ҳиҷрон, бе тамизи софу дурд.
Ин замон дар ёди бӯе, к-аз тасаллӣ вокашам,
Нома мебояд навишту доғ мебояд шумурд.

* * *

То қиёмат дигар нахоҳӣ ёфт
Гарди он фурсате ки бол афшонд.
Чӣ кунад фаҳм? Зоҳид одам нест,
К-он биҳишт инфиол буд, намонд.

* * *

Абре аҷаб имрӯз ба бориш қадам афшурд.
К-аз фитнати тӯфони қиёмат хабарам кард,
Аз ҳасрати бебокии ин абр чӣ гӯям?
З-ин беш, ки ноъмуътақиди чашми тарам кард.

* * *

Бедил, ин халқи дуни гурсунатабъ
На амирию на шаҳӣ дорад.
Дар фурӯғи бақои бебунёд
Ҳукми шамъи саҳаргаҳӣ дорад.
Арзи ҳоҷат мабар, ки бар дарашон
Ҳалқа ҳам косаи таҳӣ дорад.

* * *

Ончунон бош, к-аз паси мурдан
Агар аз хоки ту гиле созанд,
З-он гилу хок ҳеч натвон сохт,
Магар аз хун шудан диле созанд.

* * *

Бедил, аз гиряе ки кардам дӯш,
Буд рафъи ғубори дил мақсуд.
Лек дархурди шустани варақам
Оби кам сафҳаро сиёҳ намуд.

* * *

Имрӯз орзуи дил ба наво расид,
Он ваъдаи карам ба зуҳури вафо расид.
Сарриштадори умри Хизир бод давлаташ
Бедил ба норасоии мо нек ворасид.

* * *

Бедилнавознома ба сози ғазал расид,
Умри гузаштаро ба ҳақиқат бадал расид.
Дилро расиданаш ба ҷаҳоне расондааст,
Ин бодаи расида аҷаб муҳтамал расид.

* * *

То наҳанги теғи Шокирхон-баҳодур[8] сар кашид,
Миғфари Рустам каду гум кард дар баҳри масоф,
Сар ба ранги нуқтаи қоф аз тани душман ҷудост,
Пеши теғаш гар кунад гарданфарозӣ кӯҳи Қоф.

Мавҷ агар зад баҳри фӯлод аз зиреҳпӯшони разм,
Румҳаш[9] аз ҳар ҳалқа чун гирдоб пайдо кард ноф.
Савлати хунрези азмаш аз ҳуҷуми захм дӯхт
Дар тани аъдо зи ҷавшан ҷомаи шамшербоф.
Кард шоҳаншоҳаш аз фазлу карам соҳибалам,
К-ин яди байзост чун Мӯсо дилидарёшикоф.
Бурд занг аз синаҳо ин ламъаи кулфатзудо,
Гашт зулматсӯзи даҳр ин офтоби синасоф.
Ё Раб, аз дарёи нусрат чун наҳангаш ҳу кашад,
Бод чун моҳӣ забони лофи ҳосид бегазоф.

* * *

То ҷавонӣ, бар қӯвоят офати тағйир нест,
Пир чун гаштӣ, сафедӣ сар зад аз мӯ бедиранг.
Сабз мебошад самар, то рабти шохаш муҳкам аст,
Решаи дилбастагӣ чун суст шуд, гардонд ранг.

* * *

Эй сабо, умрест з-он гулшан наёвардӣ хабар,
Сарв он ҷо дар чӣ раъноист, гул масти чӣ ранг?
Шамъи он базм аз чӣ ҷом оина равшан мекунад?
Гулбуни он боғ домони чӣ гул дорад ба чанг?
Андалеби Бедили моро дар ин кулфатсаро
Ҳамчу бӯи ғунча ҷои парфишониҳост танг.
То мисоле во намояд аз навои сози дард,
Дуди дил оинаву минқор мегардад ба ранг.
Тоқате мехоҳад аз дарди ҷудоӣ нолаам,
То нафас бар хеш ҷунбад, шиша меояд ба санг.

Сӯхт дил аз доғи маҳрумӣ, ки дар арзи ниёз
Нома домоне таҳи санг асту қосид пойи ланг.
Бо ҳама навмедӣ аз шуғли дуо ғофил наям.
Ё Раб, он гулшан мебинод аз хазон тағйири ранг!

* * *

Нарафтаӣ ба ҳаво он қадар, ки мушти ғуборат
Кашад ба фурсати ҷовид интизори таназзул.
Ғанимат аст ду рӯзе, агар дилат написандад
Ба кори нек таваққуф, ба ҷаҳди хайр тағофул.

* * *

Аз он дам, ки хулқи ҳаётинатат
Бимолид ин атр бар рӯи гул,
Зи шарми вафо ҷониби дӯстон
Арақ мебарад номаи бӯи гул.

* * *

Эй сазовори яқин, дорам ҳадисе дар миён,
Бегумон дарёбу фориғ шав зи ваҳми қилу қол.
Нест тухм аз мева берун, мева берун аз дарахт,
Гарчи аз тухм аст ин ҷо ҳар ниҳолеро камол.
Ҳаст олам он дарахту мева инсон, тухм Ҳақ,
Чанд шоху барг бинӣ? Меваӣ, чашме бимол.

* * *

Ба чашми дил хати райҳонсаводе кард мижгонӣ,
Ки чун мижгон ба бӯяш яккалам оғӯш гардидам.
Таҳайюр муждаи ҳусни баҳоре дод, к-аз шавқаш
Чу ашк аз дида то домони дил оинаҳо чидам.

Дилу чашме зи ҷӯши лафзу маънӣ дошт печишҳо,
Ба он шӯхӣ, ки ман ҳам чун нафас бар хеш печидам.
Кадомин чашму ку дил? Аз тамошо нестам ғофил,
Шарору шуъла бо ҳам мавҷ мезад, он чи ман дидам.
Тавофи бехудӣ кардам, ба пои дида афтодам,
Суҷуди ҳайрате бурдам, дари дил низ бӯсидам.
Зи дарси дидаву дил аз мани Бедил чӣ мепурсӣ?
Саропо ҳайратам, ҳайрат, намедонам чӣ фаҳмидам.

* * *

Ин ки сар дар зери по афкандаам,
Дар муҳаббат аз вафо шармандаам.
Бедилам, дигар чӣ меояд зи ман?
Хидмати хиҷлат баҷоорандаам.

* * *

Дурӣ куҷост, ҳарчанд з-он остон ҷудоем,
Мо бандаи шумоем, дар хидмати дуоем.
То завқ парфишон аст, сомони комронист,
З-ин як нафас тапидан болу пари ҳумоем.
Матлуби бедилон чист? Ин анҷуман саломат,
Иқбол ходими мост, то соҳиби лиқоем.

* * *

Дӯш будам то саҳаргаҳ гӯш бар овози ғайб,
То кӣ бошад ҷавҳари оли расули инсу ҷон?
Ин навидам аз ҷиҳоти даҳр истиқбол кард:
Саййиди офоқ Қутбулмулк Абдуллоҳхон.[10]

* * *

Дӣ ғунчае кушуд зи гулзори иттифоқ
Минқори булбуле ба сад оҳанг гулфишон.
Мижгони баста, лек сад оина дар бағал,
Шамъи хамӯш, лек ҳазор анҷуман забон.
Нахле ҳуҷуми реша баҳори латофаташ,
Ҳар реша аз таровати дигар самаррасон.
З-он решаҳо ба пардаи нашвунамои халқ
Муъҷизтарона бӯи гули сунбулошён.
Субҳи ҳазор ранг табассум ба зери лаб,
Монанди остини каримон ба чин ниҳон.
Шохе зи бори ранг хами сад тавозуъаш,
В-аз ҳар хаме камар ба адаб баста гулситон.
Дар сайргоҳи печу хамаш, к-аз уруҷи қадр
Ғалтида сабзаҳо ҳама паҳлӯ бар осмон,
Тарроҳи сунъ баста хиёбони соя,
К-он ҷо кушуда чашм раги хоби Каҳкашон.
Най буд, чун дамид, аён кард пардааш,
Дар сурма якқалам мижа хобонда найситон.
Мушкиннафас найе, ки ба меъроҷи бехудӣ
Сад тори чанг аз гираҳаш баста нардбон.
Аз парда дам мазан, ба тапиш меравад нафас,
В-аз нағмаҳо мапурс, ҷунун мекунад фиғон.
Як ғунча аслу ин ҳама барги шукуфтагӣ,
Як гул баҳору ин ҳама рангинии баён.
Гуфтам ба дил: Гудохт муаммои ҳайратам,
Сатри ҳидояте ба мани бехабар бихон.
Ин ҷӯши сабза аз чӣ гулистон дамидааст,
К-аз сайри партаваш мижа шуд боли тӯтиён?!

Ин ҳайрати нигоҳ саводи чӣ наргис аст,
К-аз дида мавҷ мезанадам ранги сурмадон?!
Субҳи баҳоре аз нафас эҷод карду гуфт:
Мактуби офтоби карам Чинқиличхон[11]
Ё Раб, ба он таҷаллии раҳмат, ки фазли туст,
Лабрези нур кун зи рухаш чашми бедилон.
З-ин себу з-ин анор, ки эътои ғайб буд,
Дил маҳви ҳамд гашту ҷабин саҷдаошиён.
Лоҳур то ба Деҳлӣ аз ин навбари карам
Тӯбо ба сад ҷаҳон тарабам кард имтиҳон.
Имрӯз кист, ёди фақирон кунад зи дур?
Имрӯз кист, меҳр гуморад ба бедилон?
Ғайр аз ҷаҷаводи олами иқболу эҳтиром,
Ғайр аз карими анҷуманистони иззу шон.
Субҳичамантабассуми ахлоқи дилнавоз,
Гулшанлиқобаҳори нафасбӯигулбаён.
Мақбули Ҳақ, қабули набӣ, муқбили валӣ,
Мумтози дудмони карам, фахри инсу ҷон.
Чун абр бар сари кеҳу меҳ чатри илтифот,
Чун офтоб бар ҳама офоқ меҳрубон.
Меъроҷи ҷоҳу авҷи ғано, осмони қадр,
Нусратбаҳори боғи зафар Зулфиқорхон.[12]
Ё Раб, ба ҳар самар, ки кашад боғи хотираш,
Аз навбаҳори фазл ба коми дилаш расон.

* * *

Он ки дар иститоъати қудрат[13]
Кунад имдоди ҳоли дилрешон,

Фазли Яздон камолаш афзояд
Ба давоми дуои дарвешон.

* * *

Ё Раб, эҷоди қадрдонон кун
Ба ниёзи кароматафсунон,
Ки дар ин рӯзгори шоматхез[14]
Нанги бӯзинаанд маймунон.
Вараќи эътибор баргардон,
Пушт кун рӯи ин сияҳкунон.
Сакта то кай радифи табъи равон?
Тира то чанд рахти мавзунон?
То расад тарзи ишрате ба навӣ,
Куҳна гаштанд тозамазмунон.
Ё адам соз мулки донишро,
То асар маҳв гардад аз Юнон,
В-арна ин зиндагӣ намеарзад
Ба қабули таҳаккуми дунон.

* * *

Омад он офтоби дӯстнавоз,
Омад он шерлаҳни душманкоҳ.
Нури давлатсарои моҳи камол,
Равнақи канзи илму кишвари ҷоҳ.
Шеваэҷоди шавкати азалӣ,
Ҷаҳди нурулҳудои халқуллоҳ.
Дӯстон, санҷарӣ муборак бод,
Инак оини шоҳии дилхоҳ.

Дидаи хасми дину дунё кӯр,
Рӯи бадхоҳи бевуқуф сиёҳ!

* * *

Дар ин маҳфил чу шамъи кушта хомуш бошу хуш мезӣ,
Зи ёди ину он чанде фаромуш бошу хуш мезӣ.
Ба хуни дил дар ин гулшан, чу гул, то кай кашӣ доман?
Ҳамин чун ғунча бо вазъи адаб хуш бошу хуш мезӣ.

* * *

Чаро худро асири ғам зи фикри бешу кам дорӣ?[15]
Ки нагзорад туро муҳтоҷ Эзад, то ки дам дорӣ.
Машав бедаступо аз муфлисию бекасӣ ҳаргиз,
Магар нашнидаӣ, Бедил, Худо дорӣ, чӣ ғам дорӣ?

* * *

Эй фузули тариқаи одоб,
Шарм дор аз ғурури ҳечкасӣ,
Чӣ қадар кам шумурдаӣ Ҳақро,
Ки бигӯӣ, маро ҳамин ту басӣ?

* * *

Бедил, айёме ки кард аз пешгоҳи боғи унс
Ҳукми маъмуре ба сайри ин баҳорам раҳбарӣ,
Нахлҳо кардам тамошо сарфарози иқтидор,
Рангҳо дидам чамансози тароватпарварӣ.
Якқалам гулҳои маънӣ каҷкулоҳи ранги ноз,
Сабзаи ҳусни адо масти матонатзеварӣ.
Лек дар ороиши тартиби авроқи камол

Соҳиби мо бениёзӣ дошт аз санъатгарӣ.
Роқими девони шавқам кард таълими адаб
Чун сару зону ба ҳам дар ҳалқае гирд оварӣ.
Рабти сози маънавиро аз тааммул чора нест,
Ришта дорад силки гавҳар дар нигоҳи ҷавҳарӣ .
Дар хами гесӯи хубон хиҷлати машшота аст,
Гар сари мӯе зи раъноӣ кунад бемистарӣ.
Лиллаҳилҳамд, он чи дил мехост, охир нақш баст,
Гар ба лафзе рафт нуқсон, нест бар матлаб тарӣ.
Олами асмо надорад сурати тағйири зот,
Лафз номи маънӣ асту шиша тардифи[16] парӣ.
Рангро гул вонамудан дурӣ аз таҳқиқ нест,
Хуррамиро боғ гуфтан нест ҳарфи сарсарӣ.
Назди инсоф онқадарҳо фарқ натвон ёфтан,
Лаъли ӯ гуфто: Лабам. Гуфтам: Магӯ лаб, шаккарӣ.
Маънии ихлос акнун узрхоҳи ҷуръат аст,
Дур набвад, гар шавад мақбули шафқатгустарӣ.

* * *

Куҷо рафтаӣ, эй зи худ бехабар,
Ки дар хона тухми сафар коштӣ.
Шуъур ин қадар ҷаҳл ҳам доштаст,
Ки оромию ваҳшат ангоштӣ.
Агар завқи таҳқиқбинӣ набуд,
Ту мижгон барои чӣ афроштӣ,
Ба ҳарфе, ки аз зоҳиру мазҳар аст,
Зи баҳси дуӣ дафтар анбоштӣ.
Ҷаҳонро агар ғайр карданд ном,
Ту ҳам мосиваллоҳ пиндоштӣ

Туӣ шахсу тимсол ҷуз ваҳм нест,
Чӣ дидӣ, ки оина нагзоштӣ?
Дигар аз кӣ хоҳад касе доди ҳуш?
Ҷунун кардию фитрате доштӣ.

* * *

Чунин аз дари ёр маъюс то кай?
Чунин бенасиби заминбӯс то кай?
Худоё, кунун шарм дорам зи гуфтан
Ибороти дил ғайри маънус то кай?
Нигоҳе дареғ аз заифон мафармо,
Тағофул зи фазли ту маҳсус то кай?

* * *

Ваҳм бар ваҳм аст сози ҳастию мову манаш,
Ҳамчунин, к-афтода бошад сояе бар сояе.
Бигзар аз андешаи суду зиёни ин дукон,
Ҷуз нафас ин ҷо надорад ҳеч кас сармояе.

* * *

Ҳама ранг шав, лек дар хеш бишкан,
Машав ғарраи қудрати парфишонӣ.
Гирифтам, зи дасти ту коре барояд,
Агар марди корӣ, макун, то тавонӣ.

**Қитъаҳои таърих**

Он паноҳи аҳли маънӣ, қудваи арбоби шавқ,
Мардуми чашми мурувват, маркази хатти вафо.
Ёфт фарзанде, ки метобад зи нури талъаташ
Матлаъи субҳи саодат, ҷавҳари сидқу сафо.

Гавҳари баҳриқтидоре, к-аз канораш дояро
Хонаи оғӯш монанди садаф гирад ҷило.
Маҳди ӯро ҷунбиш аз анфоси асҳоби дуост,
Ҳамчу тифли ғунча, к-аш гаҳвора ҷунбонад сабо.
Ё Раб, ин нахли тароватбори гулзори умед
То абад бод эмин аз осеби найранги фано.
Баҳравар гардад ҳилолаш аз майи ҷоми камол,
Хуррамӣ гирад ниҳолаш аз нами абри бақо.
З-ин ду таърих ошкоро шуд баҳори мавлидаш:
«Гулбуни бустони ҳикмат», «меваи боғи ҳаё».
(1083/1672-1673)

* * *

Мирзо Ҳайдар мақоме дошт, к-аз милкияташ
Буд нури огаҳӣ ҳар хотири огоҳро.
Чанд гоҳе молики он шуд Ҳабибуллаҳ ба ғасб,
Маркази ором дид он манзили дилхоҳро.
Баски аз ҳақ буд ғофил табъи ботилмашрабаш,
Олами меъроҷ медонист қаъри чоҳро.
Дар замони шоҳи Оламгир, к-аз таъсири адл
Каҳрабо бе ваҷҳ натвонад гирифтан коҳро,
Кард зоҳир ранги сидқ оинаи шаръи мубин,
З-он ки ғайр аз рафъи зулмат шева набвад моҳро.
Охир аз ҳукми шариат ҳақ ба марказ ҷо гирифт,
Сарнигунӣ монд бар ҷо фикрати кӯтоҳро.
Соли ин таърих агар хоҳӣ, ки гардад равшанат,
Аз «маҳалли ғасб» берун кун «Ҳабибуллоҳ»-ро.
(1082/1671-1672)

* * *

Аз ҷаҳон даргузашт Оташхон,
Хайма зад дар фазои авҷи бақо,
Яъне аз тангнои ин куҳсор
Парфишон шуд берун ба ранги садо.
Ҳотифи ғайб соли таърихаш
Гуфт: «Афсурд оташи дилҳо».

(1086/1675-1676)

* * *

Ҳисобдоно, агар дилатрост орзуи замоншуморӣ,
Зи соли ин фатҳҳои равшан, ки рехт оташ ба фарқи аъдо,
Сари аду дор бурда бошад, ту боқияшро бисӯзу бишмар,
«Муборакиҳо, муборакиҳо, муборакиҳо, муборакиҳо».

(1106/1694-1695)

* * *

Ба соле ки Бедил ба мулки зуҳур
Зи файзи азал тофт чун офтоб,
Бузурге хабар дод аз мавлидам[17],
Ки ҳам «файзи қудс» асту ҳам «интихоб»

(1054/1644)

* * *

Фурӯғи анҷумани лутф мир Лутфуллоҳ
Ҳамон меҳинхалафи хони офтоблақаб[18]
Худош кард ато арҷманд фарзанде,
Ки бишкуфад зи гули мақдамаш баҳори тараб.

Умедҳост, к-аз ин матлаъи китоби зуҳур
Ба дарси ҷилва расад маънии камоли ҳисаб.
Сахову фазлу шуҷоъат, виқору донишу адл
Шуҳуду фитрату ихлосу ваҷду шавқу талаб.
Вилодаташ тарабэҷоди ин ду таърих аст:
«Нидои олами файз»-у «ниҳоли боғи адаб».
(1096/1685)

* * *

Он комгори аср,[19] ки дар пеши теғи ӯ
Хуршед чун сипар сари худ мекашад ба ҷайб,
Белутро ба як нафас аз хасм пок кард,
Бардошт ҳамчу меҳр зи офоқ занги айб.
Иқбол рӯ намуд ба гулзори инбисот,
Гул кард соли фатҳ зи ҳарфи «навиди ғайб».
(1082/1671-1672)

## Таърихи тӯи хони олишои Шокирхон

Шукр кун, Бедил, ки Шокирхони[20] олишони ман
Гашт аз таъйиди фазли Ҳақ ба матлаб комёб,
Ин ду навбар аз баҳори соли айш омад ба арз:
«Ишрати султон»-у «истиқболи моҳу офтоб».
(1120/1708-1709)

* * *

Бар соҳиби бандагон муборак
Ҷамъияти ин атияи Раб,

Аз соли саодатинтизомаш
То хома кунад адои матлаб,
Гуфтанд муҳандисони тақдир:
«Гардунқадр, офтобкавкаб».
(1116/1704-1705)

* * *

Шаҳи Фаррухсияр[21] хуршеди таҳқиқ,
Ҷаҳони маъдалат, меърочи одоб.
Фалакқадрӣ ба иқболаш мусаллам,
Шаҳаншоҳӣ ба зоти ӯ шарафёб.
Зи нури адли ӯ дар маҳфили даҳр
Тараб гулҷӯш чун гавҳар ба маҳтоб.
Ҷаҳон бар амн менозад ба аҳдаш,
Чу дар чашми бутон кайфияти хоб.
Ба ақд овард макнун гавҳареро,
Ки шуд аз рашки он маҳ бар фалак об.
Пайи соли муборак хомаи фикр
Ба сози таҳният мехост мизроб,
Зи ҳотиф ин нодо омад, ки бинвис:
«Қирони моҳ бо меҳре ҷаҳонтоб».
(1127/1715)

## Таърихи ҷулуси Фаррухсияр

Офтоби азал ниқоб кушуд
Аз ҷамоли шаҳи сипеҳрҷаноб.[22]
Олам аз хуррамӣ ба ҷо овард
Шукри Эзад ба саҷдаи одоб.

Ё Раб, ин подшоҳи нурсиришт
Бод то ҳашр зеби адлу савоб.
Орзу муждаи тараб медод,
То расад соли майманат ба ҳисоб.
Қудсиён шаш ҷиҳат нидо доданд:
«Сикка зад офтоби оламтоб».

(1124/1712)

## Таърихи валодати шоҳзода

Шукри Эзад, ки аз child сародиқи ғайб
Мавҷ зад ахтари сипеҳрҷаноб,
Нур бар шаш ҷиҳат таҷаллӣ кард,
Гашт зарроти даҳр равнақёб.
Меҳру маҳ пеши подшоҳи замон[23]
Саҷда бурд аз таҳияи одоб.
Ҳама касро зи хулқи мулку малик
Даргирифт орзуи азми ҷаноб.
Қудсиён охир ин нидо доданд:
«Аннавид, офтоби оламтоб».

(1129/1716-1717)

## Таърихи валодат

Лиллаҳилҳамд, к-аз сародиқи ғайб[24]
Файзи ақдас кушуд тарфи ниқоб.
Офтоби азал ба ҷилва расид
Аз ҷамоли шаҳи сипеҳрҷаноб.

Дину давлат намуд истиқбол
Меҳру маҳ саҷда кард вақфи ниқоб.
Соли таърихи ин таҷаллии нур
Хостам аз муҳандиси одоб,
Қудсиён шаш ҷиҳат нидо доданд:
«Одили офтоби оламтоб».

(1133/1720)

* * *

Зиҳӣ, гавҳари баҳри шоҳаншаҳӣ,
Фурӯзандаи ахтари тоҷу тахт,
Ки аз партави меҳри иқболи ӯ
Ғам аз даҳр чун соя барбаст рахт.
Зи сарсабзии мақдамат, дур нест,
Зумррад дамад ҷои барг аз дарахт.
Дар ин мавсими айш ушшоқро
Гул ояд ба тавфи дили лахт-лахт.
Ба гулзори табъам зи шавқи навид
Зи бас решаи фикр гардид сахт,
Ба ин мужда ногаҳ чамансоз шуд,
Ки гул кард таърихи ӯ «некбахт»

(1072/1671-1672)

* * *

Мирзо Умар зи ганҷи азал ёфт гавҳаре,
К-аз нури қадр оинаи файзи ақдас аст.
Сад шомро ба нур кашад моҳи талъаташ,
Сад субҳро зи меҳри рухаш ламъае бас аст.

Он ҷо ки гавҳараш ба баҳо муқтаран[25] шавад,
Хуршедро зи бегуҳарӣ қимати хас аст.
Эй орзу, биноз, димоғи ту тоза шуд,
Эй боғбон, бибол, ниҳоли ту наврас аст.
З-ин ахтаре, ки гашта баланд аз ҷабини ӯ,
Маҳдаш ба файзи рифъати чархи муқарнас[26] аст.
Ҷисми латифи ӯ, ки зи ҷонҳост поктар,
Бо парниёни субҳи саодат мулаббас аст.
То равшанат шавад рақами соли мавлидаш,
Таърихи он «ситораи бурҷи муқаддас» аст.
(1075/1664-1665)

* * *

Шаҳи сарири яқин Қосими Ҳуваллоҳӣ,[27]
Ки дошт зоти ҳақаш мулки интизомсифат,
Димоғи ҳиммати анқоияш расоӣ кард,
Паре фишонд бар ошӯбгоҳи домсифат.
Ҳузури зот майи шавқи ваҳдаташ паймуд,
Тағофуле заду бар ҳам шикаст ҷом-сифат.
Ба офияткадаи ғайб бурд шамъи шуҳуд.
Расонд то аҳадият пайи хиром сифат.
Зи соли воқеааш[28] бехудӣ ба гӯшам гуфт:
Зи «бетаайюнии зот» рафт ном – «сифат».
(1083/1672-1673)

* * *

Салоҳхон, ки чу ӯ нест дар ҷаҳони камол
Фариштахӯй, сахотинате каримсифот,

Ба завқи сози тараб манзиле бино фармуд,
Ки хулд аз чамани ӯст мустаҳиққи закот.[29]
Фазои олами имкон асири вусъати ӯст,
Зи баски сарф ба ҳар гӯша кардаанд ҷиҳот.
Аён фурӯғи бинояш ба дидаи аъён
Чу нури меҳр дар оинахонаи заррот.
Ба ҳар тараф нигаҳи шавқе аз хати биниш
Ба орзуи тамошои ӯ гирифта барот.
Агар зи рифъати он хона бар кашад алафе,
Шавад зи нашъаи таъзим каҳкашондараҷот.
В-агар нависӣ аз оинахонааш ҳарфе,
Хат аз саҳифа биболад ҷу гавҳар аз миръот.
Ҳамеша ҳамчу фалак бод мустақимасос,
Бинои ӯ, ки надорад шикасте аз офот.
Забони муъҷизатақрири хомаам во кард
Ниқоби сурати таърихи ӯ: «мақоми сабот».
(1084/1673-1674)

## Таърихи азимати Бедил ба Лоҳур

Шавқро аз азимати Лоҳур
Тозагиҳои муждаи шодист,
Яъне аз домгоҳи афсурдан
Чанд гомам навиди озодист.
Соли таърихи ин азиматшавқ
Бе такаллуф шунав: «Худо ҳодист».
(1085/1674-1675)

* * *

Сархайли нарӯкаҳо Бачиром[30]
Аз боди бурут пашм дар даст,
Бо ҳафт писар, ки ҳар кадомаш
Чун кӯҳ саре ба теғ мебаст,
Умре дар кӯҳсори Майвот
Метохт чу хирс аз харӣ маст.
Бо лашкари хони осмонҷоҳ[31]
Гардид тараф зи фитрати паст.
Яъне ба паноҳи қалъаву кӯҳ
Бар ҷанги мубориzон камар баст.
Оташзанаи баҳодурон хурд
Чандон ки зи санг чун шарар ҷаст.
Бигрехт ба сад ҳазор ташвиш,
То аз дами теғи беамон раст.
Дар таърихаш муҳандиси фикр
Фармуд: «Дили Нарӯка бишкаст».[32]

(1095/1675-1685)

* * *

Хони хуршеднишон, матлаъи субҳи эҳсон,
Он ки дар сояаш осуда сипеҳри иззат.
Арштаъзим ливо, домани иқболи баланд,
Авҷафлок бино, пояи қудратазамат.
Зоташ аз фазлу карам анҷумани ҳусни сифот,
Номаш аз файзи азал ҳосили нозу неъмат.[33]
Рояти ҳукм зи Майвот ба Деҳлӣ афрохт
Бо ду олам тарабу айшу нишоту ишрат.

З-ин ду таърих талаб соли саодатасараш:
«Ҳосили ишрат»-у «айшу тараби беминнат».
(1099/1687-1688)

* * *

Шукри Худо, ки соҳиби моро[34] зи фазли Ҳақ
Ҷамъияти изофаи иқболи сармадист.
То шукри ин атия бурун ояд аз ҳисоб,
Таърихи ӯ «маротиби таъйиди эзадӣ»[35]-ст.
(1100/1688-1689)

* * *

Офтоби олами таъзим Шукруллоҳхон,[36]
Он ки аз зоташ шараф дорад сипеҳри маъдалат,
Ин тараббунёд аз иқболи ӯ тартиб ёфт.
Ин шарафманзил зи ҷоҳаш дод арзи майманат.
Аз пайи таҳқиқи солаш шамъ равшан мекунад
Нури шаш таърих дар як байти маъниманзилат:
«Шаъни рифъат», «хонаи ҳиммат», «мақоми поябахш»,
«Хоннишеман», «маъмани ишрат», «ҷаҳони мартабат».
(1101/1689-1690)

* * *

Ҳақ кард ато ба соҳиби мо
Маънигуҳаре халафиборат.
Аз соли зуҳури ин фалакқадр
Ҷустам зи дабири дил башорат.

Во кард китоби лавҳи маҳфуз,
Фармуд: «Натиҷаи аморат».

(1110/1698-1699)

* * *

Зафархон нашъаи файзи илоҳӣ,
Ҳамон соҳибливои фатҳу нусрат,
Халаф бахшид файзи бениёзаш
Ба сомони ду олам нозу неъмат.
Баҳори комрониҳои иқбол
Бинозад з-ин ду таърихи саодат:
«Муборак бод фоли шавкату ҷоҳ»,
«Тулӯъи офтоби иззу давлат».

(1122/1710-1711)

## Таърих

Притамдоси моро фазли Яздон
Ато фармуд пури босаодат,
Музайян шуд ба ин таърих солаш:
«Навиди иззату иқболи давлат».

(1127/1715)

## Таърихи тазвиҷ

Сипоси Ҳақ, ки зи тартиби ин бисоти вифоқ
Фалак ба соҳиби мо гуфт сад ҳазор аҳсант,

Зи соли ҳол ду маънист мухбири таҳқиқ:
Ду «гул» шукуфта баҳору ду «сарв» сабзбасант[37].
(1113/1701-1702)

**Қитъаи таърихи халосии Оқилхон ба саломат аз размгоҳ**

Дар он соат ку ҳукми эзидӣ дошт
Ба Нили қаҳр қабзи як ҷаҳон рӯҳ,
Зи лутфи хос Оқилхони моро[38]
Дари иқболи соҳил кард мафтӯҳ.
Ба ин таърихам охир мужда доданд:
«Зи тӯфон солим омад киштии Нӯҳ».
(1106/1694-1695)

* * *

Бибол, эй дил, ки Шукруллоҳхонро[39]
Мадад кард аз ҷаҳони кибриё фатҳ.
Дар он шӯри қиёмат мунтазир буд,
Ки бо азмаш намояд иқтидо фатҳ.
Чу хуршед аз баландиҳои иқбол
Намудаш соҳиби кӯсу ливо фатҳ.
Иёри соли таърихаш гирифтам,
Ду мисраъ ҳамъинон гул кард бо фатҳ:
«Баромад офтоб аз бурқаъи ҷуд.
Муборак ҷаҳди толеъ, марҳабо фатҳ».
(1124/1712)

* * *

Қудваи аҳли фазл хоҷа Зариф,[40]
Ки чу ӯ солике ягона набуд,
Нафасе ҷуз ҳадиси дард надошт,
Қадаме ҷуз ба роҳи факр насуд.
Ҳар қадар фазлу илм бешӣ кард,
Дарси таслиму масканат афзуд.
Охир аз ошёни берангӣ
Тоираш бонги «ирҷиъӣ»[41] бишнуд.
Чашм пӯшиду аз ҷиҳот гузашт,
Мижа барбасту боли ноз кушуд.
Яъне аз домгоҳи ваҳшатранг
Ҷасту дар мулки офият осуд.
Вақфи ин мисраъ аст таърихаш:
«Некфарҷоми оқибатмаҳмуд»?

(1075/1664-1665)

* * *

Ҳамд Худоро, ки ба боғи зуҳур
Ғунчаи уммеди халоиқ дамид.
Яъне аз оинаи иқболи шоҳ
Нашъаи асрори азал сар кашид.
Нашъаи файзе, ки зи таъсири он
Ҷӯши саҳар то ба фалак шиша чид.
Хоҳад аз ин нашъа ба Кайвон расонд
Пояи давлат шаҳи ишратнавид.
Он ки чу гардун зи пайи саҷдааш
Шохи гул аз ғунча сар орад падид.

Захмсифат ҳосиди бадхоҳи ӯ
Бе асари чоки ҷигар гул начид.
Табъи ҷаҳон аз асари мақдамаш
Соғари иқболи саодат чашид.
Дидаваронро зи ғубори раҳаш
Чашм ба сармояи биниш расид.
Чун рақами соли зуҳураш заданд,
Гуфт хирад: «Зилли азизи маҷид».
(1081/1670-1671)

* * *

Оҳ, аз олами хароб гузашт
Қиблаи сидқу Каъбаи уммед.
Он ки дар сояи ҳимояти ӯ
Доштам фахри афсари Ҷамшед.
Чеҳра бинҳуфт дар адими[42] замин,
Нест ҷуз хок мағриби хуршед.
Гашт аз гиря дар муҳоҷираташ
Чашми хунбастаам чу Даҷла сафед.
Чӣ тавон кард? Аз самуми фано
Нест эмин чи гул, чи нахл, чи бед.
Дидаи интизор шуд гӯшам,
То биёбам зи базми қудс навид,
Ҳотифи ғайб соли реҳлати ӯ
Гуфт: «Омад ба равзаи ҷовид».
(1087/1676-1677)

## Таърихи вафоти шайх Абдулазизи Иззат

Шайхи замона, умдаи дин, иззати ҷаҳон,[43]
К-аз боғи даҳр рафтани ӯ ранги айш бурд.
Умре далели фитрати арбоби фазл буд,
Яъне тариқи маънии ахлоқ месипурд.
Охир дар ин зиёнкадаи нестиматоъ
Нақди нафас ба кисаи осудагӣ шумурд.
Шуд хок пайкару ба фалак рафт ҷони пок,
Софаш уруҷ карду ба пастӣ нишаст дурд.
Умри азизи ӯ чиҳилу ҳашт сол буд,
Шуд соли реҳлаташ «чиҳилуҳаштсола мурд».

(1089/1678-1679)

* * *

Он муфсиди муфаттини[44] даврон, ки аз ҷаҳон
Чизе ба ғайри лаънату нафрин дигар набурд,
Боди такаббуре ба сараш буд, к-аз ғурур
Уззомро ҳамеша ба таҳқир мешумурд.
Дар эҳтироми маънии фазли саҳоба ҳам
Рӯзе зи ҷаҳл даъвии инкор пеш бурд.
Лахте[45] бар ин нарафт, ки он кофари лаъин
Ҷони палиди хеш ба чанги аҷал сурурд.
Шукри Худо, ки оқибат аз имтилои ҷаҳл
Омад бурун зи бинии ӯ, ҳар гуҳе ки хурд.
Мӯи зиҳори шахси бақо буд ҳастияш,
Охир ҳамон зиёдасариҳош восутурд.

Таърихи мурданаш хиради ибратофарин
Тизе бидоду гуфт, ки «Гуҳ хурду зуд мурд».
(1102 /1690-1691)

* * *

Ҳамди лиллаҳ, ки соҳиби моро,[46]
Фазли Ҳақ давлати ҳумоюн дод,
Сиккаи азми ӯ мусаллам шуд
Бар саводи ҷиҳоти шаҳру билод.
Доди оини рангу бӯ доданд
Гулфурӯшони навбаҳори мурод.
Эй умед, ин замон тамошо кун
Субҳи иқболи олами эҷод.
Нақши бунёди душманон вайрон,
Хонаи айши дӯстон обод.
Орзу гӯш бар дари дил дошт,
То биёбад зи майманат иршод.
Хуррамӣ табл зад ба ин таърих:
«Мулки хоси Дакан муборак бод».
(1125 / 1713)

* * *

Зиҳӣ, партави найyири файзи аъзам,
Ки хуршед бо нури ӯ нест дархур.
Вуҷудаш тарабифтихори ду олам,
Мизоҷаш чаманзинати чор унсур.
Ба даври тамошои меҳри ҷалолаш
Фалак чун нигаҳ маҳви чашми таҳайюр.

Сазад, к-аз қудуми саодатрикобаш
Кунад хоки Деҳлӣ ба гардун тафохур.
Дар андешаи мидҳати нури зоташ
Биболад тахайюл, бинозад тасаввур.
Ба таҳқиқи юмни замони валодат
Хирад бурд то сар ба ҷайби тафаккур,
Ба ин мисраъ уфтод фоли саодат:
«Ҳумоюн гул аз гулшани шоҳ Бобур».[47]
(1081 / 1670-1671)

* * *

Халаф дод Эзад ба шоҳе, ки қадраш
Ба сад поя болад зи афлок бартар.
Тақаддусҷанобе, ки хуршеди гардун
Ба даргоҳаш аз саъйи мижгон ниҳад сар.
Баландостоне, ки бар авҷи иззат
Ҳилоли сипеҳраш сазад ҳалқаи дар.
Бувад дар дили баҳр баҳри нисораш
Зи гирдобҳо ҳалқа дар гӯши гавҳар.
Ба паймудани нашъаи бехумораш
Майи орзу маркази хатти соғар.
Хирад баҳри таърихи соли вилодат
Ба баҳри талаб буд чун мавҷ музтар.
Ба гӯши дил ин мужда фоли тараб зад:
«Гули гулбуни гулшани шоҳ Акбар»[48]
(1081 / 1670-1671)

* * *

Атои файзи азал кард гавҳаре таслим
Ба шоҳи мо,[49] ки ҷавонбахт аз ӯст олами пир.
Муҳити адлу ҷаҳони сахо, сипеҳри карам,
Баҳори дину дувал, ифтихори тоҷу сарир.
Шаҳаншаҳе, ки кашад зӯри бозуи ҳукмаш
Зи кӯҳсор раги санг ҳамчу мӯ зи хамир.
Тавон шикофт ба имдоди ройи равшани ӯ
Зи ранги хомаи наққош маънии тасвир.
Ба завқи новаки ӯ қатра-қатра хуни ниёз
Парад зи чашми таманно ба пайкари нахчир.
Ба аҳди ӯст чунон расми амн дар олам,
Ки захм ёфта болини роҳат аз пари тир.
Ба гулшани адабороии шариати ӯ
Ҳамеша аз раги ток аст нашъа дар занҷир.
Суруши шавқ ба ин мужда то башорат дод,
Зи ҷои хеш биҷастам чу маънӣ аз тақрир.
Сарири килки гуҳарсанҷ соли ин таърих
Фурӯғ дод зи «шамъи мунири Оламгир».
(1081 / 1670-1671)

* * *

Шоҳи Оламгир, яъне ҳазрати Аврангзеб,
Он ки дорад такя бар шамшери ӯ фатҳу зафар,
Азмаш аз иқлими Деҳлӣ кард оҳанги хуруҷ,
То кунад бунёди шоҳони Дакан зеру забар.
Аввалин соле ки фатҳи мулки Беҷопур кард,
Дар ғулу занҷир рафт Искандар аз тоҷу камар.

Тохт бар Гулканда роёти зафар соли дувум,
Ҳамчунон бар қалби Қутбулмулк тӯфон дод сар.
Гашт аз рӯи ҷумал дар дидаи аҳли ҳисоб
Соли фатҳи аввалин «Ҷамшеди нусрат» ҷилвагар.
Хостам, равшан шавад оинаи фатҳи дувум,
Дод шӯхиҳои идрокам дар ин мисраъ хабар, –
Ҳаст як маънӣ, ки таъбири ду таърихаш кунанд,
«Аъзами матлуб», «фатҳи подшоҳи номвар».
(1098 / 1686-1687)

* * *

Шоҳи Оламгир хуршеди зуҳури фазли Ҳақ,
Он ки зоташро нашояд ҷуз ҳамон зоташ назир,
То ба тасхири Дакан пардохт азми ҳимматаш,
Кард аз тоҷи шаҳон ороиши пойи сарир.
Бар бисоти иқтидораш аз салотини Дакан
Монд нақши ҷабҳае, он ҳам паноҳи саҷдагир.
З-он миён баргаштабахте, сарнигунитолеъе,
Хиҷлати аҳли ҷаҳаннам, нанги асҳоби саъир.[50]
Чанд рӯзе хори роҳи лашкари ислом буд,
Оқибат гардид бо аъёну ақрон дастгир.
Ҳам зи гардан бар синон омад сари бемағзи ӯ,
Ҳам зи мижгон баст чашмашро қазо бар нӯки тир.
Соли ин таърих то равшан шавад бар оламин,
Гуфт ҳотиф: «Санбаҳо[51] шуд бо зану фарзанд асир».
(1100 / 1688-1689)

* * *

Назди маъниогаҳон аз соли тасхири ҳисор
Мекунад ҳар фикраи ин байт таърих ошкор:
«Субҳи огоҳии ишрат», «даври ҷоми бехумор»,
«Толеъи кайфияти иззат», «нишони иқтидор».
(1107 / 1695-1696)

* * *

Мир Лутфуллоҳ – нури чашми Шукруллоҳхон
Он баҳори маърифат, он шамъи огоҳиназар,
Бениёзиро ба зоташ нисбати мавҷу муҳит,
Шармро бо тинати ӯ улфати обу гуҳар.
Шоҳи Оламгир Шукруллоҳхон кардаш хитоб,
Нур чун болад, ҳамон хуршед мегардад самар.
Маънии таҳқиқи иқболи расо мехостам,
Солаш аз ҳар мисраъи ин байт дидам ҷилвагар:
«Зинда он рӯде, ки мавҷаш васфи дарё об дод»,
«Шод динҷӯе, ки аз вай зинда шуд исми падар».
(1114 / 1702-1703)

* * *

Саёдатоина манзури фазл Шокирхон,
Ки аз ҳаловати номаш забон дамад зи шакар,
Чароғи маҳфили қадр, ифтихори олами ҷоҳ,
Сипеҳри кишвари фатҳ, офтоби мулки зафар.
Такаллумаш тарабоҳанги сад баҳор ҳузур,
Табассумаш чаманиқболи сад ҳазор саҳар.

Аз ин шукуфа, ки фазли ҳақаш тароват дод,
Расид нахли дилорои давлаташ ба самар.
Ба ин латифа, ки гул кард аз ҷаҳони вифоқ,
Дамонд афсари иқболаш иқтидори гуҳар.
Ба завқи таҳниятоҳангии муборакбод
Чаман давид табақҳои гул гирифта ба сар.
Дар орзуи нисори ҳузури мақдами ӯ
Чу офтоб, ҷаҳоне кушуд кисаи зар.
Зи килки Бедили мо ҳам ба туҳфаи таърих
Чаҳор шамъ ба як байт дод нури асар:
«Тулӯъи файзи Алӣ»,[52] «нашъаи хавоси набӣ»
«Зиёи наййири дил», «равшании чашми падар».

(1115 /1703-1704)

* * *

Ин навгуле, ки дод зи гулзори фазл Ҳақ
Ороиши ҳадиқаи хони карамбаҳор,[53]
Соли зуҳури ӯ ба сад иқбол обу ранг
Карданд аз ин мурабваъи таҳқиқ ошкор:
«Ганҷинаи шарофат», «наврӯзи хуррамӣ»,
«Меҳри сипеҳрқибла», «шарафпайкари виқор».

(1119 / 1707-1708)

## Қитъаи таърихи вилодати Абдулхолиқ – фарзанди Мирзо Бедил

Бедил, он рӯзе, ки Абдулхолиқ[54] аз боғи қидам
Дар баҳористони имкон дод арзи ранги нур,
Ин се таърих аз маволиди камолаш кард гул,
«Интихобуллоҳ»-у «зоти воҳид»-у «ҷоҳи зуҳур».
(1120 / 1708-1709)

## Таърих

Нишон дод иқболи даври сипеҳр
«Ба бурҷи шараф ҳолаи моҳу меҳр».
(1125 / 1713)

## Таърихи вилодат

Даври саъде, ки ин фурӯғи азал
Кард ороиши бисоти зуҳур,
Навбари боғи аҳмадӣ болид
Ба ҷамоли ҳазор ламъаи нур.
З-ин таҷаллӣ ба нур мамлу шуд
Дида то дил тарабсарои ҳузур.
Субҳи иқбол шаш ҷиҳат гул кард
Таҳниятхони навбаҳори сурур.
Соли таърихи ӯ тулӯъ намуд:
«Офтоби муроди олами нур».
(1126 / 1714)

**Тавофуқи адади «шоҳ Фаррухсияр»**
**бо адади «мазҳари Эзади корсоз»**

Биё, эй румузошнои зуҳур,
Аз ин сунъ бар қудрати Ҳақ биноз,
Адад хоҳӣ аз «шоҳи Фаррухсияр»,
Бигӯ: «Мазҳари Эзади корсоз».[55]

**Таърихи сафари Бедил аз Биҳор ба Деҳлӣ**

Аз мулки Биҳор сӯи Деҳлӣ
Чун ашк равон шудем бекас.
Ҳамдӯши шуҳуди фазли бечун,
Ҳамроҳи ҳузури файзи ақдас.
Соли таърихи ин азимат
Дарёб, ки «роҳбар Худо бас».
(1075 / 1664-1665)

* * *

Матоъи ҷаҳон, қиблагоҳи замон,
Ки нур аз ҷабинаш кунад иқтибос,
Ба тартиби ин манзили хулдзеб
Сипеҳр аз замираш намуд инқибос
Мураттаб шуд охир ба таъйиди фазл
Чу лафз аз маонӣ, чу ҷисм аз ҳавос.
Ҳисобе агар хоҳӣ аз соли ӯ,
Зи таърихи дигар нагирӣ қиёс.

Бар ин манзарат чун назар уфтад,
Бигӯ: «Хонидаврони[56] кайвонасос».
(1121 / 1709-1710)

* * *

З-ин навгули боғи комронӣ
Кардем чаман ба домани айш.
Таърихи шукуфтанаш хирад гуфт:
«Иқболи баҳори гулшани айш»
(1122)

* * *

Дар ин олимақоми роҳатобод
Дили ишратпарастон шоду маҳзуз,
Ки ин улфатбино дорад ду таърих:
«Ҳаловатхона»-ву «бунёди маҳфуз».[57]
(1101 / 1689-1690)

* * *

Хони хонони ҷаҳони файз Шукруллоҳхон,[58]
Он ки болад иқтидор аз номи ӯ бе савту ҳарф,
Азми иқболаш зи танбеҳи Баҷироми[59] лаъин
Хоки бунёди нарӯка[60] рехт дар дарёи жарф.
Баъд аз он аз куштани исломи кофардастгоҳ
Бар бинои мев[61] тӯфони қиёмат кард сарф.
Аз шукӯҳаш муфсидонро заҳраи ҳастӣ гудохт,
Тофт, гӯӣ, ламъаи хуршед бар талҳои барф.

Барқи теғе ошкоро шуд, ки аҳли фитнаро
То қиёмат ҷуз ба хоки тира натвон баст тарф.
З-ин ду таърих он ду фатҳи ғайб равшан мешавад:
Аввалин «ғазви аҷиб»-у охирин «фатҳе шигарф».[62]
(1098 / 1675)

* * *

Он Муҳаммадлақаб Амини Вафо,
Обу ранги ҳадиқаи ахлоқ,
Ки чу ӯ кас дар ин замона набуд
Ба лиқои расули Ҳақ муштоқ.
Умр беихтиёр бурд ба сар
Дар хамупечи ин хамидаравоқ.
Дар ҳиҷоби ғубори ранги дуӣ
Баски табъаш надошт тоби фироқ,
Ногаҳон дар хумори ҷоми аласт
Ёдаш омад зи нашъаи мисоқ.
Ғӯта зад дар муҳити берангӣ,
Нест ҷуз васл мақсади ушшоқ.
Ҳотифе гуфт соли таърихаш:
«Рафт қутби замона аз офоқ».
(1084 / 1673-1674)

**Таърихи таъмири масҷид**

Кард бунёд ин бинои маърифат Саййид Навоз
То шавад аз саҷдааш[63] равшан наҷоти ҳар фариқ.

Баҳри таърихаш зи ҷамъи қудсиён кардам суол,
Ҳотифе ногоҳ гуфт: «Оинаи байтулъатиқ».
(1088 / 1677-1678)

* * *

Ёфт Аҳмадбек фарзанде зи фазли эзадӣ,
К-аз шамими хулқи ӯ шарманда бошад бӯи гул.
Аз навидаш боядам гул рехт бар фарқи чаман
В-аз баҳораш метавон пайғом бурдан сӯи гул.
Баргигулранге, ки дар арзи баҳори тинаташ
Мекашад шарми тароватҳо арақ аз рӯи гул.
То насими мақдамаш дар гулшани шшавқам вазид,
Бар димоғи ишрат обе мезанам аз ҷӯи гул.
Фикр дар роҳи хаёлаш ҷустуҷӯҳо кард сарф,
Ёфт охир соли эҷодаш «риёзи бӯи гул».
(1079 /1668-1669)

* * *

Атои Ҳақ ба Сулаймони асри мо бахшид
Натиҷаи чаману обу ранги дину дувал.
Ғубори табъи муҳиббон аз ин навиди тараб
Чу мавҷи ранг ба ҷӯши баҳор гашт бадал.
Сазад, ки шахси умед аз пайи илоҷи судоъ[64]
Зи хоки макдами ӯ бар ҷабин кашад сандал.
Умедҳост, ки ин гавҳари шарифнажод
Ба фазли Ҳақ шавад оинадори илму амал.

Агар ҳасуд ба бадхоҳияш назар дӯзад,
Фалак ба дида занад хокаш аз ғубори субул.[65]
Дароз бод чунон умри ӯ, ки чархи куҳан
Ба ӯ ҳавола намояд ҳисоби тӯли амал.
Валодаташ зи ду таърих ҷилвагар дидам:
«Баландбахт»-у «навиди атои файзи азал».

(1088 / 1677-1678)

* * *

Сари шоҳони олам шоҳи Оламгир, к-аз адлаш
Ба ранги нуру зулмат шуд ҷудо аз ҳам ҳаку ботил,
Ҷаҳондоре, ки чун зоташ надорад олами имкон
Худодону худогӯю худоҷӯю худоҳосил.
Пайи тасхири Беҷопур[66] то азми ҷаҳонгираш
Ба иқболу зафар чун ламъаи хуршед шуд моил.
Сикандар-волии он мамлакат чанде ҳисорӣ шуд,
Чу меш аз савлати шеру чу сайд аз ҳайбати қотил.
Далерон арсаи тадбир карданд он қадар тангаш,
Ки аз бедаступоӣ чун шарар дар санг шуд бисмил.
Ба ночор омаду бӯсид пойи тахти давлатро,
Ки будаш бе далели саҷда кори зиндагӣ мушкил.
Ба маънӣ саҷдаи таслими даргоҳи шаҳаншоҳӣ,
Зи раҳмат ояте буд аз ҷабинаш бар замин нозил.
Шаҳаншоҳ аз сари тақсир бигзашту амонаш дод,
Ки узри қатра мақбул аст, чун бо баҳр шуд восил.
Зи тақвими тааммул соли таърихаш талаб кардам,
Хирад гуфто: «Сикандарро амон дод он шаҳи одил».

(1097 / 1685-1686)

* * *

Зиҳӣ, сози айше ки нуҳ осмон
Ба рақс омад аз шӯри кӯсу дуҳул.
Зи кайфияти ин арӯсибисот
Ҷаҳон гашт як ҷому сад ранг мул.
Талаб кардам асрори таърихи он
Ба қисми наводир зи файёзи кул,
Бифармуд баҳри шугун ҷамъ кун
Ду «гавҳар», ду «кавкаб»,
ду «барг»-у ду «гул».
(1102 / 1690-1691)

* * *

Ассурур, эй мазҳари осори Раб,
Ахтарат барчид доман аз вабол.
Зоти хулқоёти акмалтинатат
Раст чун бадр аз хаёлоти камол.
Рафт он ташвишу коҳишҳои дил,
Нури ҳаққӣ, то абад бар худ бибол.
Ранги симои ҳавохоҳат чаман,
Ғозаи рӯи бадандешон зугол.
Ҳар куҷо тозад ғубори мавкибат,
Пеш-пешат бод фазли зулҷалол.
Ё Раб, истиқболи анворат кунад
Фатҳу нусрат моҳ-моҳу сол-сол.
Омад аз таърихи ин суҳбат падид:
«Равшании офтоби лозавол».
(1125 /1713)

* * *

Он шайхи филҳақиқат, он ҳодии тариқат,
Он нури қурби мавло, он шамъи дини хотам,
К-аз Ҳақ хитоби ӯ буд Абдулазизи Иззат,[67]
Яъне камоли иззат бар тинатат мусаллам.
Дар гулшане ки мерафт зикри баҳори хулқаш,
Бӯи гул аз хиҷолат мебаст нақши шабнам.
Бетоби зарраи ӯ анвори меҳри азмат,[68]
Маввоҷи қатраи ӯ ҷӯши муҳити аъзам.
Дар дидаи таманно лутфаш фурӯғи биниш,
Бар захми бенавоӣ ҷудаш навиди марҳам.
Дасти наволи ӯро дар паллаи кароматӣ
Амвоҷи сафҳаи баҳр нақше ба рӯи дирҳам.
Равшансаводи илмаш, чун нуқта, чашми аъмо,
Маънибаёни дарсаш чун хат забони абкам.
Чун офтоби ваҳдат гардид ҷозиби ӯ,
Парвоз кард аз ин боғ бе болу пар чу шабнам.
Баҳси тағофуле буд дар дасгоҳи ҳастӣ,
Охир зи дафтари умр чашме ниҳод бар ҳам.
Лаб басту дарси таҳқиқ аз сафҳаи фано хонд,
К-ин маънии магӯро хомӯшӣ аст маҳрам.
Чашми вафопарастон шуд доғи рафтани ӯ,
Оина асту ҳайрат, тимсол чун кунад рам.
Бедил зи дил талаб кард таърихи реҳлати ӯ,
Омад нидо, ки бурданд «нур» аз «чароғи олам».
(1089 /1678-1679)

* * *

Шукр, ки субҳи мурод боз ба сомон расид
Накҳати гул дар нафас, ҷӯши чаман дар қадам.
Навгуле омад ба бор аз чаманистони сунъ,
Нашъаи шавқе дамонд соғари бекайфукам,
К-аз гули кайфияташ кард ҷаҳонро чаман,
Хони тақаддусҷаноб, соҳиби маънихадам.
Дидаварон ҳайрате назри тамошо кунед,
Оина бар каф гирифт шоҳиди рози қидам.
Мавсими шодобӣ аст, к-аз нами таҳрири он
Дар раги гул медавад решаи ноли қалам.
Забти нигоҳ ин замон монеъи наззора нест,
Айнаки садрангубӯст, гар мижа орӣ ба ҳам.
Соли баҳораш дамид з-ин ду қадаҳ гул ба каф:
«Ишрат»-и бо-«изз»-у «ноз»,
«сархушӣ»-и бе-«амал».

(1105 / 1693-1694)

## Қитъае ки ҳар мисраъаш таърих аст

Шоҳи кишваръато Муизуддин[69]
Офтоби карам, алии карим,
Дилнавози сариру тоҷу алам,
Ҳақливо подшоҳи ҳафт иқлим.

(1124 /1712)

## Таърихи аввалин издивоҷи Бедил

Бедил, дорад тааҳҳули[70] халқ
Бар қавли набӣ, салиқаи юмн.
Ман низ ба ҳукми роқими шаръ
Хондам рақами намиқаи юмн.
Таърихи тараб чунин навиштанд:
«Бишкуфт гули ҳадиқаи юмн».
(1079 / 1668-1669)

* * *

Ҳамди Эзад, ки расонид зи ганҷинаи файз
Муждаи гавҳари дигар ба худованди замон.
Гавҳаре бар шарафи маънии равшангуҳарӣ
Мерасад бар маҳу хуршеду сипеҳраш руҷҳон.[71]
Вақти он аст, ки чун меҳр бараояд зи ниқоб
Дили ҳар зарра ба анвори зуҳураш тобон.
Гардад аз ламъаи иқболу шукӯҳи азамат
Чун фалак сояи ӯ бар ду ҷаҳон нурфишон.
Ҳар куҷо абри кафаш дасти карам бикшояд,
Баҳр гардад зи гуҳар дар арақи шарм ниҳон.
Гар дили мӯр аз ӯ хилъати вусъат ёбад,
Ҳамчу саҳро натавонад, ки бичинад домон.
Меҳр дар орзуи ҳуллаи файзи карамаш
Мешавад ҳар саҳар аз атласи гардун урён.
Барги гулро набувад тоқати тавсифи баҳор,
Мадҳи ин баҳри карам рост наёяд ба забон.

Соли таърихи саодатасараш кард рақам
Килки тақдир ба зебоии «зиллуссубҳон».
(1082 /1671-1672)

* * *

Он чи гардун дошт дар ганҷи нишоти сармадӣ,
Кард таслими шаҳи фармонравои мулку дин.
Ёфт нур аз мақдами шаҳзода базми давлаташ,
Ҳамчунон, к-оинаи дилҳо зи осори яқин.
Он шаҳаншоҳи фалакҷоҳи сиёдатинтисоб,
К-аз заминбӯсаш биболад ҷабҳаи Рӯҳуламин,
Чарх аз гарди хиромаш ҷаста бар авҷи ҳаво,
Офтоб аз нақши пояш хуфта бар рӯи замин.
Хотам аз шавқи сарангушташ намебандад назар,
Лаб намеорад ба ҳам аз ҳарфи номи ӯ нигин.
Чун таҷаллӣ кард хуршеди ҳидоятматлаъаш,
Оламеро рӯфт нанги доғи зулмат аз ҷабин.
Килки гавҳарбори Бедил аз забони майманат
Соли таърихи зуҳураш гуфт: «Фахри оламин».
(1081 / 1670-1671)

* * *

Эй дилат оинаи гулзори шавқ,
Бар хур аз ин манзили ишратнигин.
Гул талабӣ, шаш ҷиҳат оина аст,
Оина хоҳӣ, ҳама ҷо гул бичин.

Барги гул оина – чӣ кайфият аст?
Оина гулҷӯш – чӣ савдост ин?
Софӣ аз оина саҳардарбағал,
Ранг зи гул нози шафақофарин.
Бурда зи ҳамдастии ҷоми тараб
Субҳу шафақ даст ба як остин.
Ним табассум агар иншо кунӣ,
Сад саҳар ин ҷост таҷалликамин.
То шавадат айш яке сад ҳазор,
Тарфи ниқоби мижа во кун, бибин.
Соли бинояш шунаву рақс кун,
Ойинагулбез биҳиште барин.

(1104 / ?)

* * *

Шукр кун, Бедил, ки Шокирхони қудратшони мо
Баст бар дарёи Ҷун[72] аз фазли Ҳақ садде матин.
З-инфиоли гармии ҷаҳде, ки дид аз ҳимматаш,
Хасми мункирро арақ шошид бар рӯи ҷабин.
Бе такаллуф, саъйи мард он ҷо ки афшорад қадам,
Шохи сарви чарх мебӯсад суми гови замин.
Сели ғайрат ҳар куҷо парвози ҳамворӣ диҳад,
Домани саҳрои имкон шӯяд аз куҳсори Чин.
Истиқомат аз мизоҷи мард агар гирад мадад,
Менамояд сояро чун кӯҳи фӯлодофарин.

Доштам ғаввосии дарёи маъниҷӯши фикр,
То тааммул гавҳаре орад бурун аз остин,
Гӯши ҳосид соли ин таърих молиш доду гуфт:
«Садди Искандар шунидӣ, ҳадди саъй акнун бибин».
(1108 /1696-1697)

* * *

Ҳазор шукр, ки имрӯз хони нусратҷанг
Шикаст қалъаи Сангор бар сари мевон,
Аз ин навид, ки таъйиди фазл шомили ӯст,
Кирост фаҳм, ки нозад ба қудрати Яздон?!
Дил аз таронаи ин фатҳи қалъаи Сангор
Сурур дошт ба иқболи саъйи Шокирхон.
Кунун зи соғари ин мужда масти асрорам,
Ҳузури нашъа дуболову шавқ сад чандон.
Расонд аз ду тараннум ба пардаи таърих:
«Футӯҳи иди тарабҷӯш», «ҳадяи рамазон».
(1115 / 1703-1704)

* * *

Ҷулуси маъдалатанвори подшоҳи замон[73]
Ба ин мураббаъи асрор додаанд нишон:
«Шууни раъфати Яздон», ҷалоли қудрати шон,
Ҳамон халифаи раҳмон, муаззами ду ҷаҳон.
(1119 /1707-1708)

## Дар таърихи иморати Эътиқодхон

Дар аҳди фаррухи шаҳи Фаррухсияр бибол
Эй дил, ба сад маротиби иқболи иззу шон,
К-ин манзари ғано шарафи имтиёз ёфт
Аз давлати сипеҳри карам Эътиқодхон.
Шуд соли ин бино зи ду таърих нурёб:
«Шамъи яқинтаҷаллии ҳақ», «фазли кунфакон».
(1131 /1718-1719)

* * *

Хони олиҷоҳи волоқадр Шукруллоҳхон,[74]
Он ки болад неъмат аз номи ҳумоюнфоли ӯ,
Ин бино, к-оинадори файзи оми давлат аст,
Сар ба гардун судааст аз сояи иқболи ӯ.
Хост Бедил аз хирад таърихи ин рифъатбино,
Аз «дари файз» ошкоро шуд ҳисоби соли ӯ.
(1094 /1682-1683)

* * *

Ғозиюддинхонбаҳодур сафдари фирӯзҷанг,[75]
Он ки менозид бар хеш осмони ҷоҳ аз ӯ,
Дошт аз таъйиди раббонӣ таманнои ҳусул
Мақсади дарвеши нокому умеди шоҳ аз ӯ.
Корвони ранг з-ин гулзори ибрат мегузашт,
Арраҳиле дод бӯи бехудӣ ногоҳ аз ӯ.

Орзумандони ҳайратхонаи уммедро
Риштаи андешаи дидор шуд кӯтоҳ аз ӯ.
Бениёзӣ дошт зоташ аз ҷаҳони эътибор,
Рафт дар мулке ки фаҳми кас нашуд огоҳ аз ӯ.
З-ин нишеман то уруҷи боргоҳи кибриё
Буд дар маънӣ ҳамин як парфишондан роҳ аз ӯ.
Хостам аз дарди дил таҳқиқи соли реҳлаташ,
Гуфт Бедил: «шоҳбози арши парвоз, оҳ аз ӯ».
(1122 /1710-1711)

* * *

Зиҳӣ, субҳи иқболи гулзори давлат,
Ки анвори файз аз қудумаш дамида.
Тарабҷилва субҳе, ки хуршеди иззат
Зи пояш чу нақши қадам сар кашида.
Ҷаҳонтоб моҳе, ки миръоти гардун
Ба сад чашми анҷум назираш надида.
Баҳоре, ки дар саҷдаи эҳтиромаш
Зи шохи чаман тораки гул хамида.
Фалакрутба шоҳе, ҷаҳонтоз меҳре,
Ки хуршеду маҳ дар рикобаш давида.
Чу толеъ шуд аз авҷи бурҷи саодат
Ҷамолаш, ки аз нури қудс офарида,
Дабири тараб килки соли вилодат
Рақам зад: «шаҳаншоҳи олам расида».
(1081 /1670-1671)

**Таърих**

Ба он матлаъ муборак боду дилхоҳ
«Тулӯъи офтоби миллату ҷоҳ»
(1084 /1673-1674)

**Дар таърихи ҷашни наврӯзии подшоҳ**

Офтоб аз уруҷи толеъи хеш
Ҷабҳа овард назри ин даргоҳ,
К-эй Худо, бар ҷаҳон муборак кун
Ҷашни офоқзеби ҳазрати шоҳ[76].
Дил к-аз иқбол дошт ҷоми навид,
Аз ду кайфиятам намуд огоҳ.
Гуфт: «Ҷашни халифаи Деҳлӣ»
«Зеби одоби адли зиллуллоҳ».
(1127 /1715)

**Таърихи вафоти Шокирхон**

Оҳ, эҳроми шаҳодат баст Шокирхони ман[77],
Баъд аз ин рӯи кӣ бинам? Рафт нур аз босира.
Қиссаи навмедии худ бар кӣ хонам? Вой, вой,
Бар бинои куҳнаи ман барқ буд ин ноира.
Бо дили маъюс гуфтам: Он кадомин рӯз буд?
Нола карду гуфт: «Ҳай, нисфи ҷимодулохира».
(1130 /1717-1718)

## Таърихи вафоти амаки Бедил Мирзо Қаландар

Сипаҳсолори дин Мирзо Қаландар,[78]
Муҳити лутфу кони меҳрубонӣ.
Шуҷоатро ба нерӯяш мубоҳот,
Саховатро зи дасташ дурфишонӣ.
Ба ҷанби савлати ӯ Рустаму Сом
Суҷуди эътирофи нотавонӣ.
Дар ин ҳирмонсарои кулфатанҷом
Ба ишрат кард умре зиндагонӣ.
Ба ҳукми он ки дар ҳар ҷо баҳорест,
Ба табъи рангу бӯ дорад хазонӣ.
Варақ гардонд охир нусхаи умр,
Фано шуд баҳси пирию ҷавонӣ.
Зи ибратгоҳи имкон чашм пӯшид,
Чу мижгон мунқатеъ шуд парфишонӣ.
Пайи таҳқиқи таърихи висолаш
Нафас зад ғӯта дар баҳри маонӣ.
Ба гӯши ҳушам охир ҳотифе гуфт:
«Қаландар ёфт васли ҷовидонӣ».

(1076 /1665-1666)

* * *

Ҳамди Эзад, ки дигар чеҳраи уммед кушуд
Партави наййири аъзам зи сипеҳри шоҳӣ.

Вақти он аст, ки аз нури рухи оламтоб
Афканад сояи хуршед зи маҳ то моҳӣ.
Аз хати ҷабҳаи оинаназираш пайдост
Назди арбоби назар ҷавҳари душманкоҳӣ.
То абад ҳосиди иқболи ҳумоюнаш бод
Бо ҳама авҷи пурӣ ҳамчу кабӯтар чоҳӣ.
То шуҳур асту синин муддати ороиши даҳр,
Нахурад риштаи умраш гираҳи кӯтоҳӣ.
Муддате гӯш бар овози дари дил будам,
То аз ин соли саодат диҳадам огоҳӣ.
Шавқ мехост зи асрори азал замзамае,
Омад аз парда бурун «сояи зиллуллоҳӣ».
(1082 /1671-1672)

* * *

Шукр, ки фазли эзадӣ з-ин гули файз тоза кард
Оинаи умедро ранги баҳорсайқалӣ.
Рехта дар бисоти ноз хирмани гул ба рӯи ҳам,
Карда фазои айшро вусъати шавқ ҷадвалӣ.
Баски дар ин чаманкада нашвунумои огаҳист,
Атласи чарх медамад сабза зи хоби махмалӣ.
Ё Раб, аз ин чароғи дин дар назари ҳам офарин
Партави зоҳири набӣ, ламъаи ботини валӣ.
Соли саодатинтизом нури ду ҷилва арза дод:
«Шамъи тарабсарои сунъ», «ояти раҳмати ҷалӣ».
(1102 /1690-1691)

## Таърихи вафоти Миркаҳосӣ

Соле ки чашм пӯшид аз ҷилвагоҳи сурат
Он ҷавҳари ҳақиқат, он рамзи ҳақшиносӣ,
Оҳи алифнамое аз сина сар заду гуфт:
«Афсӯси Миркаҳосӣ, афсӯси Миркаҳосӣ».
(1105 /1693-1694)

* * *

Шукр, ки фазли Худо дар чамани хони мо
Ин халаф эҷод кард гулбуни пояндагӣ.
Хомаи ишратсарир ҳам ба забони дуо
Соли зуҳураш навишт: «Бар хӯрад аз зиндагӣ».
(1111 /1699-1700)

* * *

Харе зи куштани Икром пеши ман нолид,
Ки он ҳузабри вағо[79] дошт офарин силае.
Бигуфтамаш: сила гар хоҳӣ, ин ду таърих аст:
«Асадсиришт саге» «кушта шуд ба мазбала»-е.
(1115 /1703-1704)

* * *

Ҷаҳони карам, хони маънинавоз,
Ки номаш забонро кунад зеварӣ.
Сарафрози ҷоҳаш уруҷи камол,
Фалаксоя қадраш шукӯҳи сарӣ.

Муҳит аз ҳиҷоби ҳузури кафаш
Бибинӣ, ниҳон дар ниқоби тарӣ.
Саҳоб аз нами рашки эҳсони ӯ
Зи ҳар қатра арзи гиребондарӣ.
Гар аз ҳилми ӯ нукта ронад нафас,
Кунад бар тапишҳои дил лангарӣ.
В-ар аз ҷуди ӯ моя гирад адад,
Ақаллаш бурун н-ояд аз аксарӣ.
Ба таъриси пури баҳоробуранг
Дамонд аз назарҳо чаманманзарӣ.
Зи оғӯши акди ду гавҳар гирифт
Ҷаҳонро ба дукончаи ҷавҳарӣ.
Гулу ғунчаеро ба ҳам рабт дод,
Баҳор асту ин санъати ниҳгарӣ.
Кунун мехарад осмони дуранг
Ба ёқуте аз ранги ошиқ зарӣ.
Тараб бар тараб фарши ноз асту бас,
Чаман дар чаман барги гул бистарӣ.
Зиҳӣ, файзи оме, ки дар васфи ӯ
Нафасрост арзи саҳарпайкарӣ.
Зи бас шаш ҷиҳат нашъа гул кардааст,
Кушоди мижа мекунад соғарӣ.
Ба таҳқиқи ин соли ишратбаҳор
Ду таърих шуд фоли некахтарӣ:
Яке «зинати даври сарву суман»,
Дувум «зеби аҳди Маҳу Муштарӣ».

(1099 / 1687-1688)

* * *

**Қитъае, ки ҳар мисрааш муштамил ба ду таърих аст.**

(1114)
Эй маҳи хуррамибаҳор, ҳамдами ишрат, омадӣ,
(1114)

(1114)
Меҳри сипеҳринтифоъ, мутлақи шафқат, омадӣ,
(1114)

(1114)
Ишқи иродати азал бо ту мувофақатмаҳал.
(1114)

(1114)
Панҷаи ҳимматат забар, ҷунбиши қудрат, омадӣ.
(1114)

(1114)
Кишти умеди маҳрамон домани туст ин замон.
(1114)

(1114)
Халқ кун обёри юмн, ояти раҳмат, омадӣ. (1114)

## МУАММОҲО[1]
### Ғазале ки ҳар мисраъаш муъаммост

**Шуҳрат**
Адабсанҷи баён ҳарфе аз он лаб ҳар куҷо дорад.

**Баҳшӣ**
Хироми мавҷи гавҳар по ба домони ҳаё дорад.

**Адиб**
Кафи хокем, дар мо дигар андози расоӣ ку?

**Қадим**
Ки дасти аҷз, агар дорад баландӣ, дар дуо дорад.

**Моҳир**
Бухор аз гил гуҳар аз об сар бармекашад ин ҷо

**Фаттоҳӣ**
Нагӯӣ мурда рафторе надорад, зинда по дорад.

**Шамс**
Ғаму шодӣ надорад пову сар з-ин моҷаро бигзар,

**Суҳроб**
Чу махмал туҳмати бедории мо хобҳо дорад.

**Роқим**

Аз ин кулфатсаро бархезу по бар қасри гардун зан,

**Қубод**

Қиёматфитнае дар доманат сар дар ҳаво дорад.
Агар сад ном бандӣ бар сафири даъвати анқо,
Ҳамон аз бениёзӣ сар ба авҷи кибриё дорад.[2]

**Фонӣ**

Бақои ҷоҳ мавқуф аст бар инъоми бебаргон,

**Мурид**

Ғано муҳри сари ганҷаш ҳамон дасти гадо дорад.

**Доим**

Сари савдоии ман хоки роҳи ёди дилдоре,

**Муҳаммад**

Ки номаш то расад бар лаб, даҳан ҳамди Худо дорад.

**Ризо**

Замини инқилоби назми ғайрат нест номавзун,

**Имтиёз**

Нишасти гарди майдон бар сари мардон адо дорад.
Магар доғи ту дӯзад чашм бар дарди мани Бедил,
Вагарна, ин гулистон кай сари бӯи вафо дорад?[3]

**Рубоъие, ки ҳар мисраъи он муъаммост**

**Фатҳ**

Тоқат фарсуд ҳарзаҷавлонии мо,

**Муфид**

Кам суд кафи даст пушаймонии мо.

**Биҳиштӣ**

Ҳирс охири кор рехт дар пои тамаъ,

**Фонӣ**

Обе ки ҳаё дошт ба пешонии мо.

**Ду рубоие, ки ҳар байти онҳо муаммост:**

**Ҳумом**

Дил пову сари ғурур дар ҳам молад,
То Бедили мо сина ба марҳам молад.

**Мулло**

Аз дуди ғубори ҷаҳл амон бояд хост,
Шояд ибрат ду чашм бар ҳам молад.

**Холид**

Маҷнуни ғамат ба ҳар чӣ восил гардад,
Холӣ равад аз муроду бедил гардад.

**Қурбонбек**

Як қарн агар ба об бар ҳам бизананд,
Ҳарфест, ки хуни ошиқон гил гардад.

**Рубоие, ки аз чор мисраъаш**
**як ном-номи «Ломеъ» бармеояд**

Ин тавр ҳам аз ҳисоби исми ҳар шай
Фаннест бадеъ, гар тавон бурдан пай.
Аввал бишумор ҳарфи качро ба тамом,
Он гоҳ талаб сулси нахустин аз ҳай.

**Қитъае, ки ҳар мисраъаш муаммост**

**Мирак**
Эй ки мехоҳӣ зи мардум ҳосили иқбол – ком,
**Абӯтуроб**
Обрӯ бар хок резу маҳв кун савдои хом.
**Бадоғ**
Худсарӣ кай мерасонад сар ба болини фароғ?
**Порсо**
По ба роҳи нестӣ кам судай, бишмор гом.

**Қитъае ки аз чаҳор мисраъи он**
**як ном-номи Алӣ (ъалӣ) бармеояд:**

Бедил, имшаб буте ба ҷилва расид
Аввалаш меҳр буду охир моҳ.
Ҳарфи номаш агар кунӣ такрор,
Гул кунад лоилоҳаиллаллоҳ.[4]

## Қитъаи муаммо[4] «а»

Бикшо қатори матлаб, бигсил маҳори уммед
З-он сад тавила як хар, з-он даҳ шутур тавило,
Номаш дар ин муъаммост аз силки ҳудҳудуттайр
Синтон ибни данд н дандон бини ғатило.

## Абёте, ки ҳар мисраъи онҳо муаммост

**Ғуломъалӣ**
Агар ҳазор маҳу меҳр зери пост маро,
**Ҷалолӣ**
Ба ғайри шамъи рухат тирагӣ бачост маро.

* * *

**Беҳзод**
Дареғо, боз кам дид аз сари роҳат дили худро,
**Бақо**
Хаёли ман, ки мегардид он ҷо бесару бепо.

* * *

**Роҳиб**
Баҳори дил ҷуз он ҷони ҷаҳон нест,
**Сӯфӣ**
Гулу сарву санавбар дар миён нест.

* * *

**Сикандар**

Агар савдои ӯ дар сар кунад ҷо ё зи дил хезад,

**Алӣ (ъалӣ)**

Ҳавои ҳарду олам афтад аз по ё бадар резад.

* * *

**Самоъӣ**

Ҳасуд аз мо ба саъйи жожхоӣ кина мехоҳад,

**Муслим**

Зи ғафлат, чун даҳан, дандон буруни сина мехоҳад.

* * *

**Ломеъ – Шамисо**

Бармало охир бинои шамъи савдо рехтанд,

**Ҳусом – Имом**

Доғ бурданд аз дил, аммо бар сари мо рехтанд.

* * *

Чу дар даври сеюм абҷад кунӣ ҷамъ,
Бигардонад талаффуз номи он шамъ.[5]

* * *

**Мадорӣ**

Дӯш бе рӯи ту дар майхонае бурдам суроғ,

**Ҳаким**

Аз сари хум хишт то бардоштам, мегашт доғ.

* * *

**Шаҳоб**

Дар ёди турраат дили шабҳо шикофтам,

**Айюб**

Бӯйе ба ҷуз хаёли парешон наёфтам.

* * *

**Қадим**

Ба чандин ноз мегардад муқайяд сайди озодам,

**Фарaҳ**

Ки ҷои дона дил дар дом резад шавқи сайёдам.

* * *

**Макӣ**

Ман ки дар мулки таайюн нестимоил шудам,

**Ҳошим**

Нуқта будам, сифр ҳосил кардаму бедил шудам.

* * *

**Мурод**

То шавад з-оинаҳо симои дардам узрхоҳ,

**Коҳӣ**

Ҳамчу шамъи куштаам дар доғ пинҳон гашт оҳ.

* * *

Шабе дар водии шавқам ба дил ҷо кард васвосе,
Кашидам аз надомат бори чандин ноқа бар ёсе.

## ТАНБЕҲУЛМУҲАВВИСИН[1]

Эй муҳаввис,[2] дар ҳавои кимиё
Метапад набзи ту чун зайбақ[3] чаро?
Баҳри таҳсили маош, эй бадгуҳар,
Касб бисёр аст, агар бандӣ камар.
Ин чӣ савдо дар сарат афтодааст?
Аз куҷо ин накбатат[4] рӯ додааст?
Рафт чун симоб ором аз дилат,
Ганда чун кибрит[5] шуд обу гилат.
Пир гаштӣ, лек бар ҳарфи муҳол
Меравӣ аз ҷо чу тифли хурдсол.
Медавию мехурад поят ба санг,
Як нафас сокин шав, эй беору нанг.
З-ин тахайюлҳои ботил сар битоб,
Пуч мебофад саропои ҳубоб.
Дуди кибрити ту ҷуз парвоз нест,
Нағма бол афшондаасту соз нест.
Ҳасрати сад ранг тезобат ба пеш,
Талх кардӣ оби ҷӯи айши хеш.
Ҳеч тезобе чу ашки гарм нест,
Лек дар чашми ту оби шарм нест.
Ҳар чӣ дорад қаръи ваҳм, эй худписанд,
Ҳамчу инбиқат[6] зи бинӣ мекашанд.
Аз маоҷин[7] пой дар гил мондаӣ,
К-аз гудози умр ғофил мондаӣ.

То ба ҳам гардад филиззат мулғама,[8]
Ҳал шудаст аҷзои бунёдат ҳама.
Гаҳ бар обу гаҳ бар оташ мезанӣ,
Рӯзу шб дар назъию ҷон меканӣ.
Дар такупӯ бохтӣ таскини хеш,
Аз ҳавас симоб кардӣ дини хеш.
То ба кай аз ақли ҷаҳландӯзи ту
Почаки даштӣ[9] бувад дилсӯзи ту.
Ибрате, к-аз шуғли саргин сӯхтан
Ханда дорад шамъи ноз афрӯхтан.
Нестӣ Зардушт, эй оташпараст,
То ба кай дар оташат бояд нишаст?
Чанд, эй мағрури ғафлатпешагӣ,
Дар дили дӯзах биҳиштандешагӣ?
Эътиборат равшан аст аз шуғли кор,
Аҳли норӣ, аҳли норӣ, аҳли нор.
Сунбулу гул дастгоҳи гулшанест,
Дуду оташ обрӯи гулханест.
Гар на ғассоқи[10] ҷаҳаннам мечашӣ,
Шири заққум аз чӣ лаззат мекашӣ?
Дил чу гулхан тира гир аз дуди ҳирс,
Судани даст аст яксар суди ҳирс.
Метапӣ ҳамдӯши ҳасрат рӯзу шаб,
То ғализеро тавонӣ баст ҳаб.
Гар ҷуал[11] хонандат, эй аблаҳ, маранҷ,
Гавҳари аъмоли худро ҳам бисанҷ.

Ҳамчу хар дорад ба чандин печу тоб
Фикри симоби ғализат дар халоб.[12]
Эй ғализандеша, покиҳот рафт,
Дурд монду софӣ аз минот рафт.
З-ин ғализӣ лофи покӣ то ба чанд?
Зайбақӣ, то бишкуфӣ, бар худ биханд.
Хурдаӣ аз симиёкорон[13] фиреб,
К-ин қадар кардаст ҳирсат ношикеб.
Симиё ҳарчанд дорад афзалӣ,
Лек ту дар ҳасрати зар акмалӣ.
Чун туро бетоби рағбат дидааст,
Соҳиби норинҷ[14] ҳалво ридааст.
То ба ин найранг аз роҳат барад,
Аз фусуни авҷ дар чоҳат барад.
В-арна асли кимиё ранг асту бас,
Симу зар фаҳмиданат нанг асту бас.
Дар луғат ҳиласт номи кимиё,
Мебарад ин лафзи маҷҳулат куҷо?
Ҳеч кас мазмуни ин номат нагуфт,
К-аз мизоҷат ҳирси симу зар шукуфт.
В-арчи[15] ғӯлонат чунин парвардаанд,
Аз кадомин мазбала-т овардаанд?
Лаънатуллаҳ бар чунин фаҳми ҷаҳул,
Одамӣ, он гаҳ ба фитрат нанги ғул.
Дил макун дар судани аҳҷор реш,
Даст бар ҳам судане дорӣ зи пеш.

То ба кай захмат нихӣ бар дасту дил?
Инфиоле гул кун, эй номунфаил.
Даст агар мехорадат, чашме бимол,
То дил аз судан нагардад поймол.
Нураву зарних[16] молидӣ ба ҳам,
Як сари мӯ ҳам нашуд ҳирси ту кам.
Милҳу килё[17] коми ҳушт шӯр кард,
Шӯра охир чашми ақлат кӯр кард.
Бенамак мондӣ ба ин шӯрӣ чаро?
З-ин ҳама ташмеъ[18] бенурӣ чаро?
Мекунӣ навшодир андар рӯда ҳал,
Ғофилӣ лекин зи такрори амал.
Он чи акнун роҳи такрорат кушуд,
Пеш аз ин дар меъдаат ҳал гашта буд.
З-ин қибал ҳар рӯз бе ташвишу кад[19]
Воқеъа аз чоҳи ҳаллат мекашад.
Ҳалли аҷсод[20] аст ҷаҳди ботилат,
Дар зибал[21] хуфтию ҳал шуд мушкилат.
Инфиоле, то чӣ иншо кардӣ,
Ибрате, гар чашм пайдо кардаӣ.
Хук агар равшан шавад гуҳ хурданаш,
Зиндагӣ гардад азоби мурданаш.
Инфиол аз сози ғафлат ҷастааст,
Чашми ибратҷӯш мижгон бастааст.
Хоҳ оташ, хоҳ рег афкан ба дег,
Киште ин ҷо барнамеояд зи рег.

Реги бирёнат нашуд дандоншикан,
Беҳ, ки муште хок резӣ дар даҳан.
Ҳар кӣ аз симоб мехоҳад субут,
Нағма меҷӯяд зи тори анкабут.
З-ин хаёи пуч натвон кард кам
Гардиш аз афлоку аз симоб рам.
Кӯраи ҳирсию месӯзӣ димоғ,
Ҳам ба хокистар магар ёбӣ фароғ.
Сард гардад гармие, к-ат дар сар аст,
Охири ин шуълаҳо хокистар аст.
Сахтии арзиз[22] мехоҳад дилат,
Дар гудоз афканда саъйи ботилат.
Дар хаёли килси қишр[23] афтодаӣ,
Эй ҳубоб, аз мағзи маънӣ содаӣ.
Бош, то навмедият пар бишканад,
Дар кулоҳат байзае сар бишканад.[24]
Баски мағзат аз фусурдан гашта пӯст,
Занги дил чун талқи асвад[25] тӯбатӯст.
Истиқомат аз биноят карда рам,
Муш шуд бисёру саммулфор[26] кам.
Тӯтиё овард дар чашмат ғубор,
Кард шангарфат сиёҳӣ ошкор.
Ҷӯят аз мавҷи ҳаловат сода аст,
Оби зоҷат пурзумухт[27] афтодааст.
Бош, то хокистари аъмоли ту
Ногаҳон молад сафедобат ба рӯ.

Дар ҳавои зар макаш беҳуда ранҷ,
Кам нагардад ҳирси хок аз васли ганҷ.
Гар кашад мизон ду олам симу зар.
Ҳамчунон хамёзааш бошад ба бар.
Талх шуд ком аз таманнои зарат,
Сӯхт хуну рехт сафро дар сарат.
Аз зари оташмизоҷи умркоҳ
Чанд чун ангишт бошӣ дилсиёҳ?
Оташи ин ваҳм ҳар кас барфурӯхт,
Хонумони худ ба ранги кӯра сӯхт.
Серчашми ҳирсро аз зар куҷост?
Бӯтаро[28] доғи тиҳидастӣ ба ҷост.
Гуфт пайғамбар: Дар ин дори ҳавас
Ҳалли талқ[29] омад ғанои халқу бас.
Номи муҳтоҷ аст халқ, эй бехабар,
Нест мумкин, к-аз ғано ёбад асар.
Баски ҳирс аз фаҳми маънӣ сода аст,
Оламе дар ҳалли талқ афтодааст.
Яъне ин ҳал чун бр аҷсод афканем,
Аз мису арзиз симу зар кунем.
Тиз дар риши харон пуф мезанад,
К-аз муҳол он ҷо нашуд фарқи санад.
Кимиё вақте барандозад ниқоб,
К-ояд аз симоб рафъи изтироб.
Боз саммулфору[30] кибрит имтиҳон
Бар сари оташ наянгезад духон.

Ин масал ҳам ғайри истибъод[31] нест,
Лек табъат маҳрами иршод нест.
Ҳосилат бод аст, эй хар, ҷон макан,
Ҳамчу манфах чанд хоҳӣ пуф задан?
Монеъи фаррор[32] набвад саъйи кас,
Нест мумкин забти парвози нафас.
Менамояд зайбақат аз бӯта рам,
К-эй ба худ вомонда, роҳӣ шав ту ҳам.
Бӯи кибритат ҷаҳонро ганда кард,
Нафси шумат рӯҳро шарманда кард.
Табъи сахтат он қадар бешарм шуд,
К-аз ҳиҷобаш сангу оҳак нарм шуд.
Хок мезебад ба фарқат бехтан,
Сурб мебояд ба ҳалқат рехтан.
Ҳасрати танқияи[33] аҷсод чанд?
Об гарду софии дил нақш банд.
Софии дил з-ин амалҳо ботил аст,
Ҳақ нагардад ҷилвагар, то ботил аст.
Шишаеро гар ба гил андудаӣ,
Гавҳари дилро ба хок олудаӣ.
Бӯтаеро гар муаммо кардаӣ,
Чашми таҳқиқи худ аъмо кардаӣ.
То ба доми ҷаҳди ин андешаӣ,
Чун гили ҳикмат саропо решаӣ.
Ҳар чӣ аз гавҳар мусаъъад мешавад,
Рӯҳи софӣ дар таназзул меравад.

Ботинатро танқия суде накард,
Оташи кори ту ҷуз дуде накард.
Тасқия[34] лабхушкиятро шуд кафил,
Ташвия[35] бар хомсӯзиҳо далел.
Аз ҳавасҳо пок шав, беғаш баро,
То нагардӣ доғ, аз ин оташ баро.
Ақди ин аҷсод меорад малол,
Ақд кун дилро ба ёди зулҷалол.
Эътиқодат чун ба Ҳақ шуд устувор,
Зайбақи худ қоим аз оташ барор.
Чанд бо кӯрӣ тавон будан надим?!
Гул манеҳ дар дида аз динору сим.
Симро фаҳмидаӣ бахти сафед,
Рӯсафедӣ аз барас дорӣ умед.
Оламеро кард ҳирси сим кӯр,
Барф аксар бурдааст аз чашм нур.
Ин ки аз зар ханда дорӣ бар забон,
Хурдаӣ монанди наргис заъфарон.
Пеши доно з-ин бало кай беғамист,
Иллати ярқон чӣ ҷои хуррамист?
То кунандат хилъати заррин ба бар,
Чун гули раъно макун хун дар ҷигар.
Узв-узв аз захми хор озурдааст,
Гул ки ҳамчун омилон зар хурдааст.
Гар шудӣ аз симу зар иззатфузун,
Наргис аз гулшан нарастӣ сарнигун.

Хона бояд аз тило пардохтан,
То ба кай бо зардрӯён сохтан?
Домат уммеди заре афсурдааст,
Бе такаллуф, муддаоят мурдааст.
З-ин ҳавас софӣ тамаъ аз дил мадор,
Бе сиёҳӣ нест дасти заршумор.
Сафҳаи андеша қирандуд чанд?
Шамъи фитрат поймоли дуд чанд?
Зарпарастӣ нест дар мулки камол,
Гар ҳама хуршед бошад безавол.
Умрро дар фикри зар кӯтоҳӣ аст,
Тоҷи заррин шамъро ҷонкоҳӣ аст.
Зар ба ранги маъсиятҳо мекашад,
Охир ин сафро ба савдо мекашад.
Кош зар бошад ҳусули матлабат,
То дамад субҳе зи оғӯши шабат.
Ин фусун барҳамзани ҷамъият аст,
Барқрези хирмани ҷамъият аст.
Дар пайи беҳосилӣ заҳмат мабар,
Меравад охир чу ранг аз бӯта зар.
Бар чунин зарҳои найранги ҳавас,
К-аз камоли ҷилватимсол асту бас,
Гар ба ҷидду ҷаҳд афзудӣ иёр,
Қалбро додӣ фиреби эътибор.
Ростиро кор фармо, эй дағал,
Олами ин илм бояд беамал.

Ин амал тадбили ранге беш нест,
Лек идрокат савобандеш нест.
Оҳанат гар нарм дар оташ нишаст,
Нест вақти озмудан бе шикаст.
В-ар нуҳосат[36] ранги зар гардад аён,
Бе сиёҳӣ нест чоҳи имтиҳон.
Ҷидду ҷаҳди ин амал аз хирагист,
К-охири кораш шикасту тирагист.
Ҳар кӣ мегардад дар ин фан устод,
Медиҳад охир сари худро ба бод.
Кимиёгар ҳар киро фаҳмидаанд,
Қатли ӯ чун дузд воҷиб дидаанд.
Гар ба ҷурми мол гардан мезананд,
Молдорони дигар чун эминанд?
В-ар бигӯӣ, аз шукӯҳи ин амал
Дастгоҳи хусравон дорад халал,
Во намо аз аҳди Одам то кунун
Кимиёгар кай ба ҷоҳ омад бурун?
Иллаташ он аст, к-ин қавми дағал
Медиҳанд аҷсодро ранги амал,
То ваболи кисаи мардум шаванд,
Ин харон, ё Раб, зи олам гум шаванд.
Накбат аз аҳволи эшон фолгир,
Ҳиҷлат аз аъмолашон равнақпазир.
Хонаҳо вайронаи кулфатпалос,
Тан гиребончок, урёнӣ либос.

Рӯзу шаб ноэмин аз худ чун вуҳуш,
Макмани[37] нақби рабудан ҳамчу муш.
Бо вуҷуди ин асарҳои аён
Қиблагоҳи аҳли ҳирсанд ин сагон.
Гар ҳамин бошад камоли кимиё,
Хона оташ зан, ба ин сурат баро.
Ҳирс дар ҳар ҷо ғубори вахм бехт,
Бар сари ин қавми бесармоя рехт.
Ҳар куҷо аз санъати худ дам заданд,
Оламеро хонумон барҳам заданд.
Нест афсуне чу ҳарфи симу зар,
К-ин харонро бурдааст аз якдигар.
Гуфтаи ин қавми дун бовар макун,
Ҳамчу эшон хешро ҳам хар макун.
Ҳар чӣ бошад, ин харон куни харанд,
Одамилафзанду мазмуни харанд.
Не Худо донанд инҳо, не расул,
Дин маҷӯ з-ин зарпарастони фузул.
Гӯшагириро ки бишниданд ном,
Ҳирсҳо бигсехт дар фикраш зимом,
К-ин қаноатпеша соҳибкимиёст,
Варна дар офоқ ҷамъият кирост?
Ҳар кӣ бунёди ғано таъмир кард,
Дастгоҳаш ҳосил аз иксир кард,
Маънии раззоқашон кай бовар аст?
Назди эшон розиқи мутлақ зар аст.

Дар баёни ибрати аҳволашон
В-аз маоли ҳосили аъмолашон
Хомаам сатре ривоят мекунад,
Ҳуш агар бошад, кифоят мекунад.

## Ҳикоят

Буд дар Мисри балоҳат[38] аҳмақе,
Аз фусуни кимиё дар чақчақе.
Бисмили теғи ҳавас бе савту ҳарф,
Умр дар иксирҷӯӣ карда сарф.
Ошёни бӯи кибриташ димоғ,
Чун зари қалб аз ҷигар то сина доғ.
Дар ғубори ҳасрати шамсу қамар
Рӯзаш аз шаб сад калаф ториктар.
Дил пур аз васвосу хотир пурҳавас,
Кимиё мегуфту ҷон медоду бас.
Васфи доное ба гӯши ӯ расид,
Ҳамчу симобаш тапиш маҳмил кашид.
Боли савдои тавофаш боз кард,
Дуди кибрите шуду парвоз кард.
Баъди қатъи сад биёбон ҷустуҷӯ
Бурд раҳ то боргоҳи васли ӯ.
Расми тоат муддате мебурд пеш,
Дидаш охир меҳрубони ҳоли хеш.

Нусхае аз хидматаш кард илтимос,
Дар субути зайбақу ҳалли нуҳос,
К-эй нигоҳат кимиёи эътибор,
Боре аз иршод маҳрумам мадор.
Ин амал гар дастёри ман шавад,
Шаш ҷиҳат симу зарам хирман шавад.
Табъи доно аз қумоши фитраташ
Ёфт рамзи тору пуди ҳимматаш.
Гуфт: Эй сармояи ҳушат ҷунун,
Аз канорат нест матлубат бурун.
Шаҳдҳо дар пардаи занбури туст,
Марҳами беҳбуд дар носури туст.
Аз ту берун нест аъмоли кабир,
Ҷаҳд дорад файзҳо, саҳлаш магир.
Рав, муҷавваф[39] олате аз мис бисоз,
Лек бояд як ваҷаб бошад дароз.
Ҷавфи онро пур кун аз симоби соф,
Баъд аз он дар худ фурӯ бар то ба ноф.
Ҳамчунон дар мақъадаш маҳфуз дор,
Баъди чил рӯзаш аз он мавзеъ барор.
То шавад дар чашми маъниравшанат
Шамъи мақсад ҳам ба зери доманат.
Зайбақ он ҷо сахт қоим мешавад,
Сахтии мис ҳам мулоим мешавад.
Ҳар чӣ он ҷо рафта бошад з-ин фусун,
Чун бурун орӣ, ғализ ояд бурун.

Хурдабинон[40], к-ин амал фаҳмидаанд,
Аз нигоҳи ғофилон пӯшидаанд.
Маҳрами кайфияти асрор бош,
Фурсат аз каф меравад, дар кор бош.
Гар бибояд з-ин амал гул чиданат,
То чиҳил рӯз аст забти риданат.
Мушкили корат ҳамон забт асту бас,
Ғайр аз ин фикри дигар хабт[41] асту бас.
Тан ба мардӣ деҳ, ки чандон кор нест,
Пеши мардон ин қадар душвор нест.
Чун чунин кардӣ, шавад корат тамом,
Беш аз ин натвон намудан, вассалом.
Булҳавасро баски бетобӣ фишурд,
Олати якзаръ ҳам кӯтаҳ шумурд.
Сарнигун бе илтифоти обу нон
Хуфт дар хоки дукони мисгарон.
То кунад он олат изҳори вуҷуд,
Изтироб оғӯшаш аз мақъад кушуд.
Рафт бе хавфи ҳалоку бими дард
Дар таҳи хеш, он чи дил мехост, кард.
Ҳирс чанде мушкилаш осон гирифт,
Лек охир ҳуқнааш[42] тӯфон гирифт.
Метапид, аммо ба худ печида буд,
Нола мекарду нафас дуздида буд.
Рафта-рафта тоқаташ бетоб шуд,
Пой то сар луъбати симоб шуд.

Чун сару кораш ба беҳушӣ кашид,
Чора мушкил буд, оҳе карду рид.
Олат аз таҳ часту кор аз даст рафт,
Ҳамчу тир, аз парда то барҷаст, рафт.
Саъйи дандон бар ҷигар афшурданаш
Аз қафо во кард роҳи мурданаш.
То бигирад олати барҷастаро,
Рафт ҷони нотавон ҳам аз қафо.
Орзу мушакдавонӣ карду рафт,
Имтиҳони сахтҷонӣ карду рафт.
Ҳамдамонро аз шигифти ин ҳавас
Зери лаб ангушти ҳайрат шуд нафас.
Ҳар кӣ бишнид аз ҳаваснокони ҷаҳд
Ҳасраташ бо сад таҳайюр баст аҳд.
Истиқомат монд доғи ҳимматаш,
Офарин лаб мегазид аз ҷуръаташ.
Ҳар якеро хор-хор аз худ рабуд,
Лек тоқатҳо заиф афтода буд.
Ҷумла нолон, к-ин амал, бе гуфтугӯ,
Пур муҷарраб[43] буд, аммо тоб ку?
Муддате он олати ибратнамуд
Дастгоҳи ҳасрати ин қавм буд.
Оқибат шамъи мазораш сохтанд,
Сарви боғи иштиҳораш сохтанд.
Яккалам ин қавм аз ин кайфиятанд,
Ҳар куҷо бинӣ, ба ин хосиятанд.

## Хотима

Ҳар кӣ дуккони хаёли ҳирс чид,
З-ин сифат сад ранг расвоӣ харид.
Хатми аъмоли ҳавас ин асту бас,
Ҳар чӣ дорад ҳирс, рангин асту бас.
Эй гирифтори хаёли симу зар,
Алҳазар з-ин шуғли ботил, алҳазар.
Сурати анҷоми ҳирси кимиё
Сайр кун аз ибрати ин моҷаро.
Ин ҷунунҳирсе, ки дар бунёди туст,
Доми нанги фитрати озоди туст.
Пеш аз он, к-аз феъли худ гардӣ хиҷил,
Мунфаил шав, мунфаил шав, мунфаил.
Чашми ибрат гар дare накшодааст,
Олати мақъад камин истодааст.
Аз ҳавас то кай ҷунунпаймо шавӣ,
Тарсам, охир з-ин батар расво шавӣ.
Бе такаллуф, ҷуз зиёнат суд нест,
Кимиёгар оқибатмаҳмуд нест.
Нусхаи аъзам зи Бедил ёд гир,
Тавба кун, худро зи нанг озод гир.
Аз пайи таклиси[44] пиндору ғурур
Кӯрае тартиб деҳ аз ёди гӯр.
Риши хоҳишро хаси ин кӯра кун,
Пашми омоле ки дорӣ, нура кун.

Бӯтае аз чашми барҳамбаста соз,
Ҳирсҳоро аз тағофул вогудоз.
Боди нахват, оташи шаҳват гузор,
Равған аз мӯи бурути худ барор.
Гар чакад як қатра з-ин равған ба хок,
Аз самак сомони зар кун то Симок.[45]
То тавоной далели орзуст,
Ҳирс болафшони чандин ҷустуҷӯст.
Орзу гар сӯзад, асбоби ғаност,
Чун дилат ором гирад, кимиёст.
Тарки ин тадбир тадбират бас аст,
Аз гудози хеш иксират бас аст.

## СИФАТИ АСП

Шабе дар ҷунунзори дашти хаёл
Дил аз бехӯдӣ дошт ҷавлони ҳол.
Нафас буд маҷнуни сарсартакӣ,
Парафшони оҳанги ғайратякӣ.[1]
Тапишҳо зи набзам бағал мекашид,[2]
Ҷунун дар димоғам кутал мекашид.[3]
Ба маҳмези тафтишам афтод кор,
К-аз ин ҷустуҷӯ вошикофам ғубор.
Зи гарди саманди сабуктози шавқ
Сиёҳӣ шуд оинаи таҳту фавқ.
Ба мутлақъинонӣ пай андохтам,
Зи қалби сиёҳӣ бурун тохтам.
Хаёли парӣ шишае зад ба санг,
Гирифт имтиҳонгоҳи фитрат таранг.
Сарири қалам шеҳа бунёд кард,
Гаравтозии фурсат иршод кард.
Таки бодпое шунидам зи дур,
Ки меомад афшонда сомони сур.[4]
Буроқе ҷаҳонтози гардуннаворд,
Фарозандаи гардани саъйи мард.
Язакбанди[5] ҳангомаи турктоз,
Хароботмасте ба фитроки ноз.
Баҳоре чаманнашъаи гулаёғ,
Ба кайфияти май саропо димоғ.
Чу иқболи болида сар бар саҳоб,
Чу шамшери ёзида хуршедтоб.

Зи соғаркашиҳои озодагӣ
Лагадзан чу гардун бар истодагӣ.
Гар аз васфи ӯ вонигорад қалам,
Ба ишкели мистар намонад рақам.
Вагар ҳарфаш иншо намояд ҳавас,
Баён бигсилад полаҳанги[6] нафас.
Чу фикри маонӣ ҷунунзои рам,
Чу табъи равон пой то сар қадам.
Дрангаш ба сад дашту дар аз шитоб,
Шитоб он суи олами изтироб.
Дами пӯя бар хеш гирад шигифт,
Забоне, ки номи инонаш гирифт.
Шуд аз шарми ҷуръат ба мижгон ниҳон,
Нигоҳе, ки дод аз хиромаш нишон.
Чу мавҷи гуҳар бо нишебу фароз,
Саропош аз якдигар пештоз.
Зи бетоқатӣ дашти девонае,
Ба сомони ваҳшат парихонае.
Ба роҳе, ки ин шӯхи ғайратхиром
Зи мутлақъинонӣ занад як-ду гом.
Суроғаш на сарсар, на бод оварад,
Магар рафтан аз худ ба ёд оварад.
Ба ҷое ки ин рахш бошад равон,
Адам зиндагиро нагирад инон.
Нигаҳ то зи мижгон ба мижгон расад,
Паяш он суи дашти имкон расад.

Ба васфаш ғубори ҳавас рафта гир,
Агар лаб кушудӣ, нафас рафта гир.
Фалак-гарде аз шӯхияш ҷастааст,
Ки то ҷаста, ин фитна наншастааст.
Замин он қадарҳош ҷуръат куҷост?
Таҳи пош то паст шуд, барнахост.
Маҳи нав фалакҳо намудаст тай,
Ки бо шакли наълаш расондаст пай.
Гар оташ шарар дар варақ мебарад,
Ба нози хиромаш арақ мебарад.
Замоне ки аз так задан по фишурд,
Ғубор устухонбандӣ аз кӯҳ бурд.
Ҳама гар ба хоро ниҳон шуд шарор,
Чароғи раҳи бод гашт ошкор.
Заминро ба сад чарх паҳлу расад,
Ки гарди сумаш то ба зону расад.
Зи тезии рафтори ӯ дам задан
Кунад қатъ то ҳашр роҳи сухан.
Баён роҳи васфаш чӣ сон мебурад,
Ки номаш зи тезӣ забон мебурад?
Ба чоҳе ки аксаш фитад дар шитоб,
Тиҳӣ созадаш нола чун най дар об.
Ба гулшан агар ҳарфи ӯ меравад,
Пайи ҷустани оби ҷӯ меравад.
Зи бас гарди ваҳшат таҳи пойи ӯст,
Ба дил гар расад нола, ҷӯёи ӯст.

Давидан зи ёди савораш барад,
Ки бар пушти зин интизораш барад.
На пеш аст дар ёди рокиб, на пас,
Ба ҳар сӯш як хоб бурдасту бас.
Ба ҳар ранг роиз[7] инон бохтаст,
Магар ранг донад, куҷо тохтаст?
Тасаввур ба вақти хиромиданаш
Саросематоз аст аз диданаш.
Сару сина то сайри бомаш кунад,
Надонад назар, то лаҷомаш кунад.
Чу наққоши ӯ хома гирад ба чанг,
Садаф[8] пар кушояд ҳамоғӯши ранг.
Зи чустиш[9] яксар, ба ранги нафас,
Азал то абад вақфи як гому бас.
Ниҳону аён як такаш ҳамчу моҳ,
Замин то фалак як қадам чун нигоҳ.
Дар ин арса аз рафтану омадан
Кунад гардаш эҷоди чандин чаман.
Баҳоре тамошои ҷузву кул аст,
Равад, ранг, чун боз гардад, гул аст.
Сипанд аст дар оташ аз наъли хеш,
Ба ҷастан зи ҷастан ба сад дашт пеш.
Агар дасту пояш ҳино бастаанд,
Ба сад илтимоси ҳаё бастаанд.
Ҷунунтоз ҳар гаҳ зи ҷо ҷастааст,
Шарарҳо зи ранги ҳино ҷастааст.

Зи бас тавсани ваҳшаташ саркаш аст,
Зи ранги ҳино наъл дар оташ аст.
Ҳиноро, к-аз он дасту по дида тоб,
Чу хуни шаҳидон ба хоб аст, хоб.
Ба худ низ аз саркашӣ ром нест,
Чу симобаш имкони ором нест.
Ба тадбир таълими хобаш диҳанд,
Ки аз чоҳи симоб обаш диҳанд.
Ситодаст ин барқи ваҳшатбачанг
Буруntap зи ҷастан дар оғӯши ранг.
Тавон кардан аз наъли ӯ интихоб
Ишороти абрӯи барқи шитоб.
Аз он шуълаи ваҳшаташ саркаш аст,
Ки зин домане дораду оташ аст.
Ясору ямин ваҳшатангези ӯст,
Ҳамон шакли фитрок маҳмези ӯст.
Зи бас гардиши хеш ваҳшаткамин,
Ҳинобаста тамкинхиром аст зин.
Аз ин беш ваҳшат надорад ҳисоб,
Ки оҳан дар ин ҷост подаррикоб.
Ба так доди осудагӣ додааст,
Равон аст, пиндорӣ, истодааст.
Ба гоми сабук в-аз сафири хушоб
Ба танбӯри туркон диҳад гӯштоб.
Гар аз нақши зонуи ӯ бӯ барад,
Тани чиниён хиҷлати мӯ барад.

Ба оинапардозии доғи рон
Дамад гул зи пешонии зангиён.
Ба пояш кӣ ҷуръатписандӣ кунад?
Маҳи нав магар наълбандӣ кунад.
Амал[10] гар ба ваҳшат ҷидол афтадаш,
Ба гардаш расидан муҳол афтадаш,
Ки мебояд аз нақши пояш нишон
Пайи ҷодаҳо сӯхт то Каҳкашон.
Ба ҳар гом сад дашт тай карданаш,
Зи ҳар шеҳа сад кӯҳ ҳай карданаш.
Ғубори раҳаш гар биболад ҷабин,
Нишинад қадам бар ҳаво ҳар замин.
Вагар пас ба сайри ҳавояш кунад,
Фалак чашмак аз нақши пояш кунад.
Хиромаш зи бас ваҳшатомода аст,
Талошам ба симоб истодааст.
Саҳар гар ба фитрокаш эҳром баст,
Ба сад ҷаҳд як оҳ бар лаб нишаст.
Шамолу саборо ба рафтори ӯ
Нишастан зи ҳар сӯ ба девори ӯ.
Чу тимсол ҳар ҷо парафшонда аст,
Ки оҳистабарқ асту вомонда аст.
Чу саргарми ҷавлонгарӣ мешавад,
Ҳаво шишаи ин парӣ мешавад.
Чу бо ваҷди мастона ояд бурун,
Қиёмат зи майхона ояд бурун.

Хати ҷом агар дилкаши таври ӯст,
Камарбастаи хидмати даври ӯст.
Зи гарданкашӣ нашъа дар сар давад,
Зи мастӣ занад, даври соғар давад.
Зи болодавиҳош рахши саҳар
Зи шабнам сум афканда дар дашту дар.
Агар саъйи барқ аст, афсурда аст,
Вагар шуъла, хас дар даҳон мурдааст.[11]
Ба дасте ки давраш ба паргор ронд,
Ба лавҳи ҳаво ҳарфи ҷавлон намонд.
Адаб маъзаратномаи гирдбод
Бипечиду нохонда бар бод дод.
Зи гоме ки бо ӯ баробар занад,
Ба сад ҷо раҳи барқ қайсар занад.
Ба ҳамворияш гар кунад ҳамсарӣ,
Хурад рахши бӯи гул искандарӣ.[12]
Ба ҷавлонаш аз ҷастани бедаранг
Ба рӯи шарар по ба гил хуфта ранг.
Ба ҳар ҷо шавад, аз такутози ӯ
Расидан ҷанибаткаши[13] нози ӯ.
Сиёҳӣ ба чашми ғизол аз ҳаё
Шавад соя, то бӯсадаш нақши по.
Инонаш нагирад касе аз ҳавас,
Ки бӯи гул он ҷо надорад нафас.
Нигаҳ сад саҳар ҷайби мижгон дарад,
Ки як кӯча з-ин раҳ ба поён барад.

Кӣ гардад ба он саркашӣ ҳамъинон,
Ки баргашт мижгон ба чашми бутон?!
Ба пешаш назар нест марди талош,
Магар ашк гардад ба чашм аз қафош.
Муҳите, ки дар рафъи ҷӯши хатар
Кашад забти мавҷаш инони гуҳар.
Надорад ҷуз ин рахши зарринлаҷом,
Наҳанге ки қуллоб дорад ба ком.
Ситодасту дорад такупӯ ҳамон,
Чу дар ҷӯи шамшер оби равон.
Муҳол аст, хоби фусурданқафас
Кунад манъи ҷавлони ӯ чун нафас.
Зи ҷоҳе, ки ин луъбати сарфароз
Ба меърочи раъноияш бурда ноз.
Куҷо сар ба охур фуруд оядаш?
Магар Каҳкашон дар суҷуд оядаш.
Мусаввир даме к-ин шамоил кашад,
Ки ҳар узви ӯ бурдани дил кашад.
Чу аз пайкараш нукта ронад забон,
Заминро занад бар сари осмон.

**Таърифи сари асп**

Саре карда аз кӯҳи ҳиммат баланд,
Ки он ҷо фалак ҳалқа дорад каманд.
Сипеҳр ин баландӣ куҷо доштаст?
Димоғи дигар гардан афроштаст.

Ҷаҳоне зи ҳангомаи бартарӣ
Намудораш аз осмонпайкарӣ.
Адаб то ба тимсоли ӯ сар фиканд,
Нагардид аз оина ҷавҳар баланд.
Агар Каҳкашон гардан оростаст,
Дар ин арса думхез бархостаст.
Вагар даст ёзид тӯфон ба авҷ,
Гуҳар баст ҳайрат зи чинҳои мавҷ.
Дар ин баҳр, к-аз ҳар хами мавҷи ӯ
Шинои фалак бурда сар дар каду,
Ту ҳам з-имтиҳон гар надорӣ гузир,
Чу дасти ғариқ иртифоъе бигир.
Гарат дар чунин варта афтодан аст,
Ба қаър аз баландӣ дарафтодан аст.
Гар аз мавҷи май нардбонҳо кунӣ,
Ба ҳар гом бояд қадаҳ бишканӣ.
Дар ин ҷо расоӣ чӣ андеша аст?
Ки сад нашъа як гардани шиша аст.
Ба ҳайрат қаноат кун аз диданаш,
Ки пур пештоз аст болиданаш.
Ба ҳар ҷо расӣ, маҳв гарду биист,
Баландӣ дар он ҷо инондор нест.
Адабмашрабӣ бишнаву гӯш бош,
Маориф баланд аст, хомӯш бош.

## Таърифи гардани асп

Бинозад баландӣ ба иқболи хеш,
Ки бо гарданаш ҳамсарӣ бурда пеш.
Хаме дорад ин гардан аз бартарӣ,
Ки гар ворасӣ, олами дигарӣ.
Зи мавҷе ки тӯфон-ш гардид фарш,
Расондаст суккони[14] киштӣ ба арш.
Ба ҳар ҷо ҷавониш гардан кашид,
Хами шохи тӯбо ба пирӣ расид.
Аз он хам, ки мавзӯъи ин пайкар аст,
Димоғи руъунат тавозуъгар аст.
Касеро ки иқболи давлат расост,
Саре гар ба ин хам расонад, баҷост.
Дар абрӯи хубон ҳамин ҷавҳар аст,
Ки аз чашму мижгон хамаш бартар аст.
Дамидаст аз килк ҳам ин сарир,
Ки аз маҳ хамидан надорад гузир.
Хам ороиши маҳфили нози ӯст,
«Тавозуъ зи гарданфарозон накӯст».[15]
Дар ин нусха ҳарфи руъунат кам аст,
Сари маҳ зи бори расоӣ хам аст.
Ба тамҳиди раъноии эътидол
Алиф карда пайдо гиребони дол.
Ҳама гар тавон наргисистон шудан,
Ҳарифи чунин ҷилва натвон шудан.
Зи фикри баландаш бигардон инон,
Ки мегардад он ҷо сари осмон.

Чу раъноӣ аз ҳайаташ қад кашид,
Ба меҳвар зи қавси қузаҳ мад кашид.
Хиромад ба он гардани нозмаст
Насими баҳорӣ сурохӣ ба даст.
Дил аз бехудӣ ҳар тараф меравад,
Ҳарифон, сурохӣ зи каф меравад.
Ба худдорӣ он беҳ ба санге занем,
Қадаҳ гар набошад, таранге занем.

### Таърифи ёли асп

Қалам гар занад фоли таҳрири ёл,
Расоӣ шавад нуқтаи килкнол.
Ҳадисаш ба арзи баён дол шуд,
Гираҳ муҳри тӯмори омол шуд.
Сухан то аз он муҳри печида гуфт,
Дарозӣ дар афсонаи мор хуфт.
Ғубораш дар андеша доман фишонд,
Ба зулфи парӣ сояи мӯ намонд.
Гузаштан аз ӯ мушкил афтодааст,
Ки чун субҳа дил бар дил афтодааст.
Нашуд марди ҷавлонаш андешае,
Шикастаст дар ҳар шикан шишае.
Чӣ ёлу чӣ кокул? Каманди дил аст,
Раҳоӣ аз ин домҳо мушкил аст.
Замоне ки доманкашон меравад,
Ба по зулфи Лайлӣ кашон меравад.

Мурувват дар ин арсаи имтиҳон,
Ки аз саъйи эҳсон напечад инон.
Аз ин турра бӯе ба ҳомун баред,
Паёме ба оҳуи Маҷнун баред,
К-аз асрор ғофил набояд шудан,
Нарафтаст Лайлӣ аз ин анҷуман.
Зи Юсуф агар кошифи сина аст,
Ҳамон бӯи пироҳан оина аст.[16]
Баланд онқадарҳо, ки дасти хаёл
Расад то ба домони ӯ синамол.
В-агар мурғи авҳом паррад баланд,
Занад лофи парвози минқор банд.
Нигаҳ аз тамошои эҳроми ӯ
Шавад ашку ғалтад зи мижгон фурӯ.
Расоӣ гар ин аст, бе бешу кам
Ба пашмаш хурад риши зоҳид қасам.
Чу во гардад он кокули анбарин,
Хазад мушк дар пишки[17] оҳуи Чин.
Ба сад хиҷлате табъи аҳли зуком,
Хутан дар дили нофа дуздад машом.
Чу машшотааш бе ғубори ҳиҷоб
Кашад шона аз панҷаи офтоб,
Муҳол аст хатти шуъоъ аз ҷунун
Ба жӯлидамӯӣ наёяд бурун.
Зи мӯяш агар даста бандӣ гуле,
Агар гул шавад чашмаи сунбуле.

Чу з-он мӯ ба девона хонӣ фусун,
Зи занҷир бӯи дил ояд бурун.
Ба печу хамаш баски дил бастаанд,
Ҷунунҳои тоқатгусил бастаанд.
Агар шонааш доманафшон шавад,
Зи фарёди лабҳо найистон шавад.
Ба ороиши базми иқболи ноз
Шаби васл ин аст, умраш дароз.
Ба ин хосият, к-аз саводи ҷаҳон
Бувад дилкушо хоса Ҳиндустон.
Магӯ, ёли сунбул арақ мекунад,
Зи зулфи чӣ кокул арақ мекунад.
Саҳоб аз ҳиҷобаш фурӯ мечакад,
Тароват зи ҷӯшаш нумӯ мечакад.
Ҳарифон, ба шабгир афтода кор,
Битозед то ҳашр то Зангбор.[18]
Ба роҳе ки он сӯи тадбиру кад[19]
Ҷунун то қиёмат салосил канад.
Расо нест фикри парешони мо,
Чӣ доман кушояд гиребони мо?
Саросемагӣ ресмон кандааст,
Пурӣ шаш ҷиҳат соя афкандааст.
Ба ваҳшат мазан дасту пои талош,
Дароз аст ин соя, хобида бош.

## Таърифи фарбеҳии асп

Пурӣ нозпарварди болиданаш,
Тали орзу фарбиҳӣ чиданаш.
Зи рашки тамошои рону кафал
Хурад дар дили танг дашту ҷабал.
Пурӣ онқадарҳост саршор аз ӯ,
Ки мӯи назар гашта куҳсор аз ӯ.
Гар осори болиданаш бишмурӣ,
Нагунҷад пурӣ дар пурӣ аз пурӣ.
Гар он рони оганда хоҳад ғилоф,
Шавад атласи чарх шалворбоф.
Чу болидани пайкараш бигзарад,
Бар офоқ тангӣ гиребон дарад.
Чу ояд ҳадисаш ба силки баён,
Шавад дар баён танг ҷои забон.
Дили пур зи идроки он фарбиҳӣ
Ба лаб ҷо наёбад, ки гардад тиҳӣ.
Агар гарди ҳарфаш ба унвон расад,
Пурӣ то ба чашми ҳарифон расад.
Дар ин ҷо нафас кӯтаҳӣ мекунад,
Ҳамин хомушӣ фарбиҳӣ мекунад.
Агар болиш ин аст, оганда[20] ин,
Таҳи по назар кун, бигӯ аз сурин,
Зи таркиби болидагӣ пояаш,
Ки куҳсор хобида дар сояаш,

Ҷунунчилва ҳар гаҳ парафшон шавад,
Садо мондаву кӯҳ пинҳон шавад.
Сабуктозияш гар баён кардаанд,
Забонро ба мижгон ниҳон кардаанд,
Ки тақрир аз ӯ гарди ғорат шавад,
Иборат ғубори ишорат шавад.
Дар об аз сабукрӯҳӣ афтад муҳол,
Ки наълаш шавад тар чу акси ҳилол.
Ба дарё давад бе дарангу шитоб,
Чаманчилва чун равғани гул бар об.
Ба қаъраш пурӣ гар зи саъйи фунун
Равад, шахси тимсол ояд бурун.
Агар дар назар кӯҳпироя аст,
Чу бар барги гул бигзарад, соя аст.
Битозад ҳамон бе хаёли ғубор,
Чу хатти шуъоъ, оби оташсавор.
Сафоест пирояи сози ӯ,
Ки дар банд-бандаш тавон дид рӯ.
Агар рухсати сайр талқин кунад,
Ҷаҳонро чу оина худбин кунад.
Кадом оина ин сафо доштаст?
Пурӣ инқадарҳо ҷило доштаст.
Чӣ дидаст сайқал дар оинааш,
Ки сар барнамедорад аз синааш?
Чӣ об аст оина дар ҷӯи ӯ?
Ки шуд қобили бӯси зонуи ӯ.

Агар сайри эҳроми ӯ мекунад,
Нигоҳ аз тароват вузӯ мекунад.
Сафо ҷомаи шавқи эҳроми ӯст,
Тароват майи ҳасрати ҷоми ӯст.
Кудурат дар ин ҷо надорад ҳисоб,
Саропош шустаст як қатра об.
Агар дам занӣ, ғайрат ошуфтааст,
Мукаддар насозӣ, сафо хуфтааст.

## Таърифи пешонии асп

Зи хуршед оина гирад қиёс,
Ки пешонияшро намояд мисос.
Чӣ пешонӣ? Оинаи имтиёз,
Ҳамон маҳчаи[21] қадри роёти ноз.
Ҷиломавҷзан шамъи базми ҷамол,
Сафодарбағал лавҳи ҳусни камол.
Аз ин лавҳ агар нусха гирад уруҷ,
Ниҳад пой бар осмони буруҷ.
Ҷуз ин шоҳиди нози шӯхисабақ
Кӣ дорад ҷабини сурайёъарақ?
Қамар, лек анҷум ба домони нур,
Саҳар, лек шабнам ба ҷайби ҳузур.
Чу шабгир хоҳад суроғи раҳаш,
Кунад қашқа[22] равшан чароғи раҳаш.
Тавон кошт з-ин ламъаи шамънур
Суман дар биёбони гулзори Тур.[23]

Бараҳман гар аз қашқа ёд оварад,
Ба ин ростӣ эътиқод оварад.
В-агар бут шавад равнақорои ноз,
Ба ин қашқа молад ҷабини ниёз.
Китоби тамошои баҳри савод
Ба ин як алиф суратиншои сод.[24]
Сиҷил[25] дорад ин сафҳаи дилписанд
Зи тамғои[26] таҳсини фикри баланд.
Забоне, ки ин сафҳа лесидааст,
Хат оинаи нури болида аст.
Ба меъроҷ агар нашъа бармекашад,
Аз ин гардани шиша сар мекашад.
Хати соғар ин ҷо нагардад каманд,
Ки хуш карда минош тоқи баланд.
Ба васфаш агар мисраъе гул кунад,
Нафас боладу шиша пурмул кунад.
Ба нураш агар шамъ тобон шавад,
Саропош дар қашқа пинҳон шавад.
Ҳамин пайкари нури софихалал
Намудаст акси ҷабин аз кафал.
Ҳарифон, дигар даври фурсат куҷост?
Шабистони айш ин замон муфти мост,
Зи доғи кафал шамъ равшан кунед,
Аз ин қашқа маҳтоб хирман кунед.
Ба ин сарнавишт ин чӣ пешонӣ аст?
Ки андеша ҳайрони ҳайронӣ аст.

Дил имрӯз ҳар сӯ наво мезанад,
Ба ҳасратпарастон сало мезанад,
Ки эй ҳарзатозони ишқу ҳавас,
Ба ин қашқа зуннор бандеду бас.
Чӣ лозим пасу пеш бояд гузашт?
Ба як ҷода аз хеш бояд гузашт.

**Сифати даҳон ва дандони асп**

Адое нумӯ з-он даҳон мекунад,
Ки пиндоштӣ, гул сухан мекунад.
Ба гулшан намуданд дандони ӯ,
Ниҳон гашт дар барги насрин нумӯ.
Ба ҳар ҷо зи барқаш аён шуд суроғ,
Суман кард маҳтоб дар боғу роғ.
Ба пешаш садаф аз сафо лоф чид,
Ҳаё лаб ба дандони гавҳар газид.
Чӣ дандон? Сафобахши сад абрӯ,
Чӣ лаб? Бӯсаҳои ҳазор орзу.
Ба васфаш забоне ки наздик шуд,
Лаби риштаи субҳа борик шуд.
Ба маънӣ гуҳар, лек хорошикан,
Ба зоҳир садаф, лек номаш даҳан.
Садафро зи кайфияташ дил дуним,
Гуҳар бо сафояш сиришки ятим.
Аз он ҷилва бо ғунча гуфтанд роз,
Зи ҳасрат ба шабнам даҳан карда боз.

Гаҳе ғунчаву гоҳ гул во шавад,
Ба чандин тараб ҷоми мино шавад.
Чу мино шавад, соғараш дар бар аст,
В-агар ҷоми май, шиша гул бар сар аст.
Фалакро дар ин ҷо ба қадри ҳилол
Лаб аз дур бӯсид саъйи камол.
Заданд аз тамошои ин парда дам,
Даҳони бутон ҷуст роҳи адам.
Мапурсед аз ҳарфи дандону лаб,
Ки роҳи баён танг дорад адаб.
Магар шеҳааш уқдае во кунад,
Ки чашм ин таҳайюр тамошо кунад.

## Сифати чашми асп

Ба ҳам хуфта з-он чашми мастимаол
Рами сад дару дашт нози ғизол.
Сияҳхайма Лайлои маҷнуннасаб
Саводи сувайдои барри араб.[27]
Қиёмат каманди бало карда чин,
Паланг аз сари кӯҳ ҷуста камин.
Кашидаст ин фитна ҷоми дигар,
Аз он сӯи гардун паёми дигар.
Сияҳмастию шуҳраи хосу ом
Ҳамин ҷост аз хоназодони ҷом.

Агар гардиши ӯ ба ёд оварад,
Димоғи хумистон муҳарраф х(в)арад.[28]
Мидоде дар ин меҳбар[29] омода аст,
Ки хатро ба сад ноз пар додааст.
Ҳадисе аз он ваҳшатиншо навис,
Қиёмат куну маҳшаре вонавис.
Таammул кунӣ, доми раҳ мешавад,
Тағофул нависӣ, нигаҳ мешавад.
Мапурс аз саводи хати соғараш,
Пурӣ сурмадон карда гум дар бараш.
Ба тимсоли ӯ чун мумассал кунанд[30],
Дар оинаҳо мардумак ҳал кунанд.
Сувайдо шабистоне оростаст,
Ки сайраш димоғи хирад костаст.
Дар ин ҷо чароғе ки равшан кунанд,
Зи бодоми тадбир равған кунанд.
Бигиред аз наргисистон хироҷ,
Ки ҳукми ҷунун дорад ин ҷо ривоҷ.
Рамидан зи ҳам ҷамъ дар хонае
Маю тавба лабрези паймонае.
Ҷунун бо хирад чанд бар ҳам задан?
Адаб дорад аз шӯхияш дам задан.
Агар имтиҳон муддаои кас аст,
Ҳамин олами унс ваҳшат бас аст.
Бисоти тағофул кунун равшан аст,
Чароғи ҳаё хомуширавған аст.

## Сифати гӯши асп

Зи гӯше, ки бо сарсар афрошта,
Гаравтозияш парда бардошта.
Муҳол аст, новак дами имтиҳон
Барад пеш аз ин гӯшаҳои камон.
Зи гулҳои ин боғи шӯхинумӯ
Назад кас қадам бар ҳаво пеш аз ӯ.
Чу ояд ба арзи тамошо бурун,
Баҳор аввал аз ғунча гирад шугун.
Чаман то шавад дарси нози равон,
Аз ин барги савсан кушояд забон.
Ҳамин ҷост кайфияти худсарӣ
Ду ангушт бар чашми фармонбарӣ.
Надонам, ба ин пештозӣ кӣ дод
Ду мактуби печида дар дасти бод?
Гузаштаст дар арсаи имтиҳон
Ду теғ аз сари кӯҳ нӯки синон.
Ҳадисат ки аз нусхаи лоф нест,
Аз ӯ бартарӣ ҷустан инсоф нест.
Чу ҳарфи баланде рақам мекунад,
Ишорат ба нӯки қалам мекунад.
Фалак то куҷо пояи қадр чид,
Ки ин кунгури қасри ноз офарид?
Агар бар Сурайё расонӣ каманд,
Аз ин беш натвон шудан сарбаланд,

Ки ин ҷо тавон боли даъвӣ кушуд,
Сарангушти зинҳор бояд намуд.
Куҷо дасти ҷуръат ба дӯшаш расад?
Фиғоне магар то ба гӯшаш расад.

### Таърифи дами асп

Дами пӯя ин рахши гавҳарарақ
Шино мекунад чун ҳаё дар арақ.
Ҳаё пеш аз инаш чӣ сомон кунад?
Ки чун гарм тозад, чароғон кунад.
Тараб з-он чароғони ҷуръатмаол
Ба сад нури хуршед во карда бол.
Ба шабгир ноз офаридаст субҳ,
Ки то бар арақ зад, дамидаст субҳ.
Ба забташ надорад арақ ихтиёр,
Инонгири оташ нагардад шарор.
Қадам мезанад ин баҳороина,
Чу тимсол дар сад ҳазор оина.
Арақрез чун аз назар бигзарад,
Наҳанг аз муҳити гуҳар бигзарад.
Кунад з-он арақҳои шабнамбаҳор
Чу товус ҷавлон дар оиназор.
Арақ ҳар куҷо дар шитоб афканад,
Фалак байзаи бат[31] дар об афканад.
Чӣ ишрат аз ин парда ҷӯшидааст?
Ки ҷӯши арақ шишаҳо чидааст.

Чӣ мастист, к-аз даври ҷоми шитоб
Давад корвони Ҳалаб дар рикоб?
Ба ин фитна масте кӣ сар додааст,
Ки майхонаро шеҳа пар додааст?
Ба он дастгоҳи қиёматшукӯҳ
Нишастаст бар мавҷи селоб кӯҳ.
Тарӣ аз мизоҷаш равад? Мушкил аст,
Шитоб аз арақ бигзарад? Ботил аст.
Таҳайюрниҳоли чӣ хубист ин?
Зи худ мекашад об, тӯбист ин.
Забоне ки дар мидҳаташ по фишурд,
Забонтар шуду гуфтугӯ об бурд.
Қалам низ наншонд нақше дуруст,
Ки то шуд нигун, аз рақам сафҳа шуст.
Дар ин арса ҷавлони шӯхӣ кирост?
Шукӯҳи арақ боргоҳи ҳаёст.

**Сифати мӯи асп**

Чунон чарбмӯе, ки дар васфи он
Тарӣ чинад аз номи хушкӣ забон.
Ҳавас гар ба фикри мисосаш равад,
Раҳи судани каф қиёсаш равад.
Бимолӣ агар пушту паҳлӯи ӯ,
Занӣ ғӯта дар равған аз мӯи ӯ.
Мисос аз тамосаш чӣ ёбад асар
Ки аз мӯи чинист хобидатар?

Агар махмал ин раҳ ба поён барад,
Раги хоби лағзиш ба Кошон[32] барад.
Шавад қоқум аз кисвати лоф ур,
Думи муш хандад бурути самур.
Ба созе к-аз ин мӯ бирешим кунанд,
Садо то қиёмат нагардад баланд.
Ба ҳамворияш гар назар афканад,
Ба чашми тааммул мижа бишканад.
Аз ин сабзаҳои баҳори ҳаё
Нашуд фитрат огоҳи нашвунумо.
Зи боғи нумӯ ҳар қадар рустаанд,
Тафовут ба оби гуҳар шустаанд.
Зи тарки адаб то нагарданд тар,
Нумӯро накардаст рустан хабар.
Дар оина чун ҷӯши ҷавҳар ниҳон,
Зи амвоҷ дар табъи гавҳар ниҳон.
Ба оине аз шарм болидаанд,
Ки гӯӣ, нигоҳанду хобидаанд.
Зи ҳар мӯ чароғеш дар парда аст,
Ҷило ин қадар равған овардааст?
Ба зоҳид паёмам расон з-ин амал,
Ки эй хушкмағзи бисоти амал,
Димоғам тар аст аз сафои хаёл
Ту равған зи бодом гиру бимол.
Дар андешаам шавқ хатҳо нигошт,
Валекин забон лағзиши тунд дошт.
Зи чарбӣ қалам ҷуз ба лағзиш наронд,
Рақамҳо задам, сафҳа бенақш монд.

## Таърифи думи асп

Думи ӯ ба ҳар ҷо алам мешавад,
Сари тоқи товус хам мешавад.
Бутонро аз ин пайкари дилшикор
Қафо хурда[33] абрӯи дунболадор.
Чу фаввора ибратнумӯ мечакад,
Зи шарми баландӣ фурӯ мечакад.
Сар афканданашро маяндеш паст,
Ки барқест ҷорӯби оташ ба даст.
Нигаҳро хаёли гираҳ доданаш
Ба ҳайронӣ афшурда истоданаш.
Пояш гирдбоде, ки гардад баланд,
Зи ҳайрат шавад шакли зуннорбанд.
Баланд аст дар водии хушку тар
Зи ҳар мӯи ӯ дурбоши дигар.
Қафояш касе то куҷоҳо расад?
Ки ҳар ҷо расад, то ҳамон ҷо расад.
Ҷаҳон дар ғубори қафояш гум аст,
Амалҳои олам думи ин дум аст.
Расидан ба он ҷилва мақдур нест,
Ба ин ҷастагӣ мисраъи тарҳи кист?
Зи нақши қадам ҳафри сарсар мапурс,
Баҷомонда моему дигар мапурс.
Макаш дил зи дунболаи мими дум,
Машав ғофил аз соғари сини сум.

## Таърифи суми асп

Ба он сахтии сум, ки тарҳи ҷаҳул
Зи номаш ғанимат шуморад хумул,[34]
Ба он хушкии пай ки то дури ноб
Зи шармаш диҳад тарсадоӣ бар об.
Пайи хушкҷилди тароватсамар
Ба сомони тасхир сад баҳру бар.
Дуруштӣ ба хоро салобатпаём,
Таҳаммул инонгири об аз хиром.
Ба сахтӣ зи ҳар сахтие сангтар,
Ба нармӣ зи ҳар нармӣ оҳангтар.
Қадам бар бинои матонат савор,
Пайи устухон олами иқтидор.
Зи таклифи ҷоми паёпай задан
Хумистони чандин ҷунун май задан.
Ба ҳар гом, к-ин нозанин мезанад,
Чу мастон қадаҳ бар замин мезанад.
Чу бар рақси он сум нигоҳ афканад,
Кабутар муаллақ ба чоҳ афканад.
Чу товус пешаш шавад парфишон,
Кунад байза дар боли анқо ниҳон.
Фалак, то ба он сум тароше кунад,
Ки ба ҷилвааш нозпошӣ кунад.
Агар меҳр сум ё маҳаш нохун аст.
Ба мавзунияш хиҷлатиншокун аст.

Ба по чордаҳ наъл бандад ҳилол,
Ки як сум расонад ба даври камол.
Ба мавзуние гирди сар гаштанест,
Ки он ҷо раҳи даври паргор нест.
Тааммул куҷо марди ғавраш шавад?
Магар ранг паргори давраш шавад.
Агар шакли давраш шавад мункашиф,
Кунад гардиши чархро мунҳариф.
Қазо з-ин ҷунунхонаи уштулум[35]
Ба он сахтияш кард эҷод сум,
Ки сандон агар нозад аз тоқаташ,
Шавад ҳовани[36] дастаи зарбаташ.
Такаш гар ба куҳсор шӯр афканад,
Садо бар раги санг зӯр афканад.
Ба ҳар ҷо шавад синакови замин,
Ба моҳӣ халад шохи гови замин.
Ғубораш чу доманфишонӣ кунад,
Ба ҳар ҷо расад, осмонӣ кунад.
Агар зери бораш кунанд имтиҳон,
Зи кӯҳон рамад бухтии осмон.
Битозад агар аз камини сухан,
Намонад замин дар замини сухан.
Гирифтанд то аз хамираш ҳисоб,
Фишурданд дилҳои хубон зи об.
Дуруштиш фӯлодро кард паст,
Ки шуд наълу дар зери пояш нишаст.

Ҷаҳон сурма кардаст ғавғои ӯ
Зи наъле ки фарсуда дар пои ӯ.
Аз он наъл оина созад агар,
Намояд замину замон пайсипар.
Ба васфаш нафас бе адаб кам занӣ,
Ки метарсам, офоқ барҳам занӣ.

**Васфи овози асп**

Ба майдон даме к-аз қиёматгарӣ
Шавад шеҳааш моили тундарӣ,
Диҳад ёд аз он раъди ғайратфусун
Ба мастони рамз аз суруди ҷунун.
Адуро дар андешаи он хурӯш
Шавад мағзи сар пунбаанбори гӯш.
Зи ёди садои сумаш бегумон
Гули шамъ гардад кулоҳи сарон.
Дами ӯ муҳарраф занад бодро,
Суми ӯ кунад сурма фӯлодро.
Ба ҳамвории табъҳои дурушт
Зи ҳар по задан путку сандон ба мушт.
Қадам чун гузорад ба зарбат далер,
Намояд сабук ҳамчу мӯ аз хамир.
Шароре, ки гардад зи наълаш аён,
Хурад пунбазори димоғи сарон.
Зи паҳлӯи[37] паҳлӯи гардуншукӯҳ
Тиҳигоҳ[38] ҷӯшонад аз шакли кӯҳ.

Ба дандон канад қуллаи кӯҳи Қоф,
Зи сум афканад дар дили санг ноф.
Даҳони суми ӯ ба майдони ҷанг
Кунад коми аждар зи хамёза танг.
Зи овози он осиёи гарон
Димоғи дуруштон шавад сурмадон.
Кашад устухонҳои ғирболбез
Зи роҳи масомот пои гурез.
Савораш чаро дар дами корзор
Зи саъй аз такутоз гирад иёр?
Ки то азми ханҷаргузорӣ кунад,
Ба сарҳо сумаш гурзкорӣ кунад.
Ба чашму сару синаи гарданон[39]
Халад гӯши ӯ пештар аз синон.
Думаш доманафшон агар бигзарад,
Магасвор аз дур сарҳо парад.
Агар сайри ошуфтани ӯ кунад,
Қизилбош пуф бар такалту кунад.[40]
В-агар узбак он тоби мӯ бингарад,
Занах то сараш доъи саълаб[41] х(в)арад.
Зи хобондани гӯши ҳайраткамин
Ба мағз устухонҳо фишорофарин.
Аз он гӯши хобонда гӯши ялон
Ба зеҳ нола аз гӯшаҳои камон.
Аҷал ҳар куҷо з-он суми кинахоҳ
Сари хасм гирад ба зери кулоҳ.
Ба хоки сиёҳ баъди сад имтиҳон
Диҳад мехи наълаш зи дандон нишон.

Агар рост тозад, синон меравад,
Вагар чап, хаданг аз камон меравад.
Ба ҳар сураташ аз таки беқарор,
Намудан зи қалби ҳазорон гузор.
Чу ҳукми қазо, то ба хеш омадаст,
Гузаштаст, аз ҳар чӣ пеш омадаст.
Касе нест бо ин қиёмат тараф,[42]
Хаданги аҷалро кӣ гардад ҳадаф?
Ба савту садояш нагирӣ ҳисоб,
Адаб кун аз ин сели гарддунҳубоб.
Ба фарқи ҳавас хоки ҷуръат мапош,
Нафас гӯ, парешон, ту оҳиста бош.
Ба ваҳму гумон бе муҳобо марон,
Гусастан зи кавнайн дорад инон.
Ба ҳамроҳияш то намонад шаке,
Агар мардӣ, аз хеш рав андаке.
Нишон то диҳӣ арз, ҷастаст тир,
Инонаш чӣ ҳарф аст? Худро бигир.
Зи табъи сухансанҷи маънихиром
Гирифтам зи васфаш иёри калом.
Агар матлаъе ҷаст, гар мақтаъе,
Тааммул нашуд сактаи мисраъе.
Зи ёди рами сояаш ҳуш рафт,
Сиёҳӣ ба хоби фаромӯш рафт.
Тапидан зи гарди суроғаш дамид,
Баландӣ зи дуди димоғаш чакид.
Пар афшондаму аз ҳавас сӯхтам,
Зи бас гарм рафтам, нафас сӯхтам.

Ба ӯ не палангу на оҳу расад,
Пайи ӯ магар то пайи ӯ расад.
Ғуборе зи мустақбалаш нест пеш,
Биҳил, то фалак так занад гирди хеш.
На дил маҳрами шӯхии нози ӯст,
На чашм огаҳ аз гарди андози ӯст.
Ба ҳар як расидаст аз ӯ ин паём,
Ки мо рафтаем аз миён, вассалом.

**Хотима**

Биё, Бедил, инҳо чӣ ҷавлонгарист?
Ба даште ки гардаш ҷунуни парист.
Пайи истиороти ботил мадав
Бас аст, ин қадар пойдаргил мадав,
Ки ин парфишон фурсати рахшном
Мисолест аз умри ваҳшатхиром.
Агар аз рами умр дорӣ хабар,
Ғубораш ҳамон рафта гир аз назар.
«Биё» гар хитобат намудам, чӣ суд?
Инони тааммул ба дастам набуд.
Чӣ миқдор бедаступо гуфтаам,
Ки ҳарфи «бирав»-ро «биё» гуфтаам.
Ба хеш омадан ҷуз тасаннуъ куҷост?
Дар ин ҷо «биё» ҳар кӣ гӯяд, хатост.
Абас чанд ранҷи баёнаш кашӣ?
Нафас гир, шояд инонаш кашӣ.

## СИФАТИ ФИЛ

Қалам то кунад нақши тасвири фил,
Гусастаст аз нол[1] занҷири фил.
Магӯ фил, Ҳиндустоне дигар,
Шабистони дигар, ҷаҳоне дигар.
Ба дӯшаш уруҷи димоғи шаҳӣ,
Ба хартумаш омолро кӯтаҳӣ.
Ба ҷавлони мастӣ муруввatқадам,
Бузургӣ ба кӯчакдилиҳош зам.
Шавад кӯдаке гар ба дӯшаш савор,
Ба меҳри падар вокушояд канор.
Вагар мӯре ояд тахи пойи ӯ,
Ба саҳро тиҳӣ мекунад ҷойи ӯ.
Нагунҷад пурӣ дар худ аз паҳлуяш,
Матонат хамад аз хами зонуяш.
Ба тамкин зи тамкин гаронсангтар,
Ба чустӣ зи чустӣ рамоҳангтар.
Гаронқадр чандон, ки гар як-ду бор
Кунӣ «фил!» фарёд дар кӯҳсор,
Ба ҳар санг кайфияти номи ӯ
Чу нақши нигин рафта ёбӣ фурӯ.
Сабукрӯҳ з-он сон ки гарди хаёл
Ба саъйи хиромаш нашуд поймол.
Чу шаб гар ҳама то саҳар раҳ сипард,
Ба мижгони хобидае по нах(в)ард.[2]

Таку тозии ӯ дар саводи назар
Ду гом аз рами умр ҳамвортар.
Чӣ оташ ҷунун карда ҳар пайкараш?
Ки кӯҳи зугол аст по то сараш.
Кашад аз ҷигар обу бар сар занад,
Мабод, аз талаш шуълае пар занад.
Қазо карда тарҳ аз ҷаҳони басит
Ба хартуми ӯ ҷазру мадди муҳит.
Баровардa тақдири қудратбачанг
Зи дарёи Нил обдузди[3] наҳанг.
Аз ин шакл хобида шоми сабӯҳ
Ба сури Сирофил тӯфони Нӯҳ.
Китоби ҳисоби амал[4] таҳ шавад,
Ки аз чини хартумаш огаҳ шавад.
Магар як-ду умри Хизир кам кунӣ,
Ки тӯмори ҳарфаш фароҳам кунӣ.
Сипеҳре ба ин маҳшари ғулғула
Зи паҳлӯш дуздида як зангула.
Замин, к-аз виқор аст сармояаш,
Бағал карда бошад пур аз сояаш.
Сиёҳиш, к-аз соя берун занад,
Ба хоби ду олам шабихун занад.
Ба дарёш гар соя афтад дар об,
Садаф баҳри гавҳар тарошад ҳубоб.
Агар саъйи наққоши фикри матин
Бимолад ба тасвири ӯ остин,[5]

Ҳама гар ба мӯе қалам мекашад,
Ба бозуи Рустам ситам мекашад.
Сари фитна ҳар ҷо баровардааст,
Қиёмат сияҳпӯш гул кардааст.
Ситодаст ҳар ҷо зи табъи дурушт,
Замин чормех асту гардун ду пушт.
Қадам ҳар куҷо дар равонӣ фишурд,
Ба овози пояш касе пай набурд.
Зи бас бар гаронӣ зад аъзои ӯ,
Садо низ шуд сурма дар пои ӯ.
Бурун ҷастан аз зери пояш кирост?
Ки дар роҳаш овози по барнахост.
Сухан гар зи рафтори ӯ меравад,
Садо дар забонҳо фурӯ меравад.
Сараш аз бузургӣ ба ҳадде гарон,
Ки дар пайкараш карда гардан ниҳон.
Баландӣ тале чида по то сараш,
Ки афканда дар олами дигараш.
Агар гарданаш низ мешуд баланд,
Ҷунун дар сари ломакон мефиканд.
Пуриро аз ӯ он қадар фарбиҳӣ,
К-аз ӯ базми имкон наёбӣ тиҳӣ.
Ҳам ӯ мояи кисаи унсурист,
Хало яққалам мумталӣ[6] з-ин пурист.
Замин гар ба худ вусъате чидааст,
Таҳи пои ӯ паҳн гардидааст.

Вагар осмонрост парвози ноз,
Ба бодест аз гӯши ӯ сарфароз.
Таайюн димоғаш ба авҷе расонд,
Ки гӯшаш ба фарёд доман фишонд.
Бихобад, замин фарши анқо шавад,
Қад орояд, афлок бар по шавад.
Хаёлаш агар хуш кунад ҷои дил,
Сувайдо нагунҷад ба саҳрои дил.
Нигаҳ гар ба мастиш чашмак занад,
Мижа бар сари ҳам каҷак[7] бишканад.
Зи аҳли хароботи ишқу ҷунун
Сияҳмастӣ ин ҷост, боқӣ фунун.
Далел аст бар мастию шодияш
Ба занҷир чун нола озодияш.
Чу зангӣ зи бас тинаташ айшзост,
Буруни лабаш ханда дандоннамост.
Ба мастӣ зи шӯри ҷунунҷӯши ӯ
Арақ хум шикаст аз буни гӯши ӯ.
Ба ҳар ҷо зи мастӣ арақ мекунад,
Муҳит обрӯ дар табақ мекунад.[8]
Агар қашқаашро намоянд пок,
Шафақ тал шавад аз самак то симок.
Ба рангаш барӣ гар сиёҳӣ ба кор,
Бадахшон дамад Ҳинд то Зангбор.
Ба занҷири ӯ ҳалқае мерасонд,
Зи куҳсор рафт оҳану нола монд.

Ба он шӯр занҷираш афсона аст,
Ки ҳар нола як дашт девона аст.
Ба рафтори он кӯҳи сангинбино
Фитодаст дар ҳар куҷо нақши по,
Ба ҳам судани дашту дар дона аст,
Замин то ба об осиёхона аст.
Ҳавое ки дар сояаш шуд гарон,
Ба марказ расад, лек шаб дар миён.
Ба ҳар сӯ зи дандони зулматзудо
Ду шамъаш равон пешу шаб дар қафо.
Ба ҳар узви ӯ вусъат оина чид,
Вале чашми ӯ ғайри тангӣ надид.
Касеро ки печид тӯфони дуд,
Аз ин беш чашмаш набояд кушуд.
Бузурге ба ин тангчашмӣ назод,
Фалак ҳам аз ӯ дорад ин нукта ёд.
Кунад тангчашмӣ ба ҷисми сутург,
Ки аз худ набинад касеро бузург.
Намоён нашуд гардан аз ҳайъаташ,
Ки нанги хамидан шавад тухматаш.
Ниҳад гар фалак сар таҳи пои ӯ,
Сараш то қиёмат наёяд фурӯ.
Фалак гоҳи санҷиданаш, бехилоф,
Ниҳад даст бар паллаи кӯҳи Қоф.
Ба паймоиши он уруҷофарин
Зи судан кашад даст хат бар замин.

Ба таҳқиқи аъзош то ворасӣ,
Ба шабгир кор аст, ҳар ҷо расӣ.
Зи пушташ кунӣ гар ба пастӣ камин,
Ба пирӣ расӣ, то расӣ бар замин.
Зи шомат саҳар дар намуд оваранд,
К-аз ин осмонат фуруд оваранд.
Дар ин маъраз андешаи саъйкеш
Ба ҳар сӯ хиромад, сиёҳист пеш.
Нафас баҳраи субҳи тобон барад,
Ки афсонаи шаб ба поён барад.

## Хотима

Дигар, Бедил, аз филу хар дам мазан,
Диле ҷамъ кун, нусха бар ҳам мазан.
Чунин пилбони хаёлат кӣ кард?
Ҷунунтози фикри муҳолат кӣ кард?
Кучоҳо давид аз ҳавас решаат,
Ки дар пои пил омад андешаат?
Чӣ миқдор табъат ба пастӣ хазид,
К-аз ин чорсӯ завқи филат харид?
Зи мушти ғуборе, ки додӣ ба бод,
Таваҳҳум ба савдои гардун фитод.
Ту бурдӣ бар афлокаш аз хоки роҳ,
Ҷаҳонро ба авҳом кардӣ сиёҳ.
Вагарна зи камҳимматиҳои лоф
Ба чашми кӣ ин сурма дорад кифоф?

Ман акнун ба рағми ту нилаш кашам,
Зи мӯрӣ тахи пойи пилаш кашам.
Шабашро зи рӯзаш сияҳтар кунам,
Зи ғайрат ба хокаш баробар кунам.
Абобиле орам бурун з-ин ҳисор,
Ки бо пилбонаш барорад димор.[9]
Намоям сарангуште арзонияш,
Кунам қашқае назри пешонияш,
Ки бар қалби ин зулмати бениқоб
Кашад найзаи хатте аз офтоб.
Сароб аз сиёҳӣ талотум кунад,
Арақномаи абр хат гум кунад.
Думи муш хандад ба хартуми ноз,
Ба чин гум шавад остини дароз.
Чӣ бод аст ин тиззаки худсарӣ,
Ки кардаст дар табъҳо лангарӣ?
Ҷунуне ба ваҳшат пароканда аст,
Паре соя бар олам афкандааст.
Касеро ки иқболи ғафлатбино
Нишонид бар фили сарбарҳаво,
Ба сар нашъаи одамият намонд,
Ба ғайр аз худоиш нийят намонд.
Тафаръун[10] ба он дастгоҳаш расонд,
Ки Намруди каргас таҳи пош монд.
Гадоӣ аз ин тахту афсар хуш аст,
Чу филаш ҳамон хок бар сар хуш аст.

Дар ин мазбалистони кундэътибор
Димоғи кӣ дорад ба танзеҳ кор?
Дар ин ҷо сагон сахт девонаанд,
Дар андешаи ҷифа[11] парвонаанд.
Ба ҷуз фил дар олами хуку хар
Дигар ҷифае нест болидатар.
Сагеро ки ин ҷифа ҳосил шавад,
Бузурги сагони мазобил шавад.
Сагонрост даври таайюн тамом
Ба хуки варамкардае филном.
Нигоҳе ки дар ҳар нишебу фароз
Чӣ мебӯяд ин хуки бинидароз?
Гирифтам, ду рӯзе дар ин ҷифазор
Чу омос бар ҷифа гаштӣ савор.
Фузудӣ гар аз ваҳму гар костӣ,
Нишастӣ чу омосу бархостӣ.
Ҷуз ин нест идбору иқболи ту,
Чӣ гӯям дигар? Вой бар ҳоли ту!
Кунун шарми ҳиммат хуноқи[12] гулӯст,
Гудози нафасҳо арақгуфтугӯст.
Дар ин арса филе надидаст кас,
Ғубори ҳавас арсатоз асту бас.

## СИФАТИ ШАМШЕР

Ало, эй зирахпӯши зеварнигор,
Забоновари маърази гирудор.
Хамӯшию аз шӯри яғмои ту
Бар офоқ печида ғавғои ту.
Ишороти бегонагӣ абруят,
Ба паҳлуи ҳар кас тиҳӣ паҳлуят.
Ба софӣ чу обӣ, ба тундӣ чу нор,
Ба гавҳар чу мӯрӣ, ба ҳайъат чу мор.
Ту ҳам ҷонфизоию ҳам ҷонситон,
Балои амон гоҳу ҳирзи[1] амон.
Ба кайфиятат хатм шуд пурфанӣ,
Ки афъимисолу зумуррадтанӣ.
Дари сулҳу роҳи сафо бастаӣ,
Пайи кин миёнро ду ҷо бастаӣ.
Ситезат на душман шиносад, на дӯст,
Зи ту корд бар устухон мағзу пӯст.
Зи ҷавҳар каманди аҷал карда чин,
Ба чин барқ хобонда дар остин.
Ду рӯе дигар дасти оҳанги ту,
Чӣ гӯям зи сулҳи туву ҷанги ту?
Ба ҳар ҷо кунӣ хилъати хун ба бар,
Зи шохи зумуррад чакад лаъли тар.
Лабат гар шавад тар ба хуни адӯ,
Намояд шафақ дар дами субҳ рӯ?

Нашуд ҷавҳар аз пайкарат ошкор,
Ҷунунсабзае гашта шабнамбаҳор,
Ки дар қудратободи фатҳу зафар
Ҳамон сабза барқ асту шабнам шарар.
Ниҳеби[2] ту то дасти ғорат кушуд,
Сари ҳар кӣ дидам, зи гардан набуд.
Зи бас дар шукӯҳ аз сарон бартарӣ,
Агар кӯҳ бошад, туаш бар сарӣ.
Фано шӯхии мавҷе аз ҷӯи туст,
Аҷал як ишорат зи абрӯи туст.
Зи ту баҳр печад ба гирдоб сар,
Зи барқи дамат кӯҳ бозад камар.
Дами ламъаат[3] ханҷари офтоб
Насозад, магар бо ниёми саҳоб.
Шуд аз савлати ламъаат ин қадар
Зираҳпӯши гардун ниҳон дар сипар.
Касе бо ту худро муқобил надид,
Магар ҳар сари мӯяш аз худ бурид.
Агар гардане бо ту омад бурун,
Саре дошт дар хун зи ҳар қатра хун.
Ба якрӯият кист, гардад тараф,
Ки барқи фаноро набошад ҳадаф?
Кунад шуъларо тоби барқат кабоб,
Дили санг гардад зи номи ту об.
Ба ҳар ҷо барад ҳарфи захмат паём,
Агар санги хорост, гардад ниём.

Муҳитӣ, валекин ба мавҷи хатар,
Канорат зи қаър аст хунхортар.
Таҳайюркамин оби истодаӣ,
Равонӣ ба хуни аду додаӣ.
Камингоҳи чандин ҷунун хоби ту,
Равон лек дар ранги хун оби ту.
Тунукобият гар баён кардаанд,
Зи лаб чашмаи хун аён кардаанд.
Зи вазъат, ки сад ҳайрат омодааст,
Дар оби тунук киштӣ истодааст.
Зиреҳ ламъаатро нагардад ҳиҷоб,
Намонад дар оғӯши ғирбол об.
Ҳубоб ар кунад манъи мавҷ аз шиноҳ,[4]
Тавонад шудан миғфарат садди роҳ.
Адуро зи ҷӯи ту мавҷи шарар
Гаҳе аз камар бигзарад, гаҳ зи сар.
Агар обӣ, эй шуъла, манмо тарӣ,
Хуш он к-аз сари аҳли кин бигзарӣ.
Ба ҷое ки меҳробат абрӯ намуд,
Илоҷи сарон нест ғайр аз суҷуд.
Хамидан зи кайфиятат шуълахез,
Тавозуъ зи вазъат камини ситез.
Шукӯҳи ту ҳар ҷо бидаррад ниқоб,
Хурад хок аз заҳраи шер об.
Зи оби ту дар арсагоҳи масоф
Дамад сабза то ҳашр хорошикоф.

Ба васфи ту ҳар гаҳ шавад тездам,
Забон мехурад қат[5] ба ранги қалам.
Ба ҳар дил, ки ёдат намояд гузор,
Нафас чун саҳар гул кунад захмдор.
Ба бедод аз ҳад бурун будаӣ,
Ба хубӣ зи хубӣ фузун будаӣ.
Маро қабзаат гар шавад дастёр,
Зи бунёди гардун барорам димор.
Ба мавҷе, ки гардад ба ҷӯят равон,
Бишӯям нишони ғурур аз ҷаҳон.
Хами пайкарат нақши абрӯи кист?
Ба ин мавҷ оби ту аз ҷӯи кист?
Зи тарзи нигоҳи кӣ дорӣ паём?
К-аз оби ту хун мечакад, вассалом.

## СИФАТИ ДАҲОН

Зиҳӣ боғи таҳқиқи асрор гул,
Зи сар то қадам субҳ дар бор гул.
Бурун дода лаълат дами гуфтугӯ
Зи як барг чандин чаман рангу бӯ.
Зи ҳарфат дуӣ ошкоро нашуд,
Такаллум намудию лаб во нашуд.
Бинозам ба он ғунчаи гулфурӯш,
Ба шӯри ду олам табассум хамӯш.
Ба ин ранг ғайр аз ту қудрат кирост?
Ҷаҳонҷилваию зуҳурат хафост.
Лабат хотам асту забонат нигин,
Дар ӯ нақши номи ҷаҳонофарин.
Яқин шуд, ба мулки ҳақиқат ҷамӣ,
Нигиндаркафӣ, соҳиби хотамӣ.

## ТАВЗЕҲОТ ВА ШАРҲИ ЛУҒОТ

**Таркиббанд:**

1. **Кун** – шав, пайдо шав. Ишора ба оёти мутааддиди Қуръони карим, ки дар онҳо омадааст: Ҳар чиро ки Худо хоҳад биофарад, амр мекунад, ки «пайдо шав!» ва он чиз пайдо мешавад.
2. **Лотуҳсо** – ҷумлаи феълӣ аз масдари эҳсо, ба маънии шумурда нашавад, бешумор, беҳисоб.
3. **Бизотиҳи абадо** – ба зоти хеш абадан.
4. **Гарданд** – гард ҳастанд, ғуборанд.
5. **Шуълаи фиреб ва доғи ваҳм** – яъне ишқ.
6. **Ҳабиб** – ишора ба расули акрам Муҳаммад (с).
   **Калим** – ишора ба ҳазрати Мӯсо, алайҳиссалом.
7. **Ба як чаҳору ду панҷ** – яъне ба чаҳордаҳ. Ишора ба моҳи тамом аст.
8. **Мизмор** – асбоби мусиқии най. Санҷ (бо сод) муарраби чанг.
9. **По шумурда ниҳодан** – бо эҳтиёт роҳ рафтан.
10. **Чор табъи мухолиф** – гармию сардӣ ва хушкию тарӣ.
11. **Ҳамома** – парандае аз қабили кабӯтар, қумрӣ ва фохта.
    **Ёҳу** – навъе аз кабӯтар, ки бо овози «ёҳу» садо мекунад.
12. **«Қомус» ва «Суроҳ»** – номҳои ду луғати маъруф.
13. **Саббоҳ** (бо син) – шиновар.
14. **Рибоҳ** – ҷамъи рибҳ, яъне суд, фоида.
15. **Истифтоҳ** – фатҳу нусрат.
16. **Русух** – устуворӣ. Мурсах – устуворшуда.
17. **Ҳаблулматин** – ресмони устувор.
18. **Зах** – озах.
19. **Ах** – офарин.
20. **Васах** – чирк, рим.
21. **«Кимиёи саодат»** – номи дуо. Даъват дар ин ҷо ба

маънои дуо. «Башмах» – номи дуо. Даъвати «Башмах» – яъне дуои «Башмах».

22 **Фах** – дом, ки ба воситаи он сайд гиранд.

23. **Завилафҳом** – соҳиби фаҳму идрок.

24. **Номӣ** – нумувкунанда.

25. **Кун** – ниг. ба тавзеҳи № 1.

26. **Қоба қавсайн** – ба андозаи ду камон. Ишора ба мазмуни оятҳои якум то даҳуми сураи «Начм», ки дар онҳо аз ҳодисаи ваҳй фиристодани ҳазрати Парвардгор ба ҳазрати паямбар (с) сухан рафтааст.

27. **Сонии иснайн из ҳумо филғор** – дувум тан аз ду буд, вақте ки ҳарду дар ғор буданд. Ишора ба ояти чилуми сураи «Тавба», ки дар он дар хусуси дар ғори Савр пинҳон шудани ҳазрати паямбар (с) ва Абӯбакри Сиддиқ сухан меравад. Эшон пеш аз он ки дар ғор пинҳон шаванд, Абӯбакр ба ғор даромада, онро покиза намуда, сӯрохҳояшро бо пораҳои ҷомааш маҳкам намуд. Пораи ҷома ба яке аз сӯрохҳо нарасид. Абубакр бар даҳони он сӯрох пойи худро гузошт. Сипас паямбар (с) ба ғор даромада, ҷойгир шуд ва сари худро бар зонуи Абубакр ниҳода, ғанав рафт. Дар ин асно море пойи Абубакрро газид. Вале Абубакр начунбид, то ки паямбар бедор нашавад.

28. **Ҳини биъсат** – рӯзе ки ҳазрати Муҳаммад (с) пайғамбарии худро ошкор кард.

**Ғазва** – ҷанг, ҷанге ки дар роҳи дин ба амал ояд. Маъмулан ҷангҳоеро гӯянд, ки ҳазрати расули акрам (с) дар онҳо ҳамроҳи сипоҳиён будаанд. Монанди ғазваи Бадр, ғазваи Уҳуд, ғазваи Хандақ ва ғайра.

29. **Дами мор** – нигар ба тавзеҳи № 27.

30. **Атиқ** (бо айн) – баргузида, некӯтарин.

31. **Маҷас** – ҷои даст ниҳодани табиб бар набзи бемор.

32. **Манос** – гурезгоҳ, паноҳгоҳ.
33. **Барӣ** – холӣ, пок.
34. **Эъроз** – яъне парҳез намо, аз ин кор рӯй гардон.
35. **Ҷунайд** – Ҷунайди Бағдодӣ (ваф.910) аз сӯфиёни машҳур.
**Фузайли Аёз** – яке аз сӯфиёни маъруф, ки дар соли 792 фавтидааст. Қабраш дар Маккаи муаззама аст.
36. **Ҳафт қилоъ** – ҳафт қалъа. Киноя аз ҳафт ахтар, ки заминро иҳота кардаанд.
37. **Мозоғ** – каҷ нашуд. Ишора ба ояти 17 сураи «Наҷм» – «мозоға-л-басару ва мотаға» – каҷ нашуд чашми паямбар (с) ва аз ҳад нагузашт. Яъне Муҳаммад (с) дар шаби меъроҷ, ҳангоме ки дар маҳалли қурб қарор дошт, магар ба ҳадафи асосӣ, ба чизи дигаре назар наяфканд.
38. **Ҳафт батни фалак** – ҳафт табақаи осмон.
39. **Омуда** – аз масдари омудан, ки ба маънии пур шудан, шакл гирифтан, ташкил ёфтан аст.
40. **Аҳсани тақвим** – некӯтар рост кардан, некутар сохта шудан. Киноя аз сурати инсон. Ишора аст ба ояти чоруми сураи «Тин», ки ин аст: «Лақад халақно-л-инсона фӣ аҳсани тақвим» – инсонро дар некӯтарин андом офаридем.
41. **Чор табиат** – чор унсур. Киноя аз олами моддӣ.
42. **Маак** – бо ту.
43. **Симоку Самак** – Симок номи ситора ва он манзили чаҳордаҳум аст аз манозили қамар. Самак – моҳӣ, аксар ба маънии он моҳӣ фаҳмида мешавад, ки дар зери замин аст.
44. Замон (бо зод) – замонат, зоминӣ.

**Тарҷеъбанд**

1. **Темор** – ғамхор ва парастор.
2. **Биззот** – зотан.

3. **Муқотир** – қатраҳо.
4. **Касофат** – зидди латофат, палидӣ, ифлосӣ.
5. **Сабоҳу масо** – субҳу шом.
6. **Эҳтизоз** – ҷунбиш ва ҳаракат.
7. **Намо** – болидан, нумӯ кардан.
8. **Дайёр** – сокин, бошанда.
9. **Мусаммо** – номкардашуда, ҷисме ки ба он ном ниҳодаанд.
10. **Мустаор** – ориятӣ, вомгирифташуда.
11. **Сиқл** – гаронӣ, вазнинӣ.
12. **Мухтафӣ** – пинҳон.
13. **Ҳубут ва суъуд** – пастшавию болоравӣ.
14. **Нақз** – шикастан.
15. **Уммон** – дарё.
16. **Каҳл** – марди миёнсол.
17. **Ҳулал** – ҷамъи ҳулла, ки ба маънии либос аст.
18. **Шатал** – чутал, миқдори пуле ки дар охири бозӣ ба шахсе, ки дар бозӣ иштирок надорад, диҳанд.
19. **Мубтазал** – залил ва хору беқадр.
20. **Мосиво** – ҳар чӣ ки ғайри зоти бечун аст.
21. **Иғмоз** – ғафлат ва нодида гирифтан.
22. **Масун** – эмин, маҳфуз.
23. **Мансур** – Мансури Ҳаллоҷ (858-922) яке аз сӯфиёни маъруф.
24. **Илтизоз** – лаззат, баҳра.
25. **Ҳақорат** – ҳақорати аввал ба маънии ҳақир шумурдан. Ҳақорати дувум ба маънии таҳқир намудан.
26. **Эҳтироз** – ҳазар, парҳез.
27. **Амал** (бо алиф) – орзую ҳавас.
28. **Гоз** – қайчӣ, миқроз.
29. **Тавфир** – дар ин ҷо ба маънии баҳра, фоида.
30. **Сарфа бурдан** – баҳра бурдан, фоида бурдан.
31. **Асам** (бо сод) – кар, гаронгӯш.

32. **Човуш** – навкар, хидматгор.
33. **Илзом** – мағлуб кардан, шарманда кардан.
34. **Ташти лаби бом** – ташти ноустувор, таште ки аз бом афтоданаш аниқ аст.
35. **Таҳсили ҳосил** – кори беҳуда ва нодаркор.
36. **Баҳр** (бо ҳ-и ҳавваз) – барои, ҷиҳати.
37. **Машима** – парда.
38. **Айман** – водии Айман, ки дар он равшание ба Мӯсои Калим зоҳир шуд ва аз он равшанӣ нидо омад, ки Аллоҳ манам.
39. **Шуҳуру синин** – моҳҳову солҳо.
40. **Кофу нун** – киноя аз лафзи «кун», ки шарҳаш дар тавзеҳи №1 гузашт.
41. **Хашан** – матоъи дурушти пашмин.
42. **Миҳан** – ҷамъи меҳнат.
43. **Эҳтизоз** – хушнудӣ ва хушҳолӣ.
44. **Афвоҳ** – ҷамъи фавҳ, яъне даҳан. Маҷозан ба маънии шуҳрат низ меояд.
45. **Икроҳ** – кароҳият, душворӣ.
46. **Рой** – ақлу хирад.
47. **Ман арафа нафсаҳу** – ҳар кӣ худро шинохт. Ишора ба ҳадиси маъруфи «Ман арафа нафсаҳу фақад арафа раббаҳу» – ҳар кӣ шинохт худро, пас ба таҳқиқ шинохт Худои худро.

**Мухаммасот**

1. **Шайб** – пирӣ.
2. **Қадарандоз** – камондоре ки тираш ба хато наравад.
3. **Мидҳагар** – мадҳкунанда.
4. **Хат кашидан** – оҷиз мондан, дар хиҷолат афтодан.
5. **Моҳасал** – натиҷа, самара.
6. **Моу тин** (тин бо иткӣ) – обу гил.

7. **Дунҳасаб** – дунфитрат, паст ва фурӯмоя.
8. **Сандал** – як навъи дарахт, ки аз он доруи дарди сар тайёр мекунанд.
9. **Шуда гирифтан** – шуда тасаввур кардан, рафта тасаввур кардан, тасаввур кун, ки рафтаӣ.
10. **Нарасидан** – баробар нашудан, ҳамвазнӣ накардан.
11. **Таашшуқ** – ишқ варзидан, дӯст доштан.
12. **Ташвир** – хиҷолату шармандагӣ.
13. **Мушавваш** – парешон.
14. **Таранг** – дар ин ҷо ба маънои садои шикасти шишаҳо.
15. **Пайсипур** – поймол.
16. **Муқбил** – писанддида, қобили қабул.
17. **Мухтал** – халалдор.
18. **Бе шоиба** – бе шубҳа.
19. **Таайюн** – ҳастӣ, мавҷудот.
20. **Хабт** – омехтагии ақл бо ҷунун.
21. **Маъҷун** – доруе ки аз чанд чиз таркиб ёфтааст.
22. **Фол задан** – дар ин ҷо ба маънии нияти нек кардан.
23. **Ҳарза** – беҳуда.
24. **Қалам задан** – хат задан, ботил кардан.
25. **Тан задан** – хомӯш будан.
26. **Нажандӣ** – сарнигунӣ ва хоксорӣ.
27. **Мулоқӣ** – дидоркунанда, рӯбарӯшаванда, мулоқоткунанда.
28. **Талаввун** – рангорангӣ.
29. **Тафаннун** – гуногунӣ, рангорангӣ. Дар ин ҷо ба маънои беқадр ва беҳуда.
30. **Кунфаякун** – киноя аз олами мавҷудот.
31. **Духон** – дуд.
32. **Нил** – ранги кабуд.
33. **Икроҳ** – нохуш ва нороҳат.
34. **Афвоҳ** – дар ин ҷо ба маънии шуҳрат.

34 «а». Ин мухаммасро дар ҳошияи нусхаи хаттии Китобхо-

наи Ризо Ромпури Ҳиндустон агарчи худи Бедил китобат кардааст, мутаассифона мисраъи охирини он аз қайди қалам афтидааст.

35. Ин мухаммас дар баъзе нусхаҳои хаттии девони Бедил, аз ҷумла дар нусхаи № 4 китобхонаи Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ Тоҷикистон, зери унвони «Дар мазаммати шуюх ва уламои ботил» омадааст.
36. **Шайх Ҷамол** – Шайх Ҷамоли Деҳлавӣ (ваф. 1535) шоъир ва донишманди Ҳиндустон, ки дар аҳди салтанати Искандари Лудӣ (1489-1517), Заҳируддини Бобур (1526-1530) ва Насируддини Ҳумоюн (1530-1539) саромади шоъирон ва фозилони давр ба шумор мерафт ва бо хитоби Хусрави Сонӣ машҳур буд.
37. **Хоҷаҳалол** – хоҷасаро, марде ки хояашро кашида бошанд. Дар қадим хоҷасароён аз миёни ғуломони хоякашида интихоб мешуданд. Дар калимаи «хоҷаҳалол» ҷузъи «ҳалол» ба маънии раво ва ҷоиз аст. Яъне марде ки дар ҳарамсарой ҳузур доштанаш ҷоиз аст.
38. **Халвату ҷалват** – пинҳону ошкор.
39. **Дол** – нақшҳое, ки бар матоъ дӯзанд.
40. **Мушаҷҷар** – матоъе ки дар он сурати дарахт тасвир шуда бошад.
41. **Канори чакинзар** – ҷомаи зарбафт, порчаи зардӯзишуда.
42. **Мусӣ** – покуи сартарошӣ. Аргаҷа – моддаи хушбӯест, ки аз сандалу гулоб, кофуру мушк ва анбару равғани суман тайёр карда мешавад.
43. **Ғурру фиш** – карруфар ва худнамоӣ.
44. **Ҷаъалӣ** – сохта ва қалбакӣ.
45. **Пардохтан** – холӣ кардан.
46. **Ваъид** – ваъда
47. **Ҳамим** – хеш, худ.

48. **Шуъбада** – найранг, найрангбозӣ, ҳуққабозӣ.
49. **Туруқ** – ҷамъи тариқ, яъне роҳ.
50. **Кад** – сахтӣ, душворӣ.
51. **Ҳисоб нагирифтан** – таваҷҷуҳ накардан, қадр накардан.
52. **Муошир** – шахси ишратпараст.
53. **Тахсису таъмим** – хосу ом.
54. **Дайҳим** – тоҷ.
55. **Кеш** – дину оин. Ин ҷо ишора ба таслим аст, ки дар мисраъи чорум омадааст.
56. **Тааб** – душворӣ.
57. **Зоил** – нобудшаванда.
58. **Дол** – далел ва раҳнамо.
59. **Чин ба доман бастан** – киноя аз рафтан, гузаштан.
60. **Шоқ** – душвор.
61. **Қатра задан** – давидан, ҳаракат кардан.
62. **Тамҳид** – муқаддима.
63. **Ранги эътибор** – киноя аз олами имкон.
64. **Ибром** – истодагарӣ.
65. **Тазаллум** – додхоҳӣ.
66. **Боре ба ҳеч хотири худ шод мекунам** – ин мисраъ аз як мактуби (мактуби № 30) шайх Аҳмади Сарҳиндӣ маъруф ба Муҷаддади алфи сонӣ (1564-1624) гирифта шудааст.
67. **Сод кардан** – писандидан, интихоб намудан.
68. **Шаноат** – зиштӣ, бадӣ, таъна.
69. **Ҷаворeҳ** – узвҳои бадани инсон ва ҳайвон, ба монанди дасту по, забон ва ғайра.
70. **Тасаннуъ** – накӯнамоӣ ва худороӣ.
71. **Заххор** – саршор, моломол, пур аз об.
72. **Тан задан** – ниг. ба тавзеҳи № 25.
73. **Идбору таназзул**: Идбор – бадбахтӣ, бедавлатӣ. Таназзул – пастравӣ, бебарории кор.

**Қасоид**

1. **Шаъшаъа** – равшанӣ ва партав.
2. **Ҳазимат** – шикаст ва парокандагӣ. Шом – киноя аз торикии шаб.
3. **Лашкари атрок** – киноя аз равшании субҳ. Ҳинд – киноя аз торикии шаб.
4. **Шаҳбоз** – киноя аз хуршед.
5. **Зарир** (бо з-и замин) – гиёҳест зардранг. Дар ин ҷо ба маънии зардӣ.
6. **Қоқум** – ҷонварест, ки пӯсташ ба ғоят сафед мебошад. Ин ҷо киноя аз равшании субҳ аст. Қундуз –ҷонвари сиёҳранги монанд ба саг. Дар ин ҷо киноя аз торикии шаб аст.
7. **Кӯраи симилтиҳоб** – зарф ё худ дастгоҳи симгудозӣ.
8. **Ранги раз** – ранги сурх.
9. **Хоб кардан** – ба маънии ҳамвор ва мулоим кардан.
10. **Тоб** – тобиш ва равшанӣ.
11. **Силоб** – либос, ҷома.
12. **Наъли ҷаҳон тоб додан** – наъли ҷаҳонро гарм кардан, яъне ҷаҳонро беқарор кардан.
13. **Халоб** – обу гил, ки дар роҳ пайдо шавад ва роҳ рафтанро душвор созад.
14. **Интисоб** (бо син) – нисбатдор, наздик, хешӣ.
15. **Мункашиф** – вошаванда, бараҳнашаванда.
16. **Иктисоб** – касб намудан, ҳосил кардан.
17. **Иҷтиноб** – дурӣ ва барканорӣ.
18. **Набо** – хабар додан, пайғом овардан.
19. **Мозоғ** – ниг. ба тавзеҳи № 37 бахши «Таркиббанд».
20. **Иҳоб** – пӯст.
21. **Куном** – чарогоҳ. Килоб – ҷамъи калб, ки ба маънои саг аст.
22. **Наът** – дар ин ҷо ба маънии ҳамворӣ. Риқоб – ҷамъи рақаба, ки ба маънии гардан аст.

23. **Қутоб** – як навъи санбӯса.
24. **Данас** – чирк ва чиркин.
25. **Қуруну зиноб** – қурун – ҷамъи қарн, яъне шох. Зиноб – ҷамъи занаб, яъне дум.
26. **Лоҳавл** – нест неруе… Ишора ба ҳадиси набавии «лоҳавла ва лоқуввата илло биллоҳи-л-алии-л-азим» – нест неру ва қуввате, магар Худои таолоро, Худои баландқадр ва воломартабаро. Шиҳоб – шуъла, шуълаи оташ, шуълае монанди тир, ки гоҳе ҳангоми шаб дар осмон пайдо мешавад.
27. **Заҳоб** – рафтан, гузаштан.
28. **Канаф** – паноҳ.
39. **Зубоб** – магас.
30. **Зиҳоб** (бо зол) – оби борон, оби чашма.
31. **Фуҷур** – бадкорӣ, маъсият.
32. **Мисқаб** – парма.
33. **Банон** – сарҳои ангуштон.
34. **Шикор** – дар ин ҷо ба маънии сайд.
35. **Дудмон** – дар ин ҷо ба маънии чароғ ва чароғдон.
36. **Чуст кардан** – бастан.
37. **Кутал** – маркаби савории хос. Куталкаш – шахсе ки маркаби куталро аз лаҷомаш гирифта пиёда ҳамроҳи худ мебарад.
38. **Бухтӣ** – як навъи шутур.
39. **Бахур** – хушбӯие ки аз сӯхтани баъзе чизҳо ҳосил шавад.
40. **Заҷр** – ҷазо, танбеҳ.
41. **Маҳобат** – дар ин ҷо ба маънии тарсу бим. Маҳобати иқбол – бими оянда, тарсу ваҳме ки дар пеш аст.
42. **Мизмор** (бо зод) – майдони асптозӣ.
43. **Миншор** – арра.
44. **Сайрафӣ** – сарроф.
45. **Кунту канз** – будам хазинае. Ишора ба ҳадиси қудсии

«Кунту канзан махфиян фааҳбабту би ан уърифа» – ман ганҷи пинҳон будам, хостам, ки маро шиносанд (пас инсонро офаридам).

46. **Дайёр** – бошанда ва соҳиби хона.
47. **Улулабсор** – соҳибдидаҳо.
48. **Замоим** – ҷамъи замима, ки ба маънии бад ва зишт аст.
49. **Наузубилоҳ** – панаҳ мебарем бар Худо.
50. **Мисмор** – мехи оҳанин.
51. **Халил** – ишора ба ҳазрати Иброҳими Халилуллоҳ.
52. **Ҳор** – пурҳарорат.
53. **Бутимор** – парандае ки аз об метарсад.
54. **Истиҳор** – қудрат ва тавоноӣ.
55. **Амтор** – ҷамъи матар, ки борон аст.
56. **Рев** – макру ҳила ва фиреб.
57. **Таҳийёт** – дуое ки баъд аз адои ду ракъат намоз дар ҳолати қаъда нишастан хонда мешавад.
58. **Ҳинҷор** – тарз, равиш.
59. **Усрат** – душворӣ.
60. **Макҳул** – сурмасо, сурмаандуд. **Лав кушиф** – агар бардошта шавад. Ишора ба сухани ҳазрати Алӣ, ки гуфтааст: Лав кушифа-л-ғитоу мо аздадту яқинан – агар пардаи ҳастӣ бардошта шавад, бар яқини ман чизе афзуда нахоҳад шуд. Машҳун – саршор, пур кардашуда. Аллоҳуссамад – Худо бениёз аст. Ишора ба ояти дуввуми сураи Ихлос. Наҳну-л-охируна-с-собиқуна – мо вомондагон (-и ин ҷаҳон) ва пештозон (-и рӯзи қиёмат) ҳастем (ҳадиси набавӣ).
61. **Каҳф** – ғор, паноҳгоҳ. **Ҳайдар** – шери даранда.
62. **Азад** (бо айн) – бозу.
63. **Вало** – меҳру муҳаббат.
64. **Ибтило** – душворӣ ва машаққат.
65. **Забад** – кафк.

66. **Ватад** – мехи чӯбин.
67. **Ҳаблуммиммасад** – ресмоне аз лифи хурмо. Ишора ба ояти панҷуми сураи «Масад»: Фи ҷӣдиҳо ҳаблуммиммасад – дар гардани ӯ ресмоне аз лифи хурмо аст. Тафсири ин оятро чунин овардаанд: Назди аксар муфассирин мурод аз он (аз ресмон – Б.Р.) тавқ ва занҷирҳои дӯзах аст. Ва ин ташбеҳ ба муносабати «ҳаммолаталҳатаб» (бардорандаи ҳезум) шуд. Зеро дар бардоштани бори ҳезум ба расан зарурат меафтад. Мегӯянд: Дар гардани ин зан (зани Абӯлаҳаб – Б.Р.) тавқи бас қиматдоре буд ва ҳамеша мегуфт: Савганд ба Лот ва Уззо, ки ин тавқро дар роҳи душмании Муҳаммад сарф менамоям. Пас лозим афтод, ки дар дӯзах низ гулӯи ӯ бидуни тавқ набошад. Шигифт ин аст, ки он бадбахт ба ҳамин тартиб мурд. Чунончи, ресмони пуштораи ҳезум дар гулӯяш сахт печида, хафа шуд, то ҷон дод.
68. **Чорҳад** – чорсӯ, киноя аз олам.
69. **Майдон кашидан** – худро ҷамъ намуда, каме ба ақиб рафтану баъд бо шаст ҷаҳидан ё давидан.
70. **Лоюъад** – бешумор, шумурда намешавад.
71. **Муҳарраф хурдан** – аз роҳ бероҳа шудан, аз хати асосии сайр баромадан.
72. **Атшон** – ташна ва ташнагӣ.
73. **Ангора** – дар ин ҷо ба маънии нотамомӣ ва беохирӣ.
74. **Таркон** – малика, шаҳрбону, лақаби занони арҷманд.
75. **Ҳамин** – дар ин ҷо ба маънои фақат, танҳо.
76. **Хусрон** – зиён ва зарар.
77. **Руҳбон** – роҳиб, порсо ва обиди насронӣ.
78. **Суъбон** – мор.
79. **Гав** – чоҳ, чуқурӣ.
80. **Мартаъ** – чарогоҳ.
81. **Навол** – ато ва бахшиш.

82. **Лавкушиф** – ниг. ба тавзеҳи № 62 бахши «Қасоид».
83. **Таммалфақр** – ишора аст ба сухани маъруфи сӯфиён: Изо тамма-л-фақру фаҳуваллоҳу. Маъмулан, ин ҷумларо ин тавр тарҷима мекунанд: Вақте ки фақр ба тамомият (ба камол, ба авҷ) мерасад, вай, яъне фақир, худо мешавад. Вале дар «Мақолоти Шамси Табрезӣ» (Теҳрон, 1349, саҳ 198) ин ҷумла ба таври дигар маънидод шудааст. Шамси Табрезӣ навиштааст: «Акнун маънии «Изо тамма-л-фақру фаҳува-л-лоҳу», яъне чун тамом шуд фақр, он гаҳ Худо аён шуд, биёбӣ ва бибинӣ, на он ки Аллоҳ шавад».

    Баъзеи муҳаққиқон, аз ҷумла муаллифи китоби «Шукӯҳи Шамс» (Теҳрон, 1367) Аннемарие Шиммел, ҷумлаи мазкурро ҳадиси набавӣ гуфтаанд. Вале, бино бар қавли мусаҳҳеҳи китоби мазкур «Мақолоти Шамси Табрезӣ» (саҳ 128) Аҳмад Хушнависи Имод, «ин ҷумла мансуб ба урафои қадим аст ва иқтибос аз ҳадисест, ки имом Содиқ (р) фармуда: «Ал-убудияту ҷавҳаратун кунҳуҳо-р-рубубияту», яъне бандагӣ ҷавҳарест ки аслу моҳияти он рубубият аст».
84. **Қибтӣ** – номи қавме, ки аҳли Миср ва тобеъони Фиръавн буданд.
85. **Машийят** – хост ва иродаи Худои мутаол.
86. **Ғазбон** – қаҳрнок ва хашмгин.
87. **Аъдал** – росттар ва миёнатар.
88. **Батал** (бо итқӣ) – шуҷоъ ва далер.
89. **Адҳам** – аспи сиёҳ, киноя аз торикии шаб.
90. **Арҷал** – аспе ки як пои вай сафед бошад.
91. **Туркони Хито** – сафедпӯстони хитоӣ, киноя аз сафедии субҳ.
92. **Ҳирбо** – сусмори ҳафтранг, буқаламун. Тазоъиф – дучанд шудан.
93. **Мумталӣ** – пур ва саршор. **Урук** – ҷамъи ирқ, яъне раги

бадан ва бехи дарахт.

94. **Акҳал** – дар ин ҷо номи раге ки онро ҳафт андом гӯянд.
95. **Мустаъсал** – аз бех кандашуда.
96. **Хариф** – тирамоҳ.
97. **Мухаттат** – хатдор, бо хат зинатдодашуда.
98. **Ҳулал** – ҷамъи ҳулла, ки ба маънои либос аст.
99. **Калал** – пари як навъи мурғ, ки мардҳо дар рӯзҳои хурсандӣ дар дастор ва кулоҳ ниҳанд.
100. **Қастал** – ғубор.
101. **Миғзал** – чархи риштаресӣ.
102. **Басал** – пиёз.
103. **Ҳаср будан** – хоси чизе ва касе будан.
104. **Молоянҳал** – он чӣ ки қобили во шудан нест.
105. **Ваҳал** – гил, замине ки аз об нарм шудааст.
106. **Султони азал** – султони бузург, киноя аз Худо.
107. **Батул** – яке аз лақабҳои ҳазрати Фотима.
108. **Аҷал** – бузургтар.
109. **Микҳал** – сурмадон.
110. **Сабал** – ошӯб ва сурхие ки дар чашм пайдо шавад.
111. **Шатал** – чутал. Ниг. ба тавзеҳи № 18 бахши «Тарҷеъбанд».
112. **Ҷандал** – санги бузург.
113. **Дунбал** – реше ки дар бадани одамону ҳайвонот пайдо шавад, пучак.
114. **Зуввор** – ҷамъи зоир, яъне зиёраткунанда.
115. **Хардал** – донае бошад хурд ва тезмазза.
116. **Асфал** – сифлатар, пасттар.
117. **Ромеҳ** – найзадор ва найзазан. **Ромеҳи чарх** – ситораест, ки наздики ӯ ситораи дигар аст, ки онро Найзаи Симок гӯянд. **Аҷам** – найистон ва анбӯҳи дарахтон.
118. **Ромӣ** – тирандоз. **Аъзал** – марди бесилоҳ.
119. **Салсал** – оби ширини хушгувор.
120. **Тибал** – кина ва душманӣ.

121. **Салал** (бо с-и мусаллас) – ҳалок шудан.
122. **Заикал** – бараҳна.
123. **Мустаъмал** – истифодашуда, куҳна ва фарсуда.
124. **Ҳиддат** – тезию гузарой.
125. **Ҳирз** – паноҳгоҳ ва ҷои устувор.
126. **Мандал** – як навъи доира, табл, дуҳул.
127. **Манбал** – суст ва коҳил.
128. **Муаттал** (бо иткӣ) – бекормонда, фурӯмонда.
129. **Муҳтал** – бекор ва беҳуда.
130. **Хунок** – бемории хафа. **Саҳал** – гулӯгирифтагӣ.
131. **Ҷуал** – ҷонварест сиёҳи пардор монанд ба занбур, ки дар саргин ва рустаниҳо пайдо мешавад.
132. **Халл** – сирко.
133. **Залал** – лағзиш.
134. **Мубтал** (бо иткӣ) – ботилшуда, бекоршуда.
135. **Итноб** – дарозии сухан, пургӯӣ.
136. **Инҳироф** – каҷравӣ.
137. **Миъҷар** – рӯпӯш ва ҷомаи занона.
138. **Мухаттат** – хатдор, дорои хатту хол.
139. **Сохт** – сохтан, созиш кардан, мувофақат кардан.
140. **Аз саводаш** – аз саводи қасидаи «Саводи аъзам».
141. **Ҳарфи номаш** – ҳарфҳои номи қасида. Аз ҳарфҳои номи қасида, яъне аз ибораи «Саводи аъзам» ба ҳисоби абҷад адади 1082 бармеояд, ки ин адад санаи таълифи қасида мебошад.
142. **Мафлук** – куҳна, фарсуда. **Танбӯ** – хайма.
143. **Чароғони Деҳлӣ** – ин қасида дар нусхаҳои хаттии девони Бедил бо номҳои гуногун – «Шаби барот», «Васфи шаби бароту чароғон», «Сифати шамъ» ва ғайра дарҷ гардидааст. Дар нашри сафдарии Куллиёти шоир беунвон ва дар нашрҳои кобулию теҳронии он бо унвони «Чароғони Деҳлӣ» омадааст. Гуфтан лозим аст, ки ин

қасида таърихи аҷибе дорад. Тавре ки аз як номаи Бедил (номаи «Ба Қобилхони муншӣ») бармеояд, подшоҳи вақти Ҳиндустон Аврангзеби Оламгир (1658-1707) боре Атиқуллоҳи Кӯка ном амирро ба назди Бедил фиристода, хоҳиш карда буд, ки шоир чизеро аз осори худ ба дарбор равона созад. Бедил пораи насреро ба ҳузури подшоҳ фиристод. Пас аз як соли ин воқеа амири мазкур ба назди Бедил омада, арз кард, ки пораи наср ба подшоҳ писанд омад ва подшоҳ иноят намуд, ки Бедилро мебояд дар қасидае арзи ҳол намуда, ба дарбор наздикӣ ҷӯяд. Бедил қасидаи мазкур, яъне «Чароғони Деҳлӣ»-ро навишта, ба дарбор ирсол намуд. Чунон ки аз мазмуни қасида бармеояд, Бедил бо вуҷуди мадҳу ситоиши подшоҳ ва арзи аҳволи хеш аз подшоҳ чизе талаб накард ва андешаи ба дарбор майл надоштанашро пинҳон надошт.

Баъд аз ирсоли қасида шаш соли дигар сипарӣ шуд. Аврангзеб бори севум Бедилро ба дарбор ҷалб карданӣ шуда, ба муншии дарбор Муҳаммадшарифи Қобилхон фармуд, ки дар ин бора ба шоир номае нависад. Номаи Қобилхон ба Бедил расид. Вале ӯ ин даъфа низ бо нозокат ва хоксории ба худ хос аз наздикӣ ба дарбор иҷтиноб варзид.

144. **Шикор** – дар ин ҷо ба маънии сайд аст.
145. **Ашҳаб** – асп.
146. **Давол** – тасмаи чармине, ки бо он чизеро бибанданд.
147. **Муқтабас** – иқтибосшуда. **Мустаор** – ба орият гирифташуда.
148. **Хонидаврон** – яке аз дӯстон ва шогирдони Бедил. Номи аслии ин шахс Мирзо Қамаруддин ибни Мирзо Шаҳобуддин аст, ки бо хитобҳои Чинқиличхон, Хонидаврон, Низомулмулк ва Осафҷоҳ шуҳрат дошт.
149. **Моҳазар** – он чи ҳозир аст, таоме ки ба қадри кофӣ

мавчуд аст.

150. **Остин молидан** – ба коре азм намудан, ба ичрои коре миён бастан.
151. **Қалмоқ** – шасти моҳигирӣ.
152. **Адонӣ** – наздикон. **Ақосӣ** – дурон.
153. **Шорак** – майна.
154. **Качак** – чангаке ки филбонон бо вай филро меронанд.
155. **Ғалтак хӯрдан** – ғалтидан, ғелон шудан, чар шудан.
156. **Тааррuз** – мухолафат, эътироз.
157. **Мумтаҳин** – озмоянда, имтиҳонкунанда.
158. **Мустамсак** – дар чанг афтода, гирифтор.
159. **Миск** – муарраби мушк.
160. **Ҳалак** – ҳиккаке ки дар ҳолати назъ пайдо шавад.
161. **Мустадом** – давомдор, ҳамеша. Мустаҳлак – ҳалокшаванда.
162. **Таҳак** – хок, замин.
163. **Калак** – ништари хунгирӣ
164. **Тӯшак** – курпача.
165. **Торак** – дар ин чо ба маънии тори сар, тарки сар.
166. **Фадак** – номи деҳе ки ҳазрати пайғамбар (с) дар он чо боғи хурмо доштанд.
167. **Бағалак** – захмест, ки дар бағали одам пайдо мешавад ва дер пухта мегардад.
168. **Далқак** – номи яке аз масхарабозон будааст.
169. **Таҳти ҳанак** – таҳи манаҳ. Муаллифи «Ғиёсуллуғот» навиштааст, ки таҳти ҳанак ё худ таҳтулҳанак «маъмули зуҳҳод аст, ки як печи имома аз таҳти ҳанак гузаронда ба сар печанд».
170. **Мадрак** – фаҳмидашуда, фаҳмо, даркшуда.
171. **Ифак** – дурӯғ, туҳмат.
172. **Чунак** – минқор ва чанголи мурғон.
173. **Тибол** – чамъи табл.
174. **Капанак** – намаде ки камбағалон дар зимистон бар

дӯш гиранд.

175. **Кутак** – дастчӯб, асо.
176. **Қориа** – сахтӣ ва душворӣ.
177. Шокирхон – Иноятуллоҳи Шокирхон, яке аз дӯстон ва ҳомиёни Бедил аст. Шокирхон писари дувуми дӯст ва ҳомии асосии Бедил наввоб Шукруллоҳхони Хофӣ (вафоташ 1696) мебошад.
178. **Пон** – барги як навъ дарахт аст, ки дар он чизҳои гуногун, масалан, оҳаки бирён ва шираи баъзе меваҳоро печонда мехоянд. Аз хоидани он лабу даҳон сурх мешавад. Истеъмоли барги пон барои ҳазми таом ва тозагии даҳону дандон муфид аст.
179. **Коҳ дар даҳон гирифтан** – изҳори аҷзу нотавонӣ кардан.
180. **Ниҳеб** – ҳайбат ва тарсу бим.
181. **Ин** – яъне ин қасида.
182. **Муҳаммад Аъзамшоҳ** – писари севуми подшоҳи вақти Ҳиндустон Аврангзеби Оламгир (1668-1707). Аъзамшоҳ дар соли 1658 таваллуд шуда, дар соли 1707 дар ҷанге, ки байни ӯ ва бародараш Муҳаммад Муаззам (ваф.1712) рух дод, кушта гардид.

    Бедил дар солҳои ҷавонияш дар лашкари Аъзамшоҳ чанд сол хидмат намудааст.
183. **Дар мадҳи шоҳ ва таърихи таваллуди шаҳзода** – мурод аз шоҳ Аврангзеби Оламгир асту мурод аз шаҳзода писари хурдии ӯ Муҳаммад Комбахш, ки то соли 1120/1708 дар қайди ҳаёт буд.
184. Мисраъи охирин моддаи таърих аст, ки ба санаи 1081 (1670-1671) баробар мебошад.
185. **Таърихи ҷулуси Ҷаҳондоршоҳ** – дар нашри кобулии куллиёти Бедил ин қасида бо унвони «Таърихи ҷулуси Фаррухсияр» омадааст, ки иштибоҳ аст. Сабаби иштибоҳ ин аст, ки ҳам Ҷаҳондоршоҳ ва ҳам Фаррухсияр дар як

сол, дар соли 1124 бар тахт нишастанд. Ҷаҳондоршоҳ дар ибтидои солу Фаррухсияр дар охири сол. Вале аз мазмуни худи қасида ба хубӣ маълум аст, ки дар он дар хусуси Муизуддин Ҷаҳондоршоҳ сухан меравад. Ибораҳои «теғи ҷаҳондори заман», «муъизи мулку дин», «номаш ҷаҳонбахши нигин» ва ғайра далели ин фикр шуда метавонанд.

186. **Занд** – китобест, ба забони паҳлавӣ, ки аз тарҷума ва тафсири «Авасто» иборат мебошад. Усто – номи дигари «Авасто».
187. **Хузӯъ** – хоксорӣ ва фурӯтанӣ.
188. **Бар шамъ остин афшондан** – шамъро хомӯш кардан.
189. **Раҷо** – умед.
190. **Гетиситони ҷамнигин** – ин ибора ва се ибораи пеш аз ин омада ҳама моддаҳои таърихanд, ки аз ҳар кадоми онҳо санаи 1124 ҳиҷрӣ (1712 милодӣ) бармеояд.
191. **Руҷҳон** – бартарӣ, афзалият.
192. **Қатразанӣ** – давидан, ҳаракати тезу тунд.
193. **Бетаайюнӣ** – бениёзӣ.
194. **Асфал** – сифлагӣ, пастӣ.
195. **Бар замин хат кашидан** – хиҷолат кашидан.
196. **Чормавҷ** – гирдоб.
197. **Муқомир** – қиморбоз, ҳарифи қимор.
198. **Муфтарӣ** – дуруғгӯй, туҳматчӣ.
199. **Заҳир** – Заҳири Форёбӣ (1156-1201) шоири маъруфи қасидасаро.
200. **Шукруллоҳхон** – аз дӯстон ва иродатмандони Бедил бо номи Шукруллоҳхон ду нафар мавҷуд аст. Яке дӯст ва ҳомии асосии Бедил наввоб Шукруллоҳхони Хофӣ, ки шоир буд ва «Хоксор» тахаллус мекард. Вафоти ин Шукруллоҳхон дар соли 1108 (1696) рух додааст. Дигаре писари бузурги наввоб Шукруллоҳхони Хофӣ, ки номи

аслиаш Лутфуллоҳхон аст ва дар соли 1114 (1702-1703) бо фармони Аврангзеби Оламгир (1658-1707) ба хитоби падар, яъне Шукруллоҳхон мухотаб гардидааст. Дар «Руқаъот»-и Бедил ҳар ҷо ки дар хусуси ҳарду Шукруллоҳхон сухан равад, Шукруллоҳхони писар бо номи Шукруллоҳхони сонӣ ёд мешавад. Дар дигар мавридҳо ҳарду ҳам бо як ном, бо номи Шукруллоҳхон зикр меёбанд. Аз ин рӯ муайян кардан душвор аст, ки қасидаи «Дар ҳайрамақдами Шукруллоҳхон» ба кадоме аз онҳо дахл дорад.

201. **Катон** – навъе аз ҷомаи тунук, ки аз пӯсти гиёҳе бофанд. Баъзеҳо гуфтаанд, ки ин ҷома дар муқобили нури моҳ тоқат надорад, яъне аз таъсири нури моҳ пора мешавад.

**Қитаъот**

1. **Ҳанӯз сояи ӯ бар замин наяфтодаст** – ишора ба ақидаест, ки тибқи он ҳазрати паямбар (с) соя надоштааст.
2. **Нофият** – нафйкунандагӣ, безорӣ, нафратгарӣ.
3. **Саҳм** – дар ин ҷо ба маънии тарсу бим.
4. **Румҳ** – найза.
5. **Зеҳ шудани камон** – омода шудани камон.
6. **Садма** – садама.
7. **Оби ҳунар фурӯ рехтан** – обрӯ рехтан.
8. **Шокирхонбаҳодур** – Иноятуллоҳи Шокирхон писари дувуми наввоб Шукруллоҳхони Хофӣ.
9. **Румҳ** – ниг. ба тавзеҳи № 7.
10. **Абдуллоҳхон** – номи аслии ин шахс саййид Ҳасаналихон аст, ки бо лақаби Қутмулмулк саййид Абдуллоҳхон маъруф аст.
11. **Чинқиличхон** – аввалин хитоби Мирзо Қамаруддин ибни Мирзо Шаҳобуддин аст. Хитобҳои дигари ӯ: Хони-

даврон, Низомулмулк ва Осафҷоҳ мебошанд.

12. **Зулфиқорхон** – яке аз амирони маъруфи аср, чанд сол вазири аъзами дарборҳои Аврангзеб, Баҳодуршоҳ ва Ҷаҳондоршоҳ буд. Вафоташ дар соли 1124 (1712) иттифоқ афтодааст.
13. Ин қитъа дар нашрҳои сафдарӣ ва кобулии Куллиёти Бедил дар ин шакл омадааст:

    *Он ки дар иститоати қудрат*
    *Кунад имдоди ҳоли дарвешон.*
    *Фазли Яздон камолаш афзояд,*
    *Ба давоми дуои дарвешон.*

    Тавре ки мебинем, қитъа дар ин шакл аз нигоҳи қофия нуқсон дорад. Мисраҳои дувуму чоруми он ҳамқофия нестанд. Мо варианти ҳозираи онро аз нусхаҳои хаттиии девони шоир гирифтаем.
14. **Шоматхез** – наҳс ва бехосият.
15. **Чаро худро асири ғам зи фикри бешу кам дорӣ?** – ин қитъа дар нашрҳои маълум ва машҳури куллиёти Бедил – нашри Сафдарӣ (Бамбай, 1299), нашри Кобул (ҷилдҳои 1-4, 1341-1344) ва нашри Теҳрон (ҷилдҳои 1-3, 1386) ба назар намерасад. Мураттибони чанде аз баёзҳои чопии асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ онро моли Мирзо Абдулқодири Бедил дониста, бо номи ӯ чоп кардаанд. Яке аз муҳаққиқони шоир донишманди кашмирӣ Кошӣ Нотҳ Пандит низ дар рисолаи хеш «Аҳволу афкор ва сабки ғазалиёти Бедил», ки дар китобхонаи Донишгоҳи Теҳрон дар шакли дастхат маҳфуз аст, қитъаи мазкурро ба Бедил нисбат додааст. Ба ақидаи мо низ ин шеър шеъри Бедил аст. Зеро, бар замми он ки дар мисраъи чоруми он тахаллуси «Бедил» сабт ёфтааст, сабку услубаш низ ба сабку услуби Бедил монандӣ дорад.
16. **Тардиф** – ҳамрадиф, баробар.

17. **Бузурге хабар дод аз мавлидаш** – ин ҷо ишора ба яке аз дӯстони падари Бедил Мирзо Абулқосими Тирмизист, ки таърихи таваллуди Бедилро аз калимаи «интихоб» ва иборaи «файзи қудс» пайдо намуда буд.
18. **Мир Лутфуллоҳ** – писари бузурги наввоб Шукруллоҳхони Хофӣ, ки пас аз вафоти падараш ба хитоби ӯ, яъне ба хитоби «Шукруллоҳхон» мухотаб гардида буд. Дар «Руқаъот»-и Бедил бо номҳои Лутфуллоҳхон, Шукруллоҳхон ва Шукруллоҳхони сонӣ ёд мешавад.
    Хони офтоблақаб – яъне наввоб Шукруллоҳхони Хофӣ.
19. **Комгори аср** – Мирзо Комгорхон, яке аз амирони аҳди Аврангзеб, ки то соли 1111 (1699-1700) дар қайди ҳаёт буд. Бедил замоне ки дар Акбаробод мезист (солҳои 1081-1083/ 1670-1673), бо ин амир дӯстию рафоқат ва рафтуомад дошт.
20. **Шокирхон** – Иноятуллоҳи Шокирхон, писари дувуми наввоб Шукруллоҳхон, ки аз соли 1110 (1698-1699) то соли 1125 (1713) ҳокими Шоҳиҷаҳонобод ва аз соли 1125 (1713) то охири умр , соли 1130 (1717-1718) сӯбадори Дакан буд.
21. **Фаррухсияр** – подшоҳи вақти Ҳиндустон, ки аз соли 1124 (1712) то соли 1131 (1718-1719) ҳукмронӣ кардааст.
22. **Шаҳи сипеҳрҷаноб** – яъне Фаррухсияр.
23. **Подшоҳи замон** – Фаррухсияр дар назар аст.
24. **Лиллаҳилҳамд, ки аз сародиқи ғайб** – дар нашри кобулии куллиёти Бедил (ҷилди 2, саҳ.435) ин қитъа бо номи «Таърихи ҷулус» дарҷ гардидааст. Аз мисраъи охири қитъа, ки моддаи таърих аст, санаи 1133 (1720) бармеояд. Лекин аз подшоҳони Ҳиндустон дар ин сол касе бар тахти шоҳӣ нанишастааст. Охирин подшоҳе, ки Бедил аҳди ӯро дарёфтааст, Муҳаммадшоҳ аст, ки дар соли 1131 (1719) подшоҳ шуда буд. Пас, ин қитъа таърихи ҷулус

нест, балки таърихи вилодати шоҳзодаест. Зоҳиран, ин қитъа таърихи таваллуди писари Муҳаммадшоҳ аст.

25. **Муқтаран** – наздик, пайваст.
26. **Муқарнас** – дар ин ҷо ба маънии баланд.
27. **Қосими Ҳуваллоҳӣ** – Шоҳқосими Ҳуваллоҳӣ, сӯфӣ ва орифи машҳури аср, яке аз устодони маънавии Бедил. Бедил аз соли 1071 (1660-1661) то соли 1074 (1663-1664), ки ҳамроҳи тағояш Мирзо Зариф дар шаҳри Катаки вилояти Орисса зиндагӣ мекард, бо Шоҳқосим ҳамнишин ва ҳамсуҳбати доимӣ буд.
28. **Соли воқеа** – соли вафот. Зи «бетаайюнии зот» рафт «сифат» – дар нашри кобулии куллиёти шоъир (ҷилди 2, саҳ, 133) аз моддаҳои таърихи мазкур санаи 1093 (1682) бароварда шудааст, ки ғалат аст. Аз ин моддаҳои таърих санаи 1083 (1672-1673) бармеояд. Иллати ин иштибоҳ он аст, ки иборaи «бетаайюнии зот» баробари 1663 дониста шудааст. Дар ҳоле ки ин ибора ба 1653 баробар мебошад. Яъне бандаки изофаи иборaи мазкур ба ҳисоб дохил намешавад.
29. **Мустаҳиққи закот** – сазовори закот.
30. **Нарӯка** – яке аз қавмҳои вилояти Майвот воқеъ дар Роҷистони имрӯза, ки дар солҳои 1096-1098 (1685-1687) ба муқобили ҳукумати марказии Ҳиндустон бархоста буданд. Баҷиром – роҳбари қавми нарука.
31. **Хони осмонҷоҳ** – наввоб Шукруллоҳхони Хофӣ дар назар аст, ки аз соли 1096 (1685) то соли 1099 (1687-1688) ҳокими Майвот буд.
32. **Дили Нарӯка бишкаст** – аз як номаи Бедил (ба Шукруллоҳхон, ки таърихе барои назм фиристода буданд) бармеояд, ки моддаи таърихи мазкурро худи Шукруллоҳхон ёфта, аз Бедил хоҳиш кардааст, ки онро ба риштаи назм кашад.

33. **Ҳосили нозу неъмат** – яъне шукри Худо, шукри Аллоҳ, ки мурод Шукруллоҳхон аст.
34. **Соҳиби мо** – ишора ба наввоб Шукруллоҳхони Хофист. Ин қитъа аз мактубест, ки Бедил ба Шукруллоҳхон ирсол намудааст. Унвони мактуб ин аст:
35. **Маротиби таъйиди эзадӣ** – дар нашри кобулии куллиёти Бедил (ҷилди 2, бахши қасидаву қитъа, саҳ.136) аз ин моддаи таърих санаи 1090 (1679-1680) бароварда шудааст, ки саҳеҳ нест. Сабаби ин иштибоҳ он аст, ки калимаи «таъйид» бо як «й» оварда шудааст. Дар ҳоле ки ин калима бо ду «й» навишта мешавад. Дар мактуби мазкури шоир, ки ин қитъа аз он ҷо гирифта шудааст, калимаи «таъйид» бо ду «й» омадааст.
36. **Шукруллоҳхон** – наввоб Шукруллоҳхони Хофӣ дар назар аст.
37. **Ду «гул» шукуфтабаҳор (у) ду «сарв» сабзбасант** – калимаи «сабзбасант» ба маънии сабзбаҳор аст. Зеро «басант» дар забонҳои ҳиндӣ ва урду ба маънии баҳор мебошад. Дуктур Муҳаммад Муъин дар «Фарҳанги форсӣ»-и хеш калимаи мазкурро чунин шарҳ додааст: «Баҳори Ҳиндустон ки аз таҳвили офтоб ба бурҷи далв шурӯъ мешавад ва ҳиндуҳову баъзе аз мусулмонони шимоли Ҳинд дар он рӯз ид мегиранд».

Муҳаммад Муъин эзоҳ додааст, ки «ин калима дар забони форсӣ нест. Баъзе аз шуарои форсӣ, ки ба Ҳинд рафтаанд, дар ашъори худ онро ба кор бурдаанд».

Мисраъи мазкур (Ду «гул»…) дорои ду моддаи таърих аст, яке «ду «гул» шукуфтабаҳор», дигаре «ду «сарв» сабзабасант». Вале дар нашри кобулии куллиёт (ҷилди 2, саҳ.435) аз ин моддаҳои таърих ҳеч гуна ададе бароварда нашудааст. Мо аз ҳар кадоми ин моддаҳои таърих санаи 1113 (1701-1702)-ро истихроҷ намудем, бад-ин тариқ:

Дар моддаи таърихи аввал аз таъбири «ду гул» калимаи «ду» ба ҳисоби таърих дохил намешавад, аммо калимаи «гул» ба такрор меояд. Яъне агар калимаи «гул» ба ҳисоби абҷад баробари панҷоҳ бошад, дар ин ҷо баробар ба адади сад аст. Ин адад ба ҳосили калимаи «шукуфтабаҳор», ки 1013 аст, зам карда шавад, 1113 мешавад. Дар таърихи дувум низ аз ибораи «ду сарв» калимаи «ду» аз ҳисоб берун аст ва калимаи «сарв» чун калимаи «гул» ба такрор меояд. Ҳосили ду «сарв» ба ҳисоби абҷад 532 мебошад, ин адад ба ҳосили калимаи «сабзбасант», ки 581 аст, зам карда шавад, 1113 ҳосил мешавад.

38. **Оқилхони моро** – наввоб Оқилхони Розӣ (ваф. 1108/1696) дар назар аст, ки падарарӯси наввоб Шукруллоҳхони Хофист. Ӯ аз соли 1092 /1681 то охири умр ҳокими пойтахти Ҳиндустон – Шоҳиҷаҳонобод буд. Оқилхон шоири соҳибдевон ва муаллифи чанд маснавӣ низ мебошад.
39. **Шукруллоҳхонро** – писари бузурги наввоб Шукруллоҳхони Хофӣ – Мирлутфуллоҳ Шукруллоҳхони Сонӣ дар назар аст.
40. **Хоҷа Зариф** – тағоии Бедил Мирзо Зариф дар назар аст, ки шоир аз соли 1069 (1658-1659) то соли 1075 (1664-1665) ҳамроҳи ӯ зиндагӣ мекард.
41. **Ирҷиъӣ** – бозгард. Ишора ба оятҳои 27-28 сураи «Фаҷр». Ё айюҳа-нафсу-л-мутмаиннату, ирҷиъӣ ила раббика розиятан марзиятан – Эй рӯҳи оромёфта, хушнуду писанддида бозгард ба сӯи Парвардгорат.
42. **Адими замин** – даруни замин.
43. **Иззати ҷаҳон** – ишора ба шайх Абдулазизи Иззат аст, ки яке аз устодони аввалини Бедил буд.
44. **Муфаттин** – фитнаангез.
45. **Лахт** – муддати каме.

46. **Соҳиби моро** – ишора ба Иноятуллоҳи Шокирхон аст.
47. **Шоҳ Бобур** – яке аз шоҳзодаҳои асри Бедил аст, ки шахсияташро дақиқ равшан кардан натавонистем.
48. **Шоҳ Акбар** – писари чаҳоруми Аврангзеби Оламгир (1658-1707).
49. **Шоҳи мо** – Аврангзеби Оламгир дар назар аст.
50. **Саъир** – дӯзах.
51. **Санбаҳо** – яке аз пешвоёни қавми маратҳ дар Дакан.
52. **Алӣ** – дар ин ҷо ба маънии олист.
53. **Хони карамбаҳор** – зоҳиран, ишора ба писари хурди наввоб Шукруллоҳхони Хофӣ – Миркарамуллоҳ Оқилхони сонист.
54. **Абдулхолиқ** – ягона фарзанди Бедил, ки дар соли 1120/1708 ба дунё омада, дар соли 1123/1711 дар асари бемории обила вафот кард.
55. **Эзади корсоз** – ҳам аз ибораи «шоҳи Фаррухсияр» ва ҳам аз таъбири «мазҳари Эзади корсоз» як адад – 1456 бармеояд.
56. **Хонидаврон** – яке аз дӯстон ва иродатмандони Бедил, ки шоир буд ва Шокир тахаллус менамуд.
57. **Бунёди маҳфуз** – дар нашрҳои Сафдарӣ ва кобулии куллиёти Бедил ибораи «бунёди маҳфуз» дар шакли «бунёди маҳзуз» омадааст, ки ғалат аст. Зеро ададе ки аз моддаи таърихи «бунёди маҳзуз» бармеояд, аз адади моддаи таърихи аввал (ҳаловатхона) чандсад адад зиёд аст. Вале агар ба ҷои калимаи «маҳзуз» «маҳфуз» хонем, ададҳои ҳарду моддаи таърих бо ҳам баробар мешаванд.

   Зоҳиран, сабаб ғалат будани моддаи таърихи дувум аст, ки дар нашри кобулии куллиёти шоъир (ҷилди дувум) аз моддаҳои таърихи мазкур ҳеч гуна ададе бароварда нашудааст.
58. **Шукруллоҳхон** – наввоб Шукруллоҳхони Хофӣ дар

назар аст.

59. **Бачиром** – ниг. ба тавзеҳи № 40 бахши «Муқаттаъот».
60. **Нарӯка** – ниг. ба тавзеҳи № 40 бахши «Муқаттаъот».
61. **Мев** – қавми дигаре аз қавмҳои Майвот, ки ба муқобили ҳукумати марказӣ мубориза мебурданд.
62. **Фатҳе шигарф** – дар нашри кобулии куллиёти Бедил аз моддаҳои таърихи «ғазви аҷиб» ва «фатҳе шигарф» санаи 10 бароварда шудааст, ки саҳеҳ нест. Адади дурусти ин моддаҳо 1098 аст.
63. **Саҷдааш** – аз ин калима бармеояд, ки ин бино бинои масҷид аст.
64. **Судоъ** – дарди сар.
65. **Субул** – ҷамъи сабил, яъне роҳҳо.
66. **Беҷопур** – яке аз шоҳигариҳои кишвари Дакан, ки то замони Аврангзеб (1658-1707) шоҳигарии мустақил буд.
67. **Абдулазизи Иззат** – яке аз аввалин устодони Бедил.
68. **Азмат** – азамат.
69. **Муизуддин** – подшоҳи вақти Ҳиндустон Муъизуддин Ҷаҳондоршоҳ, ки ҳамагӣ 11 моҳ ҳукмронӣ кардааст. Ин қитъа, ки ҳар мисраъаш таърих аст, ба муносибати ҷулуси подшоҳ гуфта шудааст.
70. **Тааҳҳул** – издивоҷ, хонадоршавӣ.
71. **Руҷҳон** – бартарӣ, афзунӣ.
72. **Ҷун** – номи дигари дарёи Ҷамна.
73. **Подшоҳи замон** – подшоҳи вақти Ҳиндустон Шоҳиолам Баҳодуршоҳ (1707-1712) дар назар аст.
74. **Шукруллоҳхон** – наввоб Шукруллоҳхони Хофӣ дар назар аст.
75. **Ғозиюдинхонбаҳодур Сафдари Фирӯзҷанг** – яке аз амирони маъруф, падари Низомулмулки Осафҷоҳ, ки хитобҳои пешинааш Чинқличхон ва Хонидаврон буданд.
76. **Ҳазрати шоҳ** – шоҳ Фаррухсияр дар назар аст.

Дар нашри кобулии куллиёти шоир (ҷилди 2, саҳ.433) ин қитъа зери унвони «Дар таърихи ҷулус ва ҷашни наврӯзии подшоҳ» омадааст. Вале дар ин сол (соли 1127/1715) аз шоҳони Ҳиндустон касе бар тахти шоҳӣ нанишастааст. Қитъа, зоҳиран, ба муносибати ҷашни дигаре гуфта шудааст.

77. **Шокирхони ман** – дар чанде аз нусхаҳои хаттии девони Бедил, масалан, нусхаи Институти шарқшиносии АИ Тоҷикистон, ва нашри кобулии куллиёти шоир (ҷилди 2, саҳ.434) ин қитъа бо номи «Таърихи вафоти Шокирхони сонӣ» дарҷ гардидааст, ки саҳеҳ нест. Аз дӯстон ва иродатмандони Бедил касе бо номи Шокирхони сонӣ вуҷуд надорад. Ин қитъа таърихи вафоти Мириноятуллоҳи Шокирхон аст, ки борҳо аз ӯ ёд намудем.
78. **Мирзо Қаландар** – амми Бедил, ки шоир аз синни 4-5-солагӣ то ба шонздаҳсолагӣ дар хонаи ӯ зиндагӣ мекард.
79. **Вағо** – ҷанг, корзор.

**Муаммоҳо**

1. **Бино бар қавли Холмуҳаммади Хаста** – мусаҳҳеҳи нашри кобулии куллиёти Бедил (ҷилди 2, бахши қасидаву қитъа, саҳ. 213) муаммоҳои шоир аз нусхаи хаттии рубоиёти ӯ, ки дар китобхонаи шоҳии Кобул маҳфуз будааст, гирифта шудаанд. Дар нусхаи мазкур исмҳои муаммоҳо ҳамчунин болои ҳар мисраъ сабт гардидаанд.

   Гуфтан лозим аст, ки дар нашри теҳронии куллиёти Бедил (ҷилди 1,2,3, Теҳрон 1376) аксари муаммоҳои шоир аз чоп афтидаанд. Дар бахши муъаммоҳои ин нашр танҳо унвони бахш ва матни як муаммо дарҷ гардидаасту бас.
2. Аз ин байт исме бароварда нашудааст.
3. Байти мақтаъ низ беисм омадааст.

4. Зоҳиран, дар нусхаи хаттие, ки муаммоҳо аз он гирифта шудаанд, исми ин муаммо оварда нашудааст, ки Холмуҳаммади Хаста аз он исми Алиро истихроҷ намудааст. Ӯ дар ин бора дар ҳошияи муаммо навиштааст: «Аз ин муъаммо фақир Хаста исми «Алӣ» истихроҷ намудаам бад-ин тариқ: ҳосил аз меҳр ҳарфи «ъайн» ва ҳосил аз «моҳ» ҳарфи «лом», ки ададаш сӣ аст. Дар байти дувум ҳарф ба маънии тарф ва тарф ба маънии канор. Канори исми «Алӣ» «й» аст. Адади «й» ба сурати малфузи (йо) ёздаҳ аст баробар ба адади калимаи «ҳува». Ба усули зокирин такрори зикри «ҳува» ба понздаҳ бирасад, ба ҳисоби абҷад 165 ҳосил мешавад, ки мусовист ба ададикал «ло илоҳа иллаллоҳ».
5. Дар нусхаи хаттие, ки муъаммоҳо аз он нақл шудаанд, аз ин муаммо исми Ҳуд (Ҳуд ба маънии номи яке аз паямбарон ва номи яке аз сураҳои Қуръон) баровардa шудааст. Вале Хаста аз он исми «Ёсин» истихроҷ намудааст. Ӯ навиштааст: «Фақир Хаста аз ин муаммо исми «Ёсин» истихроҷ намуда ба ин тавр, ки ададди «абҷад» даҳ ва се даҳ сӣ (аст). Сӣ қалб шавад «яс» (Ёсин) ҳосил мешавад.

**Танбеҳулмуҳаввисин**

1. **Танбеҳулмуҳаввисин** – ин маснавӣ дар нашрҳои кобулӣ ва теҳронии куллиёти Бедил бо номи «Кимиё» ба табъ расидааст. Дар нусхаҳои хаттии осори шоъир бо номи «Танбеҳулмуҳаввисин» дучор меояд. Аз ин рӯ, мо низ онро бо ҳамин ном ба дасти чоп месупорем.
2. **Муҳаввис** – кимиёгар.
3. **Зайбақ** – симоб.
4. **Накбат** – мусибат, ранҷ.
5. **Кибрит** – гӯгирд.
6. **Инбиқ** – зарфе, ки барои ҷӯшонида холис кардани моеъ

истифода шавад.

7. **Маъочин** – ҷамъи маъҷун. Маъҷун – омехтагии ҷисмҳои гуногун бо ҳам.
8. **Мулғама** – филизе ки аз ҷева сохта шудааст.
9. **Почаки** даштӣ – саргини хушки гов. Почаки даштӣ бувад дилсӯзи ту – яъне чизи аз ҳама азиз ва дилсӯзи ту почаки даштӣ бошад.
10. **Ғассоқ** – моеъи сарду гандида. Дар ин ҷо ба маънои шароби дӯзахиён.
11. **Ҷуал** – ҳашарае ки дар байни саргинҳо зиндагӣ мекунад, саргинғелонак низ мегӯянд.
12. **Халоб** – замини ботлоқӣ, ки пойи одам ва ҳайвон дар он фурӯ равад.
13. **Симиёкорон** – сеҳргарону ҷодугарон.
14. **Норинҷ** – ҳилагарӣ, найрангбозӣ.
15. **В-арчи** – ба маънии «гарчи».
16. **Зарних** – олтингӯгирд. **Нура** – махлутест аз оҳак ва зарних, ки барои дур кардани мӯй ба кор баранд.
17. **Милҳу килё** – навъҳои намак.
18. **Ташмеъ** – шамъ гирондан, чароғон кардан.
19. **Кад** – душворӣ.
20. **Аҷсод** – ҷамъи ҷисм.
21. **Зибал** – зибл, саргин.
22. **Арзиз** – қалъагӣ.
23. **Килси қишр** – килс – оҳаки сафед. Дар ин ҷо ба маънии хокистар. **Қишр** – пӯст, пӯстлох. **Килси қишр** – хокистаре, ки аз пӯсти чӯб таҳия шудааст.
24. **Дар кулоҳ байза шикастан** – киноя аз мағлуб сохтан ва расво кардани касе.
25. **Талқи асвад** – **Талқ** – навъе аз санг, ки сафеду ҷилобахш ва табақ бар табақ бошад. **Асвад** – сиёҳ.
26. **Саммулфор** – заҳри мор, марги муш.

27. **Зоҷ** – ҷисмест маъданӣ ва булӯршакл ба рангҳои сафед, сабз, сиёҳ ва кабуд. Аз намакҳоест ки ба таври озод дар табиат ба даст оварда мешавад. Ҷисмест бебӯ ва бемазза ва дорои хосияти қабзи шадид, дар об ҳал мешавад ва дар тиббу саноат истифода мешавад.

   **Зумухт** – ҳар чизе ки ба воситаи таъми махсус даҳонро ҷамъ кунад, монанди пӯсти анор ва низ ба маънии дурушт, ноҳинҷор, бахил, мумсик.
28. **Бӯта** – зарфи кӯчаке ки аз гил созанд ва дар он тилову нуқраро об кунанд, гудозанд, гудохта кунанд.
29. **Талқ** (бо итқӣ) – як навъ санги сафед ва рахшанда, ки варақ-варақ мебошад.
30. **Саммулфор** – ниг. ба тавзеҳи № 27.
31. **Истибъод** – баъид, дур, дурӣ.
32. **Фаррор** – ҷисми бисёр гурезанда, масалан симоб, ҷисме ки ба суръат бухор шавад.
33. **Танқия** – пок кардан, покиза кардан.
34. **Тасқия** – об додан, сероб кардан.
35. **Ташвия** – бирён кардан.
36. **Нуҳосат**: **нуҳос** – мис. **Нуҳосат** – нуҳоси ту, миси ту.
37. **Макман** – ҷои пинҳон шудан, камингоҳ.
38. **Балоҳат** – аблаҳӣ.
39. **Муҷавваф** – ҷисми миёнхолӣ, ба мисли най.
40. **Хурдабин** – ба маънии борикбин, тезфаҳм, оқибатандеш.
41. **Хабт** (бо итқӣ) – дар ин ҷо ба маънии саҳву иштибоҳ.
42. **Ҳуқна** – имола, клизма.
43. **Муҷарраб** – таҷриба, таҷрибашуда.
44. **Таклис** – оҳак задан, оҳакандуд кардан, гарм кардани ҷисм ба ҳадде ки ба оҳак табдил ёбад.
45. **Самаку Симок: Самак** – моҳие, ки зери замин аст, бар пушти он моҳӣ гов ва бар шохи он гов замин. **Симок** – номи ситорае.

**Сифати асп**

1. **Сарсартакӣ** – ҳаракати бодмонанд. **Ғайратякӣ** – саропо иборат аз ғайрат.
2. **Бағал кашидан** – сар кашидан, баланд шудан, дароз шудан.
3. **Кутал кашидан**: **кутал** – аспи зинкардае, ки пешопеши шоҳону амирон баранд, аспи ҷанибат. **Кутал кашидан** – аспи ҷанибатро бо худ бурдан. Маҷозан ба маънии дар ҳаракат будан, / беқарору музтариб будан.
4. **Сур** (бо сод) – сури Исрофил.
5. **Язакбанд** – Язак гурӯҳе аз лашкар, фавҷи пешрави лашкар.
6. **Полаҳанг** – ресмон, тор.
7. **Роиз** (бо зод) – ромкунандаи асп, парварандаи асп.
8. **Садаф** – дар ин ҷо ба маънии рангдон аст.
9. **Чустӣ** – чолокӣ, чаққонӣ.
10. **Амал** (бо алиф) – орзую амал.
11. **Хас дар даҳон** – киноя аз заъфу нотавонӣ.
12. **Искандарӣ хӯрдан** – пешпо хӯрдан, ба сар даромадан.
13. **Ҷанибаткаш** – шахсе ки аспи ҷанибат ё худ аспи куталро аз лаҷомаш гирифта пиёда ба пеш меравад. Дар ин ҷо ба маънои хидматгор.
14. **Суккон** – олатест дар охири киштӣ, ки барои ҳаракат додани киштӣ аз самте ба самти дигар истифода мешавад.
15. **Тавозуъ зи гарданфарозон накӯст** – ин мисраъ аз «Бӯстон»-и шайх Саъдӣ гирифта шудааст. Мисраъ дар «Бӯстон» бад-ин шакл омадааст: «Зи гарданфарозон тавозӯъ накӯст». (Ниг. ба муқаддимаи «Бӯстон», бахши «Мадҳи Абубакр ибни Саъд ибни Зангӣ».
16. **Ҳамон бӯи пироҳан оина аст** – ишора ба бӯи пироҳани Юсуф, ки чун ба машоми Яъқуб расид, чашмони нобинои ӯ бино шуданд.

17. **Пишк** – саргини гӯсфанду буз, шутур ва ғайра, пуск, пуски мол.
18. **Зангбор** – Занзибар.
19. **Кад** – дар ин ҷо ба маънои кӯшиш ва чораҷӯӣ.
20. **Оганда** – дар ин ҷо ба маънии пурӣ ва фарбеҳӣ.
21. **Маҳча** – ҷисме дар шакли ҳилол, ки бар сари ливо ва чатру хаймаҳо насб кунанд.
22. **Қашқа** – аломат ё доғе, ки дар пешонии аспҳо гузошта шавад.
23. **Тур** – номи кӯҳе дар нимҷазираи Сино, ки ҳазрати Мӯсо дар он ба муноҷот пардохта нури илоҳиро мушоҳида карда буд.
24. **Сод** – ҳарфи сод, ки маънои саҳеҳро ифода мекунад.
25. **Сиҷил** – ҳуҷҷати муҳрдор.
26. **Тамғо** – тамға, муҳр.
27. **Барри араб** – биёбони араб.
28. **Муҳарраф хурдан** – бероҳа шудан, раҳгум задан.
29. **Меҳбар** – сиёҳидон, давот.
30. **Мумассал кардан** – монанд кардан.
31. **Бат** – мурғобӣ.
32. **Кошон** – шаҳрест дар ҳамсоягии Теҳрон ва Қум.
33. **Қафо хӯрдан** – пасигарданӣ хӯрдан, танбеҳу маломат шунидан.
34. **Хумул** – гумномӣ, номашҳурӣ.
35. **Уштулум** – тундию хушунат ва тааддию зӯр.
36. **Ҳован** – зарфе ки дар он тухмҳои гиёҳҳо ва донаҳои зироатҳои гуногунро кӯфта, талқон кунанд, кӯбак.
37. **Зи паҳлуи паҳлуи** – паҳлуи аввал ба маънои восита, ма-дад, паҳлуи дувум ба маънои тарафи рост ё чапи шикам.
38. **Тиҳигоҳ** – устухони шабеҳ ба лаган, ки дар зери шикам қарор дорад, кос.
39. **Гарданон** – сарону сарварону гарданкашон.

40. **Қизилбош** – сарсурх, гурӯҳе аз асокири эронӣ, ки тарафдорони мазҳаби шиъа ва ҳомиёни салтанати Сафавия буданд ва кулоҳи сурхранге бар сар мегузоштанд. Такалту – намаде, ки зери зин бар пушти асп гузоранд.
41. **Доъи саълаб** – бемориест, ки мӯро бирезонад.
42. **Тараф** – муқобил, баробар.

**Сифати фил**

1. **Нол** – ноли қалам.
2. **По нахӯрдан** – пешпо нахӯрдан.
3. **Обдузд** – обкаш, обфурӯбар.
4. **Амал** (бо алиф) – орзу ва ҳавою ҳавас.
5. **Остин молидан** – азми коре кардан, ба иҷрои коре азм намудан.
6. **Мумталӣ** – саршор, моломол, пур, лаболаб.
7. **Каҷак** – олати оҳании саркаҷ, ки барои рондани пилон истифода кунанд.
8. **Обрӯ дар табақ кардан** – аз баҳри обрӯ гузаштан, обрӯро аз даст додан.
9. **Ки бо пилбонаш барорад димор** – ишора аст ба мазмуни сураи «Фил».
10. **Тафаръун** – худхоҳӣ, такаббур, гарданкашӣ кардан, ҷавру ситам кардан.
11. **Ҷифа** – мурдор, лоша, ҷасади бӯгирифта ва гандида.
12. **Хуноқ** – дарди гулӯ.

**Сифати шамшер**

1. **Ҳирз** – нигаҳбонӣ.
2. **Ниҳеб** – итоб, қаҳру ғазаб.
3. **Ламъа** – дурахш, равшанӣ.
4. **Шиноҳ** – шино, шиноварӣ.
5. **Қат** – сар буридан, нӯги чизеро буридан.

# ФЕҲРИСТ

Муқаддима ........................................................ 5
Таркиббанд ...................................................... 22
Тарҷеъбанд........................................................ 67
Мухаммасот .................................................... 118
Мураббаъи мустазод...................................... 200
Қасоид .............................................................. 204
Қитаъот ............................................................ 317
Муаммоҳо ........................................................ 377
Танбеҳулмуҳаввисин ...................................... 384
Сифати асп...................................................... 401
Сифати фил...................................................... 432
Сифати шамшер .............................................. 440
Сифати даҳон................................................... 444
Тавзеҳот ва шарҳи луғот ................................ 445

**Абдулқодири Бедил**

**ОСОР**

Ҷилди 8

Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 16.05.2016 супурда шуд.
Чопаш 18.05.2016 ба имзо расид.
Ҷузъи чопӣ 30,0. Андозаи 60x84 $^{1}/_{16}$.
Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 17а

Дар ҶДММ «Илм» чоп шудааст.